ISSN 2410-2903

**Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан**

**National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan**

# Қонунгузорӣ
# Законодательство
# Legislation

**№ 3 (43), 2021**
**июл – сентябр**

Маҷаллаи «Қонунгузорӣ»-и Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 майи соли 2018 ба Номгӯи маҷалла ва нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла дар Базаи маълумотҳои таҳлилии – Шохиси илмии тақризшавандаи Россия шомил аст.

Нашрияи мазкур дар ҳамкории муштарак бо Барномаи «Мусоидат ба давлатдории ҳуқуқӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ»-и GIZ (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ) нашр мешавад.

Хулосаю ақидаҳо ва шарҳу тафсири дар нашрияи мазкур зикргардида мавқеи муаллифон буда, мавқеи GIZ -ро инъикос наменамоянд.

Шумораи маҳдуди маҷалла ба фурӯш бароварда мешавад.

* * *

Журнал «Законодательство» Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан 31 мая 2018 года включен в Перечень ведущих рецензируемых журналов и изданий Высшей Аттестационной Комиссии (ВАК) при Президенте Республики Таджикистан. Зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.

Журнал также включен в Аналитическую базу данных – Российский индекс научного цитирования (РИНЦ).

Данное издание публикуется совместно с Программой GIZ «Содействие правовой государственности в странах Центральной Азии».

Приводимые в настоящем издании данные, заключения, мнения и интерпретации являются позицией авторов и никак не могут рассматриваться как отражающие позицию GIZ.

В продажу журнал поступает в ограниченном количестве.

german cooperation
DEUTSCHE ZUSAMMENARBEIT

giz Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH

**САРМУҲАРРИР**
**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР**
**Саидзода Иззатулло Ҳабибулло** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**
**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ**
**Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
доктор юридических наук, профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана
**Алимов Суробшо Юсуфшоевич,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Маҷидзода Ҷурахон Зоҳир,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Диноршоҳ Азиз Мӯсо,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Азиззода Убайдулло Абдулло,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Соҳибзода Муҳаммадҷон Маҳмадалӣ,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
(муовини сармуҳаррир)
кандидат юридических наук, доцент
(заместитель главного редактора)
**Маҳмадшозода Фарҳод Абдураҳмон,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
кандидат юридических наук
**Абдуллоев Парвиз Саъдуллоевич,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
**Соибов Зайниддин Махмадшарифович,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
**Бобокалонов Ғоиб Мерганович,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент

**МУҲАРРИРОН:** Искандаров С.
**РЕДАКТОРЫ:** Эгамов Б.А.

**ШӮРОИ МАШВАРАТӢ**
**РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ**
**Раҳмон Озода Эмомалӣ,**
Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
Руководитель Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан, кандидат юридических наук
**Ализода Зариф,**
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ-намояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Помощник Президента Республики Таджикистан по правовой политике - полномочный представитель Президента Республики Таджикистан в Маджлиси Оли Республики Таджикистан, доктор юридических наук, профессор
**Раҳмон Юсуф Аҳмадзод,**
Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Генеральный прокурор Республики Таджикистан
**Маҳмудзода Маҳкам Азам,**
академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
академик Национальной Академии наук Таджикистана
**Шермуҳаммад Шоҳиён,**
Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Председатель Верховного суда Республики Таджикистан
**Қаландарзода Мавлуда Сатторӣ,**
Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
Председатель Высшего экономического суда Республики Таджикистан, кандидат юридических наук
**Бобозода Умед,**
Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Уполномоченный по правам человека в Республике Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент
**Саидвализода Барно Саиднабӣ,**
Сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Начальник Службы исполнения при Правительстве Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент
**Худоёрзода Бахтиёр Табар,**
Раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Председатель Центральной комиссии по выборам и референдумам Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент

Ҷонибдори густариши гуногунандешӣ будани маҷалла маънои ҳамақидаи муаллифон будани ҳайати таҳририяро ифода наменамояд. Масъулият барои интихоб ва дақиқии далелҳо ва иқтибосҳо бар зиммаи муаллифон аст.

Ба дастнависҳое, ки барои нашр пешниҳод мегарданд, тақриз дода намешавад ва баргардонида намешаванд. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба сарчашма ҳатмист.

Журналом поддерживается многообразие точек зрений, что не означает согласие редакционной коллегии. Ответственность за подбор, точность фактов, цитат и данных несут авторы опубликованных материалов.

Рукописи, предоставляемые для опубликования, не рецензируются и не возвращаются. При использовании материалов настоящего издания ссылка на источник обязательна

**МУНДАРИҶА** **СОДЕРЖАНИЕ**

*Саидзода И.Ҳ.* Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули низоми қонунгузории мамлакат..........5

**12.00.01 – НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ОИД БА ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ**
**12.00.01 – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ**

*Насриддинзода Э.С. Сайнозимзода Ф.С.* Сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон..........6-12
*Ғафурзода А.Д. Қодирзода М.А.* Таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқии амалишавии функсияи экологии давлат..........13-18
*Бобохонов Ф.А.* Ҳифзи озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ, озодии ҳаракат ва интихоби ҷои зист мутобиқи санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон..........19-23
*Сафарзода Н.Ф.* Кафолати ҳуқуқ ба саломатӣ дар сатҳи санадҳои байналмилалӣ..........24-28
*Акбарализода Дж.А.* Правовое регулирование проведения анализа регуляторного воздействия в Республике Таджикистан..........29-33

**12.00.02 – ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ, МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; ҲУҚУҚИ МУНИСИПАЛӢ (НИЗОМИ НАМОЯНДАГӢ)**
**12.00.02 – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ ПРОЦЕСС; МУНИЦИПАЛЬНОЕ ПРАВО (ПРЕДСТАВИТЕЛЬНАЯ СИСТЕМА)**

*Шарифзода Ф.Ш.* Иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ..........34-40
*Бобоев Ф.А.* Понятие и сущность конституционной культуры..........41-45

**12.00.03 – ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ**
**12.00.03 – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО**

*Қурбонов Қ.Б. Муминзода О.С.* Мафҳум ва хусусиятҳои суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ..........46-53
*Хамроев Ш.С.* Гражданско-правовой договор как разновидность юридического факта..........54-57
*Пурге А.Р.* Установление происхождения детей при использовании метода суррогатного материнства в России и Республике Таджикистан..........58-61
*Ҳамидова З.Ҳ.* Оид ба мафҳум ва таснифи хизматрасонии соҳаи алоқаи барқӣ..........62-67
*Турсунзода Ш.* Хусусиятҳои шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ..........68-75
*Ҳакимов Я.Б.* Таърихи пайдоиш ва инкишофи лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..........76-80
*Шерзода Б.С.* Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории граждании Олмон бо қонунгузории граждании Тоҷикистон оид ба мафҳуми молу мулки ғайриманқул..........81-88
*Саидназарзода С.С.* Таърихи ташаккул ва инкишофи танзими ҳуқуқии иҷораи манзили истиқоматӣ дар замони муосир..........89-92

**12.00.04 – ҲУҚУҚИ МОЛИЯ; ҲУҚУҚИ АНДОЗ; ҲУҚУҚИ БУҶЕТӢ**
**12.00.04 – ФИНАНСОВОЕ ПРАВО; НАЛОГОВОЕ ПРАВО; БЮДЖЕТНОЕ ПРАВО**

*Шарифзода Т.* Пайдоиш ва ташаккули институти андоз дар Тоҷикистон..........93-96

**12.00.05 – ҲУҚУҚИ МЕҲНАТӢ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ**
**12.00.05 – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ**

*Бобокалонова С.Г.* Некоторые вопросы особенностей правового регулирования труда женщин и лиц с семейными обязанностями в Республике Таджикистан..........97-102

**12.00.06 – ҲУҚУҚИ ЗАМИН; ҲУҚУҚИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ; ҲУҚУҚИ ЭКОЛОГӢ; ҲУҚУҚИ КИШОВАРЗӢ;**
**12.00.06 – ЗЕМЕЛЬНОЕ ПРАВО; ПРИРОДОРЕСУРСНОЕ ПРАВО; ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ПРАВО; АГРАРНОЕ ПРАВО;**

*Соҳибзода М.М. Тоҷидинов М.А.* Реквизитсия ҳамчун асоси қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин....................103-111
*Солиев И.И. Рашидов Ҷ.Қ.* Ҷанбаҳои ҳуқуқии таҳдидҳои муосири экологии олам ба Ҷумҳурии Тоҷикистон....................112-116

**12.00.08 – ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗО**
**12.00.08 – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО**

*Миралиев Э.Б.* Вогузор намудани ухдадориҳо ҳангоми шартан татбиқ накардани ҷазо....................117-120
*Ғафорова Ш.А.* Таҳлили виктимологии қурбониёни хушунати оилавӣ....................121-125

**12.00.09 – МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ**
**12.00.09 – УГОЛОВНЫЙ ПРОЦЕСС**

*Холзода А.* Доказывание при производстве дознания в сокращенной форме....................126-128

**12.00.10 – ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПО**
**12.00.10 – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО**

*Имомова Н.М. Рахматова Т.Р.* Основания и порядок расторжения брака с «иностранным элементом»....................129-133

**12.00.14 – ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ; МУРОФИАИ МАЪМУРӢ**
**12.00.14 – АДМИНИСТРАТИВНОЕ ПРАВО; АДМИНИСТРАТИВНЫЙ ПРОЦЕСС**

*Самойлов В.Д. Алимов С.Ю.* Административное принуждение в сфере миграции....................134-138

**МИНБАРИ ОЛИМОНИ ҶАВОН** **ТРИБУНА МОЛОДЫХ УЧЁНЫХ**

*Алямова М.С.* Масъалаҳои ҳуқуқии рушди қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон....................139-144
*Асозода Ф.Ҳ.* Баъзе аз масъалаҳои танзими ҳуқуқии интизоми меҳнат....................145-149

**ГУНОГУН** **РАЗНОЕ**

*Гулаҳмадзода З.А.* Заминаҳои ҳуқуқии системаи андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон....................150-152
*Одинаев Ш.Х. Одинаева Н.М.* Нақши Созмони ҳамкории Шанхай дар рушди муносибатҳои иқтисодӣ....................153-158
*Абдуллоев Р.* Асосҳои ҳуқуқии муқовимат бо терроризм ва экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон....................159-163
*Назаров Н.А. Валиев З.Ҷ.* Нақши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ....................164-167
Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон” бо қонунгузории давлатҳои хориҷа....................168-170

**ИТТИЛООТ** **ИНФОРМАЦИЯ**

Навгониҳо дар қонунгузории соҳаи сохтори давлатӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ....................171-175
Навгониҳо дар қонунгузории соҳаи меҳнат....................176-177
Навгониҳо дар қонунгузории соҳаи кишоварзӣ....................178-179
Навгониҳо дар қонунгузории соҳаи молияи давлатӣ....................180-181



**Саидзода Иззатулло Ҳабибулло,**
*Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.*

# НАҚШИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАШАККУЛИ НИЗОМИ ҚОНУНГУЗОРИИ МАМЛАКАТ

***(Бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 16 ноябр)***

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 16 ноябр таҷлил карда мешавад.

Чунин тадбир бо назардошти хизматҳои шоёни Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули давлатдории навини тоҷикон, барои корнамоиҳои беназир дар роҳи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, демократикунонии ҷомеа, таъмини тамомияти арзӣ, пойдории давлат ва хизмати содиқона ба халқ рӯи кор омадааст.

Муҳимияти дигари таҷлили Рӯзи Президент дар он аст, ки тамоми хурду бузурги ҷумҳурӣ бояд аз фаъолияти пурсамару ибратбахши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бохабар бошанд. Зеро маҳз ба шарофати сиёсати муваффақу бобарор, талошҳои пайваста дар роҳи ободиву осоиши Ватан, азму ҷасорати қавӣ, арҷгузорӣ ба таърихи пурғановати миллати тоҷик ва ташаббусҳои созандаву некбинонаи эшон ҷомеаи ҷаҳонӣ ба Тоҷикистон бо нигоҳи боэътимод ва хайрхоҳона назар дорад.

Имрӯз мардуми Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун наҷотбахши давлату миллат, кафили сулҳу ваҳдат, эҳёгари фарҳанги миллӣ, бунёдгузори мактабдории муосири миллӣ эътироф намуда, ба ҷойгоҳи Пешвои миллат расидани онкасро ба ҷону дил пазируфтанд.

Барои тинҷиву оромии як давлати мустақил, барои мардуме, ки ташнаи сулҳ буданд, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корҳоеро анҷом доданд, ки дар таърихи башарият назир надоранд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буданд, ки дар як мулки ҷангзада, ки касе ҷуръати бар дӯш гирифтани роҳбариашро надошт, дар як муддати кӯтоҳ тавонистанд мардумро сарҷамъ намуда, умед ба ояндаи дурахшон бахшанд.

Маврид ба зикри хос аст, ки ташаббусҳои неки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба бунёди низоми санадҳои қонунгузорӣ ҳанӯз аз Иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад. Дар ҳамин иҷлосияи таърихӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо як қатор таклифҳои муҳим оид ба таъмини волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон, алалхусус гурезаҳо ва такмили қонунгузорӣ баромад намуда, заминаи бунёди низоми ҳуқуқиро гузоштанд.

Дар ҳамин иҷлосия Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси аҳаммияти муҳими Конститутсияи давлати тозабунёди тоҷикон ибрози назар намуданд.

Комиссияи конститутсионӣ, ки таҳти роҳбарии бевосита ва дар асоси пешниҳоду таклифҳои судманди муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолият менамуд, Ҷумҳурии Тоҷикистонро давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона дар матни Конститутсия муқаррар намуд.

Дар заминаи Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, инкишоф ва такмили минбаъдаи низоми қонунгузорӣ ҷузъи сиёсати ҳуқуқии давлат қарор гирифт.

Дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон, навобаста аз вазъи ногувори сиёсии оғози солҳои 90-ум, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ зери роҳбарии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тадриҷан рушд ёфта, бо дарназардошти хусусиятҳои хоси иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа имрӯз он ба як низоми мукаммали ҳуқуқӣ табдил ёфтааст.

**12.00.01 – НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ОИД БА ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ**
**12.00.01 – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ**

**УДК:** 340.116





**Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин,**
*узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа.*
*E-mail: nasriddinzoda66@mail.ru*
*Тел.: (+992) 902-55-75-55.*

**Сайнозимзода Фирӯз Сайнозим,**
*унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: mr.holov@inbox.ru*
*Тел.: (+992) 918-67-60-96.*

# СИЁСАТИ ҲУҚУҚИИ ЗИДДИКОРРУПСИОНӢ ДАР ПАЁМҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ; Паёми Президент; Маҷлиси Олӣ; сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ; конститутсия; стратегия.*

***Ключевые слова:*** *антикоррупционная правовая политика; Послание Президента; Маджлиси Оли (Парламент); внутренняя и внешняя политика; конституция; стратегия.*

***Keywords:*** *anti-corruption legal policy; Address of President; Majlisi Oli (Parliament); domestic and foreign policy; constitution; strategy.*

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа мегардад, ҳамчун санади муҳимми стратегӣ дар ҳаёти давлатӣ ва ҳуқуқии кишвар ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд, зеро дар он тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегиранд.

Бояд гуфт, ки институти Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии кишвар ҳамқадами таъсисёбии парламенти касбии Тоҷикистон буда, дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионии соли 1999 ва ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раъйпурсии умумихалқӣ (аз 26-уми сентябри соли 1999), алалхусус моддаҳои 55 ва 69-и он рӯйи кор омад. Нахустин маротиба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз салоҳияти конститутсионии худ 27-уми апрели соли 2000 дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Паём «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» баромад карданд.

Феълан паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷатҳои муҳимми стратегӣ дар шароити кунунии Тоҷикистон мавқеи намоёнро ишғол намудаанд. Зеро дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти мамлакат, аз қабили ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини адолати иҷтимоӣ, такмили низоми идоракунии давлатӣ, ҳифзи саломатӣ, сиёсати давлатии ҷавонону занон, рушду нумӯи қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, таъмини сатҳу сифати қонунгузорӣ, таъмини волоияти қонуну тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиаи мамлакат, суботу амнияти ҷомеа ва давлат, муқовимат ба терроризм, экстремизм, коррупсия, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳо, баланд бардоштани

маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон, инчунин дигар масъалаҳои муҳимми сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ шуда, роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод мегарданд, ки шарҳу тавзеҳи онҳо масъалаи алоҳида мебошад.

Дар мавзӯи мавриди назар масъалаҳои муқовимат ба коррупсия ва сиёсати зиддикоррупсионӣ, ки дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии давлат муқаррар шудаанд, мавриди таҳлилу мубоҳиса қарор мегиранд.

Қобили тазаккур аст, ки роҷеъ ба паҳлуҳои мухталифи масоили муқовимат ба коррупсия ва сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ як қатор таҳқиқоти олимони ватанӣ ба монанди С.Э. Баҳриддинзода [4], А.Д. Ғафурзода [6], А.М. Диноршоҳ [7], М.А. Маҳмудзода [8], Ҷ.З. Маҷидзода [9], Р.Р. Раҳматҷонзода [10], Д.С. Раҳмон [20], К.Ҳ. Саидзода [21], Б.А. Сафарзода (Б.А. Сафаров), А.И. Сафарзода [22], Ҷ. Саъдизода [23], Р.Ш. Шарофзода (Р.Ш. Сотиволдиев) [24], Ф.Т. Тоҳиров [25], Х.А. Умаров, М.Н. Халифазода, А.Ғ. Холиқзода [26], Ш.К. Ҳасанов [27], Т.Ш. Шарипов [29] ва дигарон сурат гирифтааст.

Коррупсия падидаи мудҳишу зишт ва яке аз ҷиноятҳои хатарнок буда, ба амнияти кишвар, суботи ҷомеа, рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат, ҳолати қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ таҳдид менамояд. Аз ин лиҳоз, муқовимат ба коррупсия қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, давлату Ҳукумати кишвар мунтазам барои паст намудани шиддат ва сатҳи коррупсия кӯшишҳо ба харҷ медиҳанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба хавфу хатарҳои коррупсия, ҷиноятҳои коррупсионӣ ва оқибатҳои манфии онҳо аз ҷиҳати илмиву амалӣ ибрози андеша карда, тарзу усулҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди коррупсия ва кирдорҳои коррупсиониро масъалагузорӣ менамоянд ва дар заминаи ин ҳуҷҷатҳои расмӣ дар самти муқовимат ба ин зуҳуроти номатлуб чораҳои дахлдори ҳуқуқиву ташкилӣ андешида мешаванд.

Бояд ироз намуд, ки сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ ҳамчун стратегияи фаъолияти банақшагирифташуда ва мақсадноки сохторҳои давлатӣ ва ҳуқуқӣ оид ба пешгирӣ, имконпазирии бартараф намудан ё пешгирии тадриҷан шиддатёбии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар ҳама ҷо фаҳмида мешавад [5, 23].

Воқеан, сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ сиёсати ҳадафмандона ва аз ҷиҳати илмиву амалӣ асоснок буда, барои пешгирӣ ва коҳиш додани таъсири манфии коррупсия, инчунин бартараф намудани сабабу шароитҳои ба он мусоидаткунанда равона шудааст. Сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионии кишвар аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан дар паёмҳои ҳарсола ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Чунончи, Сарвари давлат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-юми апрели соли 2001 зикр намуданд, ки «вазифаи муҳимтарини ҷомеаи дорои иқтисодиёти бозаргонӣ мубориза бо коррупсия мебошад» [11]. Ҳамчунин, дар ҳамин Паём Роҳбари давлат оид ба қабул гардидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми июли соли 1999 «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришвахӯрӣ)» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 10-уми декабри соли 1999 хотирнишон сохта, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои дахлдор вазифадор шуданд, ки иҷрои санадҳои мазкурро таъмин намоянд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-юми апрели соли 2004 роҷеъ ба зуҳуроти номатлубу манфури коррупсия сухан намуда, мубориза бар зидди онро яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат гуфтанд. Тавре зикр гардид: «Зуҳуроти номатлуби дигаре, ки имрӯз ҷомеаро ба ташвиш овардааст, паҳн гардидани коррупсия мебошад. Ришвадиҳӣ ва ришваситонӣ дар ҳар шакл ва дар ҳар зинаи мақомоти давлатӣ ё субъектҳои хусусӣ, ки сурат гирад, пеш аз ҳама нуфузу эътибори давлат ва хусусан, мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар миёни халқ паст мекунад. Аз ин рӯ, мубориза бар зидди ин ҷиноят бояд яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ташкил диҳад» [12, 29].

Мавриди зикр аст, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми январи соли 2007, таҳти № 143 бобати вусъат додани мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, бартараф кардани такроркунии функсия ва ваколатҳои мақомоти идоракунии давлатӣ, таъмини шаффофият ва такмили фаъолияти назоратию ревизионӣ Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми махсусгардонидашуда ва ҳамоҳангсози мубориза бар зидди коррупсия

таъсис дода шуд. Дар иртибот ба ин, вазифаҳои собиқ Кумитаи назорати давлатии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Саридораи полиси андози Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, сохторҳои мубориза бар зидди коррупсия ва ҳуқуқвайронкуниҳои иқтисодии хусусияти коррупсионидоштаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар ба ваколати Агентӣ вогузор карда шуданд.

Дар иртибот ба таъсис ёфтани мақоми махсусгардонидашуда – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-юми апрели соли 2007 ёдрас шуда, зикр намуданд, ки «ҷиҳати таъмини истифодаи самараноки маблағҳои давлатӣ, таъмини шаффофияти фаъолияти назоратӣ, бартараф намудани тафтишҳои молиявии дубора ва такрори вазифаҳо, беҳтар намудани мубориза бо коррупсия Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия таъсис ёфт» [13].

Бобати ба танзимдарории фаъолияти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия 20-уми марти соли 2008 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [1] қабул карда шуд. Қонуни номбурда вазъи ҳуқуқӣ, низом, сохтор ва ташкили фаъолият, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо, хизмат дар мақомот, ҳамкории байналмилалии ҳуқуқӣ, таъминоти молиявӣ, моддию техникии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар менамояд.

Бо сабаби он, ки коррупсия барои давлату ҷомеа хавфу хатари зиёд эҷод менамояд, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24-уми апрели соли 2010 муқовимат ба коррупсия ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии кишвар баён мешавад: «Мубориза бар зидди коррупсия ва ҷиноятҳои дорои хусусияти коррупсионӣ низ самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии давлат мебошад. Зеро ҷиноятҳои коррупсионӣ асоси давлату давлатдорӣ, фаъолияти муътадили мақомоти давлатиро халалдор намуда, ба раванди рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, ахлоқу афкори ҷамъият ва дигар паҳлуҳои ҳаёти ҷомеа таъсири шадиди манфӣ мерасонад» [14, 35]. Сарвари давлат дар Паёми номбурда бо мақсади аз тариқи қонунгузорӣ пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ, масъалаи гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии қонунҳоро махсус таъкид карданд.

Ҳамин тавр, дар заминаи Паёми Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми апрели соли 2010 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» 28-уми декабри соли 2012 [3] қабул гардид. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро бо мақсади дар онҳо ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф намудани ин омилҳо ва дар маҷмӯъ, низоми пешгирии коррупсияро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа танзим менамояд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20-уми апрели соли 2012 ҳадафҳои сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионии кишвар муайян карда мешаванд: «Коррупсия яке аз хатарҳои асосии ҷомеа буда, ба пешрафти соҳаҳои мухталифи ҳаёти давлату ҷамъият халали ҷиддӣ ворид месозад. Дар Тоҷикистон ҷиҳати мубориза бо ин падидаи номатлуб тамоми заминаҳои ҳуқуқиву ташкилӣ фароҳам оварда шудаанд. Вале татбиқи онҳо ҳанӯз ҳам қаноатбахш нест» [15, 48-49]. Аз ин лиҳоз, Сардори давлат дар ҳамин Паём ба мақомоти дахлдори давлатӣ, аз ҷумла, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастур доданд, ки дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ мубориза бар зидди амалҳои коррупсиониро боз ҳам тақвият бахшанд. Илова бар ин, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия вазифадор шуд, ки бо дарназардошти проблемаву мушкилоти мавҷуда «Стратегияи мубориза бо коррупсия барои солҳои 2013-2020»-ро таҳия ва пешниҳод созад.

Мавриди зикр аст, ки сиёсати зиддикоррупсионӣ навъе аз сиёсати ҳуқуқӣ мебошад. Тавре Президенти кишвар дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми апрели соли 2013 таъкид намуданд: «Пешгирӣ ва мубориза бар зидди коррупсия дар оянда низ ҳамчун яке аз самтҳои аввалиндараҷаи сиёсати ҳуқуқии давлат боқӣ мемонад» [16, 49].

Бо ин мақсад дар Паёми зикршуда Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Вазорати адлия, Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар субъектҳои муқовимат ба коррупсия муваззаф гардиданд, ки Стратегияи нави пешгирӣ

ва мубориза бар зидди коррупсияро барои ҳашт соли оянда таҳия ва манзур намоянд.

Ҳамин тариқ, дар заминаи паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии мамлакат аз 20-уми апрели соли 2012 ва 26-уми апрели соли 2013 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-юми августи соли 2013, таҳти №1504 «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» [30] тасдиқ карда шуд. Стратегияи номбурда ҳамчун санади барномавии дурнамои миёнамуҳлати сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия, барои паст кардани шиддат ва сатҳи коррупсия дар кишвар равона шуда, бо дарназардошти стандартҳои байналмилалӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳия гардида, дар ҳамбастагӣ бо ташкилотҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ амалӣ карда шуд.

Мақсади «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» ба паст кардани сатҳи коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мунтазам бартараф кардани монеаҳо, фароҳам овардани шароит барои рушди иқтисодиёт, инкишофи арзишҳои демократӣ, баланд бардоштани некуаҳволии мардум равона карда шудааст.

Стратегияи мазкур ҳамчун ҳуҷҷати муҳимми давлатӣ баҳри пурзӯр намудани мубориза ва пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ заминаи мустаҳкам гузошта, дар доираи он аксарияти масъалаҳо дар самти мубориза ба коррупсия бо дарназардошти таҳқиқоти сотсиологӣ, таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои дигар ва таҳлили омории вазъи коррупсия дар давраи сипаригашта дар ҷумҳурӣ матраҳ гардидаанд [28, 190].

Мавриди ёдоварист, ки муҳлати амали «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» ба анҷом расид. Аммо, мутаассифона, ҳоло низ дар мамлакат мушкилоти коррупсия ҳалли пурраи худро наёфтааст. Аз ин лиҳоз, хуб мешуд, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 таҳияи Стратегияи нави муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалагузорӣ ва таҳияву қабул карда шавад.

Бояд қайд кард, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 10-уми феврали соли 2014, таҳти № 138 Маркази милии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи Муассисаи давлатии «Маркази миллии тестӣ» таъсис дода шуд. Мақсад ва вазифаҳои асосии Марказ таъмини арзёбии шаффоф ва одилонаи дониши довталабон ва баробарҳуқуқии онҳо барои дарёфти таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ҳангоми дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаронидани пажӯҳишҳо ва арзёбии сатҳи дониши хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ тавассути тест; ташкил ва гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон; тақсимоти довталабон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳо; ташкили мониторинг ва арзёбии сифати таҳсилот ва иштирок дар барномаҳои байналмилалии арзёбии дониши хонандагон иборат мебошанд. Дар баробари ин, Маркази миллии тестӣ дар пешгирӣ намудани кирдорҳои коррупсионӣ саҳми назаррас мегузорад. Сарвари давлат дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23-юми январи соли 2015 дар иртибот ба таъсиси Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар коҳишёбии шиддати коррупсия иброз намуданд, ки соли 2014 бори аввал қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавассути Маркази миллии тестӣ роҳандозӣ шуд, ки он талаби замон буда, омили асосии коҳишёбии шиддати кирдорҳои коррупсионӣ дар ин соҳа гардид. Масалан, солҳои қаблӣ то 20 фоизи довталабон ва падару модарони онҳо аз натиҷаи имтиҳонҳои дохилшавӣ шикоят мекарданд, вале соли 2014 аз 52 ҳазор нафар довталабон танҳо 400 нафар шикоят намуданд, ки ин рақам ҳатто як фоизро ҳам ташкил намедиҳад [17, 25]. Дар Паёми зикршуда Сардори давлат ёдовар шуданд, ки «мо дар паёмҳои гузашта ва дар дигар мулоқоту чорабиниҳо доим хотирнишон месозем, ки кирдорҳои коррупсиониро маҳкум мекунем ва мубориза бо ин падидаи номатлубро яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти давлат мешуморем» [17, 40].

Ҷоиз ба зикр аст, ки дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон як анъана ва иқдоми неке роҳандозӣ гардидааст, ки дар асоси дастуру супоришҳое, ки аз паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ, аз ҷумла, кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони муассисаҳои маориф, фарҳанг, варзиш ва тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, дигар ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ва нафақаву

стипендияҳо зиёд карда мешаванд. Масалан, дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат бо мақсади тақвияти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, беҳтар намудани шароити зисту зиндагонии шаҳрвандон ва таъмини шоистаи ҳифзи иҷтимоии табақаҳои ниёзманди аҳолии мамлакат зиёда аз 20 фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси баланд бардоштани музди меҳнат, нафақа ва стипендияҳо ба тасвиб расидаанд, ки аксарияти онҳо дар заминаи дастуру вазифаҳои паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидаанд, ки дар маҷмӯъ ба коҳиш ёфтани шиддати коррупсия дар кишвар мусоидат намуданд. Бинобар ин, ҷиҳати паст намудани сатҳи коррупсия мувофиқи мақсад ҳисобида мешавад, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 масъалаи баланд бардоштани музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ ба миён гузошта шавад.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми декабри соли 2018 оид ба пешгирӣ ва мубориза бар зидди коррупсия дар назди мақомоти муборизабаранда ба коррупсия вазифаҳои нав гузошта шуда, илова бар ин, масъалаи такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» (аз 25-уми июли соли 2005), ки он асосҳои қонунии сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсиониро муайян менамояд, таъкид гардид: «Ба роҳ мондани муборизаи қатъӣ бо амалҳои коррупсионӣ шарти муҳимми фароҳам овардани фазои ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа ва таҳкими эътимоди мардум нисбат ба сохтору мақомоти давлатӣ мебошад. Бинобар ин, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Палатаи ҳисоб, Прокуратураи генералӣ ва дигар субъектҳои ваколатдори соҳа бояд ҳамкориро бо аҳолӣ беҳтар ба роҳ монда, ҷиҳати гузоштани садди устувор дар роҳи амалҳои коррупсионӣ тадбирҳои муассир андешанд. Ҳамзамон бо ин, якҷо бо Вазорати адлия лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия»-ро, ки соли 2005 қабул шудааст, вобаста ба шароити имрӯза дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод намоянд» [18, 37].

Бобати иҷрои талаботи Паёми зикргардида, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» 7-уми августи соли 2020 [3] қабул карда шуд. Қонуни номбурда асосҳои ҳуқуқию ташкилии муқовимат ба коррупсияро муайян намуда, ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлату ҷамъият, таъмини амнияти миллӣ, фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ ва беғаразӣ дар хизмати давлатӣ нигаронида шудааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми январи соли 2021 оид ба хавфу хатари коррупсия барои ҷомеа ва пешгирӣ намудани амалҳои коррупсионӣ сухан карда, таъкид сохтанд, ки «Коррупсия зуҳуроти номатлуб ва барои ҷомеа хатарнок ба ҳисоб рафта, мубориза бар зидди он вазифаи асосии мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як сокини кишвар мебошад.

Аз ин лиҳоз, барои пешгирӣ кардани кирдорҳои коррупсионӣ, фароҳам овардани фазои оштинопазир ба он ва ба ин раванд ҷалб намудани тамоми мақомоти давлатӣ, воситаҳои ахбори омма ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби субъектҳои мубориза бар зидди коррупсия бояд чораҷӯӣ карда шавад» [19, 38-39].

Воқеан, пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия, кори як мақомот ва ё сохторҳои дахлдори мубориза бар зидди коррупсия набуда, кори дастаҷамъист, яъне дар ин самт бояд, ки ҳар як сокини мамлакат ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ низ саҳмгузор бошанд. Ҳамчунин, субъектҳои мубориза бар зидди коррупсия, бахусус Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки ҷиҳати аз байн бурдани сабабу омилҳои ба коррупсия мусоидаткунанда, ташаккули фазои оштинопазир нисбат ба ин зуҳуроти номатлуб ва баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандон мунтазам чораандешӣ намоянд.

Хулоса, паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи муқовимат ба коррупсия мавқеи намоён ва нақши бағоят бузург гузоштаанд, зеро дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои садди устувор ниҳодан дар роҳи кирдорҳои коррупсионӣ тарзу усулҳои муқовимат ба ин падидаи номатлуб баён гардидаанд. Илова бар ин, бо дарназардошти хавфу хатари зиёд доштани коррупсия мубориза бар зидди он самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии давлат зикр шудаанд. Дар асоси талаботи паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия чораҳои ҳуқуқиву ташкилӣ роҳандозӣ гардидаанд.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008, № 374 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, № 3, мод.193; с. 2009, № 5, мод.323; с. 2010, №3, мод.154; с. 2011, № 6, мод. 459; с. 2013, № 7, мод. 517; с. 2014, № 11, мод. 645; с. 2016, № 3, мод. 137; с. 2017, № 1-2, мод.10, мод. 11, мод. 12, №5, қ. 1, мод. 298; с. 2020, №1, мод. 10, №12, мод. 909; с. 2021, №1-2, мод.6.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 28 декабри соли 2012, № 925 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012, № 12, қ.1, мод.1019; с. 2017, №1-2, мод.16; с. 2019, №4-5, мод. 217.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» 7 августи соли 2020, № 1714 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2020, №7-9, мод.620.
4. Бахриддинзода С.Э. Вопросы соблюдения техники уголовного законодательства в совремённых условиях в Республике Таджикистан// Правовая жизнь. – 2017. – №2 (18). – С. 98-102.
5. Бирюков А.В. Антикоррупционная правовая политика России: история и современность: Автореф. дисс. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 2014. – 36 с.
6. Гафурзода А.Д. Содействия в реализации антикоррупционной политики Правительства Республики Таджикистан // Мизони конун. – Душанбе, 2020. – № 1. – С. 33-35.
7. Диноршоев А.М., Сафаров Б.А. Формирование прав человека в Таджикистане: История и современность. – Волгоград, 2014. – 295 с.
8. Маҳмудзода М. Конститутсия заминаи ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2014. – 596 с.
9. Маҷидзода Ҷ.З. Ҷинояткории муташаккил ва трансмиллӣ. – Душанбе, 2014. – 267 с.
10. Раҳматҷонзода Р.Р. Таълимоти таълимӣ ва илмии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //Маводҳои конферeсияи ҷумҳуривии илмию амалӣ дар мавзӯи «Муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: роҳҳо ва натиҷаҳои он» – Душанбе:Матбааи ДМТ, 2020. – С. 26-28.
11. Паём ба аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2001 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/15126 (санаи муроҷиат: 30.08.2021 с.).
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси Олӣ, ш. Душанбе, 30 апрели соли 2004. – Душанбе, 2004. – 48 с.
13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2007 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.-president.tj/node/197 (санаи муроҷиат: 30.08.2021 с.).
14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 24 апрели соли 2010. – Душанбе: Шарқи озод, 2010. – 48 с.
15. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 20 апрели соли 2012. – Душанбе: Шарқи озод, 2012. – 64 с.
16. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 26 апрели соли 2013. – Душанбе: Шарқи озод, 2013. – 64 с.
17. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 23 январи соли 2015. – Душанбе: Шарқи озод, 2015. – 48 с.
18. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ш. Душанбе, 26 декабри соли 2018. – Душанбе: Шарқи озод, 2018. – 48 с.
19. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ш. Душанбе, 26 январи соли 2021. – Душанбе: Шарқи озод, 2021. – 48 с.
20. Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ: Дис. ... д-ри илм. ҳуқ. – Душанбе, 2019. – 479 с.
21. Саидзода А.И., Умаров Х.А., Халифазода М.Н. Коментарий к Закону Республики Таджикистан «О борьбе против коррупции». – Душанбе: «Шучоиён», 2012. – 327 с.
22. Сафарзода А.И. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия». – Душанбе-2012. – 236 с.
23. Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: Дис. … номзд. илм. ҳуқ. – Душанбе, 2017. – 241 с.

24. Сотиволдиев Р.Ш. Теория государства и права: Учебник. – Душанбе: Империал-групп, 2009. – 358 с.
25. Тахиров Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях Государственной независимости Республики Таджикистан. – Душанбе, 2009. – 369 с.
26. Халиков А.Г. История государства и права Таджикистана. – Душанбе, 2002. Ч.1. – 301 с.
27. Ҳасанов Ш.Қ. Масоили ташаккули ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ дар ҷараёни тарбияи ҳуқуқӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2012. – 232 с.
28. Ҳасанов Ш.Қ. Омилҳои сиёсию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ (дар асоси таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон): Дис. ... д-ри илм. сиёсӣ. – Душанбе, 2021. – 345 с.
29. Шарипов Т.Ш. Условное освобождение от отбывания наказания: проблемы теории, законодательства и практики (по материалам Республики Таджикистан): Дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2008. – 563 с.
30. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 дар бораи «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». – Намунаи 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 30.08.2021 с.).

**Аннотатсия**

**Сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақолаи мавриди назар масъалаҳои пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия, ки дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии кишвар баён шудаанд, таҳлил гардидаанд. Муаллифон мавқеъ ва нақши паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар мубориза бар зидди коррупсия муҳим арзёбӣ намуда, иброз менамоянд, ки ҳарчанд дар заминаи ин ҳуҷҷатҳои расмӣ дар самти пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия чораҳои ҳуқуқиву ташкилӣ андешида шуда бошанд ҳам, аммо ҳоло низ дар мамлакат мушкилоти коррупсия ҳалли пурраи худро наёфтааст. Аз ин лиҳоз, онҳо дар мақола барои пешгирӣ ва бартараф кардани амалҳои коррупсионӣ як қатор пешниҳодҳо манзур намудаанд.

**Аннотация**

**Антикоррупционная правовая политика в посланиях Президента Республики Таджикистан**

В рассматриваемой статье анализируются вопросы предотвращения и противодействия коррупции, затронутые в посланиях Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли (Парламент) Республики Таджикистан в качестве приоритетного направления правовой политики страны. Авторы указывают на важность места и роли посланий Президента Республики Таджикистан в борьбе с коррупцией и отмечают. что несмотря на то, что на основании этих официальных документов были приняты правовые и организационные меры по предотвращению и борьбе с коррупцией, проблема коррупции в стране до сих пор полностью не решена. В связи с этим, они внесли в статью ряд предложений по предотвращению и искоренению коррупции.

**Annotation**

**Anti-corruption legal policy in the address of the President of the Republic of Tajikistan**

This article analyzes the issues of preventing and combating corruption, touched upon in the messages of the President of the Republic of Tajikistan to the Majlisi Oli (Parliament) of the Republic of Tajikistan as a priority direction of the country's legal policy. The authors point out the importance of the place and role of the address of the President of the Republic of Tajikistan in the fight against corruption and note that, despite the fact that on the basis of these official documents, legal and organizational measures were taken to prevent and combat corruption, the problem of corruption in the country is still not completely resolved. In this regard, they introduced a number of motions to the article to prevent and eradicate corruption.





**УДК:** 342.5

**Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ,**
*доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: halil-77@mail.ru*
*Тел.: (+992) 907-72-55-90.*

**Қодирзода Мирзоқодир Аюб,**
*муовини сардори шуъбаи қонунгузории граждани, соҳибкорӣ ва оилавии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: mirzokodir-1@mail.ru*
*Тел.: (+992) 921-11-59-90.*

# ТАҲҚИҚОТИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ АМАЛИШАВИИ ФУНКСИЯИ ЭКОЛОГИИ ДАВЛАТ

***Калидвожаҳо:*** *давлат; функсияи экологӣ; мақсад; моҳият; амалишавӣ; ҳифзи муҳити зист; сарватҳои табиӣ; истифодаи оқилона; фаъолияти давлат; табиатистифодабарӣ.*

***Ключевые слова:*** *государство; экологическая функция; цель; сущность; реализация; охрана окружающей среды; природные ресурсы; рациональное использование; деятельность государства; природопользование.*

***Keywords:*** *state; ecological function; aim; essence; realization; environtental protection; natural resources; rational use; state activity; environmental management.*

Функсияи экологӣ дар соҳаи ҳимояи муҳити зист, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, таъмини амнияти экологӣ бо мақсади ҳалли проблемаҳои экологӣ амалӣ карда мешавад. Тағйири иқлими сайёра, кам шудани захираҳои об, масоҳати ҷангалҳо, шикори ғайриқонунии намудҳои нодири ҳайвонот ва паррандаҳо, истифодаи номаҳдуди сарватҳои табиӣ, ки ба муҳити зисти одамон, олами набототу ҳайвонот зарар мерасонанд, зарурати амалӣ намудани функсияи экологиро талаб мекунанд. Давлат бо мақсади самаранок амалӣ намудани функсияи экологӣ қонунгузории экологиро такмил медиҳад.

Аҳамияти глобалӣ пайдо намудани проблемаҳои экологӣ боиси аз ҳудуди як давлат берун баромадани функсияи экологӣ мегардад. Ҳоло давлатҳо бахри ҳалли проблемаҳои экологии глобалӣ, наҷот додани сайёра, таъмини ҳастии инсонӣ дар курраи Замин талош доранд. Ҳифзи табиат ва муҳити зист вазифаи ҷомеаи башар мебошад[7, с. 239].

Муҳофизати экологии табиат яке аз вазифаҳои муҳим мебошад. Барои он, ки дар ҷаҳони имрӯза масъалаи ҳифз ва истифодаи дурусти объектҳои табиӣ бисёр масъалаи мушкил ва ҳалталаб мебошад.

Соҳаи истифода ва ҳифзи сарватҳои табиӣ барои инкишоф ёфтани бахшҳои иқтисодиву иҷтимоии давлат нақши муҳим мебозад. Ин ҳолат боис мегардад, ки ба соҳаи экология, бояд аз ҷониби давлату ҳукумат таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардида, барои дар амал татбиқ кардани қонунгузории соҳа ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии амалкунандаи соҳавӣ тадбирҳои доимӣ андешида шавад.

Мутобиқи назарияи илми ҳуқуқшиносӣ мақсад ва моҳияти функсияи экологии давлатро фаъолияти сохторҳои марбутаи давлатӣ ва идораҳои он оид ба ҳифзи сарватҳои табиӣ аз таъсироти манфии гуногун, таъмини истифодаи мӯътадилу самарабахши сарватҳои табиӣ ташкил менамояд. Дар назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат ва ҳамчунин илми ҳуқуқи экологӣ ба яке аз масъалаи муҳими сиёсати муосири давлатӣ, яъне амалишавии функсияи экологии давлат эътибори ҷиддӣ дода мешавад.

Беҳуда нест, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри соли 2019 ба маврид чунин зикр карда шудааст:

« … ҳаҷми партови газҳои гулхонаӣ дар Тоҷикистон ба ҳар як нафари аҳолӣ дар миқёси минтақа камтарин буда, саҳми муносиби мо дар беҳдошти вазъи экологии минтақа ва сайёра мебошад.

Дар нигоҳ доштани сатҳи пасттарини партовҳои зараровар ба мо истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, асосан гидроэнергетика мусоидати ҷиддӣ менамояд. Хотирнишон месозам, ки истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, бахусус, захираҳои об яке аз сарчашмаҳои асосии тавлиди «энергияи сабз» ва рушди «иқтисоди сабз» ба ҳисоб меравад» [1].

Аз зикри далели боло маълум мегардад, ки ҳоло сатҳи зарурии татбиқи механизми ҳуқуқиву иқтисодии фаъолияти субъектони истеҳсолкунанда, ки дар шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ фаъолият мекунанд вобаста ба талаботҳои экологӣ ҷавобгӯ намебошанд. Бинобар ин зарур аст, ки сохторҳои муайян ва субъектҳои дахлдори ба фаъолияти истеҳсолӣ алоқаманд чорабиниҳои беҳсозии дараҷаи зарарнокии ҳолатҳои зикргардидаро амалӣ намоянд. Тавсия ва ҳолатҳои болозикр танҳо барои тақвият додани функсияи экологии давлат равона нагардида, балки барои таҷрибаи дигар давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ метавонад такони мусоиди ояндабинонаро ба вуҷуд оварад.

Албатта, барои ба расмият шинохтани дилхоҳ самти фаъолияти ҳаёти ҷамъиятӣ ва мавриди танзим қарор додани онҳо бояд асоси меъёрӣ-ҳуқуқӣ мавҷуд бошад. Роҷеъ ба масоили танзими принсипиалии муносибатҳои экологӣ дар Тоҷикистон моддаи 13-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, ки чунин муқаррар менамояд: “замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад”. Ҳамчунин, дар моддаи 44 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муқаррар шудааст: “ҳифзи табиат, ёдгориҳои таъриху фарҳангӣ вазифаи ҳар як шахс аст” [2].

Аз муқаррароти меъёрҳои конститутсионӣ муайян мегардад, ки давлат дар доираи салоҳияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои истифодаи самаранок ва ҳифзи ҳамаҷонибаи боигариҳои табиӣ фаъолияти мухталифро роҳандозӣ менамояд. Ҳамчунин, муқаррароти мазкур хусусияти умумиҳатмиро доро буда, барои амалигардонии сиёсати давлатии экологӣ тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ (қонунгузор, иҷроия ва судӣ)-ро мувазаф месозад.

Ҷузъи муҳимтарини ҳама гуна системаи идоракунӣ масъалаи татбиқи дурусти он мебошад. Маҳз самаранокӣ, ҳолати таъмини татбиқи мақсадҳо ва нишондиҳандаҳои иҷроиши ҳадафҳои пешгузошташудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи муҳити зист, инъикоси амалигардии функсияи экологиро нишон медиҳад.

Дар робита ба амалигардии функсияи экологии давлат бояд тазаккур дод, ки муносибатҳо вобаста ба таъсири байниҳамдигарии табиат ва инсоният ҳам дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳам доктринаи мавҷудаи илми ҳуқуқшиносӣ (ҳуқуқи экологӣ) зикр карда шудаанд, ки албатта, барои ба таври дуруст мавриди омӯзиш қарор додани он, вобаста ба он ки масъалаи мазкур хусусияти комплексӣ дорад, таҳлили дуруст ва амиқро талаб менамояд.

Чун анъана дар таркиби функсияи экологии давлат фаъолияти сохторҳои марбутаи давлатӣ ва идораҳои он оид ба ҳифзи сарватҳои табиӣ аз таъсироти манфии гуногун, таъмини истифодаи мӯътадилу самарабахши сарватҳои табиӣ ташкил менамояд.

Дар амалигардонии функсияи экологии давлат чунин фаъолиятҳо шомил мешаванд: оид ба таваҷҷуҳ ва талаботи ҷамъият роҷеъ ба сарватҳои табиӣ, ки ба моликияти давлатӣ қарор дорад; таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба истифода ва ҳифзи сарватҳои табиӣ; таъминнамоии бехатарии экологӣ [3, с. 44-45].

Ҷузъи муҳимтарини ҳама гуна системаи идоракунӣ масъалаи татбиқи дурусти он мебошад. Маҳз самаранокӣ, ҳолати таъмини татбиқи мақсадҳо ва нишондиҳандаҳои иҷроиши ҳадафҳои пешгузошташудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи муҳити зист, инъикоси амалигардии функсияи экологиро нишон медиҳад [12, с. 119-120].

Дар робита ба амалигардии функсияи экологии давлат бояд тазаккур дод, ки муносибатҳо вобаста ба таъсири байниҳамдигарии табиат ва инсоният ҳам дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳам доктринаи мавҷудаи илми ҳуқуқшиносӣ (ҳуқуқи экологӣ) зикр карда шудаанд, ки албатта, барои ба таври дуруст мавриди омӯзиш қарор додани он бо дарназардошти хусусияти комплексии масъалаи мазкурро таҳлил намуданамон дуруст мебошад. Яке аз қисматҳои муҳимтарини функсияи экологии давлатро ин раванди танзим ва идоракунии муносибатҳо вобаста ба ҳифз, истифода ва барқарор намудани сарватҳои табиӣ ташкил менамояд.

Дар баробари ин ба таври васеъ амалӣ гардониданифунксияи экологии давлат ин фаъолияти мақомоти қонунгузорӣ оид ба қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мақомоти иҷроия оид ба иҷроиши қонунгузории амалкунанда доир ба ҳифзи муҳити зист ва мақомоти ҳокимияти судӣ, ки дар

асоси муқаррароти қонунгузорӣ барои ҳуқуқвайронкунанда ва содиркунандаи ҷиноятҳои экологӣ ҷавобгарии ҳуқуқиро муайян мекунанд, ташкил медиҳад [4, с. 10].

Фаъолияти давлат оид ба таъмини иҷрои функсияи экологӣ, ки тавассути фаъолияти механизмҳои дар боло зикршуда амалӣ карда мешавад, аслан дар шаклҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва ҳифзи ҳуқуқ амалӣ гардад, яъне, дар таҳия ва қабули меъёрҳои қонунгузорӣ ва дигар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва субъектҳои истифодаи захираҳои табиӣ дар татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ, инчунин таъмини ҳифзи меъёрҳои ҳуқуқӣ аз вайронкуниҳо, ҳифзи ҳуқуқҳои субъективиро фаро мегирад [4, с. 10-14].

Дар замони имрӯза рушди бемайлони иқтисодиёти ҷаҳонӣ, илму техника, соҳаи саноату кишоварзӣ боиси афзудани партовҳо ва дигар омилҳои таъсиррасонии инсон ба муҳити зист мешавад, ки ба ташаккул ва инкишофи соҳаи ҳуқуқи экологӣ мусоидат менамояд. Дар самти мазкур як қатор мушкилоти зерин мавҷуд аст, ки барои ҳалли онҳо зарур аст:

- таҳлили вазъи идоракунии партовҳо дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар ҳамаи самтҳои идоракунии партовҳо ислоҳоти куллӣ зарур аст. Заминаи қонунгузории ҷории ҷумҳурӣ номукаммал буда, аз ҷумла, бо муқаррарот оид ба истифодабарии маҷмӯавии тамоми механизмҳои идоракунии партовҳо ва нигоҳ доштани захираҳо мустаҳкам нагардидааст;

- такмили қонунгузории экологӣ, махсусан дар самти ҳифзи муҳити зист ва таъмини аҳолӣ бо оби тозаи ошомиданӣ. Бинобар ин, зарур аст, ки ҷиҳати болоравии маърифати ҳуқуқӣ ва экологии шаҳрвандон чорабиниҳои фаҳмондадиҳиву тарғиботӣ ба таври васеъ амалӣ гардида, дар мавриди зарурат ҷавобгарии ҳуқуқӣ пурзӯр карда шавад;

- такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти пешбурди кадастри давлатии объектҳои ҳифзи муҳити зист, мониторинги давлатии экологӣ, назорати давлатии экологӣ, аудити экологӣ ва экспертизаи экологӣ;

- таҳкими заминаҳои ҳуқуқии ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ бо мақсади рушди минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоӣ;

- дар доираи қонунгузории амалкунанда такмил додани усулҳои идоракунии ҳифзи муҳити зист, пурзӯр намудани фаъолияти милитсияи экологӣ, назорати прокурорӣ ва назорати давлатии истифода ва ҳифзи муҳити зист;

- ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқии арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист ва арзёбии стратегии экологӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ ба ҳифзи муҳити зист ва ҷорӣ намудани принсипҳои "иқтисодиёти сабз";

- такмил додани Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади танзими муносибатҳо оид ба истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои об ва татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди устувор;

- диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, ҷорӣ намудани навовариҳо бо дарназардоштани таъсири камтарин ба муҳити зист ва сифати заминҳо, таҳияи чорабиниҳо оид ба иваз намудани моддаҳои кимиёвии то андозае хатарнок ба фоиданокии имконпазир

Таҳлили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки истифодаи захираҳои табииро ба танзим медарорад, ба мо имкон медиҳад хулоса барорем, ки муқаррароти асосии ҳифзи муҳити зист ва истифодаи табиат дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд. Онҳо дар қонунҳои ҷории амалкунанда ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии зерқонунӣ, аз қабили қарорҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва ғайра амалӣ карда мешаванд.

Дар фазои танзими ҳуқуқии муносибатҳои экологӣ нақши марказиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи муҳити зист” аз 2 августи соли 2011, №760 иҷро менамояд, ки механизмҳои асосии рушди муносибатҳо вобаста ба ҳифзи муҳити зистро ба таври расмӣ муқаррар ва мустаҳкам намудааст. Дар баробари ин принсипҳои асосии истифода ва ҳифзи муҳити зист ва мақсади сиёсати давлатӣ дар соҳаи экологӣ дар он инъикос гардидааст.

Дар баробари ин, Қонуни мазкур принсипҳои конститутсионии ҳифз ва истифодаи сарватҳои табииро мустаҳкам намуда, ҳадафҳо ва вазифаҳои асосии сиёсати давлатро дар соҳаи идоракунии табиат ва ҳифзи табиат ба таври возеҳ баён кардааст, ки афзалияти манфиатҳои экологии инсон ва ҷомеаро аз манфиатҳои иқтисодиёт муттаҳид менамояд. Аммо, амалияи татбиқи Қонуни мазкур ва умуман қонунгузории экологӣ як қатор мушкилотро муайян кардааст, ки муҳимтарини онҳо самаранок набудани як қатор меъёрҳо бо назардошти мушаххас набудани онҳо, таҳияи сусти механизми татбиқи онҳо мебошад.

Гузашта аз ин, камбудиҳои мазкур, ба андешаи мутахассисони соҳаи ҳуқуқи экологӣ, воқеан дар бештари қонунгузории амалкунандаи соҳаи ҳифзи муҳити зисти Федератсияи Россия низ мушоҳида мешаванд [6, с.25].

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки барои амалигардонии функсияи экологии давлат нақши фазои танзимнамоии муносибатҳои экологӣ бисёр муассир буда, иҷроиши дақиқ ва мазмуну муҳтавои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа низ аҳамияти калонро соҳибанд.

Масъалаи дигаре, ки рафти амалигардонии фуксияи экологии давлатро халалдор менамояд, ин ҳуқуқвайронкуниҳои экологӣ ба шумор меравандю Оид ба ин раванд аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои марбутаи давлатӣ (яъне мақомоти соҳавии экологӣ) корҳои муайян ба анҷом расонида мешаванд. Албатта, барои боз ҳам самаранок ба роҳ мондани фаъолияти мақомоти марбутаи давлатӣ таъсиррасонии назоратиро амалӣ кардан зарур мебошад, ки то чи андоза пурзӯр намудани фаъолияти мазкур ба сатҳи зараррасонӣ ба муҳити табиӣ атрофро нишон медиҳад [7, с.557].

Чунин тахмин кардан мумкин аст, ки дар шароити кунунӣ барои ба эътидол овардани вазъ ва таъмини беҳбудии минбаъдаи он татбиқи як қатор чораҳои таъхирнопазирро тақозо менамояд, ки ба тақвияти нақши давлат дар идоракунии захираҳои табиӣ, такмил додани фаъолияти қонунгузорӣ ва ҳифзи ҳуқуқии он нигаронида шудаанд. Дар байни афзалиятҳои зерин инҳо шомиланд:

1) таҳияи асосҳои консептуалии сиёсати идоракунии муҳити зист ва татбиқи он дар сатҳи давлатӣ;

2) дар қонунгузорӣ мустаҳкам кардани масъулият барои ҳифзи муҳити зист барои ҳамаи сохтору мақомотҳои давлатӣ, ки иҷрои он на танҳо бояд бо ӯҳдадориҳои асосии онҳо якҷоя карда шавад, балки таҳияи механизми иҷрои ин уҳдадорӣ, инчунин масъулият дар ҳолатҳои бефаъолиятӣ ҷоннок карда шавад;

3) ташкили санади қонунгузорӣ, ки тартиби қабули қарорҳои аз ҷиҳати экологӣ қобили қабулро муайян мекунад, ки роҳҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеаро муайян мекунанд;

4) таҳияи қонуни мукаммали ҷорӣ, ки муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи моликият ба захираҳои табиӣ танзим кунад;

5) инкишофи минбаъдаи меъёрҳои ҳуқуқие, ки намудҳои иқтисодӣ, маъмурӣ ва дигар намудҳои фаъолиятро танзим мекунанд.

Табиист, ки тадбирҳои пешниҳодшуда оид ба ҳалли пурраи мушкилоти механизми ҳифзи муҳити зист (сиёсати давлатии экологӣ) ва дигар меъёрҳои танзимкунандаи истифодаи табиат ғайриимкон мебошанд, онҳо метавонанд вазъи мавҷударо танҳо қисман муътадил намоянд. Масъалаи ташкили консепсияи мукаммали ташаккули заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар ҳифз ва истифодаи захираҳои табиӣ ва тадбирҳои таъмини самаранокии он, бо дар назардошти воқеиятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғайра, инчунин дурнамои рушди он қарор доранд.

Баъзе номукаммалиҳои танзими ҳуқуқӣ дар сатҳи таҳияи нишондиҳандаҳо ва самаранокии нокифояи амалисозии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар якҷоягӣ бо истифодаи васеи нигилизми ҳуқуқӣ дар ҷомеа боиси нақши махсуси мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар татбиқи функсияи экологии давлат гардидаанд. Маҳз фаъолияти онҳо на танҳо ба ҳифзи ҳуқуқҳои экологии шаҳрвандон ва қонунгузории экологӣ аз вайронкуниҳо нигаронида шудаанд, балки ба риояи як қатор меъёрҳо ва қоидаҳои идоракунии муҳити зист, пешгирии ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои экологӣ, ҳифзи объектҳои табиӣ ва ғайраҳо равона гардидаанд, мебошад.

Қисми муҳими амалисозии функсияи экологии давлат ин ташкили системаи мукаммалу оқилона ва муассири идоракунии давлатӣ ва назорат дар ин соҳа мебошад.

Вазифаҳои мақомоти дигар (яъне мақомотҳо ва идораҳои давлатии салоҳияти умумидошта) дар сохторҳои ҳокимияти давлатӣ бо татбиқи функсияи экологии давлат ва дар навбати аввал бо чунин шаклҳо, ба монанди танзими давлатӣ, банақшагирии стратегӣ ва амалиётӣ дар соҳаи идоракунии муҳити зист, инчунин ташкил ва амалисозии назорати экологӣ алоқаманданд.

Ғайр аз мақомоти махсус, тақрибан функсияҳои ба зиммаи шуъбаҳои дигар, аз ҷумла воҳидҳои ҳудудии онҳо вогузоргардидаро ҳамчун сохтори роҳбарикунанда ба иҷро мерасонад.

Душвориҳои низоми мавҷуда, набудани танзими дақиқи қонунгузорӣ дар баъзе ҳолатҳо вазифаҳо ва самтҳои фаъолият ва аксар вақт манфиатҳои идоравӣ боиси ҳамоҳангсозии нокифояи кори онҳо ва дар баъзе ҳолатҳо рақобат ва мухолифати мустақим мешаванд.

Дар баробари ин, агар мақомоти ҷумҳуриявӣ чун қоида, сиёсати собитқадамонаи идоракунии оқилонаи муҳити атрофро риоя кунанд, он гоҳ сохторҳои маҳаллӣ вазифадоранд, ки дар самти истифодаи ҳамаҷонибаи захираҳои табиӣ ва таъмини амнияти экологӣ фаъолона кор кунанд, дар як қатор ҳолатҳо манфиатҳои лаҳзаинаро роҳнамоӣ мекунанд. Ҳамчунин иштирокчиёни раванди истеҳсолоти тиҷоратӣ, ки амали онҳо ба принсипҳои истифодаи оқилонаи табиат мухолифат мекунанд, дар як маврид барои ба таври густурда амалигардии функсияи экологии давлат норасогиро ба вуҷуд меорад.

Гуфтаҳои боло дар бораи зарурати ташкили системаи муттаҳид ва пайвастаи мақомоти идоракунии муҳити зист, аз ҷумла шумораи ҳадди аққали воҳидҳои ҷумҳуриявӣ бо низомнокии амудии (вертикалии) сохтории сохташуда аз ҷумҳуриявӣ то сатҳи маҳаллӣ ва ба қадри имкон аз мустақилии онҳо шаҳодат медиҳанд.

Системаи идоракунии ба ин тариқ сохташуда бояд қобилияти мураккабӣ ва самаранокии амалигардонии функсияи экологии давлат, аз ҷиҳати мутобиқати сиёсати пешгирифташуда ва мутобиқати фаъолияти субъектҳоро ба меъёрҳои мавҷуда таъмин карда тавонад. Ҳамзамон, аз ҷиҳати ҳаҷм ва хусусияти салоҳият унсурҳои чунин системаро ба мақомоти салоҳияти умумӣ, соҳавӣ, байнисоҳавӣ ва махсус тасниф кардан мумкин аст.

Ҳадафи асосии фаъолияти мақомоти идоракунии муҳити зист татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи идоракунии муҳити зист мебошад, ки дар сатҳи конститутсионӣ ва қонунгузории ҷории соҳаи ҳифзи муҳити зист муқаррар карда шудааст.

Гуфтаҳои боло ба мо имкон медиҳад хулоса барорем, ки механизми муассири ташкилию ҳуқуқии функсияи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло дар марҳилаи ташаккул буда, барои боз ҳам мукаммал гардонидани он ба мо зарур аст, ки ба ҳолатҳои мазкур эътибори ҷиддӣ зоҳир намоем:

- рушди минбаъдаи заминаи меъёрӣ, аз ҷумла ба низом даровардани қонунгузорӣ ва иваз кардани санадҳои кӯҳна бо санадҳои муосир;
- ба таври равшану возеҳ пешкаш намудани механизмҳои муосири такмил додани сохторҳои соҳавӣ ва салоҳиятдори сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дар асоси принсипи низомнок ва зинавӣ рушду инкишоф додани маърифати экологии аҳолӣ ва ба ҳамин васила амалигардонии сиёсати босуботи экологӣ дар фазои зеҳнии тамоми қишри ҷомеа;
- ҷоннок намудани фаъолияти мақомоти давлатии назораткунандаи соҳаи ҳифзи муҳити зист, алалхусус дар самти иҷроиши қонунгузории экологӣ (назорати прокурорӣ оид ба иҷроиши қонунгузории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон);
- ташкил намудани ҳамоҳангии тамоми сохтор ва мақомотҳои марбутаи давлатӣ оид ба амалигардонии функсияи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипи баробарии сиёсати сабз, ки яъне сиёсати сабз, яке аз равандҳои муосири ғоявӣ ва сиёсие, ки барои нигаҳдории ҳолати мӯътадили муҳити атроф дар мамлакатҳои Аврупо инкишоф ёфта истодааст. Мақсади асосии сиёсати мазкур бо тарзу усулҳои муосири зеҳнӣ ва механизми идоракунӣ кам кардани таъсири манфии инсоният ба муҳити зист барои зиндагии шоистаи наслҳои ояндаи инсоният мебошад. Иҷрои ин ва як қатор мақсадҳои дигар кори тамоми механизмҳои таъмини амнияти экологиро ба низом оварда, имкон медиҳад, ки иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо гузариш ба рушди устувор равона карда шавад ва барои баланд бардоштани самаранокии функсияи экологии давлат мусоидат намояд.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021 сол. (Маводи эклектронӣ): Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.prezident.tj (Санаи муроҷиат: 21.06.2021 с.).
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо тағйиру иловагиҳои соли 2016). «Садои мардум», № 69 (3549) 30.05.2016 с.
3. Бринчук М.М. Экологическое право: учебник. – М., 2003. – 670 с.
4. Гиззатуллин Р.Х. О параметрах экологической функции государства // Экологическое право. – 2008. – № 2.– С. 10–14
5. Хропанюк В.Н. Теория государства и права: Учебное пособие для высших учебных заведений / Под ред. В.Г. Стрекозова. – М., 1995. – 384 с.
6. Архипов А.М. Экологическая функция Российского государства: дис. ... канд. юрид. наук. – Н.Новгород, 1997. – 367 с.
7. Петров В.В. Экологическое право России: учебник для вузов. – М., 1995.– 657 с.
8. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Душанбе: «Сино», 2018. - 784 с.
9. Соҳибзода М.М., Ҳуқуқи экологии ҶТ: нашри аввал. қисми умумӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 584 с.

**Аннотатсия**

**Таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқии амалишавии функсияи экологии давлат**

Дар мақолаи мазкур масоили назариявии мақсад ва моҳияти амалишавии функсияи экологии давлат дар асоси ғояҳои муосири самти мазкур мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст. Дар ҳақиқат ҳам имрӯзҳо масъала вобаста ба ҳифз ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ дар тамоми миқёси кишварҳо мубрам боқӣ монда истодааст. Аз ин рӯ, бояд механизми амалинамоии функсияи экологии давлатро яке аз самтҳои қобили таваҷҷуҳ қарор додан зарур мебошад.

**Аннотация**

**Теоретико-правовое исследование реализации экологической функции государства**

В статье анализируются и исследуются теоретические вопросы цели и сущности реализации экологической функции государства на основе современных концепций в этой области. Действительно, сегодня вопрос защиты и рационального использования природных ресурсов остается актуальным для большинства стран. Следовательно, необходимо сделать механизм реализации экологической функции государства одним из важнейших направлений.

**Annotation**

**Theoretical and legal study of the realization of the ecological function of the state**

The article analyzes and investigates the theoretical issues of the aim and essence of the implementation of the ecological function of the state on the basis of modern concepts in this area. Indeed, today the issue of protection and rational use of natural resources remains relevant for most countries. Therefore, it is necessary to make the mechanism for the implementation of the state's ecological function one of the most important directions.

**УДК:** 342.7

**Бобохонов Фаридун Аламшоевич,**
*ёвари ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муаллими калон.*
*E-mail: farodil_ff@mail.ru*
*Тел.: (+992) 777-13-75-20.*

# ҲИФЗИ ОЗОДИИ ВИҶДОН ВА ЭЪТИҚОДИ ДИНӢ, ОЗОДИИ ҲАРАКАТ ВА ИНТИХОБИ ҶОИ ЗИСТ МУТОБИҚИ САНАДҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *ҳифз; ҳуқуқи инсон; озодии виҷдон; эътиқоди динӣ; озодии ҳаракат; интихоби ҷои зист; неъматҳои ғайримоддӣ; қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; санадҳои байналмилалӣ.*

***Ключевые слова:*** *защита; права человека; свобода совести; религия; свобода передвижения; выбор места жительства; нематериальные блага; законодательство Республики Таджикистан; международные документы.*

***Keywords:*** *protection; human rights; freedom of conscience; religion; freedom of movement; choice of residence; intangible benefits; legislation of the Republic of Tajikistan; international documents.*

Яке аз неъматҳои ғайримоддии инсон озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ ба ҳисоб меравад. Тибқи ин ҳуқуқ, яъне ҳуқуқ ба озодии виҷдон ҳар як инсон, қатъи назар аз тобеияти шаҳрвандӣ, мансубияти динӣ ва нажодӣ, метавонад муносибати худро ба дин ва ҳар ақидаи дигару боварии ғайридинӣ мустақилона муайян кунад. Мустақилона муайян намудани муносибат ба дин ва ё андешаи дигари ғайридинӣ дар шакли пайравӣ намудан ба дин ва ё пайравӣ накардан ба ягон дин зоҳир мегардад[22, с. 24]. Дар ин хусус У.А. Азиззода дуруст қайд намудааст, ки озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ, ки ҳамчун ҳуқуқи бегонанашавандаи инсон фаҳмида мешаванд, дар баробари меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин объекти омӯзиш ва танзими меъёрии дин, ахлоқ ва одату анъанаҳои халқу миллатҳо гардидаанд. Ба рафти ташаккул ва инкишофи он ҳамзамон тафаккури ҷамъиятӣ ва шуури ҷомеа низ таъсири бузург расонидаанд[11, с. 30].

Ба андешаи Ализода С.О. озодии пайравӣ ба дин тавассути қонун барои ҳимояи сохти конститутсионӣ, тамомияти арзӣ, ҳифзи амният, тартиботи ҷамъиятӣ, саломатӣ ва ахлоқи ҷамъиятӣ, ҳамчунин ҳуқуқ ва озодии дигар шахсон метавонад маҳдуд карда шавад[15, с. 46].

С.А. Бурянова қайд менамояд, ки озодии виҷдон ва озодии дин ин ҳуқуқи конститутсионии ҳар як шахс аст, ки ба таври инфиродӣ ё якҷоя бо дигарон, дар доираи қонун ягон динро пайравӣ кунад ё пайравӣ накунад, озодона интихоб кунад, тағйир диҳад, паҳн кунад ва ё мувофиқи онҳо амал кунад[13, с. 9].

А.М. Диноршоев ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва эътиқоди диниро дорои чунин унсурҳо медонад: озодии пайравӣ ба мазҳаби худ ё пайравӣ ба эътиқоди худ; озодии тағйир додани дин ё эътиқоди худ; озодии амалигардонии боварӣ ва эътиқоди динии худ ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам дар якҷоягӣ бо дигарон ва ё бо тартиби ҷамъиятӣ ё хусусӣ, ибодат, таълим, расму оинҳои динӣ ва мазҳабӣ[17, с. 106].

Ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ, пеш аз ҳама, дар санадҳои байналмилалӣ мавриди танзим қарор гирифтаанд. Ализода С.О. ба санадҳои асосии ҳуқуқии байналмилалӣ, ки ҳуқуқ ба озодии виҷдонро мустаҳкам ва танзим намудаанд Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Конвенсияи байналмилалӣ оиди барҳам додани тамоми шаклҳои табъизи нажодӣ, Эъломияи СММ оиди барҳам додани тамоми шаклҳои таҳаммулнопазирӣ ва табъиз дар асоси дин ва эътиқод ва монанди инҳоро шомил донистааст[15, с. 43-44]. Дар сатҳи байналмилалӣ эътироф ва ҳимояи ҳуқуқи инсон ба озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва дигар санадҳои байналмилалӣ мавриди танзим қарор гирифтааст[21, с. 229-231]. Вобаста ба нишондодҳои санади зикргардида ҳуқуқи инсон оид ба озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ аз чанд ҷабҳа иборат аст: - ҳуқуқи эътиқод овардан ба ҳар дин; - ҳуқуқи ба ҷо овардани расму оинҳои динӣ; - ҳуқуқи тағйири дин; - ҳуқуқи гирифтани таълими динӣ[20, с. 133]. Ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва эътиқоди диниро санадҳои байналмилалӣ дар шакли монанд муқаррар кардаанд[2, м. 18; 3, м. 18; 4, м. 10; 5, м. 9; 6, м. 12].

Ба андешаи муҳаққиқ Р.М. Валеев табъиз нисбати одамон аз рӯи дин ё эътиқод таҳқир ба шаъну шарафи инсон ва инкор кардани принсипҳои

аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалии муосир дар Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, ки ҳамчун поймолкунии ҳуқуқи инсон маҳкум карда мешавад ва озодиҳои асосӣ, ки дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, дар Паймонҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон эълон шудаанд ва монеа дар муносибатҳои дӯстона ва осоиштаи байни давлатҳо мебошанд[16, с. 124].

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ ба санадҳои байналмилалӣ озодии виҷдон ва эътиқоди диниро эътироф ва ҳифз мекунад. Пеш аз ҳама Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, ки ҳар кас ҳақ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд[1, м. 26]. Тавре И.Б. Буриев қайд менамояд дар Конститутсияи 6 ноябри соли 1994 қабулшуда, озодии виҷдон, ба монанди дигар озодиҳо ва ҳуқуқҳои асосии шаҳрвандони ҷумҳурӣ боз ҳам рушд гардид[12, с. 48].

Ба андешаи О.С. Вализода масъалаҳои вобаста ба динро дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба се қисм ҷудо намудан мумкин аст: якум, масъалаи дунявӣ будани давлат ва мавҷуд набудани мафкураи динӣ; дуюм, масъалаҳои таъмини баробарҳуқуқӣ ва роҳ надодан ба табъиз дар асоси принсипи дунявият; сеюм, озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ ҳамчун ҳуқуқи субъективии инсон. Қонунгузории ҷиноятӣ мутаассифона масъалаи ҳифзи озодии виҷдон ва динро дақиқ муқаррар накардааст. Бахри ҳифзи ҷиноятӣ-ҳуқуқии озодии виҷдон ва дин моддаи 157-ро муҳаққиқон бештар иқтибос меоваранд[14, с. 156], вале дар асл моддаи мазкур ҳифзи на озодии виҷдон ва дин, балки ташкилотҳои диниро ба роҳ мондааст. Озодии виҷдон ва эътиқоди диннӣ ҳатто дар қатори неъматҳои ғайримоддӣ дар қонунгузории граждании низ мавриди эътироф ва ҳифз қарор нагирифтааст. Ҳол он ки барои инсонҳо яке аз неъматҳои ҳасоси ғайримоддӣ ба ҳисоб рафта, дар натиҷаи он шахс дучори зарари маънавӣ мегардад. Дар Кодекси гражданӣ муқаррар шудааст, ки "... ва неъматҳои дигари ғайримоддӣ, ки ба шаҳрванд аз рӯзи таваллуд ё бо ҳукми қонун тааллуқ доранд, бегона карда ё ба тариқи дигар гузашт карда намешаванд" [8, м. 170]. Аз рӯи ин меъёр озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ ба ҳайси неъматҳои ғайримоддии инсон дохил мешавад, вале дар ягон меъёри дигар оид ба ҳифзи он дақиқтар ишора нашудааст. Ҳатто дар тафсири Кодекси гражданӣ ҳангоми шарҳи мазмуни ибораи "ва дигар неъматҳои ғайримоддӣ" симои (намуди) шахсӣ, овоз (садо) ва ҳолати мусоиди экологии шахсӣ баён шудааст[23, с. 451], вале аз озодии виҷдон ва дин ишорае накардаанд. Бинобар ин, беҳтар мебуд, ки озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ дар қатори неъматҳои ғайримоддӣ дар моддаи 170-и Кодекси гражданӣ дохил карда мешуд ва ҳифзи он аз кирдорҳои ҷиноятӣ дар Кодекси ҷиноятӣ низ муқаррар карда мешуд.

Ҳифзи озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути қонунгузории маъмурӣ дақиқтар ба роҳ монда шудааст. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, ки барои маҷбур кардан ба диндорӣ ё бединӣ, худопарастӣ ё бехудоӣ ва иҷрои маросимҳои динӣ, пардохти маблағ ба манфиати масҷидҳо, калисоҳо, куништҳо, ҷамоаҳои динӣ, иттиҳодияҳо, марказҳо, гурӯҳҳо ва ташкилотҳои динӣ ё диндорони алоҳида ё монеъ шудан ба амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, бо баҳонаи мансубият ба ин ё он дин ё мазҳаби (таълимоти) динӣ, ба андозаи аз понздаҳ то бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад[9, м. 851]. Амалҳое, ки дар меъёри мазкур пешбинӣ гардидаанд, бешубҳа инсонро дучори зарари маънавӣ мегардонанд. Маврид ба зикр аст, ки дар муносибатҳои динӣ на танҳо маҷбур кардан, балки монеъ шудан низ шахсро дучори зарари маънавӣ мегардонад. Бинобар ин, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинӣ кардааст, ки барои монеъ шудан ба амалӣ намудани ҳуқуқ ба озодии эътиқоди динӣ, аз ҷумла қабул намудани дин ва ё ақидаҳои динӣ ё дигар ақидаҳо ё рад намудани қабули онҳо, аъзо шудан ба иттиҳодияҳои динӣ ё баромадан аз узвияти онҳо, ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз даҳ то бист ва ба шахсони мансабдор ба андозаи аз сӣ то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад. Яке аз кирдорҳои расонандаи зарари маънавӣ дар муносибатҳои динӣ ин таҳқири ҳиссиётҳои динии инсон мебошад. Қонунгузорӣ барои таҳқири ҳиссиёти динии шаҳрвандон ё хароб намудани ашё, нишона ва аломатҳои рамзӣ, ки мутобиқи эътиқоди онҳо мавриди парастиш мебошанд, ҳангоми набудани аломати ҷиноят, ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз даҳ то бист ва ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо таъин намудани ҷаримаро муқаррар кардааст[9, м. 851].

Дар баробари ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои муҳиме қабул карда шудааст, ки пурра бахри танзим ва ҳифзи озодии виҷдон ва эътиқоди динии инсон ва шаҳрванд равона карда шудаанд. Ин санадҳо - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодиҳои динӣ» аз 26

марти соли 2009 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 8 июни соли 2007 мебошанд[15, с. 44]. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодиҳои динӣ» озодии виҷдон гуфта, ҳуқуқи ҳар як инсон ва шаҳрванд барои ихтиёрӣ ва мустақилона муайян намудани муносибати худ ба дин, ба танҳоӣ ва ё ҳамроҳи дигарон пайравӣ кардан ва ё пайравӣ накардан ба ягон дин, ба таври озод интихоб кардан ва тағйир додани эътиқоди динӣ, инчунин баён намудан ва паҳн кардани ҳама гуна эътиқоди марбут ба дин ва ҷаҳонбинии атеистӣ фаҳмида мешавад. Озодии пайравӣ ба дин бошад, дар ҳуқуқи ҳар як инсон ва шаҳрванд барои озодона ва мустақилона интихоб кардани ягон дин ва пайравӣ намудан ба он, иштирок дар ибодати динӣ, адои маросимҳои динӣ ва таълими динӣ ифода мегардад[10, м. 3]. Дар меъёри дигари қонуни болозикр муқаррар шудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин, аз ҷумла ҳуқуқи ба танҳоӣ ва ё ҳамроҳи дигарон пайравӣ кардан ба ҳар гуна дин ё пайравӣ накардан ба ягон дин, ба таври озод интихоб, паҳн намудан ва дигар кардани ҳама гуна эътиқоди динӣ ва эътиқодҳои дигар, инчунин мутобиқи онҳо амал кардан кафолат дода мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳама новобаста аз муносибаташон ба дин ва мансубияти динӣ дар назди қонун баробаранд[10, м. 3].

Яке аз ҳуқуқҳои ғайримоддии инсон ин ҳуқуқи рафтуомади озод ва интихоби озодонаи ҷои зист мебошад, ки он ҳамзамон ҳуқуқ ба озодӣ, ҳуқуқи сафари озодона берун аз ҳудуд давлат ва бозгашти бемамониатро дар бар мегирад. Ба андешаи А.М. Диноршоев озодии ҳаракат ва интихоби ҷои истиқомат табиӣ ва ҷудонашаванда аст, ки ба ҳама аз рӯзи таваллуд тааллуқ дорад. Он ба арзёбии умумии ҳуқуқ ва озодиҳои ҷудонопазири инсон, ки новобаста аз вазъи ҷомеа, шаъну шараф ва озодии инсон, принсипҳои олии маънавӣ ва ахлоқии ӯ ва дар ин робита, пеш аз ҳама ӯро ҳамчун як мавҷудияти баландарзиши маънавӣ аз худсарии қувваи тавоноии ҷомеа - қудрат, хоҳиши ҳукмронӣ ба фард ҳифз намояд[17, с. 97]. С.А. Егоров дуруст қайд намудааст, ки ҳуқуқ ба озодии ҳаракат ва интихоби маҳалли зист барои инсон яке аз ҳуқуқу озодиҳои пурарзиш ба ҳисоб меравад[18, с. 161].

Ҳуқуқ ба озодии ҳаракат ва интихоби озоди маҳалли зист ба таври универсалӣ ва дар санадҳои асосие, ки онро ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф кардааст ва дар ҳама санадҳои ҳуқуқии байналмилалии бунёдӣ оид ба ҳуқуқи инсон муқаррар шудааст. Ба андешаи А. Курманов озодии ҳаракат, интихоби ҷои будубош ва истиқомат мувофиқи принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофшуда, ҳуқуқи ҳар як шахс мебошад[19, с. 117]. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар муқаррар намудааст, ки ҳар як инсон ҳақ дорад, ки дар ҳудуди ҳар як давлат озодона рафтуомад кунад ва ба худ маҳалли зист интихоб кунад. Ҳар як инсон ҳақ дорад, ки ҳар кишвар, аз ҷумла кишвари худро тарк кунад ва ба кишвари худ бозгардад[2, м. 13]. Дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ ҳуқуқ ба рафтуомади озод ва интихоби озодонаи маҳалли зист муқаррар шудааст[3, м. 12]. Ҳуқуқи мазкурро Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар чунин шакл муқаррар кардааст: Ба ҳар шахсе ки қонунӣ дар ҳудуди кишвари ягон тарафҳои аҳдкунанда қарор дорад, дар ҳадди ҳамин ҳудуд ба ҳаракати озодона аз ҷое ба ҷое ва ҳуқуқи озодонаи интихоби макони сукунатро доро мебошад. Ҳар як инсон ҳуқуқ дорад, ки ҳар кишварро ҳатто мамлакати худашро низ тарк намояд[4, м. 22]. Конвенсияи Америкоӣ низ айнан пешбинӣ мекунад, ки ҳар як шахси дар асоси қонун дар ҳудуди давлати иштирокчӣ мутобиқи муқаррароти қонунгузорӣ барои ҷойивазкунӣ ва истиқомат дар ҳудуди он ҳуқуқ дорад. Ҳар як шахс ҳуқуқи озодона тарк намудани ҳама гуна мамлакатро, аз ҷумла мамлакати худро дорад. Ҳеҷ кас наметавонад аз ҳудуди давлате, ки шаҳрванди он мебошад, бадарға карда шавад ва ё аз ҳуқуқи ворид шудан ба он маҳрум гардад[6, м. 22]. Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи мазкур муқаррароте пешбинӣ накардааст. Аз таҳлили санадҳои мазкур бармеояд, ки санадҳои байналмилалӣ ҳуқуқи ҳар як инсонро ба озодии ҳаракат, тарки ҷумҳурӣ ва бозагашт ба он ва озодии интихоби ҷои истиқомат пешбинӣ кардаанд.

Ҳуқуқ ба озодии ҳаракат ва интихоби озодонаи маҳалли зист дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мавриди эътироф ва ҳифз қарор дода шудааст. Пеш аз ҳама Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, ки шаҳрванд ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он ҳақ дорад[1, м. 24]. Тавре А.М. Диноршоев қайд менамояд, ҳуқуқи ҳар кас барои озодона ҳаракат кардан, интихоби ҷои зист ва истиқомат, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон шудааст, барои мушаххас кардани он дар қонунгузории амалкунанда ҳамчун заминаи ҳуқуқӣ хизмат мекунад[17, с. 97]. Ҳуқуқи мазкур дар қатори ҳуқуқ ва неъматҳои ғайримоддии инсон дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муқаррар карда шудааст[8, м. 170]. Кодекси

ҷиноятӣ ғайриқонунӣ маҳдуд намудани тағйири макон, интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ кардан ва бозгаштани шаҳрванд ба онро ҳамчун кирдори ҷиноятӣ эътироф карда[7, м. 149], бо таҳдиди татбиқи ҷазо ҳифзи ҳуқуқи инсонро аз зарари маънавӣ ба роҳ мондааст.

Ҳамин тавр, озодии ҳаракат ва интихоби озодонаи маҳалли зист аз ҷумлаи неъматҳои ғайримоддии инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб рафта, мутобиқи санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди эътироф ва ҳифз қарор дода шудаанд. Озодии ҳаракат маънои озодона дар дохили кишвари худ ва берун аз он ҳаракат карданро ифода мекунад. Озодии маҳалли зист бошад, маънои онро дорад, ки шахс метавонад дар дохили кишвар ва ё берун аз он дар маҳалли мехостааш ҷои зисти худро муайян кунад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 32 с.
2. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 6 с.
3. Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ аз 16.12.1966. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 13 с.
4. Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи ҳуқуқу озодиҳои инсон аз 26 майи соли 1995. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://cis.minsk.by/page/ (санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 13 с.
5. Конвенсияи Аврупоӣ дар бораи ҳифзи инсон ва озодиҳои асосӣ аз 4 ноябри соли 1950. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.echr.coe.int/ (санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 34 с.
6. Конвенсияи Америкоӣ оид ба ҳуқуқи инсон аз 22 ноябри соли 1969. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http:///online.zakon.kz санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 22 с.
7. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 маи соли 1998, № 574. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 168 с.
8. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1. аз 30 июни соли 1999, № 802. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 108 с.
9. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 марти соли 2009, № 489. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 12 с.
10.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ” аз 26 марти соли 2009. № 489. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 12 с.
11.Азиззода, У.А. Велизода, С.О. Ташаккули ғояҳо дар хусуси озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ дар Тоҷикистони тоинқилобӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – № 4 (28) 2019. – С. 30-38.
12.Буриев, И.Б. Конституционно-правовое обеспечение свободы вероисповедания / И.Б. Буриев // Таджикистан на пути к правовому государству (государственно-правовые аспекты). Отв. редактор канд. юрид. наук. М.С. Хайдарова. – Душанбе, 1996.
13. Бурьянов С.А. Реализация конституционной свободы совести и свободы вероисповедания в Российской Федерации: дис…. канд.юрид. наук. М., 2009. – 212 с.
14.Вализода, С.О. Ташаккул ва инкишофи озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ дар Тоҷикистон. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе – 2020. – 188 с.
15.Вализода, С.О. Ташаккул ва инкишофи озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ дар давраи истиқлолияти Тоҷикистон // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – № 4 (28) 2019. – С. 39-48.
16.Валеев, Р.М. Международная защита прав человека на свободу совести и религии // Вестник Волжского Университета им. В.Н. Татищева. – 2012. – № 2 (76). – С. 124.
17.Диноршоев, А.М. Закрепление прав и свобод человека в Конституции Республики Таджикистан. – Душанбе, 2014. – 143 с.
18.Егоров, С.А., Прудникова, Т.А. Право на свободу передвижения и выбор места жительства — одно из конституционных прав граждан // Вестник Московского университета МВД России. – № 10, 2008. – С. 161.

19.Курманов, А. О конституционном праве граждан на свободу передвижения, выбора места пребывания и жительства // Экономика и управление: научно-практический журнал. – №1 (139), 2018. – С. 117.

20.Одиназода, С. Танзими ҳуқуқии озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2016. – №3 (03). – С. 133.

21.Сафарзода, Б.А. Международные стандарты в области прав человека: история и современность. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 324 с.

22.Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ». – Душанбе, 2015. – С. 24.

23.Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе, ЭР-граф, 2010. – 1000 с.

**Аннотатсия**

**Ҳифзи озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ, озодии ҳаракат ва интихоби ҷои зист мутобиқи санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақола масъалаи ҳифзи озодии виҷдон, эътиқоди динӣ, озодии ҳаракат ва интихоби ҷои зист мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалӣ асоснок кардаанд, ки ҳам қонунгузории миллӣ ва ҳам санадҳои байналмилалӣ эътироф ва ҳифзи неъматҳои ғайримоддии инсонро дар мисоли озодии виҷдон, эътиқоди динӣ, озодии ҳаракат ва интихоби ҷои зист ба роҳ мондаанд.

**Аннотация**

**Защита свободы совести и религии, свободы передвижения и выбора места жительства в соответствии с международными документами и законодательством Республики Таджикистан.**

В статье рассматривается защита свободы совести, религии, свободы передвижения и выбора места жительства в соответствии с законодательством Республики Таджикистан и международными актами. Автор в результате сравнительно-правового анализа таджикского законодательства и международных документов, утверждает, что как национальные, так и международные документы признают и защищают нематериальные блага человека, такие как свобода совести, религии, свобода передвижения и выбор места жительства.

**Annotation**

**Protection of freedom of conscience and religion, freedom of movement and choice of residence in accordance with international documents and legislation of the Republic of Tajikistan.**

The article examines the protection of freedom of conscience, religion, freedom of movement and choice of residence in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan and international acts. The authors, as a result of a comparative legal analysis of Tajik legislation and international documents, argues that both national and international documents recognize and protect the intangible benefits of a person, such as freedom of conscience, religion, freedom of movement and choice of residence.



**УДК:** 34 (342)

**Сафарзода Некрӯз Файзӣ,**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: nekruz-0101@mail.ru*
*Тел.: (+992) 939-25-98-28.*

# КАФОЛАТИ ҲУҚУҚ БА САЛОМАТӢ ДАР САТҲИ САНАДҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

***Калидвожаҳо:*** *ҳуқуқ ба саломатӣ; санадҳои байналмилалӣ; ҳуқуқи инсон; Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ; Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон; Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ; Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ.*

***Ключевые слова:*** *право на здоровье; международные акты; права человека; Всемирная организация здравоохранения; Всеобщая декларация прав человека; Международный пакт об экономических, социальных и культурных правах; Конвенция Содружества Независимых Государств о правах и основных свободах человека.*

***Keywords:*** *right to health; international acts; human rights; World Health Organization; Universal Declaration of Human Rights; International Covenant on Economic, Social and Cultural Rights; Commonwealth of Independent States Convention on Human Rights and Fundamental Freedoms.*

Аз замоне, ки инсоният тафаккури волои инсониро соҳиб шуда, ба муносибатҳои васеи ҷамъиятӣ ворид гардид, зарурати танзим ва муқаррар намудани ҳуқуқу манфиатҳои ӯ ба вуҷуд омад. Таърих башорат аз он медиҳад, ки ҳар як халқу миллат бо роҳу василаҳои гуногун воридшавии инсонро ба муносибатҳои ҷамъиятӣ танзим намуда, ба ӯ имконияти амалӣ намудани ҳадафҳои худро дар доираи арзишҳои инсонӣ фароҳам овардаанд. Дар марҳилаи кунунии рушди муносибатҳо, махсусан инкишоф ёфтани ҳамкориҳои байналмилалӣ бидуни муқаррар ва кафолат додани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд имконияти расидан ба ҳадаф ва мақсадҳои олии инсонӣ ғайриимкон хоҳад буд. Маҳз бо дарназардошти гуфтаҳои фавқуззикр ҷомеаи байналмилалӣ ҳуқуқҳои инсонро тавассути санадҳои мухталиф пешбинӣ ва кафолат дода, ҳаммисл эътирофу татбиқнамоии онҳоро барои давлатҳои аъзо муҳим ва ҳатмӣ шуморидааст. Ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ, ки ҳамчун ҳуқуқи иҷтимоии инсон дар доираи ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ эътироф гардидааст, моҳият ва кафолати худро аз санадҳои сатҳи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ гирифта, бо тарзу усулҳои гуногун тавзеҳ ёфтааст. Аммо, то кадом ҳад ҳуқуқи мазкур кафолат дода шудааст ва оё муқарраротои меъёрии санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ имконияти пурра дар амал татбиқ намуданашон ҷой дорад ё на, тарафи дигари масъала мебошад.

Масъалаи ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ на танҳо дар давлатҳои алоҳида, балки дар сатҳи байналмилалӣ мубрамияти бештарро соҳиб гардида, зарурати боз ҳам бештар ва фаҳмотар матраҳ намудани моҳияти он ба вуҷуд омадааст. Мубрамияти амалигардии ин ҳуқуқ боис ба он гашт, ки соли 2002 Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон вазифаи нав – маърӯзачии махсусро ҷиҳати назорати амалигардонии ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ аз ҷониби давлатҳои узв таъсис дод. Аммо, саволе ба миён моеяд, ки аз кай ва барои чӣ ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ дар сатҳи байналмилалӣ аҳамият ва мубрамияти бештарро пайдо намуд. Ин гуна масъалагузорӣ намудан ҳеҷ гоҳ маънои онро ифода намесозад, ки ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ то замони эътироф шуданаш дар сатҳи ҷаҳонӣ аҳамияте барои давлатҳои алоҳида надошт, балки шаҳодат аз он медиҳад, ки ҷомеаи байналмилалӣ дар ҳоли ғафлат ва бидуни дарки зарурияти эътирофи ин ҳуқуқ дар баробари ҳуқуқ ба ҳаёт қарор дошт ва танҳо оғози мубориза ҳои сатҳи ҷаҳонӣ (ҷангҳои якум ва дуёми ҷаҳон) боиси он гашт, ки онҳо аз хоби ғафлат берун оянд ва дарк намоянд, ки бидуни кафолат додани ҳуқуқи мазкур расидан ба ҳадафҳои стратегии сатҳи байналмилалӣ ва таъмин намудани сулҳи саросарӣ ғайриимкон аст.

Дар роҳи шинохт ва эътирофи ин ҳуқуқ то андозае нақш ва мавқеи Лигаи Миллатҳо назаррас маънидод мегардад, зеро ин ташкилоти байналмилалӣ пас аз интиҳои Ҷанги Якуми Ҷаҳонӣ ташкил ёфт ва дар моддаи 23-и Оинномаи худ аз давлатҳои аъзо талаб намуд, ки барои коргарон шароити хуби меҳнатӣ фароҳам оварда, дар як маврид бахри пешгирӣ ва мубориза бо бемориҳои сарзада чораҳои зарурира роҳандозӣ намоянд. Дар заминаи ин созмон соли 1920 Ташкилоти

тандурустӣ таъсис ёфт, ки яке аз вазифаҳои он ҳифзи саломатӣ ва пешгирӣ намудани бемориҳои сироятӣ ба ҳисоб мерафт. Вале, маврид ба зикр аст, ки то замони қабул намудани Конститутсияи (Оинномаи) Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ (минбаъд – СУТ), ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ҳамчун ҳуқуқи алоҳида эътироф нагардида буд. Оинномаи ташкилоти мазкур муқаррар менамояд, ки «соҳиб будан ба сатҳи олии саломатӣ яке аз ҳуқуқҳои асосии ҳар як инсон новобаста аз баромади миллӣ, динӣ, вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад» [3].

Бо оғоз гардидани кори комиссияи махсус ҷиҳати омода ва ба тасвиб расонидани санади муҳим дар самти ҳуқуқи инсон – Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ на ҳамчун ҳуқуқи алоҳида шинохта шуд, балки қисматҳои алоҳидаи он моҳияти худро дар моддаи 25-и ин санад пайдо намуданд. Аз ҷумла, пешбинӣ мегардад, ки «ҳар як инсон ба чунин сатҳи зиндагӣ, аз ҷумла хӯрок, пӯшок, манзил, нигоҳубини тиббӣ ва таъминоти зарурии иҷтимоие, ки барои сиҳатию некӯаҳволии худи ӯ ва оилааш зарур аст, ба таъминот дар ҳолатҳои бекорӣ, беморӣ, маъюбӣ, бесаробон мондан, пиронсолӣ ё дигар ҳолатҳои маҳрумшавӣ аз воситаҳои зиндагӣ, ки бо сабабҳои новобаста аз ӯ ба вуҷуд меоянд, ҳуқуқ дорад» [8, с. 10-11]. Вале, чунин шакли муқаррарнамоӣ ба гурӯҳе аз аъзои комиссия мақбул нашуда буд, аз ҷумла намоянда аз Ҷумҳурии Ҳиндустон аз он изҳори нигаронӣ намудааст, ки дар эъломия ҳуқуқ ба ёрии тиббӣ дарҷ наёфта, дар ҳамин замина зарур аст, ки истилоҳи «ҳуқуқ ба саломатӣ» истифода бурда шавад. Аммо, намояндаи ИҶШС доираи дарбаргирии ин истилоҳро номуайян маънидод намуда, доир ба истилоҳи «ҳуқуқ ба ёрии тиббӣ» иброз намудааст, ки он метавонад бо мурури замон ба таври васеъ маънидод карда шавад [7, с. 435]. Ба ҳар сурат, меъёри мазкур дар шакли ниҳоӣ ҳамон тавре дарҷ ёфт, ки мо манзур намудем, гарчанде то ин замон гунаҳои алоҳидаи моддаи мазкур пешниҳод гардида буданд.

Дар фарқият аз Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки ҳуқуқ ба саломатиро ҳамчун ҳуқуқи алоҳида эътироф накардааст, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (минбаъд – ПБҲИИФ) ба он ҳолати махсуси ҳуқуқӣ дода, онро ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои муҳимми инсон муаррифӣ намуд. Дар моддаи 12-и ПБҲИИФ чунин меъёр дарҷ ёфтааст: «Давлатҳои иштирокчии ҳамин Паймон ҳуқуқи ҳар як инсонро ба сатҳи олии дастрасии саломатии ҷисмонӣ ва равонӣ эътироф мекунанд. Тадбирҳое, ки бояд аз тарафи давлатҳои иштирокчии ҳамин Паймон барои пурра амалӣ шудани ин ҳуқуқ андешида шаванд, чорабиниҳоеро дар бар мегиранд, ки барои инҳо заруранд:

а) таъмини камшавии кӯдакони фавтида таваллудшуда ва фавти кӯдакон ва инкишофи кӯдаки солим;

б) беҳтар намудани ҳамаи самтҳои гигиенаи муҳити беруна ва гигиенаи меҳнат дар саноат;

в) пешгирӣ ва табобати бемориҳои сирояткунанда, маҳаллӣ, касбӣ ва дигар бемориҳо ва мубориза бар зидди онҳо;

г) ташкили шароите, ки кумаки тиббӣ ва нигоҳубини тиббиро ҳангоми беморӣ ба ҳама таъмин менамояд» [6, с. 20].

Бо дарназардошти меъёри мазкур метавон моҳиятан сатҳ ва сифати амалигардонии ҳуқуқ ба саломатиро дар давлатҳои аъзои Паймон пешгӯӣ намуд, яъне ин давлатҳо вазифадор гардидаанд, ки ба шахс сатҳи олитарини саломатиро кафолат дода, дастрасии ӯро ба ёрии тиббӣ таъмин намоянд. Аз ин рӯ, давлат бояд қонунгузорӣ ва низоми соҳаи тандурустии худро тарзе роҳандозӣ намояд, ки уҳдодории ба зимааш гузошташударо дар сатҳи зарурӣ иҷро намояд. Аммо, оё имконияти дар чунин сатҳ таъмин намудани ҳуқуқ ба саломатӣ дар тамоми давлатҳои аъзо ҷой дорад? Албатта, не. Зеро, дар заминаи муқаррароти мазкур ҳуқуқ ба саломатӣ дар шакли васеъ фаҳмида шуда, на танҳо ҳифз, балки чораҳои беҳдошт ва пешгирӣ аз омилҳои хатарнок ба саломатии инсонро фаро мегирад. Давлатҳои узв ҳеҷ гоҳ наметавонанд то шахсро ҳамеша солим нигоҳ доранд ва омилҳои хатарнок ба саломатии инсонро саривақт пешгӯиву пешгирӣ намоянд, балки вобаста ба имконият ва иқтидори иқтисодии давлат ба таври барномавӣ дар амалӣ намудани ҳуқуқи мазкур чораандешӣ менамоянд. Дар тавзеҳоти №14-и Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки дар он муқаррароти моддаи 12-и Паймон шарҳ дода мешавад, ошкоро дарҷ гардидааст, ки «зери ҳуқуқ ба саломатӣ сиҳат буданро фаҳмидан нашояд. Ҳуқуқ ба саломатӣ ҳам озодӣ ва ҳам ҳуқуқҳои вобастаро дар бар мегирад. Озодӣ ҳуқуқи назорат аз болои саломатӣ ва тани худ, инчунин, озодии ҷинсӣ ва репродуктивӣ ва ҳуқуқи аз ҳама гуна дахолат озод буданро дар бар мегирад, мисол ҳуқуқи озодӣ аз ҳама гуна шиканҷа ва бидуни розигии озод гирифтор шудан ба таҷрибаҳои тиббӣ ва илмӣ. Аз тарафи дигар ба ҳуқуқҳои маҳсулӣ ҳуқуқ ба низоми ҳифзи саломатӣ, ки ба одамон барои ноил шудан ба сатҳи ниҳоии саломатӣ имконияти баробар медиҳад, дохил мегардад» [4]. Инчунин, бояд қайд намуд, мушкилоти амалисозии ҳуқуқ ба саломатӣ ва рушди соҳаи тандурустӣ аз

ҳамкории мутақобилаи давлат ва шахс, ҳамзамон ҷомеаи байналмилалӣ вобастагии зич дорад. Аммо, месазад таъкид намуд, ки озодии комил додан ба шахс ҷиҳати фармонравоӣ аз болои саломатии худ дар баъзе маврид метавонад ба арзишҳои инсонӣ, фарҳанги башарӣ ва саломатии умум таъсири манфӣ низ дошта бошад. Масалан, ҳангоми таҳдид намудани бемориҳои сироятӣ, ба мисли вирусҳо набояд ба шахс озодии мутлақ дода шавад, балки баҳри таъмини солимии ҷомеа, миллат ва аҳли башар гунае аз ҳуқуқҳои ӯ маҳдуд карда шуда, табобати маҷбурии ӯ аз ҷониби давлат ба роҳ монда шавад. Зеро, дар сурати рӯи даст нагирифтани чунин тадбир, ҳатто имконият ҷой дорад то амнияти байналмилалӣ зери суол қарор гирад, ки инро метавон дар мисоли вируси «COVID-19» ё «коронавирус» мушоҳида намуд. Ин вирус соли 2019 дар шаҳри Ухани Ҷумҳурии мардумии Чин пайдо шуд ва то имрӯз қариб тамоми давлатҳои башарро сироят намуда, ҳазорҳо нафарро ба ҳалокат расонидааст. Бо ҳамин мақсад, моддаи 55-и Оинномаи СММ пешбинӣ менамояд, ки ҳалли мушкилоти соҳаи тандурустӣ баҳри таъмини амнияти башар нигаронида шудааст [5]. Инчунин, Конститутсияи (Оинномаи) СУТ муқаррар намудааст, ки «саломатии ҳамаи халқҳо роҳи асосии расидан ба сулҳ ва амният маҳсуб меёбад» [3]. Пас, имрӯз замоне фаро расидааст, ки муқаррароти моддаи 12-и ПБҲИИФ мавриди таҷдид қарор гирифта, мафҳуми ягонаи ҳуқуқ ба саломатӣ матраҳ карда шавад.

Агар, Оинномаи СУТ ва ПБҲИИФ ба ҳар кас ҳуқуқ ба саломатиро кафолат дода бошанд, пас баъзе аз санадҳои байналмилалии минтақавӣ (масалан, моддаи 11-и Хартияи аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон) ва давлатҳои алоҳида ин ҳуқуқро, махсусан ҳуқуқ ба ёрии тиббиро танҳо ба шаҳрвандони давлати худ кафолат медиҳанд. Аз ҷумла, моддаи 58-и Конститутсияи Харватия, моддаи 45-и Конститутсияи Белорусия, моддаи 34-и Конститутсияи Қирғизистон. Аммо, таҷриба нишон медиҳад, ки дар бештар маврид категорияҳои гуногуни шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бешаҳрванди муҳтоҷ ба ёрии тиббӣ буда, дар ҳоли дастрасӣ надоштан ба ин ҳуқуқ аниқ аст, ки ҳуқуқ ба саломатиашон поймол мегардад ва ин хилофи принсипи инсондӯстӣ ва муқаррароти Оинномаи СУТ ва ПБҲИИФ мебошад. Дар ҳамин замина, месазад иброз намуд, ки аз рӯи таҳқиқоти мутахассисон аксарияти кормандони СУТ-ро шахсоне ташкил медиҳанд, ки дорои маълумоти тиббӣ буда, аз лиҳози ҳуқуқӣ наметавонанд масъалаҳои мавҷударо дар самти ҳуқуқ ба саломатӣ ҳаллу фасл намоянд. Бо ҳамин назардошт, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи ҳифзи саломатии аҳолӣ дар миқёси дунё бо суръати бениҳоят суст инкишоф ёфта истодааст [1, с. 41]. Мушкилоти мавҷуда дар самти риоя ва ҳифзи ҳуқуқ ба саломатӣ аз ташкилотҳои махсусгардонидашуда, алалхусус СУТ тақозо менамояд, ки ба онҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, дар баробари ҳалли мушкилоти соҳаи тандурустӣ, инчунин аз лиҳози ҳуқуқӣ танзим намудани ҳуқуқҳои шахсро дар ин самт мавриди баррасӣ қарор дода, гуногунфаҳмии ҳуқуқ ба саломатӣ ва поймолшавии онро дар миқёси сайёра зери омӯзиш қарор диҳад. Муваффақият дар ин самт вақте назаррас хоҳад буд, агар СУТ дар баробари мутахассисони соҳаи тиббӣ, инчунин шумораи кормандони масъалаҳои ҳуқуқиро бештар намуда, онҳоро баҳри ҳалли мушкилоти ҷойдошта роҳнамоӣ созад.

Дар таносуб аз санадҳои қаблан зикргардида Конвенсияи ИДМ оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ истилоҳи «ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ»-ро истифода намудааст. Моддаи 15-и санади мазкур ҷиҳати амалӣ намудани ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ дар назди давлатҳои узв чунин вазифаҳоро вогузор менамояд:

а) то ҳадди имкон бартараф намудани омилҳое, ки ба саломатӣ таъсири манфӣ мерасонанд;

б) таъмин намудани хизматрасонии машваратӣ ва фароҳам овардани шароити таълимӣ баҳри таҳкими саломатӣ, инчунин баланд бардоштани уҳдадорӣ нисбат ба саломатии худ;

в) муҳайё намудани шароити санитарию гигиенӣ, ки ҳадди имкон сар задани бемориҳои сироятиро пешгирӣ менамоянд [2].

Инчунин, махсусияти ин конвенсия дар он зоҳир мегардад, ки ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои зикршуда ҳамкории давлатро бо кишварҳои дигар, ҳамзамон ташкилотҳои хусусӣ пешбинӣ менамояд.

Маврид ба тазаккур аст, ки ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ дар як қатор санадҳои дигари сатҳи байналмилалӣ, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои субъектони махсуси ҳуқуқро муқаррар ва танзим менамоянд, пешбиниву кафолат дода шудааст. Аз ҷумла, Конвенсияи СММ оид ба манъи табъизи нажодӣ аз соли 1965 (моддаи 5), Конвенсияи СММ оид ба манъи ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбат ба занон аз соли 1979 (моддаҳои 11-12), Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак аз соли 1989 (моддаи 24), Конвенсияи СММ оид ба ҳифзи ҳуқуқи ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо аз соли 1990 (моддаи 28), Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи шахсони маъюб аз соли 2006 (моддаи 25) ва ғ.

Дар асоси таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон, ки дар як вақт ҳуқуқ ба саломатиро кафолат додаанд, хулоса

намудан мумкин аст, ки замоне фаро расидааст то муқаррароти моддаи 12-и ПБҲИИФ мавриди таҷдид қарор дода шавад. Дар ин санади байналмилалии хусусияти универсалидошта, бояд мафҳуми ягонаи ҳуқуқ ба саломатӣ ҷой дода шавад ва уҳдадории давлатҳо ҷиҳати дар амал татбиқ намудани ин ҳуқуқ ба таври амиқ пешбинӣ гардад. Ҳангоми матраҳ намудани мафҳуми ягонаи ҳуқуқ ба саломатӣ ва муайян намудани уҳдадории давлат ҷиҳати амалӣ намудани ҳуқуқи мазкур бояд вазъи иқтисодӣ ва манфиати тамоми халқу миллатҳо ба инобат гирифта шавад. Зеро, кафолат додани ҳуқуқ ба саломатӣ дар сатҳи байналмилалӣ ҳоло маънои онро ифода наменамояд, ки ин ҳуқуқ дар амал татбиқ карда мешавад, балки он танҳо барои расман эътироф намудани ҳуқуқи ишорашуда хизмат менамояд. Яъне, имрӯз мақсади асосии ҷомеаи байналмилалӣ набояд танҳо дар шакли «де-юре» эътироф намудани ҳуқуқ ба саломатӣ бошад, балки дар шакли «де-факто» амалӣ гардидани ҳуқуқ ба саломатӣ бояд мақсад ва ҳадафи асосии ҷомеаи байналмилалӣ қарор гирад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Бартенев Д.Г. Право на охрану здоровья в международном праве. – СПб., 2006. – С. 41.
2. Конвенсияи ИДМ оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ аз 26-уми майи соли 1995. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://constitution.garant.ru/act/right/megdunar/1119744/ (санаи муроҷиат: 1.04.2020)
3. Конститутсияи (Оинномаи) Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ аз 22-юми июли соли 1946. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://apps.who.int/gb/bd/PDF/bd47/ RU/constitution-ru.pdf?ua=1 (санаи муроҷиат: 30.03.2020).
4. Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ. Тавзеҳоти тартиби умумии №14: Ҳуқуқ ба сатҳи олитарини дастрасии саломатӣ (моддаи 12-и Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ) аз 11-уми августи соли 2000. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ https://www.refworld.org.ru/docid/47ebcc3c2.html (санаи муроҷиат: 13.12.2019).
5. Оинномаи СММ аз 26-уми июни соли 1945. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ru/sections/un-charter/chapter-ix/index.html (санаи муроҷиат: 31.03.2020)
6. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16-уми декабри соли 1966. / Маҷмӯи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон. Мураттибон: З. Ализода, Б. Сафаров, Ҷ. Саъдизода, С. Қодирӣ ва А. Солиев. – Душанбе, 2018. – С. 20.
7. Тобес Б. Право на здоровье. Теория и практика. – М.: Устойчивый мир, 2001. – С. 435.
8. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10-уми декабри соли 1948. / Маҷмӯи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон. Мураттибон: З. Ализода, Б. Сафаров, Ҷ. Саъдизода, С. Қодирӣ ва А. Солиев. – Душанбе, 2018. – С. 10-11.



**Аннотатсия**

**Кафолати ҳуқуқ ба саломатӣ дар сатҳи санадҳои байналмилалӣ**

Ҳуқуқ ба саломатӣ аз ҷумлаи ҳуқуқҳои бунёдии инсон ба шумор рафта, дар сатҳи санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ кафолат дода шудааст. Дар мақолаи мазкур муаллиф кафолати ҳуқуқи мазкурро дар сатҳи санадҳои байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор дода, оид ба мушкилоти ҷойдошта дар ин самт ибрози назар намудааст. Аз ҷумла, пажӯҳишгар иброз менамояд, ки имрӯз замоне фаро расидааст то муқаррароти моддаи 12-и Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мавриди таҷдид қарор дода шавад. Дар ин санади хусусияти фарогирдошта бояд мафҳуми ягонаи ҳуқуқ ба саломатӣ бо дарназардошти вазъи иқтисодӣ ва унсурҳои хос ба ин ё он халқу миллат ҷой дода шавад.

**Аннотация**

**Гарантии права на здоровье на уровне международно-правовых документов**

Право на здоровье является одним из основных прав человека и гарантируется на уровне международных и национальных документов. В статье автор рассматривает гарантии этого права в международно-правовых документов и комментирует существующие проблемы в этой области. В частности, исследователь констатирует, что положения статьи 12 Международного пакта об экономических, социальных и культурных правах требует возобновления. Этот всеобъемлющий документ должен включать единую концепцию права на здоровье с учетом экономической ситуации и конкретных особенностей той или иной нации и народности.

**Annotation**

**Guarantees of the right to health at the level of international legal documents**

The right to health is one of the basic human rights and is guaranteed at the level of international and national documents. In the article, the author examines the guarantees of this right in international legal documents and comments on the existing problems in this area. In particular, the researcher states that the provisions of article 12 of the International Covenant on Economic, Social and Cultural Rights require renewal. This comprehensive document should include a unified concept of the right to health, taking into account the economic situation and the specific characteristics of a particular nation and people.



**УДК:** 346.9
**Акбарализода Джасур Акбарали,**
*главный специалист сектора анализа регуляторного воздействия Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан.*
*E-mail: jasurbek_e@mail.ru*
*Тел.:(+992) 926-60-09-74.*

# ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ПРОВЕДЕНИЯ АНАЛИЗА РЕГУЛЯТОРНОГО ВОЗДЕЙСТВИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Ключевые слова:*** *анализ регуляторного воздействия; Концепция; инструкция; нормативный правовой акт; предпринимательство; публичные консультации.*

***Калидвожаҳо:*** *таҳлили таъсири танзимкунӣ; Консепсия; дастурамал; санади меъёрии ҳуқуқӣ; соҳибкорӣ; машваратҳои оммавӣ.*

***Keywords:*** *regulatory impact assessment; Conception; instruction; regulatory legal act; entrepreneurship; public consultation.*

Государство и Правительство страны всегда уделяют особое внимание развитию предпринимательства и для его продвижения предпринимается большинство мер. Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон во всех своих посланиях подчеркивает важность развития этой общественно важной отрасли. В частности, в своем Послании «Об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики Таджикистан» от 20 апреля 2012 года он отмечал, что “Развитие предпринимательства и всестороннее содействие его деятельности является одной из первостепенных задач Правительства страны, ибо малое и среднее предпринимательство, особенно производственное предпринимательство, является одним из важных факторов повышения уровня и качества жизни народа страны, и надёжной основой обеспечения стабильного развития национальной экономики и решения социально-экономических проблем.

Именно с этой целью Правительство страны уделяет особое внимание поддержке и развитию предпринимательства, и в последние годы осуществило целый ряд реформ, направленных на упрощение процесса регистрации предпринимательской деятельности и сокращение наименований лицензионных документов”.

В то же время существовали искусственные административные барьеры в создании благоприятной среды для поддержки бизнеса, что привело к заторможению деятельности определенного числа предпринимателей. Данный вопрос стал предметом тщательного изучения соответствующего органа, в результате чего идеи и рекомендации экспертов были отражены в “Концепции системы анализа регуляторного воздействия в Республике Таджикистан” (далее – Концепция) [1] и представлены на рассмотрение в Правительство Республики Таджикистан. В Концепции отражены все стороны анализа регуляторного воздействия (далее АРВ), обосновывается необходимость данного инструмента в Республике Таджикистан, изучаются опыт применения развитыми странами данного инструмента, а также цель и задачи АРВ. Целью данной Концепции является разработка политики АРВ и системы её управления, которую можно внедрить посредством юридических, институциональных, бюджетных и политических решений. Концепция описывает компоненты предложенной системы АРВ, основывающейся на децентрализованной модели. Область применения АРВ будет ограничена нормативными правовыми актами, имеющими потенциальное воздействие на субъекты предпринимательства. Правительство Республики Таджикистан сталкивается на постоянной основе с необходимостью принятия важных решений, в том числе с необходимостью нахождения баланса между различными вариантами действий и соображениями текущих и будущих выгод, формирования благосостояния, его сохранения и перераспределения, обеспечения экономического развития и охраны окружающей среды, защиты интересов граждан. Сегодня одним из основных инструментов, используемых государственными органами для решения проблем в вышеперечисленных областях, являются нормативные правовые акты.

Таким образом Правительство Республики Таджикистан на основе своего Постановления от 18

ноября 2015 года утвердило вышеуказанную Концепцию. Вместе с Концепцией был принят план мероприятий по реализации “Концепции системы анализа регуляторного воздействия в Республике Таджикистан”, в соответствии с которым, а также с целью правового регулирования данного вопроса была предусмотрена мера по внесению изменений и дополненй в Закон Республики Таджикистан “О нормативных правовых актах”, с целью реализации данной меры был представлен Закон Республики Таджикистан “О нормативных правовых актах” в новой редакции, дополненный новой 4 главой под названием “Особенности планирования, разработки, анализа регуляторного воздействия нормативных правовых актов, имеющих потенциальное воздействие на предпринимательскую деятельность” [2].

Самой важной нормой в этой главе является порядок проведения анализа регуляторного воздействия. АРВ - метод принятия решений, основанный на фактических доказательствах, используемый при принятии регулятивных решений, процесс систематического выявления и оценки с помощью последовательного аналитического метода (например, анализа выгод и затрат) возможных эффектов, которые могут проявиться в результате введения тех или иных регулятивных мер. Как отмечают исследователи Д.О. Дерман и Д.Б. Цыганков, основной целью использования АРВ является максимизация эффективности затрат, зачастую неразрывно связанная с необходимостью их уменьшения [3].

Процесс предполагает проведение детального анализа для того, чтобы убедиться, окажут ли новые положения желаемое воздействие или нет. В ходе проведения данного типа анализа выявляются потенциальные неожиданные последствия или скрытые издержки, ассоциированные с нормативными требованиями, а также определить возможные издержки соблюдения этих положений со стороны граждан или деловой среды, а также положительные или отрицательные экономические и социальные последствия.

Эффективность законотворчества и законодательства, достижение целей нормотворчества невозможны без оценки качества подготовки и принятия нормативных правовых актов, а основным инструментом проверки их качества служит анализ регуляторного воздействия. Как справедливо отметил директор департамента оценки регулирующего воздействия [4] Министерства экономического развития Российской Федерации В.А. Живулин, “оценка регулирующего воздействия - это наука мыслить и брать на себя ответственность. Формирование привычки у чиновников заранее думать о возможных последствиях” [5].

Особо следует подчеркнуть, что объектом АРВ являются принимаемые в государственном управлении решения в виде различных нормативных правовых актов, как правило, на этапе их разработки, то есть проекты законов, постановлений, распоряжений, указов и другие.

А предметом являются отношения, преимущественно в экономической сфере, между хозяйствующими субъектами предпринимательс-кой деятельности, обществом и государством, на которые оказывает воздействие принимаемые регулирующие решения [6].

Данный институт применяется во многих развитых и развивающихся странах, включая Содружество Независимых Государств. Среди стран, которые применяют АРВ можно перечислить: Великобританию, Голландию, Австралию, Ирландию, Новую Зеландию, Канаду, Российскую Федерацию, Казахстан, Кыргызстан, Молдову. Эти страны, разработали и на протяжении многих лет применяют АРВ в процессе разработки нормативных правовых актов.

Как показал опыт разных стран, непрерывное, последовательное и действенное применение АРВ в течение определенного срока может благоприятно изменить практики регулирования, регуляторную (нормативно-правовую) среду, улучшить деловой климат и сократить затраты, связанные с государственным регулированием. АРВ не только обеспечивает высокое качество нормативных положений, но и способствует улучшению подходов к регулированию со стороны государственных органов, что является крайне важным. В этих целях планируется создать систему АРВ для проектов новых нормативных правовых актов.

Основной задачей внедрения АРВ в Таджикистане является сокращение затрат и рисков для деловой среды, связанных с государственным регулированием, в том числе изменением действующего законодательства посредством систематической оценки воздействия новых нормативных правовых актов на субъекты предпринимательства, тендерное влияние, влияние на деловой и инвестиционный климат. Конечной целью внедрения института АРВ, является улучшение бизнес-среды и инвестиционного климата, процесса разработки нормативных правовых актов и повышение качества регулирования в целом, с применением современной предварительной системы оценки, в

рамках которой новые нормативные правовые акты разрабатываются на основе принципов эффективного регулирования.

Также в Законе Республики Таджикистан "О нормативных правовых актах" дается следующее определение АРВ: принятие нормативного правового акта на основе реальных доказательств определения положительных и отрицательных социально - экономических последствий, с учетом обеспечения соблюдения прав и свобод человека, интересов предпринимателей и государства.

Из определения становится понятно, что нормативные правовые акты, в будущем непосредственно воздействующие на предпринимательскую деятельность будут проанализированы в специальном порядке.

Анализ регуляторного воздействия в Республике Таджикистан проводится на основе ст.ст. 34-38 вышеуказанного Закона. Также вместе с дополнением к Закону Республики Таджикистан "О нормативных правовых актах" была принята Инструкция по проведению анализа регуляторного воздействия в Республике Таджикистан от 31 июля 2018 года, утвержденная Постановлением Правительства Республики Таджикистан [7], которая также была предусмотрена в пункте 28 вышеуказанной Концепции.

Согласно вышеуказанному закону и инструкции Национальный центр законодательства является уполномоченным органом по анализу регуляторного воздействия, но фактически он выполняет надзорную функцию по соблюдению порядка проведения анализа регуляторного воздействия со стороны органа разработчика проекта нормативного правового акта.

Появление и развитие института анализа регуляторного воздействия обусловлено потребностью в повышении качества правового регулирования общественных отношений в социально-экономической сфере. То есть, данный институт имеет ключевое значение в повышении качества реализации принимаемых нормативных правовых актов, в частности в области предпринимательства. Как отмечает В.А. Власов, проведение анализа регуляторного воздействия нормативных правовых актов, а также их принятие будет способствовать упорядочению деятельности органов государственного контроля, исключит дублирование их функций, уменьшит давление контролирующих органов на субъекты предпринимательства и одновременно повысит эффективность механизма государственного контроля за предпринимательской деятельностью. То есть, предполагается опосредованный эффект от применения регулятивного акта в части обеспечения баланса интересов государства и предпринимательства [8].

Таким образом, для качественной разработки и реализации нормативных правовых актов должны предприниматься следующие шаги: во-первых, первый блок вопросов, которые должны найти отражение при АРВ, связан с определением проблемы. Неточное понимание проблемы может привести к принятию неправильного решения, к излишней зарегулированности (или, наоборот, к ошибочному отказу от регулирования), и, в конечном счете, к тому, что, несмотря на все усилия, проблема останется неразрешенной. Проблема должна быть сформулирована и описана максимально конкретно. По возможности, наличие проблемы должно быть подтверждено количественной информацией, основанной на данных, которые могут быть верифицированы независимым исследователем. Желательным является подтверждение существования проблемы несколькими независимыми источниками данных (например, данные объективной статистики и данные об обращениях граждан) [9]. Необходимо выявление основных групп, на которые воздействует проблема и масштаб воздействия проблемы. Если проблема оказывает незначительное или малое воздействие, введение какого-либо регулирования в большинстве случаев нецелесообразно. Если же влияние велико, проведение оценки регулирующего воздействия поможет определить необходимость и оптимальный способ государственного вмешательства.

Во-вторых, определение целей регулирования. Цель не должна подразумевать под собой готовое решение, а скорее, должна способствовать оценке нескольких вариантов ее достижения. Она должна формулироваться максимально четко. В-третьих, определение возможных вариантов достижения цели, где сначала рассматриваются варианты с минимальным государственным вмешательством, а лишь затем варианты более масштабного вмешательства. В качестве одной из опций обязательно следует рассматривать вариант невмешательства. В-четвертых, в ходе анализа различных вариантов решения проблемы (достижения цели) необходимо сначала идентифицировать все возможные воздействия каждой из рассматриваемых опций, а затем оценить каждое из воздействий качественно и, по возможности, количественно. При анализе целесообразно выделять как минимум три группы, на которые воздействует регулирование:

потребители, бизнес, государство. Затем они могут быть классифицированы далее в соответствии с различными критериями. Необходимо определить возможные прямые и косвенные экономические, социальные и экологические воздействия. В случае, если какие-либо воздействия сложно идентифицировать, это должно быть оговорено отдельно. В-пятых, выдвижение рекомендуемого варианта, который должен отвечать критериям административной простоты, гибкости и эффективности (сравнительной и общей). На орган, предлагающий то или иное регулирующее решение, ложится полная ответственность за доказательство того, что предложенная альтернатива является наилучшей.

Необходимо также убедиться, что предлагаемые процедуры и требования будут правильно поняты всеми заинтересованными лицами. В случае принятия определенных законодательных норм следует проследить за тем, чтобы они не дублировали и не противоречили уже существующим требованиям, четко вписываясь в общее правовое поле.

В некоторых случаях можно предусмотреть встроенную возможность для регулирующего органа в определенных случаях отказываться или изменять действующую систему в соответствии с обстоятельствами.

А основой института АРВ являются публичные консультации или обсуждения, где заинтересованные стороны могут внести свои предложения или замечание по поводу принимаемых нормативных правовых актов. Публичные консультации - это участие государственных органов, заинтересованных сторон, в том числе предпринимателей, специалистов, общественных организаций и т. д. в процессе подачи предложений и запросов на планы разработки проектов нормативных актов. Порядок проведения публичных консультаций установлен в ст. 35 вышеуказанного Закона. Согласно ей срок проведения публичных консультаций для планов по разработке проектов нормативных правовых актов составляет не менее 30 дней. Таким образом публичные консультации открываются с момента размещения уведомления в Реестре планов по разработке проектов нормативных правовых актов, все физические и юридические лица, государственные органы имеют право внести свои предложения, относительно размещения уведомления по подготовке проектов нормативных правовых актов до окончания публичных консультаций, то есть в течение 30 дней. Все внесенные предложения изучаются разработчиком нормативного правого акта и по результату рассмотрения их разработчик, может принять два вида решений. В случае, если предложения положительные и план по разработке проекта нормативного правового акта будет поддержан заинтересованными субъектами, то будет принято решение по разработке проекта нормативного правового акта. Если предложения публичных консультаций будут против разработки нормативного правового акта с обоснованием о ненадобности разработки соответствующего проекта, то разработчик может принять решение об отказе от дальнейшего принятия такого проекта.

Стоит отметить, что публичные консультации проходят и для планов по разработке проектов нормативных правовых актов, и для самих проектов нормативных правовых актов, то есть в два этапа, что в общей сложности составляет 60 дней.

Публичные консультации являются одним из способов участия общества, то есть всех заинтересованных сторон в правотворческой деятельности, обеспечивается реализация принципов правотворческой деятельности, указанных в ст. 3 Закона Республики Таджикистан "О нормативных правовых актах" - гласность и прозрачность, научность, профессионализм, учет общественного мнения.

Таким образом, анализ регуляторного воздействия позволяет улучшить качество принимаемых решений в сфере регулирования при условии качества и достоверности данных, используемых при анализе, а также проведения общественных обсуждений результатов проведенного анализа. Важно проводить анализ регуляторного воздействия, как до выпуска нового регуляторного инструмента, так и уже существующих нормативных правовых актов. При сокращении разрешительной системы и с применением АРВ ожидается, что условия ведения бизнеса в Республике Таджикистан улучшатся.

**Список литературы:**

1. Концепция системы анализа регуляторного воздействия, утвержденное постановлением Правительства Республики Таджикистан от 18 ноября 2015 года, №673 [Электронная версия] // Адлия: Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан. Версия 7.0 / М-юстиции Республики Таджикистан. - Душанбе, 2021. 1 электрон.

2. Закон Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» от 30 мая 2017 года, №1414 [Электронная версия] // Адлия: Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан. Версия 7.0 / М-юстиции Республики Таджикистан. - Душанбе, 2021. 1 электрон.

3. Дерман Д.О., Цыганков Д.Б. Сравнительный анализ внедрения инструментов оценки регулирующего воздействия в России и СНГ [Электронный ресурс] Режим доступа:- URL:https://www.hse.ru/data/2011/10/06/1270660628/Derman+Tsygankov%20final.pdf (дата обращения: 25.08.2021).

4. В Российской Федерации данный институт именуется «оценка регулирующего воздействия».

5. Живулин В.А. Об оценке регулирующего воздействия. URL: http://economy.gov.ru/minec/activity /sections/ ria/info. ( дата обращения: 10.09.2021).

6. Колегов В.В. Оценка регулирующего воздействия как инструмент принятия эффективных управленческих решений на государственном уровне /В.В.Колегов // Финансы и кредит. – 2009.- №26.- С. 61-69.

7. Инструкция по проведению анализа регуляторного воздействия в Республике Таджикистан, утвержденная постановлением Правительства Республики Таджикистан от 31 июля 2018 года [Электронная версия] // Адлия: Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан. Версия 7.0 / М-юстиции Республики Таджикистан. - Душанбе, 2021. 1 электрон.

8. Власов В.А. Анализ регуляторного влияния направлений повышения эффективности государственного контроля за хозяйственной деятельностью в Украине // Вопросы управления, 2014. – С. 19.

9. Tsygankov D.B. Regulatory impact assessment in Russia, in: Regulatory Reforms – Implementation and Compliance: Proceedings of the Tenth Congress of the International Association of Legislation (IAL) in Veliky Novgorod, June 28–29 th , 2012 / Ed. by S.V. Kabyshev, L. Mader. Vol. 17. Baden-Baden: Nomos, 2014. P. 249–267.

10. Крючкова П. В. Оценка регулирующего воздействия и модернизация системы государственного регулирования // Общественные науки и современность. – 2006. – № 4. – С. 21–31.

11. Об общих принципах организации законодательных (представительных) и исполнительных органов государственной власти субъектов Российской Федерации» : Федеральный закон от 6 окт. 1999 г. № 184-ФЗ (ред. от 9 марта 2016 г.). – URL: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_14058/ (дата обращения: 20.09.2021).

**Аннотатсия**

**Танзими ҳуқуқии гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои танзими ҳуқуқии гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, дар доираи он санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ин соҳа мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Падидаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нав буда, метавонад ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ таъсири назаррас расонад, зеро таҳлили таъсири танзимкунӣ воситаи танзим ва таъсири он ба фаъолияти соҳибкориро таҳқиқ менамояд. Дар мақола барои ҳадафмандона амалӣ намудани раванди таҳлили таъсири танзимкунӣ тавсияҳо пешниҳод карда шудааст.

**Аннотация**

**Правовое регулирование проведения анализа регуляторного воздействия в Республике Таджикистан**

В данной статье рассматриваются вопросы правового регулирования проведения анализа регуляторного воздействия в Республике Таджикистан, изучаются нормативные правовые акты в данной сфере. Данный институт является новым в Республике Таджикистан и может оказать значительное влияние на развитие предпринимательства, так как анализ регуляторного воздействия исследует регулятивный инструмент и его воздействия на предпринимательскую деятельность. В работе для целенаправленного проведения анализа регуляторного воздействия предлагаются некоторые рекомендации.

**Annotation**

**Legal regulation of regulatory impact assessment in the Republic of Tajikistan**

In this article issues of legal regulation of the regulatory impact assessment in the Republic of Tajikistan are considered, also the regulatory legal acts in this area are studied. This institution is new in the Republic of Tajikistan and can have a significant impact on the development of entrepreneurship, since the regulatory impact assessment examines the regulatory instrument and its impact on entrepreneurial activity. The paper offers some recommendations for the effective conduct of the regulatory impact assessment.

**12.00.02 – ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ, МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; ҲУҚУҚИ МУНИСИПАЛӢ (НИЗОМИ НАМОЯНДАГӢ)**
**12.00.02 – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ ПРОЦЕСС; МУНИЦИПАЛЬНОЕ ПРАВО (ПРЕДСТАВИТЕЛЬНАЯ СИСТЕМА)**



**УДК:** 342.726
**Шарифзода Фарангис Шариф,**
*сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба сохтори давлатӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: farangis.sharif@bk.ru*
*Тел.: (+992) 903-03-04-40.*

# ИШТИРОКИ ШАҲРВАНДОН ДАР ТАЪМИНИ ТАРТИБОТИ ҶАМЪИЯТӢ: ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚӢ

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон; тартиботи ҷамъиятӣ; санадҳои меъёри-ҳуқуқӣ; мақомоти корҳои дохилӣ; давлатҳои аъзои ИДМ; дружинаи халқӣ.*
***Ключевые слова:*** *Республика Таджикистан; общественный порядок; нормативно-правовые акты; органы внутренних дел; государства-участники СНГ; народный дружинник.*
***Keywords:*** *Republic of Tajikistan; public order; normative-legal acts; law enforcement agencies; CIS member states; folk squad.*

Иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар якчанд давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бо қонунҳои алоҳида танзим ёфтааст, ки барои фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ дар огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷониби шаҳрвандон нақши муҳим дорад. Дар илми ҳуқуқ яке аз усулҳои панҳшудаи такмили қонунгузорӣ таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ба шумор меравад, зеро дар раванди он қонунгузории давлатҳои дигар аз нуқтаи назари истифодаи ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии он дар қонунгузории миллӣ таҳлил карда мешавад. Ба андешаи олим Сотиволдиев Р.Ш. усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ аҳамияти муҳими амалӣ дошта, муқоисаи қонунгузории Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ имконият медиҳад, ки хусусиятҳои мусбии онҳо истифода шавад [1, с. 49].

Дар таҳлили муқоисавии мазкур масъалаҳои танзими ҳуқуқии иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар баъзе аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ба монанди Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Беларус мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

Дар Федератсияи Россия Қонуни Федералӣ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ» аз 2 апрели соли 2014, №44-ФЗ қабул гардида (минбаъд – Қонуни Федератсияи Россия), он аз 5 боб ва 28 модда иборат мебошад [2].

Фароҳам овардани шароитҳои ҳуқуқӣ барои иштироки ихтиёрии шаҳрвандони Федератсияи Россия дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ мақсади Қонуни Федератсияи Россия ба шумор меравад. Қонуни Федератсияи Россия принсипҳо ва шаклҳои асосии иштироки шаҳрвандон дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, иштироки шаҳрвандон дар ҷустуҷӯи шахсони бедарак гумшуда, хусусиятҳои таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии самти ҳифзи ҳуқуқ, ки ҳадафи онҳо ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, тартиб ва хусусиятҳои ташкил ва фаъолияти дружинаҳои халқӣ, инчунин вазъи ҳуқуқии дружинаҳои халқиро муқаррар мекунад.

Дар моддаи 2 Қонуни Федератсияи Россия мафҳумҳои «иштироки шаҳрвандон дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ», «иштироки шаҳрвандон дар ҷустуҷӯи шахсони бедарак гумшуда», «корманди ғайриштатии милитсия», «иттиҳодияи ҷамъиятии самти ҳифзи ҳуқуқ», «дружинаи халқӣ», «дружиначии халқӣ», «феҳристи дружинаҳои халқӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии самти ҳифзи ҳуқуқ дар субъектҳои Федератсияи Россия» шарҳ дода шудаанд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, чунин модда вуҷуд надорад, гарчанде дар матни қонун мафҳумҳое истифода гардидаанд, ки зарурати шарҳ намуданро доранд.

Моддаи 4 Қонуни Федератсияи Россия принсипҳои иштироки шаҳрвандонро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ муқаррар менамояд, ки чанде аз принсипҳои мазкур дар Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон истифода нашудааст, ба монанди принсипҳои “қонуният”, “афзалияти ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд” ва “ҳуқуқи ҳар шахс ба худмуҳофизатӣ аз таҳдидҳои зиддиҳуқуқӣ бо тамоми воситаҳое, ки бо қонун манъ нагардидаанд”.

Бояд зикр намуд, ки дар Қонуни Федератсияи Россия фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ оид ба таъмини иштироки шаҳрвандон дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ дар моддаи алоҳида танзим мегардад. Шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо, ки дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ иштирок менамоянд аз ҷониби мақомоти мазкур дастгирӣ карда мешаванд.

Агар дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ду шакли иштирок дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, яъне иштироки инфиродӣ ва узвият дар дружинаҳои ихтиёрӣ муайян гардида бошад [3], мутобиқи Қонуни Федератсияи Россия шаклҳои иштироки шаҳрвандон дар ҳифзи тартиботи иборат аст аз:

- мусоидат ба мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;
- иштироки шаҳрвандон дар кофтукови шахсони бедарак гумшуда;
- ҳамкории ғайриштатӣ бо милитсия;
- иштироки шаҳрвандон дар фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии самти ҳифзи ҳуқуқ.

Бо мақсади мусоидат ба мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шаҳрвандон ҳуқуқ доранд дар чорабиниҳо оид ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, дар баргузории чорабиниҳои варзишӣ, фарҳангӣ ва дигар чорабиниҳои оммавӣ иштирок, инчунин мутобиқи қонугузорӣ дигар намуди мусоидатро амалӣ намоянд.

Мутобиқи Қонуни Федератсияи Россия дар кофтукови шахсони бедарак гумшуда шаҳрвандоне, ки ба синни 18-солагӣ расидаанд ҳуқуқи иштирок намуданро доранд. Шаҳрвандон зимни иштирок дар кофтукови шахсони бедарак гумшуда уҳдадор мебошанд, ки бо амалҳои худ ба фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ халал нарасонанд, ба кормандони мақомоти зикршуда, шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ оид ба тамоми далелҳои муҳим хабар расонанд, дар ҳолатҳои садама, ҷароҳат бардоштан ва дигар ҳолатҳои таҳдидкунанда ба ҳаёт ва саломатӣ ба шаҳрвандон ёрии аввал расонанд.

Мутобиқи моддаи 10 Қонуни Федератсияи Россия барои ҳамкории ғайриштатӣ бо милитсия шахсоне, ки ба синни 18-солагӣ расидаанд метавонанд ҷалб карда шаванд, ки тартиби онро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи корҳои дохилӣ муқаррар менамояд.

Шаҳрвандони зерин дар Федератсияи Россия наметавонанд корманди ғайриштатии милитсия бошанд:

- онҳое, ки доғи судии барҳамнахӯрда ё бардоштанашуда доранд;
- нисбати онҳо таъқиби ҷиноятӣ амалӣ шуда истодааст;
- қаблан барои ҷинояти қасдона маҳкум шудааст;
- ба рӯйхати ташкилот ва шахсони воқеии экстремистӣ ё террористӣ дохил гардидааст;
- нисбати онҳо бо қарори ба қувваи қонунӣ даромадаи суд муқаррар гардидааст, ки дар амали онҳо нишонаҳои фаъолияти экстремистӣ вуҷуд дорад;
- онҳое, ки аз бемориҳои рӯҳӣ, наркологӣ ва майзадагӣ азият мекашанд;
- тибқи қарори ба қувваи қонунӣ даромадаи суд ғайриқобили амал ё қобилияти амалашон маҳдуд эътироф гардидаанд;
- пас аз ҷалб намудан барои ҳамкории ғайриштатӣ бо милитсия дар давоми сол такроран бо тартиби судӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ ҷалб гардидаанд;
- аз рӯи вазъи саломатӣ ба талаботи муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи корҳои дохилӣ мувофиқ намебошанд;
- онҳое, ки шаҳрвандии давлати хориҷиро доранд.

Кормандони ғайриштатии милитсия ҳангоми ба вуҷуд омадани яке аз ҳолатҳои болозикр, дар асоси аризаи шахсӣ, дар сурати такроран иҷро накардани уҳдадориҳои ба ӯ вогузоргардида, қатъи шаҳрвандӣ ва дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ аз ҳайати кормандони ғайриштатии милитсия хориҷ карда мешаванд. Дар моддаи зикршуда, инчунин ҳуқуқу уҳдадориҳои корманди ғайриштатӣ ва таъминоти молиявии онҳо танзим карда шудааст.

Бояд зикр намуд, ки тибқи Қонуни Федератсияи Россия ҳангоми қабул намудан ба ҳайати иттиҳодияҳои ҷамъиятии самти ҳифзи ҳуқуқ ва дружинаҳои халқӣ, инчунин дар ҳолати хориҷ намудан аз онҳо маҳдудиятҳои зикршуда ба инобат гирифта мешаванд.

Шакли дигар тибқи Қонуни Федератсияи Россия иштироки шаҳрвандон дар фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии самти ҳифзи ҳуқуқ мебошад. Шаҳрвандони 18-сола ҳуқуқ доранд дар фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии самти ҳифзи ҳуқуқ, ки дар маҳалли зист, кор ё таҳсил дар шакли мақомоти худфаъолият бе ташаккули шахси ҳуқуқӣ

таъсис дода мешаванд, иштирок намоянд. Иттиҳодияҳои ҷамъиятии мазкур метавонанд пас аз ворид намудан ба феҳристи маҳаллӣ дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ иштирок намоянд. Иттиҳодияҳои ҷамъиятии зикршуда дар ҳудуди таъсисёфта ҳуқуқ доранд ба мақомоти корҳои дохилӣ вобаста ба ҳуқуқвайронкуние, ки ба тартиботи ҷамъиятӣ таҳдид дорад хабар расонанд, ба мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар чорабиниҳо оид ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат карда, инчунин дигар ҳуқуқҳоро мутобиқи қонунгузорӣ амалӣ намоянд.

Боби 3 Қонуни Федератсияи Россия тартиби таъсис ва фаъолияти дружинаҳои халқиро ба танзим медарорад. Дружинаҳои халқӣ бо ташаббуси шаҳрвандоне, ки дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ хоҳиши иштирок намуданро доранд, дар шакли ташкилоти ҷамъиятӣ бо огоҳонидани мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва мақоми корҳои дохилии ҳудуди дахлдор таъсис дода мешавад. Дружинаҳои халқӣ дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ пас аз ворид намудан ба феҳристи маҳаллӣ метавонанд иштирок намоянд. Самтҳои асосии фаъолияти дружинаҳои халқӣ инҳо мебошанд:

- мусоидат ба мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ;
- иштирок дар огоҳонидан ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар ҳудуди таъсисёбӣ;
- иштирок дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳолатҳои фавқулодда;
- паҳн намудани донишҳои ҳуқуқӣ, фаҳмондадиҳии қоидаҳои рафтор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ.

Ба дружинаҳои халқӣ дар асоси ихтиёрӣ шахсоне, ки ба синни 18-солагӣ расидаанд, аз рӯи сифатҳои корӣ ва шахсӣ барои иҷрои уҳдадориҳои дружинаи халқӣ қобил мебошанд, қабул карда мешаванд. Дружиначиёни халқӣ аз рӯи самтҳои асосии фаъолияти дружинаҳои халқӣ, аз ҷумла ҳолатҳои истифодаи қувваи ҷисмонӣ ё расонидани ёрии аввали тиббӣ тайёрии дахлдорро мегузаранд, ки тартиби онро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи корҳои дохилӣ тасдиқ менамояд. Дар баробари ин, ҳуқуқу уҳдадориҳои дружинаҳои халқӣ, ҳамкории онҳо бо мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии дружиначиёни халқӣ ва кормандони ғайриштатӣ, ҳавасмандгардонӣ ва имтиёзҳо нисбати онҳо дар Қонуни Федератсияи Россия ба таври муфассал танзим ёфтааст, ки ба инобат гирифтани меъёрҳои он зимни такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад арзёбӣ мегардад.

Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» (минбаъд – Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон) аз 9 июли соли 2004, № 590-II қабул гардида, он аз 9 модда иборат мебошад. Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро, ки вобаста ба иштироки ихтиёрии шаҳрвандони Ҷумҳурии Қазоқистон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба миён меоянд, танзим мекунад[4].

Дар моддаи якуми Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон пешбинӣ гардидааст, ки амали Қонуни мазкур ба муносибатҳои ҳуқуқие, ки ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ алоқаманд аст паҳн намегардад. Ба инобат гирифтани таҷрибаи мазкур аз манфиат холӣ нест, зеро мусоидати шаҳрвандон ба мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар як вақт маънои иштироки онҳоро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дорад. Гарчанде, мақсади амалӣ намудани фаъолиятҳои мазкур ба ҳам монанд мебошанд, вале самти фаъолият ва механизми амалӣ намудани он аз ҳам фарқ менамояд.

Дар муқоиса ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иштироки инфиродӣ ва узвият дар дружинаҳои ихтиёриро пешбинӣ менамояд, дар Ҷумҳурии Қазоқистон иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ бо роҳи мусоидати ихтиёрии онҳо ба мақомоти корҳои дохилӣ амалӣ карда мешавад.

Моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои асосии иштироки шаҳрвандонро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ пешбинӣ намудааст, ки иборат аст аз ихтиёрӣ будан, баробарии ҳама дар назди Қонун, адолати иҷтимоӣ ва инсондӯстӣ, эҳтиром ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳамкории доимӣ бо мақомоти давлатие, ки тартиботи ҷамъиятиро таъмин менамоянд, ҳифзи ҳуқуқию иҷтимоии шаҳрвандон, ки дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ иштирок мекунанд. Дар Ҷумҳурии Қазоқистон бошад, шаҳрвандон дар асоси принсипи қонуният ва эҳтирому риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд фаъолият менамоянд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон ваколати мақомоти маҳаллии намояндагӣ ва иҷроия оид ба масъалаи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар моддаи алоҳида танзим гардидааст. Мутобиқи моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон мақомоти намояндагии маҳаллӣ барномаҳои буҷетиро вобаста ба ҷудо намудани маблағҳо барои

ҳавасмандгардонии шаҳрвандон баррасӣ ва тасдиқ карда, фаъолияти комиссияҳои ҳавасмандгардониро назорат ва дигар ваколатҳоро тибқи қонунгузорӣ амалӣ менамояд. Бақайдгирӣ ва пешбурди баҳисобгирии шаҳрвандоне, ки дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ иштирок менамоянд, таъсиси комиссияҳои ҳавасмандгардонӣ, андешидани чораҳо барои ҷалби шаҳрвандон ҷиҳати ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ба доираи ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллӣ дохил мешаванд.

Бояд зикр намуд, ки тартиби бақайдгирӣ ва баҳисобгирии шаҳрвандоне, ки дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ хоҳиши иштирок доранд дар Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон ба таври мушаххас танзим карда шудааст, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ин гуна мушаххасот ба назар намерасад.

Бо дарназардошти он, ки дар Ҷумҳурии Қазоқистон танҳо як роҳи иштирок дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ пешбинӣ шудааст, бақайдгирӣ ва баҳисобгирии онҳо бо як тартиб амалӣ мегардад. Яъне, дар Ҷумҳурии Қазоқистон шаҳрванде, ки хоҳиши иштирокро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дорад, бо ариза ба мақомоти корҳои дохилӣ муроҷиат менамояд. Мақомоти корҳои дохилӣ дар давоми 30 рӯз шаҳрвандро аз рӯи қайди наркологӣ, бемориҳои рӯҳӣ ва дигар қайдҳо мавриди санҷиш қарор дода, ба мақомоти иҷроияи маҳаллӣ бо дархост ва замимаи ҳуҷҷатҳои дахлдор пешниҳод менамояд ё ба таври хаттӣ бо нишон додани асосҳо аризаро рад менамояд. Мақомоти иҷроияи маҳаллӣ дархостро баррасӣ намуда, дар давоми 7 рӯз бақайдгирӣ ва баҳисобгирии шаҳрвандро амалӣ намуда, ба мақомоти корҳои дохилӣ хаттӣ хабар медиҳад. Рад намудани аризаи шаҳрванд барои муроҷиати такрорӣ монеа намегардад, ба шарте, ки асосҳои радкунӣ бартараф карда шуда бошад. Асосҳои қатъ шудани иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон пешбинӣ гардидааст, ки ба онҳо дохил мешаванд аризаи шаҳрванд оид ба хоҳиши қатъ намудани иштирок, ҷалб намудан ба ҷавобгарии ҷиноятӣ, ду ва зиёда дар давоми сол содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, тарк намудани давлат барои зисти доимӣ берун аз ҳудуди он, ба миён омадани ҳолатҳое, ки барои иштироки минбаъдаи шаҳрванд монеа мегарданд (бемории рӯҳӣ, беморӣ, аз ҷумла бинобар истеъмоли маводҳои психотропӣ, беморие, ки барои атрофиён зарарнок мебошад ё вафот). Дар сурати ба миён омадани ҳолатҳои зикршуда мақомоти иҷроияи маҳаллӣ бо пешниҳоди мақомоти дахлдори корҳои дохилӣ шаҳрвандро аз қайди шаҳрвандони иштироккунанда дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ хориҷ менамояд.

Бинобар сабаби дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ду роҳи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ муқаррар гардидан тартиби бақайдгирӣ ва баҳисобгири онҳо низ гуногун муайян шудааст. Масалан, мутобиқи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрванде, ки хоҳиши иштирок намуданро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дорад, ба мақомоти корҳои дохилӣ бо ариза муроҷиат менамояд, ки ба он нусхаи шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маълумотнома дар бораи вазъи саломатӣ замима карда мешавад. Мақомоти корҳои дохилӣ дар муҳлати як моҳ аз рӯзи расидани муроҷиатнома уҳдадор аст оид ба муроҷиати зикргардида қарор қабул намояд ва аз натиҷааш муроҷиаткунандаро огоҳ созад. Амалҳои минбаъда вобаста ба ҳуқуқи муроҷиати такрорӣ ҳангоми рад намудани ариза, бақайдгирӣ ва баҳисобгирии шаҳрванд ё ҳолатҳои қатъ шудани иштироки ӯ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нашудааст. Гарчанде, тартиби таъсис, фаъолият ва барҳам додани дружинаи ихтиёрӣ дар қонунгузорӣ то андозае мушаххас танзим ёфтааст, вале таҷдиди назар намудани тартиби бақайдгирӣ ва баҳисобгирии шаҳрвандоне, ки ба таври инфиродӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ иштирок менамоянд зарур аст.

Инчунин, дар Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон масъалаҳои маҳдудияти фаъолияти шаҳрвандоне, ки дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ иштирок менамоянд, ҳуқуқу уҳдадории онҳо, чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва ҷавобгарӣ барои вайрон намудани қонунгузорӣ танзим карда шудааст, ки бо меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон қисман монанд мебошанд. Дар баробари ин, бояд зикр намуд, ки дар Ҷумҳурии Қазоқистон барои ҳавасмандгардонии шаҳрвандоне, ки дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ иштирок менамоянд комиссия таъсис дода мешавад, ки таҷрибаи мазкур дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар намерасад.

Қонуни Ҷумҳурии Беларус "Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ" аз 26 июни соли 2003, №214-З қабул гардида (минбаъд – Қонуни Ҷумҳурии Беларус), аз 6 боб ва 27 модда иборат мебошад [5]. Мавзӯи танзими Қонуни Ҷумҳурии Беларусро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳад, ки вобаста ба иштироки шаҳрвандон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ (минбаъд - шаҳрвандон), инчунин иттиҳодияҳои шаҳрвандон дар ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд. Иштироки шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо дар ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ ба принсипҳои ихтиёрӣ,

қонуният, инсондӯстӣ ва эҳтироми ҳуқуқҳои инсон, шаффофият ва ҳамкории мутаносиб бо мақомоти давлатии амаликунандаи ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ асос меёбад. Мутобиқи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Беларус ба шаҳрвандоне, ки дар ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ иштирок менамоянд манъ мебошад:

- амалӣ намудани фаъолияте, ки дар қонун пешбинӣ нагардидааст;
- амалӣ намудани фаъолияте, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Беларус ба ваколати мақомоти прокуратура, амнияти давлатӣ, корҳои дохилӣ, тафтишоти молиявии Кумитаи назорати давлатии Ҷумҳурии Беларус, мақомот ва зерсохторҳо оид ба ҳолатҳои фавқулодда, мақомоти наздисарҳадӣ, дигар сохторҳои ҳарбӣ дохил мешаванд, агар тибқи қонун тартиби дигар муқаррар нашуда бошад;
- муаррифӣ намудани худ ҳамчун корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомот ва зерсохторҳо оид ба ҳолатҳои фавқулодда, мақомоти наздисарҳадӣ ва дигар ташкилотҳои ҳарбӣ.

Боби 2 Қонуни Ҷумҳурии Беларус шакли ташкилӣ – ҳуқуқии иштироки шаҳрвандонро дар ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ танзим менамояд. Дар Ҷумҳурии Беларус шаклҳои зерини иштироки шаҳрвандон дар ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ муайян гардидааст:

- иштироки инфиродӣ;
- ҳамкории ғайриштатӣ бо мақомоти корҳои дохилӣ, мақомот ва зерсохторҳо оид ба ҳолатҳои фавқулодда, мақомоти хизмати наздисарҳадӣ;
- иштирок дар иттиҳодияҳои шаҳрвандони мусоидаткунанда ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;
- узвият дар дружинаҳои ихтиёрӣ;
- иштирок дар шуроҳои ҷамъиятии ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ.

Шаклҳои зикршуда тибқи моддаҳои алоҳидаи Қонуни Ҷумҳурии Беларус танзим карда шудааст.

Иштироки инфиродии шаҳрвандон дар ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ дар намудҳои хабар расонидан ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба далелҳои ҳуқуқвайронкунӣ, тарғиби донишҳои ҳуқуқӣ ва мусоидат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар пешгирии ҳуқувайронкунӣ амалӣ мегардад.

Ҳамкории ғайриштатӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомот ва зерсохторҳо оид ба ҳолатҳои фавқулодда, мақомоти хизмати наздисарҳадӣ дар шакли ҷалб намудани ихтиёрии шаҳрвандон ба фаъолияти мақомоти зикршуда бо роҳбарии бевоситаи шахсони мансабдори он ба амал бароварда мешавад. Маблағгузории фаъолият ва ҳифзи иҷтимоии кормандони ғайриштатӣ дар доираи маблағҳои мақомоти дахлдор роҳандозӣ мегардад.

Шакли дигар ин иштирок дар иттиҳодияҳои шаҳрвандони мусоидаткунанда ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба шумор меравад. Шаҳрвандон ҳуқуқи тибқи қонун муқарраршудаpo амалӣ намуда, метавонанд дар асоси ихтиёрӣ бо огоҳонидани мақомоти ҳудудии корҳои дохилӣ гурӯҳҳои худфаъолро оид ба ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ дар маҳалли зист ташкил намоянд. Чунин шакли иттиҳоди шаҳрвандон қабули оиннома, интихоби мақомоти идоракунӣ ва дигар барасмиятдарории ташкилиро тақозо наменамояд.

Тартиби таъсис ва фаъолияти дружинаҳои ихтиёрӣ дар боби 3 Қонуни Ҷумҳурии Беларус танзим шудааст. Вазифаи асосии дружинаи ихтиёрӣ мусоидат намудан ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Функсияҳои асосии дружинаи ихтиёрӣ иборат аст аз:

- ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, ҳаёт, саломатӣ ва моликияти шаҳрвандон;
- фаъолият оид ба огоҳонидан ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо;
- таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ;
- ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳолатҳои фавқулодда;
- таъмини бехатарии сӯхтор, ҳифзи муҳити атроф;
- таълими шаҳрвандон ба қоидаҳои рафтор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва таъмини бехатарии манзил, инчунин таълими қоидаҳои худмуҳофизатӣ.

Дар Ҷумҳурии Беларус шаҳрвандони зерин наметавонанд узви дружинаи ихтиёрӣ бошанд:

- онҳое, ки доғи судӣ доранд;
- вобаста ба беморechoи рӯҳӣ, наркологӣ ва майзадагӣ дар қайди ташкилоти тиббӣ қарор доранд;
- бо қарори суд ғайриқобили амал ё қобилияти амалашон маҳдуд эътироф шудаанд;
- дар давоми сол то рӯзи пешниҳоди ариза ба ҷавобгарии маъмурӣ ҷалб гардидаанд.

Аризаи шаҳрванд, худдуркунии воқеӣ аз иштирок дар фаъолияти дружинаи ихтиёрӣ, вайрон намудани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Беларус ё содир намудани амале, ки ба узви дружинаи ихтиёрӣ номутобиқ мебошад, асос барои хориҷ намудани шаҳрванд аз ҳайати дружинаи ихтиёрӣ мегардад.

Ҳамзамон, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Беларус ҳуқуқу ухдадориҳои узви дружинаи ихтиёрӣ, шарт ва ҳудуди истифодаи қувваи ҷисмонӣ аз ҷониби онҳо, ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва маблағгузории дружинаи ихтиёрӣ танзим гардидааст. Мутобиқи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Беларус фаъолияти

дружинаи ихтиёрӣ дар асоси Низомномаи намунавӣ, ки Шурои вазирони Ҷумҳурии Беларус тасдиқ менамояд, ба роҳ монда мешавад.

Бояд зикр намуд, ки мазмунан қонунҳои Ҷумҳурии Беларус ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳам наздик буда, онҳо аз муқаррароти умумӣ ва танҳо меъёрҳои танзимкунандаи фаъолияти дружинаҳои ихтиёрӣ иборат мебошанд. Яъне, гарчанде чанд шакли иштирок дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ муайян гардида бошад, ҳам вале аслан муқаррароти қонунҳои ҳар ду давлат ба таъсис ва фаъолияти дружинаҳои ихтиёрӣ бахшида шудааст. Дар баробари ин, танзимнамоӣ ба таври пурра ва мушаххас ба роҳ монда нашуда, ба санади зерқонунӣ ҳавола карда мешавад.

Фарқияти асосие, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Беларус ба назар мерасад ин боби 4-1 он мебошад, ки "Нуқтаҳои шуроҳои ҷамъиятӣ" номгузорӣ гардидааст. Нуқтаҳои шуроҳои ҷамъиятӣ шакли ташкилии муттаҳид намудани қувваи дружинаҳои ихтиёрӣ, ташкилот ва шаҳрвандон дар фаъолият оид ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, инчунин ҳамкорӣ бо субъектҳои пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ба шумор меравад. Нуқтаҳои шуроҳои ҷамъиятӣ аз ҳисоби шаҳрвандоне, ки аз тарафи субъектҳои пешгирии ҳуқувайронкунӣ тавсия дода шудаанд, бо розигии шахсони мазкур, аз ҷумла аз ҳисоби шахсони мансабдори пешгирикунандаи ҳуқуқвайронкунӣ, ки фаъолияти худро зери роҳбарии умумии мақомоти иҷроияи маҳалли дахлдор амалӣ менамоянд, ташкил карда мешаванд. Қарор оид ба таъсис ва барҳам додани нуқтаҳои шуроҳои ҷамъиятӣ, тасдиқ намудани ҳайати онҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии дахлдор қабул карда мешавад. Тартиби таъсис ва барҳамдиҳии нуқтаҳои шуроҳои ҷамъиятӣ, ҳамкории онҳо бо субъектҳои пешгирикунандаи ҳуқуқвайронкунӣ, инчунин чораҳои ҳавасманднамоии онҳо аз тарафи Шурои вазирони Ҷумҳурии Беларус муайян мегардад.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ" ва қонунҳои дахлдори Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қаҳоқистон ва Беларус муайян карда шуд, ки бисёр масъалаҳои муҳим вуҷуд доранд, ки танзими ҳуқуқиро тақозо менамояд. Аз ҷумла, бо дарназардошти таҷрибаи давлатҳои дигар танзим намудани ҳуқуқу уҳдадориҳо, ҳифзи иҷтимоиву ҳуқуқӣ, ҳавасмандгардонӣ ва дигар масъалаҳои алоқаманд ба шахсоне, ки дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар шакли инфиродӣ иштирок менамоянд, мувофиқи мақсад мебошад.

Ҳамзамон, зимни таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ муайян карда шуд, ки ба истиснои Ҷумҳурии Беларус дар дигар давлатҳо иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷаъиятӣ асосан дар доираи як қонун танзим мегардад. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки қонун бо ба инобат гирифтани муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии танзимкунандаи муносибатҳои алоқаманд такмил дода шавад. Мавриди тазаккур аст, ки бартараф намудани номутобиқатӣ ва кам кардани шумораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҳаммонанд аз талаботи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 низ бармеояд, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии хукук ва давлат: китоби дарси. – Душанбе, 2008. – С. 49.
2. Қонуни Федералии Федератсияи Россия «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар ҳифзи тартиботи ҷамъияти» аз 2 апрели соли 2014, №44-ФЗ [Манбаи электронӣ] http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_161195/ (санаи муроҷиат: 06.09.2021);
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ" аз 3 декабри соли 2009 // Маҳзани марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Адлия версияи 7.00. (санаи муроҷиат: 10.09.2021)
4. Қонун Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» аз 9 июли соли 2004, № 590-II [Манбаи электронӣ] (https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30003137#pos=13;-20) (санаи муроҷиат:08.09.2021)
5. Қонуни Ҷумҳурии Беларус "Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ" аз 26 уми июни соли 2003 №2/963 [Манбаи электронӣ] https://www.fr.gov.by/upload/ruvd/law-214-3.pdf (санаи муроҷиат: 07.09.2021)



**Аннотатсия**

**Иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ**

Дар мақола таҳлили муқоисавии меъёрҳои қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иштироки шаҳрвандонро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ танзим менамоянд, гузаронида

шудааст. Мушкилоти танзими қонунгузорӣ баррасӣ гардида, дар заминаи он тавсияҳо оид ба такмили минбаъдаи асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии фаъолияти шаҳрвандон дар соҳаи таҳқиқшавандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ тақия гардидааст.

**Аннотация**

**Участии граждан в обеспечении общественного порядка: сравнительно-правовой анализ**

В статье проведен сравнительный анализ норм законодательств государств участников СНГ и Республики Таджикистан регулирующих участие граждан в обеспечении общественного порядка. Рассматриваются проблемные вопросы законодательного регулирования и на этой основе разрабатываются рекомендации по дальнейшему совершенствованию правовых и организационных основ деятельности граждан в исследуемой сфере общественных отношений.

**Annotation**

**Participation of citizens in ensuring public order: a comparative and legal analysis**

The article provides a comparative analysis of legal norms of the legislation of the CIS member states and Republic of Tajikistan that regulate the participation of citizens in the protection of public order. Considered problematic issues of legal regulation and on this basis, recommendations for further improvement of the legal and institutional framework for the activities of citizens in the researched area of public relation.



**УДК:** 342.4

**Бобоев Фируз Абдунасимович,**
*главный специалист отдела гражданского, предпринимательского и семейного законодательства Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан.*
*E-mail: mr.boboev.firuz@mail.ru*
*Тел.: (+992) 988-94-33-95.*

# ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ КОНСТИТУЦИОННОЙ КУЛЬТУРЫ

***Калидвожаҳо:*** *Конститутсия; фарҳанги конститутсионӣ; фарҳанги ҳуқуқӣ; арзиши конститутсионӣ; конститутсионализм; ҷамъият; ҳуқуқи инсон; анъана.*

***Ключевые слова:*** *Конституция; конституционная культура; правовая культура; конституционная ценность; конституционализм; общество; права человека; традиция.*

***Keywords:*** *Constitution; constitutional culture; legal culture; constitutional value; constitutionalism; societies; human rights; tradition.*

Развитие человеческой жизни зависит от множества факторов, и одной из них является культура. Культура - это исторически сложившийся опыт, человеческих отношений к бытию и сохранившихся в них ценностей. В юридической науке мы часто можем видеть понятие «правовая культура», так как правовая культура является одним из видов человеческой культуры.

Правовая культура представляет собой обусловленное социальным, духовным, политическим и экономическим строем качественное состояние правовой жизни общества, выражающееся в достигнутом уровне развития правовой деятельности, юридических актов, правосознания и в целом в уровне правового развития общества. [1, с. 321].

Согласно точки зрения В.И. Зубрицкого категория «правовая культура» обозначает совокупность достижений, комплекса ценностей, созданных людьми в области права, в правовой сфере на конкретном историческом этапе его развития, выражающая определенный уровень развития права и законодательства, правовых идей и учреждений, осведомленность о них обществом, которые влияют на состояние законности и правопорядка, направляют и координируют правосознание и правомерное поведение людей, оказывают позитивное воздействие на формирование законопослушной личности. [2]

Как отмечает Э.С. Насурдинов, право и культура тесно взаимосвязаны. Право возникло и продолжает развиваться как неотъемлемый элемент культуры. Право наряду с иными материальными и духовными результатами культурной деятельности человечества, ее нормами, ценностями, традициями составляет структурный компонент культуры. Культура, как система духовных ценностей, включает также право, правовые идеи и ценности. Культурная среда накладывает свой отпечаток на право. Уровень культурного развития общества, степень развитости материального и духовного производства, развитость человеческих способностей влияют на развитие права. Разнообразие типов культуры (древневосточная, античная, средневековая и т. д.) обуславливает многообразие типов правопонимания, разнообразие правовых памятников, разный уровень юридической практики. Понимание права как социального феномена, отношение к праву и его ценностям, качество юридических документов и юридической деятельности, эффективность правового регулирования зависят от уровня правового, политического, морального, эстетического и т. п. сознания. [14, с. 24-25].

В юридической науке изучению и толкованию понятия «конституционная культура» практически не уделяется внимание. Со стороны правоведов больший интерес направлен на изучение категории «правовая культура». Современное общество нуждается в определении «конституционная культура», так как практика показывает, что год за годом общество деформируется. Исходя из этого выработка понятия «конституционная культура» показывает уровень конституционных ценностей и уважения, соблюдения прав человека государством.

Первоначально нужно обратить внимание на понятие «культура». Согласно словарю С.И. Ожегова культура определяется как совокупность производственных, общественных и духовных достижений человека; высокий уровень чего-нибудь, высокое развитие, умение. [3, с. 356].

Конституционная культура охватывает знания о конституции, конституционных строях, развитии правосознания граждан и формирования органов государственной власти. С развитием конституционной культуры развивается сама Конституция.

В юридической науке понятие конституционной культуры начали рассматривать как часть политической культуры. В.А. Кряжков рассматривает конституционную культуру как часть политической культуры: «Конституционная культура – разновидность общей и в частности правовой культуры. Она представляет собой обусловленное социально-экономическим, духовным и политическим строем качественное состояние конституционно-правовой жизни общества, отражающее меру освоения и использования конституционных ценностей», [4, с. 106].

По мнению Г.Г. Арутюняна, конституционная культура представляет собой исторически сложившуюся, стабильную, целостную, обогащенную опытом поколений и всего человечества определенную ценностную систему убеждений, представлений, восприятия правоотношений, правосознания – систему, лежащую в основе социального общества, способствующую установлению и реализации основополагающих правил поведения на основе общественного согласия, [5, с. 335].

Конституционная культура является важным компонентом политической и правовой культуры, где тесно связано с конституционной ценностью.

По замечанию Н.С. Бондаря, «специфика нормативной энергии конституционных ценностей такова, что они имеют предметом (сферой) своего влияния и одновременно формой политико-правового бытия, прежде всего нормативные величины наиболее высокого, абстрактного уровня – общие принципы права, конституционные принципы, декларации, конституционные презумпции, статусно-категориальные характеристики субъектов конституционного права и конституционных явлений и т.п. С помощью конституционных ценностей происходят своего рода приращение и актуализация нормативного содержания соответствующих норм, институтов, принципов, а также установление их сбалансированного взаимодействия». [6]

Председатель Конституционного Суда России В.Д. Зорькин пишет: «Из общепризнанной нормы о человеке, его правах и свободах как высшей ценности следует, что под защитой Конституции находятся и другие ценности, в той мере, в какой они выступают в правовом обличии. В определенном смысле, Конституция есть выражение основных юридических ценностей, таких как права и свободы человека; верховенства права, справедливость и равенства; демократическое, федеративное, правовое и социальное государство; разделения властей, парламентаризм; правовая экономика». Автор подчеркивает системное единство конституционных ценностей, нахождение их в определенном иерархическом соподчинении, недопустимость подмены одной ценности другой или ее умаление за счет другой ценности. «Важнейшей задачей при реализации Конституции является поддержание баланса и соразмерность баланса конституционно защищаемых ценностей, целей и интересов». [7]

Как отмечает А.М. Диноршоев относительно понятия, содержания и применения конституционных ценностей:

Во-первых, конституционные ценности представляют собой совокупность идей, взглядов, традиций, представлений и обычаев, которые сложились в определенном обществе и на основе которых формируется государство и его политика. При этом данные ценности охватывают широкий круг взаимоотношений, складывающийся в данном обществе – политические, экономические, социальные, семейные, религиозные и т. д., и при этом являются фундаментальными основами, на которых строится вся система государства.

Во-вторых, конституционные ценности требуют нормативно-позитивного закрепления в основном законе государства – Конституции. Это позволяет морально-этическим представлениям, которые лежат в основе ценностей, трансформироваться в общеобязательные правила поведения для всех и в первую очередь для государства. В соответствии с теорией юридического позитивизма они действуют только в той мере и в таком объеме, в каком гарантируется конституцией и законами. Такая позиция однозначно характерна для большинства стран мира.

В-третьих, категория конституционных ценностей в правоприменительной практике выступает как интерпретационная категория, т. е. они могут быть выведены из содержания норм Конституции, даже если напрямую и не закреплены. Тем самым, конституционные ценности определяет такой вид правоприменительной деятельности государственных органов, в частности

конституционных судов, как конституционный контроль и надзор. [8, с. 70-71].

На этот аспект не раз указывал и Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон. Так, в своем послании Маджлиси Оли в 2016 году он особо отметил, что «Таджикистан является правовым, демократическим и светским государством, в нем гарантировано обеспечение прав и свобод человека и гражданина, верховенство закона и правопорядок. С целью осуществления этой конституционной ценности в период государственной независимости совершенствованы все правовые основы страны, в этом направлении принято множество нормативных правовых актов. Парламент принял ряд законов, направленных на защиту прав и свобод человека и гражданина, обеспечение правопорядка, прогресса экономики и предпринимательства». [9]

Из анализа положений Конституции Республики Таджикистан следует, что главной конституционной ценностью признаются права и свободы человека. Также к числу конституционных ценностей можно отнести государственный суверенитет, верховенство закона, разделение властей, народовластие и др. При этом закрепление ценностей в Конституции является формальным признаком, а признаются они конституционными в силу следующих причин:

1) они являются общими для различных социальных, возрастных, профессиональных, религиозных, национальных и иных групп людей;

2) признаются неким идеалом, образцовой моделью поведения;

3) являются устойчивыми и признаваемыми всеми людьми;

4) функционируют при условии их соблюдения всеми субъектами общественных отношений.

В этой связи, ярким примером служит статья 5 Конституции Республики Таджикистан, которая гласит, что «Человек, его права и свободы являются высшей ценностью». Данное положение признаёт не только права и свободы в качестве высшей ценности, но в первую очередь самого человека. И только после перечисляются такие основополагающие права человека, как жизнь, честь и достоинство.

Помимо этого, дальнейшее развитие данное положение получило в статье 42 указанного акта, в соответствии с которой «В Таджикистане каждый обязан соблюдать Конституцию и законы, уважать права, свободы, честь и достоинство других людей». [10]

Конституционную культуру можно охарактеризовать через термин «уважение». Согласно ст. 29 Всеобщей декларации прав человека «каждый человек имеет обязанности перед обществом, в котором только и возможно свободное и полное развитие его личности. При осуществлении своих прав и свобод каждый человек должен подвергаться только таким ограничениям, какие установлены законом исключительно с целью обеспечения должного признания и уважения прав и свобод других и удовлетворения справедливых требований морали, общественного порядка и общего благосостояния в демократическом обществе».

Стоит также остановиться на предпосылках формирования конституционной культуры. На первом месте можно выделить выдвижение прав и свобод человека в качестве главной ценности государства. Также формирование конституционной культуры зависит от реализации конституционных ценностей, а не просто от их формального закрепления.

В Конституции Республики Таджикистан человек занимает центральное место, при этом выступает он именно как социокультурное существо. Действительно, в процессе реализации положений Конституции активную роль играют социально-психологические факторы, в частности поведение, мотивы, интересы, цели. Посредством этих факторов конституционные положения обретают реальность, предопределяют социальную эффективность Конституции.

Социально-психологические или субъективные факторы служат соединительным звеном между предписаниями и реальным поступком. Здесь и проявляется реализация конституционных ценностей. Формирование и поддержание этих ценностей выступают в качестве целеполагающего ориентира правомерной деятельности. Осознание социальной ценности Конституции, принятие личностью конституционных предписаний в качестве норм собственного поведения – один из основных мотивов соблюдения ее норм, существенный стимул и резерв совершенствования механизма ее реализации, укрепления законности и правопорядка, [11. с. 135].

Наряду с конституционной ценностью, конституционализм как один из феноменов правовой культуры помогает раскрыть сущность и значение конституционной культуры.

Согласно Энциклопедическому словарю конституционного права под конституционализмом понимается сложная общественно-политическая и государственно-правовая категория, основу которой составляют идеалы конституционной демократии (т. е. демократии, базирующейся на наличии конституции как особом документе государства и общества), наличие определенных институтов власти, соответствующих конституции политического режима и система защиты ценностей демократии, прав и свобод человека и гражданина, конституционного строя в целом. [12]

Конституционализм, который является воплощением конституционной культуры, в свою очередь, - сложное общественно-политическое и государственно-правовое явление. Он, в первую очередь, подразумевает утверждение конституционной демократии во всей государственной системе. Это цель, к которой стремятся все страны, избравшие путь социального прогресса. Однако осуществление этой цели, в частности, требует таких обязательных гарантий, как признание и гарантирование государством и всем обществом конституционных целей и основополагающих принципам государственной власти, становление правовой системы, построеной на принципе верховенства права, надежная защита конституционного строя и верховенства Конституции и др.

Формирование культуры зависит от совокупности достижений общества, уровня социального, духовного, нравственного развития личности и общечеловеческих ценностей, в результате которых приведет к регулятору общественных отношений. На основании же уже достигнутой общей культуры происходят формирование, на основе принципа уважения прав человека, конституционных ценностей и, следовательно, зарождение конституционной культуры.

Конституционная культура формируется во взаимосвязи с политической и правовой культурами, в ее содержание входят понятие о традициях сложившихся в обществе, гражданском обществе, суверенитет государства, суверенитет народа, форм правления, а также демократическом, правовом и социальном государстве.

Результатом формирования конституционной культуры является конституционное правосознание. Конституционное правосознание можно определить как особый вид правового сознания, отражающий представления человека, общества о конституции, ее роли в правовом регулировании, правах и свободах человека и гражданина, о демократическом государстве.

Конституционное правосознание регулирует, направляет поведение личности на основе познания и оценки объективной действительности, включающей действующую в обществе систему конституционно-правовых норм и ценностей.

Следовательно, мнения выраженные рядом авторов [13] о том, что правовое сознание не только сопутствует действующему праву, но и существует до и после него, отражает взаимоотношения права с конституционным правосознанием. Конституционное сознание, являясь самостоятельной составляющей конституционализма, пронизывает все остальные его компоненты (указанные выше). Это касается и отражения правовой действительности, базовых социальных ценностей, формирования нормативной основы жизнедеятельности общества и государства, процесса претворения в жизнь правовых предписаний, поддержания режима конституционной законности.

Верховенство права утверждается на основе высокой правовой и конституционной культуры. Конституционная культура – это конституция в действии.

Конституционная культура – это культура общества, общественные ценности, главными из которых являются уважение прав человека, соблюдение и исполнение своих обязанностей. Тем не менее, наряду с Конституцией каждый должен уважать и соблюдать законы и другие нормативные правовые акты.

Конституционная культура является важнейшим фактором для развития общества. Необходимо отметить, что целью исследования такого явления выступает не только выработка понятия конституционной культуры и ее содержательных элементов, но также выявление особенностей таджикской конституционной культуры, перспектив ее развития, в том числе формирование государственной политики в данной области. Помимо названного, представляется необходимым определить место конституционной культуры, как в механизме правового регулирования, так и в жизни общества в целом.

Конституционная культура – это знания о правовых нормах, закрепления и реализации ее универсальных демократических ценностей, таких как достоинство человека, его фундаментальные права, верховенство права, общественное согласие, независимое правосудие и соблюдение конституционных прав и обязанностей.

Конституционная культура не только предполагает определенный уровень общественного согласия и социальной роли человека, возможность гарантирования упорядоченного развития общественного бытия на основе разумно осмысленных ценностей и принципов, но и способность превратить эту возможность в реальность.

**Список литературы:**


1. Алексеев, С. С. Теория государства и права: учебник / С. С. Алексеев. – М.: Норма, 2005. – 458 с.
2. Очерки теории права и государства / Под общ. ред. В.Н. Казакова, В.П. Малахова и К.К. Вишнякова-Вишневецкого. М.-СПб., 2002. 448 с.
3. Ожегов, С. И. Толковый словарь русского языка / С. И. Ожегов. – М.: Мир и Образование, Оникс, 2011. – 736 с.
4. Кряжков, В. А. Конституционная культура в зеркале правосудия Конституционного Суда Российской Федерации / В. А. Кряжков // Актуальные вопросы конституционного правосудия (по материалам Журнала конституционного правосудия). – М.: Волтерс Клувер, 2011. – 106–117 с.
5. Арутюнян, Г. Г. Конституционная культура: уроки истории и вызовы времени / Г. Г. Арутюнян. – Ереван, 2005. – 404 с.
6. Бондарь Н.С. Особенности юридической природы конституционных ценностей как категории действующего права // Социология и право. 2011. № 2. 6-9 с.
7. Зорькин В. Аксиологические аспекты Конституции России // Сравнительное конституционное обозрение. 2008. №4. С. 7-8.
8. Диноршоев А.М., Тохирова Н.А. Права человека как конституционная ценность – Душанбе, 2020. – 176 с.
9. Послание Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 22.12.2016. Режим доступа: http://president.tj/ru/node/13747 (дата обращения: 22.04.2021).
10. Конституция РТ от 6.11.1994., с посл. измен. и доп. // Электронный ресурс: Адлия: Централизованный банк правовой информации РТ. Версия 7.0. диск (CD - ROM), (дата обращения: 22.07.2021).
11. Лучин В.О. Социально-психологические факторы реализации Конституции Российской Федерации / В. О. Лучин, Т. М. Пряхина // Вестник Саратовской дарственной академии. – № 4 (93). – 2013. –132–139 с.
12. Конституционное право. Энциклопедический словарь. Ответственный редактор и руководитель авторского коллектива – доктор юридических наук, профессор С.А. Авакьян. – М.: Издательство Норма (Издательская группа НОРМА – ИНФРА М), 2001 – 688 с.
13. Кудрявцев В.Н. О правопонимании и законности//Государство и право, 1994, Л - С. 7; Гранат Н.Л. Правосознание и правовая культура //Юрист, 1998, №11-12. - 4 с. и др.
14. Насурдинов Э.С. Правовая культура: теоретико-методологический аспект: Монография. – Душанбе: «Эр-граф», 2013. 160 с.



**Аннотатсия**

**Мафҳум ва моҳияти фарҳанги конститутсионӣ**

Дар мақола мафҳуми "фарҳанги конститутсионӣ" таҳлил карда шудааст. Чун анъана фарҳанги конститутсионӣ ба ҳайси пайвандкунандаи таҷрибаи таърихии ҷомеа бо замони муосири он мебошад. Рушди шуури ҳуқуқӣ аз он вобаста аст, ки фарҳанги конститутсионӣ то чӣ андоза рушд кардааст. Муаллиф фарҳанги конститутсиониро тавассути фарҳанги ҳуқуқӣ, арзиши конститутсионӣ ва конститутсионализм таҳқиқ мекунад.

**Аннотация**

**Понятие и сущность конституционной культуры**

В статье анализируется понятие «конституционная культура». Конституционная культура является связью между историческим опытом общества с настоящим. Развитие правосознания зависит насколько развита конституционная культура. Автор исследует конституционную культуру через правовую культуру, конституционную ценность и конституционализм.

**Annotation**

**Concept and essence of constitutional culture**

The article analyzes the concept of "constitutional culture". Since, constitutional culture is the connection between the historical experience of society with the present. The development of legal awareness depends on how developed the constitutional culture is. The author explores constitutional culture through legal culture, constitutional value and constitutionalism.

## 12.00.03 – ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ
## 12.00.03 – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО



**УДК:** 347.468

**Курбонов Курбон Бобоевич,**
*мудири кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.*
*E-mail: kurbonov_kurbon@mail.ru*
*Тел.: (+992) 918-56-07-07.*



**Муминзода Ориф Сафо,**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: jurist_9191@mail.ru*
*Тел.: (+992) 900-39-91-92.*

# МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ СУҒУРТАИ ҲАТМИИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНИИ СОҲИБОНИ ВОСИТАИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ

***Калидвожаҳо:*** *суғурта; ҷавобгарии ҳуқуқӣ; ҳуқуқи граждани; нақлиёти автомобилӣ; қонунгузории гражданӣ; адабиётҳои ҳуқуқӣ; суғуртаи ҳатмӣ; суғуртаи ихтиёрӣ.*

***Ключевые слова:*** *страхование; юридическая ответственность; гражданские права; автотранспорт; гражданский закон; юридическая литература; обязательное страхование; добровольное страхование.*

***Keywords:*** *insurance; legal responsibility; civil rights; vehicles; civil law; legal literature; compulsory insurance; voluntary insurance.*

Ҷомеаи инсонӣ аз замони қадим дар натиҷаи ҳодисаҳои табиӣ ва дигар ҳодисаҳои харобиовар ба оқибатҳои манфӣ дучор мегардидаанд. Барои аз байн бурдани чунин оқибатҳои номатлуб шахсони манфиатдор ба чунин хулоса омадаанд, ки бояд якҷоя амал намоянд. Дар робита, аз тарафи онҳо хоҳиши якҷоя кардани қисми молу мулки ба онҳо тааллуқдошта бо молу мулки дигар шахсон, бо мубаддалсозии тамоми чизи ҷамъшуда, ки ба як сарчашмаи бартараф намудани талафот аз ҳар гуна ҳодисаҳои нохуш, ки нисбати ҳар кадоми онҳо ба вуқуъ пайвастанаш мумкин аст, пайдо шуд [1]. Ин кӯшиши инсоният ҳамчун шакли ибтидоӣ ва қадами аввалини инсоният ҷиҳати таҳияи механизмҳои бартараф кардани зарари дар натиҷаи ҳодисаҳои гунонун бавуҷудоянда ба ҳисоб меравад ва баъдтар суғурта ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими бартараф кардани зарар арзи вуҷуд кард.

Ба андешаи А. Ҷабборов ва Н. Шаропов "суғуртаи ҷавобгарии шаҳрвандии соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ суғуртаи ҷавобгарии шаҳрвандиеро дар назар дорад, ки он соҳиби воситаи нақлиёти автомобилӣ дар назди шахсони сеюм (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ) барои зарари ба онҳо расонидааш ҳангоми истифодаи воситаи нақлиёт, ба зимма дорад. Автомобил (воситаи нақлиёт – М.О) манбаи хатари калон аст, бинобар ин соҳиби он уҳдадор аст зарари ба зарардида расонидаашро ҷуброн намояд, ба истиснои ҳолатҳое, ки зарари расондашуда дар натиҷаи амалҳои ҳолати дорои қувваи бартарафнашаванда ё барқасдонаи зарардида бошад" [2, с. 374].

Барои ошкор намудани мафҳум ва моҳияти суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ бояд, пеш аз ҳама, моҳияти суғуртаро ошкор намуд, чунки суғуртаи ҷавобгарии граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ яке аз намудҳои мустақили суғурта мебошад ва хусусияту моҳияти онро пурра дар бар мегирад. Суғурта дар давраҳои муайяни таърихӣ пайдо гардид ва ба сифати воситаи ҷубронкунии зарар аз ҳодисаҳои табиат дар асоси тақсимкунии мутаҳидонаи он байни ҳамаи шахсони хоҳишманд рушд намуда истодааст [3, с. 227].

Моҳияти истилоҳи "суғурта" ба калимаи русии «страх» ва бо тоҷикӣ «бим, тарс, ваҳм»

алоқаманд мебошад. «Суғурта кардан ин ба ягон кас тарсу ваҳми худро бар ивази пардохпулии пешакӣ додан мебошад» [4, с. 337]. Маънои дуюми калима дар шакли “страховать”-и русӣ буда, суғурта намудан, пешгирӣ намудан, пешакӣ ҳимоя намудан, пеши чизеро гирифтан, эҳтиёт кардан мебошад [5, с. 105]. Дар забони англисӣ бошад, истилоҳи мазкур дар шакли “in surance” омада, маъноящ боварӣ, эътимод мебошад.

Дар забони тоҷикӣ калимае, ки метавонад истилоҳи “суғурта”-ро иваз намояд, “бима” мебошад, ки дар забони форсӣ роиҷ аст. Баъзе муҳақиқони ватанӣ ҷонибдори истифодаи истилоҳи мазкур дар қонунгузории ҶТ мебошанд. Ҳамзамон пешниҳод менамоянд, ки зимни такмили қонунгузории суғурта мақомоти қонунгузор аз истифодаи истилоҳи “суғурта” даст кашад ва ин нуктаро муҳақиқони дигар аз нуқтаи назари техникаи қонунгузорӣ асоснок намудаанд [6, с. 177].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ доир ба мафҳум ва хусусятҳои суғурта ақидаҳои хеле зиёде арзи вуҷуд дорад. Дар таҳлили ақидаҳои онҳо доир ба мафҳум ва хусусияти суғурта ба мо андаке муясар гардид, ки муайян намеоем дар аксарияти чунин ақидаҳо ба назарияи ягонаи ҷуброни зарар оварда мерасонад. Тибқи назарияи мазкур зарар натиҷаи ҳар гуна факт ё, ки боиси кам гаштани молу мулк ё монеъшавандаи зиёдшавии он мебошад. Зарар метавонад талафи бевоситаи молумулкӣ ё талафи ғайримустақимро дар бар гирифта бошад. Вазифаи суғурта дар он аст, ки ин зарарро (зиёнро) ҷуброн намояд ё ҳадди ақал андозаашро кам гардонад.

Назарияи ҷуброни зарар пурра ба мақсадҳои суғуртаи молумулкӣ мувофиқат мекунад, аммо барои суғуртаи шахсӣ номутобиқ менамояд. Дигар муҳақикони соҳа (П. Лабанд ва Г.Ф. Шершеневич), бо назардошти он, ки суғуртаи шахсӣ дар як қатор ҳолатҳо наметавонад ба чорчӯбаҳои назарияи ҷуброни зарар гузошта шавад, танҳо суғуртаи молумулкиро суғуртаи аслӣ ҳисоб намуда, суғуртаи шахсиро ҳамчун суғуртаи аслӣ эътироф наменамоянд [7, с. 440].

Ҷавобгарии соҳибони воситаҳои нақлиёт ё ба истилоҳ ҷавобгарии граждании дар назди шахсони сеюм, яке аз объектҳои асосии суғуртаи воситаи нақлиёт мебошад. Хусусияти асосии ин суғурта дар он аст, ки суғурта ҷавобгарии шартномаест, ки тибқи он суғурташаванда ба суғурткун уҳдадор аст, ки маблағеро, ки охирин аз рӯи ҷавобгар дар назди ӯ пардохт кардааст ё бояд ба шахси сеюм пардохт кунад, инчунин ҷуброни хароҷоти муҳофизат аз талаботи ин шахси сеюмро баргардонад [8, с. 203].

Моҳияти ин намуди суғурта бо он муайян карда мешавад, ки ҳар як соҳиби воситаи нақлиёт вазифадор аст зарари моддии ба шахсони сеюм (ҷабрдидагон) дар натиҷаи садама расонидашударо ҷуброн кунад. Садамаи нақлиётии роҳ ҳодисаест, ки ҳангоми ҳаракати воситаи нақлиёт дар роҳ ва бо иштироки он рух додааст, ки дар он одамон аз ҳаёт маҳрум шудан ё ба саломатии онҳо зарар расонида шудааст, воситаҳои нақлиёт, иншоот, молҳо осеб дидаанд ё зарари дигари моддӣ расида шудааст.

Суғуртаи ҷавобгарии граждании соҳибони нақлиёти шахсони сеюм ҳамчун як падидаи ҳуқуқӣ маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки заминаи ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии суғуртаи ихтиёрӣ ва ҳатмии ҷавобгарии граждании соҳибони воситаҳои нақлиётро бо мақсади ҳимояи самараноки ҳуқуқҳои ҷабрдидагон ба ҷуброни зарари ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки онҳо расонидашуда ҳангоми истифодаи нақлиёти шахсони дигар фароҳам меорад. Дар баробари ин, суғуртаи мазкур намуди алоҳидаи суғуртаи молу мулк буда, тибқи қонунгузорӣ дар тамоми қаламрави ҶТ ҳатмӣ мебошад.

Ин намуди суғурта метавонад дар шакли ихтиёрӣ ва ҳатмӣ амалӣ шавад. Аммо, дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ ҷорӣ карда шудааст. Ҳатмӣ ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании соҳибони нақлиёти автомобилӣ ба манфиати ҳам тамоми ҷамъият ва ҳам аҳолӣ ҷавобгӯ мебошад. Ин имконият медиҳад, ки аз ҳисоби ҳаққи суғуртаи соҳибони воситаи нақлиёт фонди суғурта таъсис дода шавад, ки он дар ихтиёри ташкилоти суғуртавӣ нигоҳ дошта шуда, аз вай зарари ҳангоми истифодаи воситаи нақлиёт ба шахсони сеюм расонидаи соҳибони онҳо ҷуброн карда шавад. Яъне, ҳангоми рӯй додани ҳодисаи нақлиёти роҳ на соҳиби воситаи нақлиёт, яъне гуноҳкори ҳодиса, балки ташкилоти суғуртавӣ зарарро ҷубро мекунад. Бояд қайд кард, ки дар ин маврид тарафе, ки гунаҳкори ҳодисаи нақлиёти роҳ мебошад, аз ҷавобгарии ҷиноӣ озод карда намешавад [2, с. 374].

Падидаи суғуртаро дида баромада, кӯшиш менамоем, ки маҳз кадом хусусиятҳои он соҳибияти онро ба соҳаҳои ҳуқуқи хусусӣ ва умумӣ муайян менамоянд. Ин мавкеъ аз ҷониби муаллифони оғози асри XX чун аз якдигар фарқкунанда ва монандкунии нодурусти «суғурта чун амалиёти хоҷагидории аз ҷониби меъёрҳои ҳуқуқи умумӣ ва хусусӣ бо шартномаи суғуртавӣ ҳамчун шакли ҳуқуқии он муносибатҳои махсусан ҳуқуқие, ки байни тарафҳо оиди шартномаи суғуртавӣ ба вуҷуд меоянд ба танзим даровардашаванда» ба танқид дучор карда шуда буд. Бо вуҷуди ин хулосаҳои Е.М. Мен оид ба моҳияти суғуртаи ҳатмӣ ба

фармоиш ба суғурта чун «падидаи хоси ба пуррагӣ дар ягон сатҳи на соҳаи умумӣ ва на ҳуқуқии хусусӣ нағунҷанда» оварда расонида шуда буд [9, с. 299].

Ба шумораи тарафдорони самти шартномаи суғурта ҳамчун ҳуқуқи умумӣ, инчунин В.И. Синайский мансуб менамояд. Аммо ӯ рад кард, ки сараввал суғуртаи молу мулк шартномаи хатарнок буд ва ба сифати асоси пайдоиши худ муносибати танҳо хусусӣ мебошад. Бо гузашти вақт қонунунгузор ба худ вазифаи батанзимдарории ин муносибатҳо, бо дарназардошти муҳимияти ҷамъиятӣ «вале танзимкунӣ ин ҳамчунин ақидаро ба суғурта дуруст тағйир дод ва суғурта аллакай на ба шакли шартномаи эҳтиётӣ (алеаторӣ) ё хатарнок, балки дар ҳисоб гирифтани омории хорҷагидорӣ асосёфта ва ҳамчунин бо шартномаи аз хусусияти ҳуқуқии умумӣ маҳрумкарданашуда пешниҳод карда мешавад».

М.Д. Суворова далелҳои аз ҷониби В.И. Синайский овардашударо дида баромада қайд мекунад, дар гумон аст, ки метавон бо он чи ки хусусияти хатарноки шартномаи суғуртаи шартномаи суғурта ба истифодабарии усулҳои ба ҳисоб гирифтани оморӣ ва танзимкунии ин шартнома мухолифат мекунад, розӣ шуд [10, с. 245]. Ин усулҳо танҳо масъалаи таъминкунии устувории молиявии ширкати суғуртавиро ҳал мекунанд, аммо ҳаргиз худи шартномаро аз хусусияти хатарнок маҳрум намекунанд ва зиёд аз ин онро ба оммавӣ-ҳуқуқӣ табдил намедиҳанд. В.И. Серебровкий мавқеи монандро тарафдорӣ мекунад: «ҳангоми ба вуҷуд омадани муносибати суғуртавӣ бо сабаби қонуни онҳо, мувофиқи ақидаи олим, он қадар сахт ба хусусиятҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ ворид мегардад дар он хусус дарак медиҳад, ки ба меъёрҳои ҳуқуқи хусусӣ (шахсӣ) тобеъ шудан аллакай лозим намеояд» [11, с. 184].

В.Р. Иделсон ва С.А. Рибников гумон мекарданд, ки дар асоси суғуртаи ҳатмӣ оғози уҳдадорият хобидааст, ки «ба ҳуқуқи шартномавӣ бегона аст ва худи мафҳуми шартномаи суғуртавиро нест мекунад» [12, с. 290]. Чи гунае, ки аз ақидаҳои овардаи мо бармеояд, муаллифони охири асри XIX ва аввали асри XX ҳуқуқи суғуротавиро дар умум ва суғуртаи шартномавиро махсусан чун бо меъёрҳои хусусияти умумиҳуқуқидошта батанзимдаровардашуда (бо андешаи В.Р. Иделсон, С.А. Рибников ва В.И. Серебровский оид ба чунин муносибатҳои моҳияти оммавӣ-ҳуқуқӣ хосбуда дар ҳолатҳои уҳдадории суғуртавӣ тибқи қонун) ва бо анҷомдиҳии вазифаи «полисӣ» ё «хоҷагидорӣ» алоқаманд тавсиф менамоянд.

Аммо, дигар ақидаҳо нисбати моҳияти шартномаи суғуртаи ҳатмӣ вуҷуд доранд. Намояндагони самти дуюм, П.Р. Вейс ва В.Н. Яковлев шартномаи ҳатмии суғуртаро танҳо ба соҳаи ҳуқуқи хусусӣ мансуб мекунанд [13, с. 167]. В.К. Райхер ба якрангии муносибатҳо аз рӯйи суғуртаи ихтиёрӣ ва ҳатмӣ аз нуқтаи назари мавзӯи танзимкунии ҳуқуқӣ, ба «таркиби якхелаи чунин муносибатҳо»-ро рад мекунад. К.А. Граве ва Л.А. Лунтс ба имконияти пайдошавии муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ бевосита аз қонун ё санади маъмурӣ рад мекунад ва аз ҳамин сабаб суғуртаи ҳатмиро ба соҳаи танзимкунии ҳуқуқи гражданӣ мансуб менамоянд [14, с. 219].

М.Д. Суворова нуқтаҳои назари асосиро тибқи масъалаи соҳибияти суғуртаи ҳатмӣ ба соҳаҳои ҳуқуқи хусусӣ ва умумӣ дида баромада, ба чунин хулоса меояд, ки «далелҳои онҳое, ки шартномаи суғуртавиро чун падидаи оммавӣ-ҳуқуқӣ дида мебароянд, беасос мебошанд, зеро ҳангоми мансуб кардани ин ё он муносибатҳо ба умумӣ ва ё хусусӣ зарур аст, ки на аз муқобилагузории падидаҳои хоҷагидорӣ ва ҳуқуқи гражданӣ баромад, балки аз мақсадҳое, ки бо онҳо шаҳрвандон ба ин муносибатҳо ворид мегарданд. Ба муносибатҳои оид ба суғурта, аз ҷумла аз рӯйи суғурта барои ҳимояи манфиатҳои хусусӣ ворид мегарданд.

Аз ин хотир шартномаи суғуртаро мебояд ба ҳуқуқи хусусӣ мансуб кард» ва аз нигоҳи дигар «суғуртаи ҳатмӣ пурра ба соҳаи ҳуқуқи хусусӣ тааллуқ дорад, зеро агар ягон институти ҳуқуқии дар принсипҳои ҳуқуқи хусусӣ асос ёфташуда бошад ва ба низоми он ворид гардад, он гоҳ вай наметавонад, ки дар як вақт ба соҳаи оммавӣ-ҳуқуқӣ мансуб карда шавад. Принсипи «ҳатмият»-и суғурта бошад, ягон таъсир ба хусусияти танзимкунии ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ тибқи суғурта намерасонад ва таркиби онҳоро тағйир намедиҳад. Мақсади суғуртаи ҳатмӣ ҳимояи манфиатҳои ҳатмӣ, аз рӯйи ҳолати мушаххаси иқтисодӣ ва сиёсӣ мебошад. Дар ин ҳолат «мувофиқат»-и манфиатҳои хусусӣ ва умумӣ таҳти таъсири сабабҳо ва дигар омилҳои дорои хусусияти объективӣ мушоҳида карда мешавад» [10, с. 245].

Дар воқеъ, принсипи «ҳатмият» дар суғурта чунин таъсиреро наметавонад расонад, ки тавонад хусусияти умумии муносибатҳои суғуртавиро пешакӣ муайян намояд, дар ин ҳолат бо М.Д. Суворова розӣ шудан лозим меояд. Аммо, чи гунае, ки ин минбаъд нишон дода мешавад, таҷрибаи истифодабарии ҳуқуқӣ таъсири аҳамиятноки дигар принсипҳои ҳуқуқиро ба муносибатҳои суғуртавӣ ошкор гардонид. Мантиқи М.Д. Суворова пурра асоснок мебошад, аммо боз ҳам камбудии онро

қайд кардан лозим аст, ки ҳангоми ҳал намудани баҳс оид ба моҳияти ҳуқуқии суғуртаи ҳатмӣ, бояд на танҳо тибқи принсипҳое, ки дар асоси танзмикунии шартномаи мушаххас, балки ҳам бо мақсадҳое, ки тартиботи ҳуқуқӣ пайгирӣ мекунад, амал намуд.

Ба ақидаи Жюлио де-ля Морандер моҳияти суғуртаи ҷавобгарии граждании соҳибони воситаҳои нақлиёти гражданӣ ин ҳифзи манфиатҳои молумулкии суғурткунанда аз амалҳои беэҳтиётӣ, ки ба шахси сеюм зарар расонида мешавад ё дигар ҳолатҳое, ки уҳдадориҳоро дар назди шахси сеюм оид ба ҷуброни зарар ба вуҷуд меорад, хизмат менамояд [15, с. 339].

Дигар олими фаронсавӣ Р. Савате қайд мекунад, ки «дар шароити муосир суғуртаи ҷавобгарии граждании соҳибони воситаҳои нақлиёт чунон рушд намудааст, ки дар ҳама вақт зарари расонидашуда дар алоҳида арзёбӣ карда намешавад. Ин ҷавобгарии суғурташавандаро суғурткунанда бар ивази ҳиссагузориҳои суғуртавии пардохтшаванда ба зимаи худ мегирад. Суғурткунанда новобаста аз ҷавобгарии ҳуқуқии суғурташаванда уҳдадориро доир ба ҷуброни зарар ба шахси сеюм ба зимма мегирад [16, с. 440].

Ба ақидаи муҳақиқони амрикоӣ Р. Мер ва Э. Каммар дар ташкилотҳои суғуртавӣ бисёр шартномаҳо оид ба ҷавобгарии гражданӣ оид ба ҳодисаҳои ногувор баста шуда истодааст. Мақсади чунин шартномаҳо ин муҳофизати манфиатҳои дорандагони полисҳои суғуртавӣ аз ҳолатҳои ногувор бо ҷуброни пардохтпулӣ амалӣ карда мешавад. Аммо, доир ба табиати шартномаи ҷавобгарии граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ ақидиаи дигарро ҷонибдорӣ намуда, чунин қайд менамояд, ки ин шартнома ба манфияти шахси сеюм баста нашуда, балки ба манфияти худи суғурташаванда баста мешавад [17, с. 440].

Е. Паттерсон чунин қайд менамояд, ки тибқи суғуртаи ҷавобгарии граждании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ уҳдадории пардохти товони зарар ба шахси сеюм бо воситаи қарори суд ё шартнома амалӣ карда мешавад [18, с. 69]. Муҳақиқ Е. Саниналдана қайд менамояд, ки суғуртаи ҷавобгарии граждании соҳибони воситаҳои нақлиёт ин аз талаботҳои товони талафот ҳифз намудан ва кафолати нобуднашавии молу мулки суғурташаванда мебошад [19, с. 64].

Муҳақиқи Р.Х. Айвами дар кори илмии худ ба мафҳуми расмии суғуртаи ҷавобгарии граждании соҳибони воситаҳои нақлиёт, ки дар қонун дар бораи ширкатҳои суғуртавии с. 1874 вуҷуд дорад, такя намуда, мафҳуми онро бо маънои бастани шартнома ба мақсади ҳифз кардани шахсони суғурташуда аз уҳдадорӣ назди шахсони сеюм меҳисобад [20, с. 23].

Суғуртаи ҷавобгарии граждании соҳибони нақлиёт ҳамчун як падидаи ҳуқуқӣ маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки заминаи ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии суғуртаи ихтиёрӣ ва ҳатмии ҷавобгарии граждании соҳибони воситаҳои нақлиётро бо мақсади ҳимояи самараноки ҳуқуқҳои ҷабрдидагон ба ҷуброни зарари ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки онҳо расонидашуда ҳангоми истифодаи нақлиёти шахсони дигар фароҳам меорад. Дар баробари ин, суғуртаи мазкур намуди алоҳидаи суғуртаи молу мулк буда, тибқи қонунгузорӣ дар тамоми қаламрави ҶТ ҳатмӣ мебошад.

Ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт, новобаста ба навъ ва намуди воситаи нақлиёт, ки дар бозрасии давлатии автомобилӣ ва ё мақомоти дигар ба қайд гирифта шудаанд ва аз ҷониби соҳибони онҳо мавриди истифода қарор доранд, инчунин воситаҳои нақлиёти муваққатан ба ҳудуди ҶТ воридшуда ва ё воридкардашуда ба суғурткунии ҳатмӣ фаро гирифта мешаванд.

Дар ҳудуди ҶТ истифодабарии воситаҳои нақлиёт, ки ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони онҳо тибқи талаботи қонунгузорӣ ба суғуртаи ҳатмӣ фаро гирифта нашудааст, иҷозат дода намешавад.

Мафҳуми расмии суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ дар қонунгузории миллӣ пешбинӣ карда шудааст. Тибқи м. 1 Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт” аз 7 августи соли 2020 суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт ин намуди суғуртаи ҳатмие мебошад, ки ба андозаи қисман ё пурра пардохт намудани ҷуброни суғуртавиро (пардохти суғуртавиро) барои зараре, ки ба манфиатҳои молумулкии шахс вобаста ба уҳдадориҳои ӯ оид ба ҷуброни зарари ба шахсони сеюм, бинобар аз ҷониби ӯ истифода бурдани воситаи нақлиёт, аз ҷумла ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии интиқолдиҳанда расонда шудааст, пешбинӣ менамояд. Мафҳуми зикршуда мафҳуми расмии суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт мебошад, ки мазмуну моҳияти ин падидаро пурра фарогир аст. Бо мақсади муайян кардани паҳлуҳои асосии суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт аз мафҳуми дар қонун пешбинишуда хусусиятҳои хоси онро ҷудо намудан мумкин аст:

– суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт ин намуди

алоҳидаи суғуртаи ҳатмӣ мебошад. Намуди алоҳидаи суғуртаи ҳатмӣ будани суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт маънои онро дорад, ки он пурра аломатҳои суғуртаи ҳатмиро дорад. Суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт хусусияти ихтиёрӣ надошта, нисбати тамоми соҳибони воситаҳои нақлиёт дар ҶТ ҳатмӣ мебошанд, яъне онҳо уҳдадоранд, ки ин навъи суғуртаро доро бошанд;

– суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт ба андозаи қисман ё пурра пардохт намудани ҷуброни суғуртавиро (пардохти суғуртавиро) барои зараре, ки ба манфиатҳои молумулкии шахс вобаста ба уҳдадориҳои ӯ оид ба ҷуброни зарари ба шахсони сеюм равона карда шудааст, мебошад. Суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт ба таъмин, барқарор намудан ва умуман кафолат додани ҷуброни зарари ба молу мулки шахс вобаста ба ҳодисаҳои нақлиётӣ расонида шудааст, равона карда мешавад. Ин навъи суғурта ба ҷабрдида ба андозаи пурра ё қисман пардохт намудани ҷуброни суғуртавиро кафолат медиҳад. Пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) ин маблағи пулие мебошад, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба суғурташаванда (фоидагиранда) дар доираи маблағи суғуртавӣ ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба шахси суғурташуда мепардозад;

– суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт танҳо дар сурати аз ҷониби шахс истифода бурдани воситаи нақлиёт, аз ҷумла ҷавобгарии граждании ҳуқуқии интиқолдиҳанда расонда шудааст, ба миён меояд. Ин хусусият маънои онро дорад, ки ин намуди суғурта танҳо ҷавобгарии граждании соҳибони воситаҳои нақлиётро дар назар дорад. Соҳаи амали суғуртаи мазкур танҳо ба соҳибони воситаҳои нақлиёт аст. Интиқолдиҳанда ин шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ мебошад, ки дорои воситаи нақлиёти автомобилии хусусӣ бо ҳуқуқи моликият ё дигар асосҳои қонунӣ фаъолияти ҳамлу нақли бор, мусофирон ва бағоҷро амалӣ менамояд.

Ҳамзамон мафҳуми монанди суғуртаи ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт дар Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” аз 23 июли соли 2016, № 1349 [21] пешбинӣ шудааст. Зимни таҳқиқи падидаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании соҳибони воситаҳи нақлиёт муайян кардани моҳияту мазмуни истилоҳи “воситаи нақлиёт” аҳамияти муҳим дорад. Аз номгузории Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт” аз 7 августи соли 2020 бармеояд, ки амали ҳамин Қонун ба ҳама намудҳои воситаи нақлиёт, ба монанди нақлиёти автомобилӣ, баҳрӣ, ҳавоӣ, роҳи оҳан пахн мегардад. Мафҳуми воситаи нақлиёт дар м. 1 Қонуни мазкур ба таври зерин пешбинӣ карда шудааст: “воситаи нақлиёт – воситаи нақлиёти механикӣ, аз ҷумла автомобилҳои сабукрав, микроавтобусҳо, автобусҳо, троллейбусҳо, автомобилҳои боркаш, тракторҳо, мототсиклҳо, мошину олоти худгарди дигар”. Аз моҳияти ин мафҳум бармеояд, ки мафҳуми додашудаи Қонуни мазкур на мафҳуми воситаи нақлиёт, балки мафҳуми воситаи нақлиёти автомобилӣ мебошад, чунки мафҳуми пешбинишуда танҳо нақлиёти автомобилиро муайян намудааст. Бо ҳамин назардошт, мақсаднок аст, ки дар мафҳуми зикршуда тамоми хусусиятҳои нақлиёт ҷой дода шавад ё муайян карда шавад, ки амали қонун танҳо нисбат ба соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ пахн мегардад.

Бояд қайд намуд, ки суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ яке аз намудҳои суғуртаи ҳатмии граждании соҳибони воситаи нақлиёт ба ҳисоб меравад. Дар м. 4 Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” намудҳои зерин суғуртаи ҳатмии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаи нақлиёт пешбинӣ гардидааст: а) суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ; б) суғуртаи ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони нақлиёти ҳавоӣ; в) суғуртаи ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони нақлиёти обӣ.

Мутобиқи м. 2 Кодекси нақлиёти автомобилии ҶТ аз 2 апрели соли 2020, № 1689 воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ин воситаҳои нақлиёти чархдори механикии худгард, инчунин ядакҳо (нимядакҳо), ки барои интиқоли бор, мусофирон, бағоҷ ва таҷҳизоти дар онҳо насбшуда пешбинӣ гардидаанд, мебошад. Дар баробари ин, дар м. 3 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳаракат дар роҳ” аз 4 ноябри соли 1995, № 196 [22] муқаррар гардидааст, ки воситаи нақлиёт ин механизме мебошад, ки барои бо роҳҳо интиқол намудани одамон, бор ё таҷҳизоти дар болои он васлшуда, таъин шудааст.

Хусусияти хоси суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт дар он мебошад, ки объекти он моликияти мушаххаси шахсии шаҳрванд ё моликияти ташкилот, ба монанди суғуртаи молумулкӣ намебошад ва на дар ҳолати ба миён омадани ҳодисаҳои муайян, ки ба ҳаёт ва қобилияти меҳнатии шаҳрвандон доранд, балки бастани шартнома бо он хусусиятнок аст, ки он суғуртаи шахсӣ аст ва ҷавобгарии соҳибони воситаҳои

нақлиётро дар назди шахсони сеюм муқаррар менамояд [23, с. 155].

Моҳияти ин намуди суғурта дар он ифода мегардад, ки ҳар як соҳиби воситаи нақлиёт уҳдадор аст, ки зарари моддии дар натиҷаи ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ ба шахсони сеюм (ҷабрдида) расонидашударо ҷуброн намояд. Хусусиятҳои асосӣ ва ҳатмии навъи мазкури суғурта инҳо мебошанд:

а) ҳодисаи суғуртавӣ дар натиҷаи ҳодисаҳои роҳу нақлиёт ба вуҷуд меоянд. Ҳодисаи роҳу нақлиёт ин ҳодисае мебошад, ки дар раванди истифодабарии воситаи нақлиёт ва бо иштироки он, инчунин ҳаракати қисмҳои аз воситаи нақлиёт ҷудошуда ва бори дар он буда рух додааст, ки дар натиҷаи он ба ҳаёт, саломатӣ ва ё молу мулки ҷабрдида зарар расонида шудааст;

б) дар натиҷаи истифодаи воситаи нақлиёти автомобилӣ ҳодисаҳои суғуртавӣ пайдо мешаванд. Воситаи нақлиёти автомобилӣ – воситаи нақлиёти механикӣ, аз ҷумла автомобилҳои сабукрав, микроавтобусҳо, автобусҳо, троллейбусҳо, автомобилҳои боркаш, тракторҳо, мототсиклҳо, мошину олоти худгарди дигар мебошад.

Дар Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт” принсипҳои суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт муқаррар карда шудаанд. Принсипҳои суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт асосҳои бунёдӣ ва ғояҳои асосие мебошанд, ки моҳият ва таъиноти ин навъи суғуртаро ифода менамояд. Хусусияти хоси принсипҳои суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт дар ҳамоҳангсозии қонунгузории ин соҳа, ба инобат гирифтани онҳо ҳангоми такмили қонунгузории соҳавӣ, татбиқ ва тафсири меъёрҳои қонунгузории ин соҳа зоҳир мегардад. Мутобиқи м. 3 ҳамин Қонуни суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт ба принсипҳои зерин асос меёбад:

– кафолати ҷуброни зарари ба ҳаёт, саломатӣ ва ё молу мулки ҷабрдидагон расондашуда;

– оммавӣ будани суғуртакунии ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт;

– бефосилагии амали суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт дар тамоми муҳлати истифодабарии воситаи нақлиёт;

– ҳавасмандии моддии соҳибони воситаҳои нақлиёт ва таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ.

Бозори хизматрасонии алоқаи барқӣ бовусъат инкишоф меёбад, хизматрасониҳои нав ба вуҷуд меоянд, ки танзими ҳуқуқии мувофиқро тақозо доранд. Аҳамияти ҳуқуқии тақсими хизматрасонии алоқа ба намудҳои муайян дар асосноккунии зарурияти ташкили режимҳои ҳуқуқии гуногун барои онҳо зоҳир мегардад. Дилхоҳ тасниф бояд ба мукаммалгардии танзими ҳуқуқӣ мусоидат намояд. Дар баробари ин, дар корҳои илмӣ, ки ба танзими гражданӣ-ҳуқуқии хизматрасонии алоқаи барқӣ бахшида шудаанд, ба ин масъала он қадар диққати ҷиддӣ дода нашудааст. Аммо дар таҳқиқоти баъзе олимон таснифи хизматрасонии алоқаи барқӣ оварда шудааст. Масалан, Т.Н. Скорикова систематизатсияи хизматрасонии алоқаи кандуиро (сотовиро) вобаста аз ду сатҳи муносибатҳои ҳуқуқӣ асоснок мекунад [12], И.И. Козлова бошад, хизматрасонии алоқаи барқиро вобаста ба хислати фаъолияти оператори алоқа тасниф мекунад [13].

Гуфтан ба маврид аст, ки дар таҳқиқотҳои илмии бурдашуда ба намудҳои алоҳидаи хизматрасонии алоқаи барқӣ дахл доранд, дар онҳо таснифи систематизатсияшудаи хизматрасонии алоқаи барқӣ аз рӯи асосҳои гуногун ҷой надорад. Вобаста ба ин, масъалаи таснифи умумии хизматрасонии алоқаи барқӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ мубрам боқӣ мемонад.

Таснифи хизматрасонии алоқаи барқӣ на танҳо метавонад ба мукаммалгардии танзими ҳуқуқии он мусоидат намояд, балки ҳамчун дастури судманд барои таҳқиқотҳои ояндаи намудҳои алоҳидаи хизматрасонӣ хизмат намуда, барои муайян намудани мазмуни таърифи умумии хизматрасонии алоқаи барқӣ нақши муфид бозад [14].

Мумкин аст, ки хизматрасонии алоқаи барқиро вобаста ба асосҳои зерин тасниф кунем: аз рӯи объекти таъсиррасонии хизматрасонии алоқа, аз рӯи субъекти пешниҳодкунандаи хизматрасонии алоқа; аз рӯи фармоишгари хизматрасонӣ, аз рӯи шабакаҳои алоқа.

Гурӯҳи таснифотии аз рӯи объекти таъсиррасонии хизматрасонии алоқа (иттилоот)-ро баррасӣ мекунем. Аз рӯи шакли инъикосёбии иттилоот хизматрасонии алоқа ба хизматрасонии алоқа оид ба интиқоли иттилооти дар шакли ашёӣ ифодаёбанда (хизматрасонии алоқаи почта) ва хизматрасонии алоқа оид ба интиқоли иттилооти дар шакли ашёӣ ифоданаёбанда (хизматрасонии алоқаи барқӣ) фарқ карда мешаванд. Ин тақсимот нав набуда, ҳатто дар сатҳи қонунгузорӣ ифода ёфтааст. Дар таснифоти мазкур таваҷҷуҳи асосӣ ба он дода мешавад, ки фарқияти байни ин намудҳои хизматрасонӣ дар ҷой доштан ё надоштани шакли ашёии инъикоси иттилоот дида мешавад. Аз ин ҳолат тарзҳои иҷрои уҳдадорӣ (ашёҳо тавассути воситаҳои нақлиёт ва одамон, сигналҳои алоқа барқӣ бошад, тавассути воситаҳо ва хатҳои алоқаи барқӣ интиқол меёбанд) ва бандубасти муносибатҳои шартномавии оператор бо шахсони сеюм, ки барои расонидани хизматрасонии алоқа ҷалб карда мешавад, вобастаанд. Бояд масъалаи сифати хизматрасонӣ, татбиқи тадбирҳо барои таъмини ифшонагардии иттилоот ҳар хел ҳал гардад.

Тақсими хизматрасонии алоқа аз рӯи навъи иттилооти пешниҳодшаванда ба хизматрасонӣ оид ба интиқоли иттилооти матнӣ, овозӣ ва садоӣ, оид ба интиқоли тасвир, ҳамчунин оид ба дар як вақт интиқоли якчанд навъҳои иттилоот аҳамияти ҳуқуқиро соҳиб аст. Ҷудо намудани навъи охир метавонад ба танзими техникии сифати хизматрасонии алоқа, ба реҷаи шартномавии пешкаш намудани хизматрасонии алоқа таъсир расонад: ба инобат гирифтани комплекснокии объекти таъсири хизматрасонии алоқа ҳангоми ташкили шароит оид ба сифат ва нархи хизматрасонӣ зарур аст.

Хизматрасониҳои алоқаи барқӣ аз рӯи мазмуни иттилоот ба хизматрасониҳо оид ба интиқоли иттилооти таъҷилӣ (вобаста ба амнияти инсон ва давлат, оид ба даъвати хадамоти таъҷилӣ) ва хизматрасониҳо оид ба интиқоли дигар иттилоот тақсим мешаванд. Хусусияти хос реҷаи ҳуқуқии навъи аввали хизматрасонӣ дар муқаррароти қонунгузорӣ оид ба бартарияти расонидани чунин

хизматрасонӣ ва ҳалли масъалаи музднокӣ ифода меёбад.

Таснифи сеюми гурӯҳи хизматрасониҳои алоқаи баркӣ аз рӯи нишонаи ба оператори алоқа вобастабуда сурат мегирад. Вобаста аз мақоме, ки операторҳо дар бозори хизматрасонии алоқа ишғол менамоянд, мумкин аст, ки чунин хизматрасониҳои алоқаи баркиро фарқ намуд:

А) хизматрасониҳое, ки аз тарафи операторҳои дорои мақоми *назаррас* дар бозори хизматрасонӣ пешкаш карда мешаванд;

Б) хизматрасониҳое, ки аз тарафи операторҳои дорои мақоми *ҳукмфармо* дар бозори хизматрасонӣ пешкаш карда мешаванд.

Мақоми оператори дорои мақоми назаррас дар шабакаи алоқа аз оператори дорои мақоми ҳукмфармо бо он фарқ мекунад, ки категорияи аввал ба қонунгузорӣ оид ба алоқа асосан бо мақсади танзими муносибатҳо байни операторҳо оид ба пешкаш намудани хизматрасонии алоқа ворид гардида буд (масалан, хизматрасонии алоқа оид ба гузаронидани трафика ба чунин операторҳо дар чаҳорчӯбаи шартномаи оммавӣ расонида мешавад; тартиби ҳамкории шабакаҳои чунин операторҳо бо шабакаҳои алоқаи дигар операторҳои алоқа тибқи қоидаҳои тасдиқнамудаи Ҳукумати ҶТ муайян карда мешавад; нархи хизматрасонии алоқаи баркӣ мавриди танзими давлатӣ қарор мегирад). Ҳукмфармоӣ доштан дар бозор ба реҷаи ҳуқуқии хизматрасонии алоқаи баркӣ, ки аз тарафи дилхоҳ субъект расонида мешавад, таъсир расонида, бо қонунгузории зиддиинҳисорӣ муайян мегардад (масалан, манъ будани хизматрасонии алоқаи баркӣ бо нархи баланд ё пасти инҳисорӣ, ба контрагент вогузор намудани шарти шартнома, ки ба ӯ манфиатбахш нест ё ба предмети шартнома дахл надорад, беасос рад кардани бастани шартнома).

Ба таснифи дигари гурӯҳи хизматрасониҳои алоқаи баркӣ мегузарем, ки ба фармоишгари хизматрасонӣ алоқаманд аст. Вобаста аз он ки фармоишгар ба кадом намуди субъекти ҳуқуқи граждани дохил мешавад, хизматрасонии алоқаи баркии аз тарафи шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ ё давлат пешкашшуда фарқ карда мешаванд. Аҳамияти инфрасохтории алоқа ҳамчун шарти таъмини фаъолияти дилхоҳ субъекти иқтисодиёт саволеро ба миён меорад, ки оё паҳн нагардидани реҷаи шартномаи оммавӣ ба муносибат бо иштироки шахсони ҳуқуқӣ манфиати ин шахсонро поймол намекунад? Да адабиёт, масалан, хулосае асоснок шудааст, ки шартномаҳои хизматрасонии алоқаи телефонии ноқилӣ, алоқаи радиотелефонию кандуӣ новобаста аз оне ки ба сифати муштарӣ кӣ баромад мекунад, оммавӣ ҳисобида мешаванд [15]. Муқаррар намудани категорияи шартномаи оммавӣ самти бисёрмақсада дорад, аммо дар навбати аввал мақсадаш ҳифзи ҷониби заиф мебошад. Фарз карда мешавад, ки системаи ҷойдоштаи қоидаҳои қонунгузории зиддиинҳисорӣ, қонунгузории алоқаи баркӣ оид ба пешкаш намудани хизматрасонии универсалӣ имкон медиҳад, ки манфиатҳои ҳамаи субъектони ҳуқуқи гражданӣ дар таъмини онҳо бо хизматрасонии алоқаи баркӣ ҳифз карда шаванд. Зарурияти паҳн гардидани реҷаи шартномаи оммавӣ ба муносибат бо иштироки шахсони ҳуқуқӣ ҷой надорад. Зиёда аз ин, қоидаҳо оид ба шартномаи оммавӣ набояд нисбати муносибатҳо бо иштироки шаҳрвандон татбиқ шаванд, агар барои расонидани хизмат шабакаи алоқаи дорои таъиноти махсус истифода шавад.

Хусусияти реҷаи ҳуқуқии хизматрасонии алоқаи баркии барои эҳтиёҷоти давлат пешкашшуда дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳод намудани онҳо бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории гражданӣ ва қонунгузории ҶТ дар бораи фармоишҳо барои эҳтиёҷоти давлатӣ сурат мегирад.

Таснифи дигари дорои аҳамияти ҳуқуқидошта аз рӯи мансубияти фармоишгари хизматрасонӣ ба соҳаи алоқа сурат мегирад. Аз рӯи ин маҳак хизматрасонии алоқаи баркӣ ба хизматрасонии аз тарафи оператори алоқа пешниҳодшаванда (хизматрасонӣ оид ба гузаронидани трафика) ва хизматрасонии алоқаи аз тарафи дигар шахсон пешниҳодшаванда тақсим мешаванд. Мақсади хизматрасонӣ оид ба гузаронидани трафика – қонеъ намудани эҳтиёҷот барои интиқоли иттилооти ирсолшавандаи на истифодабарандаи охирин, балки оператори алоқа мебошад, ки дар навбати худ эҳтиёҷоти истифодабарандаи охиринро қонеъ мекунад. Иттилоот тавассути шабакаи алоқа интиқол меёбад, иҷрокунандаи хизматрасонӣ уҳдадор аст, ки тағйирнопазирӣ, мазмун ва махфияти онро таъмин намояд. Аммо таваҷҷуҳро ба вазъи махсуси он дар низоми муносибатҳо оид ба расонидани хизмат ба истифодабарандаи охирин зоҳир намудан лозим аст. Хусусан истифодабарандаи охирин дар ин низоми муносибатҳо нақши асосӣ дорад, ҳамаи дигар хизматрасониҳо ва корҳо дар соҳаи алоқа барои таъмин расонидани он иҷро мешаванд. Хизматрасонӣ оид ба гузаронидани трафика, ки худ хизматрасонии алоқаи баркӣ мебошад, дар сатҳи дигари муносибатҳои алоқа – муносибатҳо байни операторҳо ташкил мешавад. Хусусиятҳои хоси танзими ҳуқуқии хизматрасониҳо оид ба гузаронидани трафика дар инҳо зоҳир мегардад: вай танзими пайвастшавии шабакаҳои алоқаро ҳамроҳӣ

мекунад; ҳалли масъалаи ҳисоббаробаркунӣ байни операторҳо зарур аст; сифат ва мӯҳлати расонидани хизмат оид ба гузаронидани трафика ва параметрҳои дахлдори хизматрасонии алоқа барои истифодабарандаи охирин бояд ба якдигар муносибат дошта бошанд; масъалаи ҷавобгарӣ барои расонидани хизмати номатлуб ба истифодабарандаи охирин бояд танзим карда шавад.

Чунин аломати фармоишгар, аз қабили доштани ӯҳдадории таъмини заминаҳои техники дахлдор барои пешкаш намудани хизматрасонии алоқа аҳамияти ҳуқуқӣ дорад. Аз рӯи ин маҳак хизматрасонии алоқа ба хизматрасоние, ки фармоишгари он бояд заминаҳои техникиро таъмин кунад ва хизматрасоние, ки фармоишгари он чунин ӯҳдадорӣ надорад, тақсим мешавад. Аҳамияти ин таснифот дар танзими махсуси масъалаи бастани шартнома оид ба хизматрасонии алоқаи барқӣ ва иҷрои ӯҳдадориҳои оператори алоқа оид ба расонидани хизмати алоқаи барқӣ ифода меёбад. Рад кардани оператор барои хизматрасонии алоқаи барқӣ бо сабаби таҷҳизоти зарурӣ надоштани фармоишгар асоснок ҳисобида мешавад. Агар хизматрасонии алоқа аз сабаби сифати номатлуби таҷҳизоти ба истифодабаранда дахлдошта пешкаш нагардида бошад ё ба табри номатлуб пешкаш гардида бошад, ин бояд операторро аз ҷавобгарӣ озод намояд.

Вобаста ба он ки ба хизматрасонии алоқаи барқӣ аз терминали ба фармоишгар дахлдошта ё терминали коллективӣ иҷозат дода мешавад, хизматрасонии алоқаи барқӣ ба хизматрасонии алоқаи дастрасии фардӣ ва хизматрасонии алоқаи дастрасии коллективӣ (хизматрасонии алоқаи телефонӣ бо истифодаи таксофонҳо, хизматрасонӣ оид ба интиқоли маълумотҳо бо истифода аз нуқтаҳои дастрасии коллективӣ) тақсим мешавад. Хизматрасонии алоқаи дастрасии коллективӣ хусусиятҳои хоси худро дорад. Онҳо ба он вобастаанд, ки истифодабарандаи хизматрасонӣ дар лаҳзаи расонидани он аз тарафи оператор идентификатсия (ҳаммонанд) карда намешаванд. Ташкили шартҳои шартномавӣ дар ин ҳолат ҳадди ақал аст, шарти расонидани хизмат бояд дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дарҷ гарданд. Дар ин ҳолат зарур аст, ки чунин лаҳзаҳо танзим гарданд: тарзҳои идентификатсияи фармоишгари хизматрасонӣ; имконияти фармоишгар оид ба пешкаш намудани исботи нарасонидани хизмат, расонидани хизмати сифатан номатлуб, тартиби пардохт, ӯҳдадории фармоишгар оид ба иттилоотонии фармоишгарони эҳтимолӣ оид ба тартиби хизматрасонии алоқаи барқӣ; шакли бастани шартнома.

Охирин таснифи гурӯҳи хизматрасониҳои алоқаи барқӣ ба шабакаҳои алоқа дахл дорад. Аз рӯи мансубияти шабакаи алоқаи барқӣ хизматрасонии алоқаи барқиро ба чунин намудҳо тақсим кардан мумкин аст:

- хизматрасонии алоқаи барқӣ, ки аз тарафи оператор бо истифодаи шабакаи алоқаи худ пешкаш мегардад;
- хизматрасонии алоқаи барқӣ, ки аз тарафи оператор бо истифодаи шабакаи бегона сурат мегирад.

Қонун бояд масъала оид ба имконияти хизматрасонии алоқаи барқӣ бо истифодаи шабакаи алоқаро ҳал намоянд, ки ба он иҷрокунандаи хизматрасонӣ ҳуқуқҳои ашёӣ надорад. Чунин оператор бояд дорои ҳуқуқҳои махсус бошад; вай бояд ба низоми нисбатан мураккаби робитаҳои шартномавӣ ҷалб карда шавад; хизматрасонии алоқа бояд тибқи қоидаҳои умумӣ пешкаш гардад, аммо имконияти вобастагии параметрҳои муайяни хизматрасонӣ аз амалҳои соҳиби шабакаи алоқа ҷой дорад.

Бо назардошти намудҳои шабакаҳои алоқаи барқӣ мумкин аст хизматрасонии алоқаро ба хизматрасонии алоқаи истифодаи умумӣ (барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти дилхоҳ истифодабаранда) ва хизматрасонии алоқаи истифодааш маҳдуд (ба гурӯҳи маҳдуди истифодабарандагон пешкаш мегардад) ҷудо намоем, ки бояд дар реҷаи шартномаи оммавӣ расонида шавад.

Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи алоқаи барқӣ» таснифи хизматрасонии алоқаи барқӣ оварда нашудааст. Аммо ин гуна кӯшиш аз тарафи қонунгузори қирғиз карда шудааст. Дар Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи алоқаи барқӣ ва почтавӣ» аз 2 апрели соли 1998 [16] хизматрасонии алоқаи барқӣ чунин тасниф мегардад:

– хизматрасонии алоқаи барқӣ барои истифодаи дохилӣ – хизматрасонии алоқаи барқӣ, ки ба истифодабарандагони шабакаи дохилии алоқаи барқӣ пешкаш мегардад ё дастрас аст;

– хизматрасонии алоқаи барқӣ барои доираи маҳдуди истифодабарандагон – хизматрасонии алоқаи барқӣе мебошад, ки ба гурӯҳи истифодабарандагони дорои бизнеси умумӣ ё дигар манфиат дода шуда, аз пешкаш намудани хизматрасонии алоқаи барқӣ фарқ мекунанд;

– хизматрасонии алоқаи барқии истифодаи умумӣ – хизматрасонии алоқаи барқӣ, ки ба тамоми аҳолӣ пешкаш гардида, пайваст намудани истифодабарандаро бо дилхоҳ муштарии дигар, ки ба шабакаи алоқаи барқии истифодаи умумӣ пайваст аст, таъмин мекунад.

Ҳамин тариқ, таснифи хизматрасонии алоқаи барқӣ имкон медиҳад, ки танзими ҳуқуқии ин хизматрасонӣ хубтар ба роҳ монда шуда, меъёрҳои қонунгузории танзимкунандаи он дуруст тафсир карда шаванд.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право (книга третья). Договоры о выполнении работ и оказании услуг. М.: Издательство "Статут", 2002.
2. Гражданское право: учеб.: в 3 т. Т. 2. – 4-е изд., перераб. И доп. / Е.Ю. Валявина, И.В. Елисеев [и др.]; отв. ред. А.П.Сергеев, Ю.К. Толстой. – М.: Проспект, 2008. – С. 634.
3. О.С. Иоффе. Обязательственное право. М., 1975. С. 248.
4. Советское гражданское право. В 2-х томах. Том 2. / Под.ред. О.А. Красавчикова. – М.: «Высшая школа». – 1968.
5. Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации. Часть вторая. / Под ред. О.М.Козырь, А.Л.Маковского, С.А.Хохлова. В.А.Кабатов «Возмездное оказание услуг (глава 39)». - М., 1996.-.68 с.
6. Михеева О.М. Правовое регулирование деятельности в области оказания услуг электрической связи. Дисс. канд. юрид. наук. М., 2005. С.20.
7. Ожегов С.И. Словарь русского языка. М, 1953. (3-е издание), 776 с.
8. Шешенин Е.Д. «Общие проблемы обязательств по оказанию услуг» // Вестник Московского университета. Серия 11. Право. - М.: 1983. - № 1.
9. Гузанов К.А. Правовое регулирование деятельности по оказанию услуг связи. Дисс. канд. юрид. наук. М., 2018. С. 11.
10. Кузнецова О.А. Гражданско-правовое регулирование договорных отношений в сфере телекоммуникационных услуг. М., 2017. С. 10.
11. Скорикова Т. Н. Гражданско-правовое регулирование отношений по оказанию услуг сотовой связи: дисс. … к.ю.н.: 12.00.03. Томск: РГБ, 2006.
12. Козлов И.И. Гражданско-правовое регулирование оказания услуг проводной телефонной связи: дисс. … к.ю.н.: 12.00.03. Волгоград: РГБ, 2006.
13. Жевняк О.В. Классификация услуг связи как объектов гражданских прав // Бизнес в законе – 2008 - №2 – С. 239.
14. Козлов И. И. Асари номбурда. С. 7.; Нарозников Н. К., Суденко В.В. Радиотелефонная сотовая связь: правовое регулирование оказания услуг. Учебно-практическое пособие. – М.: ВГНА МНС РФ, Книжный мир, 2004. С. 30.
15. Закон Кыргызской Республики от 2 апреля 1998 г., № 31 Об электрической и почтовой связи (В редакции Законов КР от 7 ноября 2001 года, № 88).



**Аннотатсия**

**Оид ба мафҳум ва таснифи хизматрасонии соҳаи алоқаи барқӣ**

Дар мақолаи мазкур мафҳум ва таснифи хизматрасонии соҳаи алоқаи барқӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Бозори хизматрасонии алоқаи барқӣ бовусъат инкишоф меёбад, хизматрасониҳои нав ба вуҷуд меоянд, ки танзими ҳуқуқии мувофиқро тақозо доранд. Аҳамияти ҳуқуқии тақсими хизматрасонии алоқа ба намудҳои муайян дар асосноккунии зарурияти ташкили режимҳои ҳуқуқии гуногун барои онҳо зоҳир мегардад. Дилхоҳ тасниф бояд ба мукаммалгардии танзими ҳуқуқӣ мусоидат намояд.



**Аннотация**

**О понятии и классификации телекоммуникационных услуг**

В данной статье анализируется и обсуждаются понятие и классификация телекоммуникационных услуг. Рынок телекоммуникационных услуг быстро развивается, появляются новые услуги, требующие соответствующего правового регулирования. Юридическая значимость разделения услуг связи на отдельные виды отражается в обосновании необходимости установления для них различных правовых режимов. Любая классификация должна способствовать улучшению правового регулирования.



**Annotation**

**On the concept and classification of telecommunication services**

This article analyzes and discusses the concept and classification of telecommunications services. The telecommunications market is rapidly developing, and new services are emerging that require appropriate legal regulation. The legal significance of dividing communication services into separate types is reflected in the justification for the need to establish different legal regimes for them. Any classification should help to improve legal regulation.



**УДК:** 346.21
**Турсунзода Шаҳло,**
*унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: tursunzoda@mail.ru*
*Тел.: (+992) 888-00-55-50.*

# ХУСУСИЯТҲОИ ШАКЛҲОИ ТАШКИЛӢ-ҲУҚУҚИИ ХОҶАГИИ ДЕҲҚОНӢ (ФЕРМЕРӢ) ҲАМЧУН СУБЪЕКТИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

***Калидвожаҳо:*** *шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ; шахси ҳуқуқӣ; соҳибкор; фаъолияти соҳибкорӣ; хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ); субъекти фаъолияти соҳибкорӣ; соҳибкори инфиродӣ; ҳуқуқ ба ташкили хоҷагии деҳқонӣ.*

***Ключевые слова:*** *организационно-правовые формы; юридическое лицо; предприниматель; предпринимательская деятельность; дехканское (фермерское) хозяйство; субъект предпринимательской деятельности; индивидуальный предприниматель; право на создание дехканского хозяйства.*

***Key words:*** *organizational and legal forms; entity; entrepreneur; entrepreneurial activity; dekhkan (farm) farm; business entity; individual entrepreneur; the right to establish a dekhkan farm.*

Дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 15 марти соли 2016, №1289 [1] ҳуқуқ ба ташкили хоҷагии деҳқонӣ, тартиби ташкил ва шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагии деҳқонӣ пешбинӣ шудааст. Дар қонунгузорӣ як қаттор маҳдудиятҳо вобаста ба ҳуқуқи ташкили хоҷагии деҳқонӣ пешбинӣ шудааст, яъне қонгунгузор на ба ҳар шахс имконияти ташкили хоҷагии деҳқониро додааст. Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар чор маротиба қонун дар бораи хоҷагии деҳқонӣ қабул гардидааст, ки ҳар яке аз ин қонунҳои қабулшуда талаботҳои муайянро оид ба ташкили хоҷагии деҳқонӣ пешбинӣ намудаанд, махсусан шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагии деҳқонӣ ба таври гуногун муқаррар шуда буданд.

Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ аст, ки қабл аз оғози таҳлили шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагии деҳқониро тибқи қонунҳои пештар амалкунанда оид ба хоҷагии деҳқонӣ мавриди таҳлил қарор диҳем. Мувофиқи м. 5 Қонуни ҶТ "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ" аз 5 марти соли 1992 ҳар як шаҳрванди қобили амали ҶТ ҳуқуқ дорад, хоҷагии деҳқонӣ ташкил намояд. Шаҳрвандоне, ки дар маҳалли муайян зиндагӣ мекунанд, дорои донишу малакаи махсуси кишоварзӣ мебошанд ва дар соҳаи кишоварзӣ таҷрибаи кории амалӣ доранд, барои гирифтани қитъаи замин, аз ҷумла дар асоси озмун, ҳуқуқи афзалиятнок доранд. Дар Қонуни зикршуда ба ташкили хоҷагии деҳқонӣ танҳо шаҳрвандони қобили амали Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳуқуқдор менамояд, яъне дар ин қонун талаботи муайян гузошта мешавад.

Дар қисмати дуюми моддаи 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 15 марти соли 2016, №1289 [2] бошад, имконияти ба таври афзалиятнок гирифтани қитъаи замин аз тарафи категорияи муайяни шаҳрвандон, ки ба талаботҳои муқарарнамудаи қонун ҷавобгӯ мебошанд, муқаррар шудааст. Ҳамчунин дар сархати дуюми ҳамин модда муқаррар карда мешавад, ки баҳсҳо оид ба ҳуқуқи афзалиятнок ба ташкили хоҷагии деҳқонӣ, ҳамчунин ҳуқуқ ба қитъаи замин дар судҳои иқтисодӣ баррасӣ мегарданд. Дар асоси м. 6 Қонуни ҶТ "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ" аз 10 майи соли 2002 муқаррар шудааст, ки шаҳрванди ҶТ, ки дорои қобилияти амал аст, ҳуқуқ дорад, хоҷагии деҳқонӣ ташкил кунад. Қонуни мазкур ба монанди қонуни пештар амалкунанда муқаррароти монандро пешбинӣ намудааст. Дар қисмати дуюми моддаи мазкур шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагии деҳқонӣ муқаррар шуда буданд, ки мувофиқи он хоҷагии деҳқонӣ дар шаклҳои зерин ташкил карда мешавад:

а) хоҷагии деҳқоние, ки ба соҳибкории инфиродӣ асос ёфтааст;

б) хоҷагии деҳқоние, ки дар он фаъолияти соҳибкорӣ дар шакли соҳибкории оилавӣ сурат мегирад ва он дар заминаи моликияти якҷоя аст;

в) хоҷагии деҳқоние, ки дар шакли ширкати одӣ дар заминаи моликияти умумии ҳиссагӣ ташкил шудааст ва ба шартномаи фаъолияти якҷоя асос ёфтааст.

Дар м. 3 Қонуни ҶТ "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" аз 19 майи соли 2009 пешбинӣ гардида буд, ки хоҷагии деҳқониро метавонанд ҳар як шаҳрванди ҶТ, ки қобили амал аст, ташкил

намояд, агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар муқаррар нашуда бошад. Бо дарназардошти шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагии деҳқонӣ, ки дар Қонуни зикршуда пешбинӣ шуда буд, имконияти хоҷагии деҳқониро як шахс ё гурӯҳи шахсон ташкил намудан мавҷуд буд. Дар асоси м. 5 ҳамин Қонун хоҷагии деҳқонӣ дар шаклҳои зерин ташкил шуда метавонад:

хоҷагии деҳқонии фардӣ – ҳоҷагии деҳқоние, ки дар он фаъолияти меҳнатӣ ба соҳибкории як шахс асос ёфтааст;

хоҷагии деҳқонии оилавӣ – хоҷагии деҳқоние, ки дар он фаъолияти меҳнатӣ дар шакли соҳибкории оилавӣ дар заминаи моликияти якҷоя асос ёфтааст;

хоҷагии деҳқонии шарикӣ – хоҷагии деҳқоние, ки дар заминаи моликияти умумии ҳиссагӣ ташкил шуда, фаъолияти хоҷагидории онро шартнома дар бораи фаъолияти якҷоя муайян мекунад [3, с. 9-10].

1. Мувофиқи қ. 1 моддаи тафсиршаванда ба таъсиси хоҷагии деҳқонӣ танҳо шаҳрвандони қобили амали ҶТ, ки ба синни 18 расидаанд, ҳуқуқ доранд. Дар қисми мазкури моддаи тафсиршаванда талабот нисбат ба шахсоне, ки хоҳиши ташкил намудани хоҷагии деҳқониро доранд, пешбинӣ гардидааст. Шахсоне, ки хоҳиши ташкили хоҷагии деҳқониро доранд, бояд ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошанд:

а) шаҳрванди ҶТ бошад. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ҳуқуқ ба ташкили хоҷагии деҳқониро надоранд, чунки мувофиқи м. 66 КЗ ҶТ қитъаи замин ба шаҳрвандони ҶТ бо мақсади ташкили хоҷагии деҳқонӣ ба истифодаи меросии якумра тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» дода мешавад. Ҳамчунин дар асоси м. 25 КЗ ҶТ қитъаҳои заминро ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ба истифодаи муҳлатнок ба муҳлати то 50 сол додан мумкин аст. Аз муқаррароти зикршуда бармеояд, ки қитъаи замин ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд танҳо муҳлатнок дода мешавад, на ин ки якумраи меросӣ, дар ҳоле ки қитъаи замин барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ ба тариқи якумраи меросӣ дода мешавад. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд метавонанд, тибқи шартномаи меҳнатӣ ба сифати корманди кироя дар фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ иштирок намоянд. Агар шаҳрванди ҶТ дорои ду шаҳрвандӣ бошад дар он ҳолат хоҷагии деҳқонӣ ташкил карда метавонад, ки доимо дар ҳудуди ҶТ истиқомат кунад;

б) дорои қобили амал ва ба синни ҳаждаҳсолагӣ расида бошанд. Ин талабот нисбат ба шахсоне, ки хоҳиши ташкил намудани хоҷагии деҳқониро доранд, дар якҷояги паҳн мегардад, яъне таркиби ҳуқуқӣ аст, аз ин рӯ, аввалан, шаҳрванд бояд дорои қобилияти амал бошад, дувум ба синни ҳаждаҳ расида бошад, дар ин маврид шаҳрванд ҳуқуқ ба ташкили хоҷагии деҳқониро пайдо менамояд. Мувофиқи м. 22 КГ ҶТ қобилияти амалкунии шаҳрванд ин барои бо амали хеш ба даст овардан ва татбиқ намудани ҳуқуқи гражданӣ, барои худ муқаррар намудани уҳдадорӣ ва иҷро намудани он дар ҳаҷми пурра бо фаро расидани балоғат, яъне пас аз расидан ба синни ҳаждаҳ, ба миён меояд. Агар тибқи қонун издивоҷ то ба синни ҳаждаҳсолагӣ расидан иҷозат бошад, шаҳрванди ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасида аз вақти издивоҷ карданаш пурра қобилияти амалро ба даст меорад. Мувофиқан ба қ. 2, м. 13 КО ҶТ имконияти аз синни ҳабдаҳсолагӣ бастани ақди никоҳ мавҷуд аст. Аммо, шахсони аз синни ҳабдаҳ ба ақди никоҳ даромада, ҳуқуқ ба ташкили хоҷагии деҳқониро надоранд, чунки танҳо шаҳрвандони ба синни ҳаждаҳ расида ин ҳуқуқро доро мебошанд.

Дар Тафсири Қонуни ҶТ "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" аз 19 майи соли 2009, ки муаллифи он М.З. Раҳимов мебошад, қайд карда мешавад, ки "агар тибқи қонун бастани ақди никоҳ то ҳаждаҳсолагӣ мумкин бошад, шаҳрвандони ба ҳаждаҳсолагӣ нарасида аз вақти ақди никоҳ бастан пурра қобилияти амалро соҳиб гардида, метавонанд, хоҷагии деҳқонӣ ташкил намоянд" [4, с. 7]. Ин ақида ба қонуни соли 2009 оид ба хоҷагии деҳқонӣ мутобиқат менамояд, чунки дар моддаи сеюми он пешбинӣ гардида буд, ки мутобиқи он хоҷагии деҳқониро метавонад ҳар як шаҳрванди ҶТ, ки қобили амал аст, ташкил намояд, агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

Аммо, чи тавре ки қайд намудем, барои он ки шахс имконияти ташкили хоҷагии деҳқониро соҳиб гардад, бояд ҳатман ба синни ҳаждаҳ расида бошад, чунки ин талабот аз қисми якуми моддаи тафсиршаванда бармеояд. Ақидаи маҳдудияти субъективии ташкил намудани хоҷагии деҳқонӣ аз тарафии шаҳрвандони то ҳаждаҳсолагӣ дар Тафсири Қонуни ҶТ "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" аз 15 марти соли 2016, ки муаллифони он Ш.М. Исмоилов, Ҷ.С. Муртазоқулов ва Ш.Н. Шораҳмонов мебошанд, дастгирӣ карда шуда, қайд карда мешавад, ки ҳуқуқи ташкил намудани хоҷагии деҳқонӣ танҳо ба шахсони синни 18 – солагӣ расида ва қобили амалбуда дода мешавад. Ҳамин тавр, таъсисдиҳӣ ва роҳбарикунии хоҷагии деҳқонӣ ба шахсони ба синни 18 – солагӣ нарасида маҳдуд мегардад [5, с. 5]. Дар қонунгузорӣ як ҳолати дигари то ба синни ҳаждаҳ норасида имконияти қобилияти пурраи амалро ба даст

овардан пешбинӣ шудааст, ки ин эмансипатсия мебошад. Мувофиқи м. 28 КГ ҶТ агар ноболиғи ба синни шонздаҳсолагӣ расида тибқи шартномаи меҳнатӣ, аз ҷумла аз рӯйи қарордод кор кунад ё бо розигии волидайн, фарзандхондагон ё парастор бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад, ӯ метавонад дорои қобилияти пурраи амал эълон карда шавад. Шахси эмансипатсияшуда дар ҳаҷми пурра дорои ҳуқуқи граждан ӣ ва ӯҳдадориҳо мебошанд, ба истиснои онҳое, ки барои ба даст овардани онҳо қонун синну солро муайян кардааст [6, с. 92].

Аз ин лиҳоз, шахсони эмансипатсияшуда низ ҳуқуқ ба ташкили хоҷагии деҳқониро надоранд, чунки қонунгузор барои ташкили он синну сол (ҳаждаҳсолагӣ) муқаррар намудааст. То синни ҳаждаҳсолагӣ қобилияти пурраи амалро ба даст овардан асосан дар муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бештар татбиқ карда мешавад. Масалан, шахси эмансипатсияшуда мустақилона аз тамоми ҳуқуқҳои субъективии гражданӣ истифода намуда, ӯҳдадориҳои граждаиро иҷро менамояд. Аммо то ба синни ҳаждаҳсолагӣ қобилияти пурраи амалро ба даст овардан дар муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ истифода бурда намешавад, яъне ин шахсон ба шахсони ба синни ҳаждаҳсолагӣ расида имонияти баробар надоранд. Ҳамзамон ташкил намудани хоҷагии деҳқонӣ ба гирифтани қитъаи замин вобастагии бевосита дорад, аз ин рӯ, гирифтани қитъаи замин ба муносибатҳои оммавӣ-хуқуқӣ бештар дахл дорад ва паҳн гаштани ҳуқуқҳои шахси эмансипатсияшуда ғайриимкон аст. Яъне ташкили хоҷагии деҳқонӣ бо гирифтани қитъаи замин зич алоқаманд аст. Қонунгузорӣ оид ба хоҷагии деҳқонӣ гирифтани қитъаи заминро бо мақсади ташкили хоҷагии деҳқонӣ, роҳи ягонаи ташкили хоҷагии деҳқонӣ медонад. Зеро истифода бурдани қитъаи замин асоси фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ мебошад, ки дар натиҷаи ин фаъолият маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол, коркард ва фурӯхта мешавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки барои ташкил кардани хоҷагии деҳқонӣ тартиб ва бақайдгирии давлатии зайл пешбинӣ мешаванд, аз ҷумла аз тарафи саҳмдорон маҷлиси умумии аъзоён гузаронида шуда, дар ин хусус портоколи маҷлиси умумӣ ва шартномаи фаъолияти якҷоя ба имзо расонида мешавад ва ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳия ариза оид ба ташкил намудани хоҷагии деҳқонӣ бо зикри ному насаби аъзоён пешниҳод карда мешавад.

Баъд аз омӯхтани ариза, он ба кумитаи идораи замини ноҳия ва ё шаҳр дар хусуси омода намудани ҳуҷҷатҳои заминсозӣ манзур карда мешавад, ки дар натиҷа кумита санад оид ба интихоби қитъаи замин ва пешниҳод оид ба додани розигӣ ба унвони раиси ноҳия ва ё шаҳр пешниҳод менамояд, ки пас аз омода шудани ҳамаи ҳуҷҷатҳо ва харитаи замин, инчунин хулосаи мақомотҳои дахлдор аз тарафи раиси ноҳия ва ё шаҳр қарор оид ба ҷудо намудани қитъаи замин барои ташкил намудани хоҷагии деҳқонӣ ба тасвиб мерасад. Мувофиқи м. 7 КЗ ҶТ мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо дар соҳаи танзими муносибатҳои вобаста ба замин дар ҳудуди маъмуриашон дорои салоҳияти додани қитъаҳои замин барои истеҳсолоти кишоварзӣ мебошанд. Бо дарназардошти қарори раиси шаҳр ё ноҳия ва ҳуҷҷатҳои омодагардида субъекти муроҷиатнамуда бо шаҳодатномаи ҳуқуқи истифодаи замин таъмин карда мешавад. Мутобиқи м. 17 КЗ ҶТ ҳуқуқи истифодаи замин бо ҳуҷҷатҳои зерин тасдиқ карда мешаванд, ҳуқуқи бемуҳлату муҳлатноки истифодаи замин ва ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии қитъаи замин бо Сертификати (шаҳодатнома) ҳуқуқи истифодаи замин, ҳуқуқи иҷораи қитъаи замин бо шатномаи иҷора тасдиқ карда мешаванд [7, с. 66].

Дар Барномаи ислоҳоти кишоварзии ҶТ барои солҳои 2012-2020, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 августи соли 2012, №383 [8] тасдиқ шудааст, оид ба масъалаи мушкилии машғул гардидани занон ба сифати манбаи асосии пешбарандаи фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ қайд карда мешавад, ки “истеҳсолоти ҳозираи кишоварзӣ даромаднок ва самарабахш набуда, ҷойҳои кории устуворро ташкил намекунад, ки ин ба муҳоҷирати оммавии аҳолии қобили меҳнат оварда расонд. Имрӯз аз рӯйи баҳодиҳии мавҷуда танҳо дар ФР қариб 1,2 миллион муҳоҷирони тоҷик (асосан мардон) кор мекунанд. Дар бахши кишоварзӣ тақрибан 550 ҳазор нафар одамон кор мекунанд, ки онҳо 20 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилиро истеҳсол мекунанд. Қариб 70 фоизи аҳолӣ мустақиман ё ғайри мустақим бо хоҷагии қишлоқ алоқамандӣ доранд. Аз сабаби дар сатҳи баланд қарор доштани муҳоҷират аксарияти аҳолии қобили меҳнатро дар деҳот занон ва пиронсолон ташкил медиҳанд.

Аз ин лиҳоз қисми зиёди корҳои хоҷагии қишлоқ аз ҷониби занон анҷом дода мешавад, ки дар бисёр ҳолат чун мардон аз ҳуқуқҳои худ, ба монанди андозаи саҳми замини хоҷагии деҳқонӣ, музди меҳнат, дастрасӣ ба маблағҳои молиявӣ ва қарзӣ истифода намебаранд. Инчунин нақши анъанавии зан дар сохтори иҷтимоӣ ба онҳо монеаҳо эҷод менамояд ва ӯ наметавонад дар баробари мардҳо аз ҳуқуқҳои худ ҳимоя намояд. Бинобар ин хеле зарур аст, ки таваҷҷуҳи махсус ба талаботи занҳо оид ба дастрасии замин, хариду фурӯши ҳуқуқи истифодаи он, воситаҳои молиявӣ

ва инчунин тақвияти малакаю баландравии сатҳи маълумотнокии онҳо дода шавад, то ки дар баробари мардҳо занон низ аз имкониятҳое, ки дар чорчӯбаи ислоҳот пешниҳод мегардад, истифода бурда тавонанд. Дар навбати худ муваффақ гаштани ислоҳоти кишоварзӣ асосан аз то кадом андоза амалӣ гаштани имкониятҳои захиравии занҳо ва риоя гаштани ҳуқуқҳои онҳо дар ҳама самтҳои пешниҳод намудаи ислоҳот вобастагӣ дорад".

2. Дар қисми дуюми моддаи тафсиршаванда тартиб ва навъҳои ташкили хоҷагии деҳқонӣ пешбинӣ шудааст. Мутобиқи қисми мазкур хоҷагии деҳқонӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ аз ҷониби як нафар ё гурӯҳи шахсони воқеӣ ташкил карда мешавад. Шаҳрванди алоҳида метавонад, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати ҷудо намудани қитъаи замин бахри ташкили хоҷагии деҳқонӣ муроҷиат намояд. Баъди ҷудо намудани қитъаи замин шаҳрванди мазкур метавонад, хоҷагии деҳқонӣ ташкил намуда, онро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ба қайди давлатӣ гирад. Ҳамчунин гурӯҳи шахсони воқеӣ низ метавонанд хоҷагии деҳқониро ташкил намоянд ва фаъолияти муштараки хоҷагидориро дар асоси шартномаи фаъолияти якҷоя ба роҳ монанд. Аммо, қайд кардан зарур аст, ки дар қисми дуюми моддаи тафсиршаванда имконияти аз ҷониби гурӯҳи шахсони воқеӣ ташкил намудани хоҷагии деҳқонӣ муқаррар шудааст, ҳол он ки мутобиқи қисми якуми моддаи тафсиршаванда ба ташкили хоҷагии деҳқонӣ танҳо шаҳрвандони қобили амали ҶТ ҳуқуқ доранд. Тахти истилоҳи "гурӯҳи шахсони воқеӣ", ки дар моддаи мазкур истифода шудааст, танҳо шаҳрвандони ҶТ дар назар дошта шудааст ва истилоҳи "шахсони воқеӣ" бо мақсади фарқиятгузории он аз шахси ҳуқуқӣ ифода шудааст. Аммо хубтар мешуд, ки бо мақсади дақиқ намудани меъёри мазкур ва мутобиқ намудани он қисми якуми моддаи мазкур чунин муқаррарот ба ивази истилоҳи "гурӯҳи шахсони воқеӣ" истилоҳи "гурӯҳи шаҳрвандони ҶТ" ворид карда шавад.

Хоҷагии деҳқонӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ аз ҷониби як нафар ё гурӯҳи шахсони воқеӣ дар шаклҳои зерин ташкил карда мешавад:

а) бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, бо шумораи аз 1 то 50 нафар аъзо. Хоҷагии деҳқонӣ субъекти соҳибкорӣ мебошад ва соҳибкорӣ бошад, дар ду шакл – бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ташкил карда мешавад. Дар муқоиса бо дигар қонунҳои пештар амалкунанда оид ба хоҷагии деҳқонӣ Қонуни мазкур маҳдуд кардани теъдоди аъзои хоҷагии деҳқонӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқиро пешбинӣ намудааст. Ин маҳдудкунӣ бо мақсади он мебошад, ки ба осонӣ масъалаҳои ташкилӣ, идоракунӣ ва масъалаҳои муштарак дар хоҷагии деҳқонӣ ҳал карда шавад. Бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ташкил намудани хоҷагии деҳқонӣ ҳамчун соҳибкори инфиродӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешавад. Мутобиқи м. 6 Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ дар ҶТ" аз 10 майи соли 2002 [9] соҳибкории инфиродӣ ин фаъолияти мустақилонаи шахси воқеие мебошад, ки бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ аз номи худ ва таваккалона бо масъулияти амволии худ, ба гирифтани фоида (даромад) равона карда шудааст.

Қонун ташкил ва фаъолияти хоҷагии деҳқонии аз як нафар аъзо иборатбударо чи бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва чи бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ имкон медиҳад. Яъне новобаста аз шумораи маҳдудияти аъзогии муқарраршуда (аз 1 то 50 нафар аъзо) як шаҳрванд низ имконият дорад, ки хоҷагии деҳқониро бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ ташкил намояд, хоҷагии деҳқонӣ бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ бе дарназардошти шумораи аъзо ташкил карда мешавад. Маҳдудияти аъзогии муқарраршуда маънои онро дорад, ки шаҳрванде, ки хоҷагии деҳқониро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ташкил намудааст, шумораи аъзоёни он наметавонад, аз 50 нафар зиёд бошад. Ҳамчунин дар асоси қисми чоруми моддаи тафсиршаванда, хоҷагии деҳқонӣ бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ дар шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ширкат ё ҷамъияти хоҷагидорӣ таъсис дода мешавад, ки ин шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ мумкин аз ҷониби як шахс таъсис дода шаванд.

Ба андешаи М.З. Раҳимов маҳдуд кардани соҳибкории инфиродӣ бо дарназардошти шумораи аъзо аз 1 то 50 аъзо то дараҷае озодии фаъолияти соҳибкориро, ки дар м. 12 Конститутсияи ҶТ пешбинӣ карда шудааст, дар соҳаи кишоварзӣ маҳдуд намуд. Зеро хоҷагии деҳқонӣ аз тарафи як нафар ё гурӯҳи шахсони воқеӣ бо дарназардошти шумораи аз 1 то 50 нафар аъзо маҳдуд карда шуд [10, с. 110].

б) бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ бе дарназардошти шумораи аъзо. Шакли дуюми ташкили хоҷагии деҳқонӣ ин бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки бидуни маҳдудияти шумораи аъзо ташкил карда мешавад. Мувофиқи м. 48 КГ ҶТ ташкилоте шахси ҳуқуқӣ دониста мешавад, ки дар моликият, пешбурди хоҷагидорӣ ё идоракунии оперативии молу мулкро дошта, аз рӯйи уҳдадориҳои худ бо ин молу мулк масъулият дорад, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва шахсии ғайри молу мулкиро ба даст оварда, татбиқ намояд, уҳдадорӣ гирад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад.

Дар қонунгузорӣ шакли ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагии деҳқонӣ бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ якчанд давраро аз сар гузаронидааст. Дар Қонуни ҶТ "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" аз 5 марти соли 1992 хоҷагии деҳқонӣ вазъи ҳуқуқии шахси ҳуқуқиро доро буд, ки ин аз мафҳуми додашуда хоҷагии деҳқонӣ дар ҳамин Қонун аз ҷумла дар м. 2 ва м. 6, ки тибқи он хоҷагии деҳқонӣ баъди бақайдгирӣ вазъи шахси ҳуқуқиро мегирад, бармеомад. Яъне ин қонун имконияти ташкили хоҷагии деҳқониро бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ иҷозат медод. Дар қонунҳои соли 2002 ва 2009 оид ба хоҷагии деҳқонӣ бошад, ташкили хоҷагии деҳқониро бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ имконият намедод, ки муқаррарот оид ба ин масъала мутобиқан дар м.м. 3 ва 7 ин қонунҳо зикр гардида буд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба масъалаи ташкили хоҷагии деҳқонӣ дар шакли шахси ҳуқуқӣ нуқтаҳои назари гуногун ҷой дорад. Баъзе аз олимон хоҷагии деҳқониро бо ҳуқуқи ташкили шахси ҳуқуқӣ ба таври мусбат баҳо медиҳанд. Масалан, В.П. Мозолин қайд менамояд, ки эътироф накардани хоҷагии деҳқонӣ бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ ин хатои қонунгузор мебошад [11, с. 78]. Муқобили ташкили хоҷагии деҳқонӣ дар шакли шахси ҳуқуқӣ як қаттор олимон, ба монанди З.С. Беляева, М.И. Козири, В.В. Устюков [12, с. 12-15] баромада, хоҷагии деҳқонӣ бо таъсиси шахси ҳуқуқиро эътироф наменамоянд.

Қонуни нав хоҷагии деҳқониро ҳамчун шакли ҳуқуқии мустақили ташкили ҳуқуқӣ эътироф накарда, балки ба он имконият дод, ки дар ҳама гуна шаклҳои ташкили ҳуқуқии дар КГ ҶТ пешбининамуда, ба истиснои "кооператив" таъсис дода шаванд. Аз ин ҷо хоҷагии деҳқонӣ бо таъсиси шахси ҳуқуқие, ки дар қонун пешбинӣ шудааст, метавонад дар ҳамаи шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ширкат ё ҷамъияти хоҷагӣ бо сабт намудани калимаҳои "Хоҷагии деҳқонӣ" дар номи он ташкил дода шавад. Чунин сурат гирифтани масъала то дараҷае шахси мустақили ҳуқуқӣ будани хоҷагии деҳқониро зери суол қарор дод.

Ҳамзамон дар шаклҳои зикршуда таъсис дода шудани хоҷагии деҳқонӣ чизи наверо эҷод накард. Танҳо дар номи онҳо сабт намудани калимаи "Хоҷагии деҳқонӣ" моҳияти ширкат ё ҷамъияти хоҷагӣ будани онҳоро дигар намекунад. Зеро дар соҳаи кишоварзӣ низ ҳамаи шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии дар КГ ҶТ пешбининамударо таъсис додан мумкин аст. Акнун хоҷагии деҳқонӣ шахси ҳуқуқӣ набошад ҳам, дар муомилоти иқтисодӣ ҳамчун шахсияти ҳуқуқӣ иштирок намуда, тибқи қонун дорои хусусиятҳои шахси ҳуқуқӣ мегардад. Ҳамзамон шахси ҳуқуқӣ будан ва дорои хусусияти шахсияти ҳуқуқӣ будан як чиз нест. Шахсияти ҳуқуқӣ будан хусусияти умумист, ки қонунгузор ин ё он шахсро ба сифати субъекти ҳуқуқ эътироф менамояд [13, с. 111].

3. Дар қисми сеюми моддаи тафсиршаванда тартиби ташкил, асосҳои ҳуқуқии фаъолият ва бақайдгирии давлатии хоҷагии деҳқонӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст. Хоҷагии деҳқоние, ки бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ аз тарафи як нафар ва (ё) бо теъдоди аз 2 то 50 шахси воқеӣ дар асоси шартнома дар бораи фаъолияти якҷоя таъсис дода мешавад, фаъолияти худро аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ бо сабт намудани калимаҳои «Хоҷагии деҳқонӣ» дар номи худ амалӣ менамояд. Хоҷагии деҳқонӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ дар асоси шартномаи фаъолияти якҷоя ташкил карда мешавад ва фаъолият менамояд. Мутобиқи м. 1058 КГ ҶТ тибқи шартномаи фаъолияти якҷоя ширкати оддӣ (шартнома оид ба фаъолияти якҷоя) ду ё зиёда ашхосе, ки шарикон номида мешаванд, уҳдадор мегарданд ҳиссаҳои худро муттаҳид намуда, якҷоя, бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ барои ба даст овардани фоида ё ноил шудан ба мақсади дигар, ки хилофи қонун намебошад, амал кунанд. Шартномаи фаъолияти якҷоя бояд дар шакли хаттӣ баста шавад. Тарафҳои шартномаи фаъолияти якҷоя, ки ҷиҳати анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ баста мешавад, танҳо соҳибкорони инфиродӣ ва (ё) ташкилотҳои тиҷоратӣ буда метавонанд.

Хоҷагии деҳқонӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби зиёда аз як шахс таъсис дода шудааст, дар асоси шартнома дар бораи фаъолияти якҷоя амал менамояд, ки дар он ғайр аз маълумоти пешбининамудаи КГ ҶТ, маълумоти зерин нишон дода мешавад:

– шумораи аъзо, насаб, ном, номи падари ҳар як узви хоҷагии деҳқонӣ;

– ҳуқуқу уҳдадориҳое, ки маҷлиси аъзои хоҷагии деҳқонӣ ба зиммаи роҳбари хоҷагии деҳқонӣ вогузор менамояд;

– ҳуқуқу уҳдадориҳои аъзои хоҷагии деҳқонӣ;

– тартиби баромадан ё хориҷ кардан аз узвият;

– тартиби қабули узви нав ба хоҷагии деҳқонӣ;

– молу мулк ва андозаи саҳми замини узви хоҷагии деҳқонӣ дар қитъаи замини истифодаи якҷоя, ки шахси мазкур бо онҳо ба ҳайати хоҷагии деҳқонӣ ворид шудааст (бо нишон додани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи молу мулк ва андозаи саҳми замин);

– тартиби даъвати маҷлиси аъзои хоҷагии деҳқонӣ;

– тартиби ҳалли баҳсҳо;

–тартиби нархгузорӣ, фурӯхтани маҳсулоти истеҳсолшуда ва тақсими даромад байни аъзои он;

–тартиби қатъ кардани шартнома.

Хоҷагии деҳқонӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ амал менамояд (оид ба бақайдгирии давлатии хоҷагии деҳқонӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ниг. ба тафсири м. 6).

4. Дар қисми чоруми моддаи тафсиршаванда тартиби ташкил ва фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии он пешбинӣ шудааст. Хоҷагии деҳқонӣ бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ метавонад фаъолияти худро аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ ба сифати ширкат ё ҷамъияти хоҷагидорӣ, ки бо қонунгузорӣ пешбинӣ гардидааст, бо сабт намудани калимаҳои «Хоҷагии деҳқонӣ» дар номи худ амалӣ намояд. Хоҷагии деҳқонӣ бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ дар шакли ширкат ё ҷамъияти хоҷагидорӣ, ки дар қонунгузории граждании пешбинӣ шудаанд, аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ фаъолият менамояд. Мутобиқи м. 69 КГ ҶТ ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ ташкилотҳои тиҷоратие мебошанд, ки сармояи оинномавиашон (ҳарифонаашон) ба ҳиссаҳои (пасандозҳои) муассисон (иштирокчиён) тақсим шудааст. Ширкатҳои хоҷагидорӣ мумкин аст дар шакли ширкати комил ё ширкати ба боварӣ асосёфта (ширкати коммандитӣ) таъсис дода шаванд. Ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ метавонанд дар шакли ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ё иловагӣ таъсис дода шаванд. Ширкату ҷамъияти хоҷагидорӣ мумкин аст, аз ҷониби як нафар таъсис дода шавад ва ӯ иштирокчии ягонаи он бошад.

Дар қ. 4, м. 3 Қонуни тафсиршаванда хоҷагии деҳқонӣ бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ташкилшуда бояд дар номи худ калимаи “Хоҷагии деҳқонӣ”-ро илова намояд. Аммо дар чунин ҳолат дуруст мешуд, ки дар номи хоҷагии деҳқонӣ бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ташкилшуда калимаи “Хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)” илова карда шавад. Зеро дар номи худи қонун калимаи “фермерӣ” истифода шудааст. Мисол дар қ. 3 м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон “Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)” муқаррар карда шудааст, ки хоҷагии деҳқонӣ бояд дар номи худ калимаи “Хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)” илова карда шавад.

ҶТ яке аз давлатҳои камзамин ба шумор меравад. Заминҳои корам ҳамагӣ 720,2 ҳазор гектар, аз ҷумла заминҳои обӣ 502,8 ҳазор гектарро ташкил менамоянд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳар шаҳрванди ҷумҳурӣ ҳар қадам ва ҳар як ваҷаби заминро мисли гавҳараки чашм нигоҳ дошта, истифодаи пурра, оқилона ва самараноки онро таъмин намоянд. Дар ин раванд истифодаи замин бояд оқилона, пурра ва самаранок аз тарафи шаҳрвандон ба роҳ монда шавад. Хоҷагии деҳқонӣ ҳамчун шакли хоҷагидорӣ, ки фаъолияти он бевосита ба замин алоқаманд аст, бояд қитъаи замини ба он ҷудошуда самараноку мақсаднок ва мувофиқи таъинот истифода бурда шавад.

Бо дарназардошти ин мақсаднок аст, ки ба шаҳрвандоне, ки дар маҳалли муайян зиндагӣ мекунанд, дорои донишу малакаи махсуси кишоварзӣ мебошанд ва дар соҳаи кишоварзӣ таҷрибаи кори амалӣ доранд, барои гирифтани қитъаи замин, ҳуқуқи афзалиятнок дода шавад. Додани қитъаи замин ба шаҳрвандони дорои донишу малакаи кофӣ дар соҳаи кишварзӣ аз як тараф имконият медиҳад, ки истифодаи қитъаи замин мувофиқи таъинот ва бо истифода аз усулҳои самаранок ба роҳ монда шавад ва аз тарафи дигар ба рушди истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзии мамлакат мусоидат менамояд. Аз ин лиҳоз пешниҳод менамоем, ки ҳуқуқи афзалиятноки додани қитъаи замин барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ ба шаҳрвандоне, ки дар маҳалли муайян зиндагӣ мекунанд, дорои донишу малакаи махсуси кишоварзӣ мебошанд ва дар соҳаи кишоварзӣ таҷрибаи кории амалӣ доранд, дар қисми якуми моддаи тафсиршаванда илова карда шавад.

Ҳамзамон андешаи монандро М.М. Соҳибов дар хусуси муносибатҳои иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ иброз намуда талабот нисбати иҷорагир дар ҳолати гирифтани қитъаи заминро пешниҳод намудааст. Дар воқеъ, иҷорагир шахсест, ки дар гирифтани молу мулк барои истифодабарӣ манфиатдор аст. Доираи иҷорагирони қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзиро қонунгузорӣ, ба ғайр аз баъзе истисноҳо маҳдуд накардааст. Қонунгузор ба иҷорагирон талаботи муайян, аз ҷумла таҳсилоти кишоварзӣ ё таҳсилоти махсус, кормандони махсус ва ғайраро пешбинӣ накардааст. Яъне ҳар нафаре, ки ба синни 18-солагӣ расидааст, ҳуқуқ дорад заминҳои таъиноти кишоварзиро ба иҷора гирад.

Дар ҶТ ба иҷорагир имконияти зиёде дода шудааст, ки заминро ба иҷора гирад. Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки надоштани маҳорату малакаи кишоварзӣ, донишҳои махсуси соҳавӣ боиси паст гардидани ҳосилнокии замин мегарданд. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки дар бисёре аз кишварҳои Аврупои Ғарбӣ нисбат ба иҷорагирони заминҳои таъиноти кишоварзӣ талаботи махсус, аз ҷумла, сатҳи баланди дониши соҳавӣ талаб карда мешавад. Чунончи фермерҳо, ки дорои малакаву маҳорат ва дониши баланди соҳавӣ мебошанд ҳангоми ба иҷора гирифтани заминҳои кишоварзӣ аз афзалият ва бартариятҳои муайяне бархӯрдоранд. Хуб

мешуд, ки зимни бастани шартномаи иҷораи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар сатҳи қонунгузорӣ ба субъектоне, ки таҳсилоти махсус, таҷриба, донишҳои соҳавӣ, кормандон ва технологияи коркарди заминро доранд, афзалият дода шавад [13, с. 165-166].

Ҳангоми таҳлили хоҷагии деҳқонӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ ва кишоварзӣ муаллифоне низ ҳастанд, ки талабот ба ташкилкунандаи ин навъ фаъолияти хоҷагидориро зарур мешуморанд. Д.Т. Расулов дар он андеша аст, ки "ҳар як аъзои хоҷагии давлатӣ, ҷамъиятӣ, саҳҳомӣ ва кооперативӣ, инчунин шаҳрванди ҷумҳурӣ, ки дорои донишу маҳорати махсуси кишоварзӣ мебошад, метавонад хоҷагии мустақил ташкил намояд" [14, с. 31].

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2016. – №3. – Мод. 142.
2. Раҳимов М.З. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикстон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)». – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – С. 9-10.
3. Раҳимов М.З. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикстон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)». – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – С. 7.
4. Исмоилов Ш.М., Муртазоқулов Ҷ.С., Шораҳмонов Ш.Н. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 15 марти соли 2016. – Душанбе, 2017. – С. 5.
5. Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – С. 92.
6. Раҷабзода М. Асосҳои ташкил ва қатъ гардидани фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ. Ҳалли баҳсҳо дар хусуси қатъ намудани фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ // Маводҳои конфронси илмӣ-амалӣ оид ба мавзӯи "Хусусиятҳои баррасии баҳсҳое, ки аз муносибатҳои вобаста ба замин бармеоянд". – Душанбе, кохи Афсарон, 29 июни соли 2018. – С. 66.
7. Барномаи ислоҳоти кишоварзии ҶТ барои солҳои 2012-2020, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 августи соли 2012, № 383 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 7.06.2019).
8. Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, с. 2002. – № 4, қ-1. – Мод. 293; с. 2005. – № 7. – Мод. 400; с. 2007. – № 5. – Мод. 364; с. 2008. – № 12, қ. 1. – Мод. 997; с. 2011. – № 701.
9. Раҳимзода М.З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ: монография. – Душанбе, 2018. – С. 110.
10. Мозолин В.П. Право собственности в Российской Федерации в период перехода к рыночной экономике. – М., 1992. – С. 87.
11. Проблема совершенствования правового положения крестьянских (фермерских) хозяйств в РФ // Государство и право. – 1994. – № 2. – С. 18-20; Устюкова В.В. Правосубъектность крестьянского хозяйства // Государство и право. – 1992. – № 2. – С. 12-15.
12. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикстон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)». – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – С. 111.
13. Соҳибов М.М. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2019. – С. 165-166.
14. Расулов Д.Т. Масъалаҳои такмили рақобатпазирии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар бозори агроозуқаворӣ минтақавӣ (дар мисоли хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и вилояти Хатлон): дис. ... номзади илмҳои иқтисодӣ. – Душанбе, 2019. – С. 31.



**Аннотатсия**

**Хусусиятҳои шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ**

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ таҳлил гардидааст. Шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси қонунгузорӣ ва адабиёти илмӣ дар мақолаи мазкур мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллиф бо мақсади такмили қонунгузорӣ оид ба хусусиятҳои шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ таклифу пешниҳодҳо намудааст.

**Аннотатсия**

**Особенности организационно-правовых форм дехканского (фермерского) хозяйства как субъектов предпринимательской деятельности**

В статье анализируются особенности организационно-правовых форм дехканского (фермерского) хозяйства как субъектов предпринимательской деятельности. В статье исследуются организационно-правовые формы дехканского (фермерского) хозяйства, как субъектов предпринимательской деятельности на основе законодательства и научной литературы. В целях совершенствования законодательства по особенностям организационно-правовых форм дехканского (фермерского) хозяйства как субъекта предпринимательской деятельности автором внесены предложения.

**Annotation**

**Features of organizational and legal forms of dekhkan (farm) economy as subjects of entrepreneurial activity**

The article analyzes the features of the organizational and legal forms of the dekhkan (farm) economy as subjects of entrepreneurial activity. The article examines the organizational and legal forms of the dekhkan (farm) economy as subjects of entrepreneurial activity on the basis of legislation and scientific literature. In order to improve the legislation on the specifics of the organizational and legal forms of the dekhkan (farm) economy as a subject of entrepreneurial activity, the author has made suggestions.



УДК: 347.453.01
**Ҳакимов Яқуб Бахтиёриддинович,**
*сармутахассиси шуъбаи қонунгузории кишоварзӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зисти Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: yakub.khakimov@mail.ru*
*Тел.: (+992) 918-92-71-16.*

# ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ИНКИШОФИ ЛИЗИНГ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *иҷораи молиявӣ; лизинг; қонунгузорӣ; таърихи пайдоиш ва рушд; адабиётҳои ҳуқуқӣ; моликият; санадҳои байналмилалӣ; марҳилаҳои таърихӣ.*

***Ключевые слова:*** *финансовая аренда; лизинг; законодательство; история возникновения и развития; юридическая литература; имущество; международные акты; исторические периоды.*

***Keywords:*** *finance lease; leasing; legislation; history of origin and development; legal literature; property; international acts; historical periods.*

Мафҳуми “лизинг” чун падида, на танҳо дар илми ҳуқуқшиносӣ, инчунин дар илмҳои иқтисодӣ низ маъруф аст. Яке аз масъалаҳои муҳим баҳри таҳлил намудани лизинг муайян намудани таърихи инкишоф ва рушди ин падида дар ҳуқуқи граждани ба шумор меравад.

Таҳлил намудан аз нигоҳи таърихӣ имкон медиҳад, ки таърихи гузаштагони мо, ҷомеаи ҷаҳонӣ ва таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии онҳо оид ба падидаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ошкор карда шавад. Дар баробари ин аҳамияти падидаи мазкур дар замони муосир ва нақши он дар рушди ҷомеа дарк гардида, роҳу воситаҳои такмили ин падида муайян карда мешавад. Пеш аз ҳама, ба мо лозим аст, ки зарурияти омӯзиши падидаҳои ҳуқуқии таърихиро муайян намоем.

Б.М. Кедров зикр менамояд, ки омӯзиши таърих барои дарки имрӯзу оянда мусоидат карда, таҷрибаи таърихӣ инкишофи мақсадноки илмро таъмин менамояд [1, с. 78]. Ф.С. Сулаймонов иброз менамояд, ки тамоми институтҳои ҳуқуқӣ дорои таърихи худ буда, дар натиҷаи инкишофи муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ ба миён омадаанд [2, с. 30].

М.М. Соҳибов ба маврид зикр мекунад, ки аз нигоҳи таърих таҳлил намудани падидаи иҷора, аз ҷумла дар марҳилаҳои гуногуни таърихи Тоҷикистон имкон медиҳад, ки таърихи гузаштагони мо ва таҷрибаи ғании ҳуқуқэҷодкунии онҳо дар ин самт ошкор карда шавад. Ҳамзамон аҳамияти падидаи мазкур дар замони муосир ва нақши он дар рушди ҷомеа дарк гардида, роҳу воситаҳои такмили он низ ошкор карда мешавад [3, с. 20].

Албатта андешаи мазкур қобили дастгирист, зеро ҳар як падида таърихи инкишофи худро дорад. Маҳз омӯзиши таърихи рушд ва инкишофи он барои минбаъд амалигардонӣ ва татбиқнамоии он мусоидат менамояд.

О.В. Гумилевская қайд менамояд, ки дар назарияи илми ҳуқуқи граждании муосир ҳолатҳое ба назар мерасад, ки бештар масъалаҳои амалӣ дар онҳо дида мешавад. Бинобар ин зарурати таҳлили ҷанбаҳои таърихии падидаҳои ҳуқуқи гражданӣ ба миён меояд [4, с. 15]. Дар ҳамин замина, Г.С. Азизқулова иброз медорад, ки муттаассифона мо аз таърих сабақи кам дорем. Он зоҳиран ба мо чизи каме омӯхтааст, вале ҳар қадами он исботи ҳақиқати абадист. Дар ҳамин замина иброз менамояд, ки ҳар як мутахассисро зарур аст, ки дар дилхоҳ соҳаи таҳқиқот ҳатман заминаҳои таърихии онро мавриди омӯзиш қарор диҳад [5, с. 167-168]. Баррасии масъалаи падидаи иҷораи молиявӣ (лизинг) аз нигоҳи таърихӣ, пеш аз ҳама барои дарк намудани омилҳои пайдоиши падидаи мазкур ва дуруст ба роҳ мондани танзими ҳуқуқии он дар замони муосир хизмат мекунад. Дар баробари ин омӯзиши таърихии ин масъала хусусияти амалӣ низ дорад. Он имконият медиҳад, ки таҷрибаи гузаштаро аз худ намуда, баҳри татбиқнамоии он дар оянда чораҳои судманд андешида шавад.

Кӯшиши маънидод намудани мафҳуму моҳияти иҷораро ҳанӯз Арасту дар замони худ анҷом дода буд. Ӯ дар асараш, ки бо номи “Риторика” машҳур аст, қайд намуда буд: “Боигарӣ дар истифодабарӣ аст, на дар соҳибмулкӣ” [6, с. 164]. Маълум мешавад, ки муносибатҳои иҷоравӣ, умуман муносибатҳои гражданӣ мавриди таҳлили олимону мутафаккирони Юнони қадим қарор гирифтааст. Ҳамин тавр, Арасту то андозае мафҳуми иҷораро муайян намудааст, ки метавон андешаи ӯро ба таври зерин дод: иҷора – имконияти аз рӯйи молумулк гирифтани фоида бе пайдо

намудани ҳуқуқи моликиятӣ (ихтиёрдорӣ), танҳо бо ҳуқуқи истифодабарии он мебошад.

Аммо бо ин гуфтаҳо розӣ шудан ғайриимкон аст, зеро муносибатҳои онвақта хусусияти иҷоравӣ дошта, хусусиятҳои лизингро пурра надоштанд ва он муносибатҳоро ба пайдоиши институти иҷора вобаста кардан дурусттар аст. Худи мафҳуми “иҷораи молиявӣ”, хусусиятҳои “лизинг”-ро дар бар гирифта наметавонад, ин мафҳумҳо аз якдигар фарқ доранд [7, с. 4-14].

Дар сарзамини тоҷикон дар танзими шартномаҳои иҷора дар китоби Авесто андешаҳо вуҷуд доштанд. Дар он ҷо ба иҷораи шартномаҳо диққати махсус дода мешуд ва ҷавобгарӣ барои иҷро накардани онҳо муқаррар шуда буд. Барои иҷро накардани шартномаҳо на танҳо қарздор, балки хешони наздики он низ ба ҷавобгарӣ кашида мешуданд, ки ин одати ҳуқуқӣ барои мустаҳкам намудани низоми шартномавӣ равона карда шуда буд [8, с. 11].

Дар замони Сосониён “Қонунномаи Сосониён” аз чилу чор фасл иборат буд, фасли сиву чоруми он ба масъалаи иҷора бахшида шуда буд [9, с. 5]. Баъди забти Осиёи Марказӣ аз тарафи арабҳо, муомилоти тиҷоратӣ аз ҷониби арабҳо муайян карда мешуд. Бастани шартномаҳои гуногуни молу мулкӣ, аз ҷумла шартномаҳои иҷора аз диди ҳуқуқӣ хеле мукаммал буда, иҷрои шартномаҳо ба қасам (савганд), замонат, кафолат, гарав, ноустуворона таъмин карда мешавад [10, с. 108]. Таҳлили мазкур нишон медиҳад, ки дар сарзамини тоҷикон дар давраи таърихӣ истилоҳи лизинг вуҷуд надошт, онро танҳо аз нигоҳи як навъи иҷора буданаш қайд намудан имконпазир аст. Аммо ба пурраги гуфтан ғайриимкон аст, ки лизинг дар аҳди қадим дар ин сарзамин вуҷуд дошт.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон лизинг ҳамчун як навъи иҷора муқаррар карда шудааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷора дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 6 декабри соли 1990 қабул карда шуд [11]. Ҳарчанд лизинг ҳамчун як навъи иҷора эътироф шуда бошад ҳам, аммо дар Қонуни мазкур ягон муқаррарот оиди падидаи лизинг ё иҷораи молиявӣ ба назар намерасад.

Падидаи лизинг бори аввал дар таҳрири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли 1999 дар боби 33, §7 бо номи иҷораи молиявӣ (лизинг) ба вуҷуд омад. Боби мазкур асоси ҳуқуқии лизингро муайян намуда, фарогири 5 модда буд. Тибқи м. 693 аз рӯи шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) иҷорадеҳ (лизингдеҳ) уҳдадор мешавад, ки амволи нишондодаи иҷорагир (лизинггир)-ро аз фурӯшандаи муайянкардаи ӯ ба моликият харидорӣ намояд ва ин амволро пулакӣ ба ихтиёрдорӣ ва истифодаи муваққатӣ барои мақсадҳои соҳибкорӣ пешниҳод кунад. Агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, иҷорадеҳ барои интихоби амволи ба иҷора гирифташуда ва фурӯшанда ҷавобгар нест. Аз рӯи шартномаи иҷораи молиявӣ ҳама гуна ашёву анҷоми ғайриистеъмолие, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда мешаванд, ба истиснои қитъаҳои замин ва дигар объектҳои табиӣ метавонанд таҳвил дода шаванд [12].

Баъдан 2 январи соли 2019 ба Кодекси мазкур тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, аз ҷумла ба м. 693 Кодекси мазкур, ки 2 қисми нав ба он илова гардид. Тибқи ин тағйиру иловаҳо аз лаҳзаи додани объекти лизинг ба иҷорагир талаботи иҷорадеҳ объекти таъминшудаи лизинг эътироф мешаванд ва худи иҷорадеҳ бошад, кредитори таъминшуда эътироф мешавад. Иҷорагир ҳуқуқ дорад танҳо ҳамон қисми арзиши мавзӯи лизинг, ки аз бақияи пардохтҳои лизингӣ зиёд аст, фурӯшад, ба гарав гузорад ё ба тариқи дигар ихтиёрдорӣ намояд.

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби он, ки шартномаҳои ҳуқуқи граждаииро ба танзим медарорад, аз ин лиҳоз ба таври умумӣ мавзӯи шартномаи лизингро ба танзим медарорад. Дар масъалаи шартномаи лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 апрели соли 2003 қонуни махсуси соҳавӣ Қонуни Ҷумҳурiии Тоҷикистон “Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)” қабул гардид [13]. Агар ба қонунгузории кишвар диққат диҳем, маълум мегардад, ки истилоҳи иҷораи молиявиро аз аввал якҷо бо истилоҳи лизинг қайд намудаем. Аммо дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки оё иҷораи молиявӣ бо лизинг як аст? Истилоҳи иҷораи молиявӣ бо лизинг якҷо ба қонунгузории мо аз куҷо пайдо шуд? Инчунин, дигар саволҳои ба ин монанд.

Лизинги муосири тоҷик таърихи инкишофи худро дорад. Танзими ҳуқуқии лизинг дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон §7 боби 33 бо номи иҷораи молиявӣ (лизинг) сурат гирифтааст. Ҳамчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» низ падидаи мазкурро бо номи иҷораи молиявӣ ва дар даруни аломати қавс «(лизинг)» муқаррар намудааст. Дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки лизинг ба иҷора тааллуқ дорад ё ба молия (маблағгузорӣ)? Мумкин истифодабарии истилоҳи иҷораи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин истифодаи таҷрибаи давлатҳои дигар ё ин ки истифодаи истилоҳи мазкур аз номи Конвенсияи УНИДРУА «Дар бораи лизинги байналмилалии молиявӣ» мебошад [14].

Ба ҳар ҳол дарк намудан лозим аст, ки оё иҷораи молиявӣ мазмуни пурраи лизингро фаро мегирад ва агар фаро гирад пас барои чӣ дар баробари иҷораи молиявӣ лизинг истифода шудааст? Аслан, истифодаи истилоҳи иҷораи

молиявӣ ба ивази лизинг чандон мувофиқ нест, зеро иҷораи молиявӣ на ҳама аломатҳои лизингро фаро мегирад. Лизинг назар ба иҷораи молиявӣ васеътар мебошад, ки иҷораи молиявиро танҳо як намуди он эътироф кардан мумкин аст [15, с. 148-156].

Таҳлили адабиётҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузории кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки лизинг ва иҷораи молиявӣ аз якдигар тафовут доранд. Бинобар ин зарурати муайяннамоии ин мавқеъ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шарт ва зарур аст. Дар қонунгузории кишвари мо бори аввал истилоҳи иҷораи молиявӣ ва лизинг соли 1999 баъди қабули Кодекси граждании ба вуҷуд омад. Агар ба таҷрибаи давлатҳои дигар назар кунем, дар Федератсияи Россия соли 1996 дар Кодекси граждании ва соли 1998 дар қонун истилоҳи лизинг ба вуҷуд омад. Соли 1998 Қонуни федералии ФР “Дар бораи лизинг” ном дошт, аммо худи ҳамон сол баъди ратификатсияи Конвенсияи УНИДРУА «Дар бораи лизинги байналмилалии молиявӣ» ба ин қонун истилоҳи иҷораи моливӣ ворид карда шуд ва истилоҳи лизинг дар қавсайн муқаррар карда шуд. Ҳамчунин дар баробари ин қайд кардан бамаврид аст, Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон “Дар бораи лизинг” ном дорад. Мумкин истифодаи иҷораи молиявӣ якҷо бо лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин истифодаи таҷрибаи давлатҳои дигар бошад, аммо Тоҷикистон то ҳол Конвенсияи УНИДРУА «Дар бораи лизинги байналмилалии молиявӣ»-ро ратификатсия накардааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки рушд ва инкишофи лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи начандон тӯлонӣ дорад. Рушд ва инкишофи ин падида баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ба назар мерасад. Таҳлили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)” нишон медиҳад, ки баъди қабул ба он 3 маротиба тағйиру иловаҳо ворид гардид. Бори аввал тағйиру иловаҳо 15 марти соли 2016 ба Қонуни мазкур ворид карда шуд, ки дар он чандин тағйиру иловаҳои ҷиддӣ ба назар намерасид, аммо новобаста ба ин дар Қонуни мазкур моддаи алоҳида бо номи намудҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) ба вуҷуд омад, ки тибқи он намудҳои иҷораи молиявӣ (лизинг): - иҷораи молиявӣ (лизинг) бо минбаъд ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба предмети иҷораи молиявӣ (лизинг); - иҷораи молиявии (лизинги) амалиётӣ; - иҷораи молиявии (лизинги) баргардонидашаванда маҳсуб меёфт.

Бори дуввум, 14 ноябри соли 2016 тағйиру иловаҳо ворид гардид, ки дар ин тағйирот чандин навгониҳо дар Қонуни мазкур ба вуҷуд омад. Чи тавре ки ба назар мерасад, дар як сол ду маротиба ба Қонун тағйиру иловаҳо ворид гардид. Тағйиру иловаҳои бори дуввум воридгардида, тағйироти ҷиддиеро ба вуҷуд овард, ки дар аксарияти моддаҳои Қонуни мазкур тағйирот ворид гардид. Шумораи чунин тағйиру иловаҳои воридгардида, 25 ададро ташкил медод, яъне 25 тағйиру иловаҳо ба Қонуни мазкур ворид гардид. Яке аз тағйиротҳои ҷиддие, ки ба вуҷуд омад, дар аксарияти моддаҳо ва матни Қонуни мазкур истилоҳи иҷораи молиявӣ хориҷ карда шуда, ба ивази онҳо истилоҳи лизинг истифода шуд. Аммо дар номи Қонун истилоҳи иҷораи молиявӣ боқӣ монд.

Бори сеюм, тағйиру иловаҳо 22 апрели соли 2019 ба Қонуни мазкур ворид карда шуд. Тибқи ин тағйиру иловаҳо моддаи алоҳида ба Қонуни мазкур ворид карда шуд, ки тибқи он рӯёнидан аз ҳисоби мавзӯи лизинг бо тартиб ва бо шартҳои барои рӯёнидан аз ҳисоби мавзӯи гарав пешбинишуда амалӣ карда мешавад. Ҳангоми рӯёнидан аз ҳисоби мавзӯи лизинг, лизинггир ҳуқуқ дорад то фурӯши мавзӯи лизинг уҳдадориҳоро оид ба пардохтҳои лизинг ё ҳамон қисме, ки мӯҳлати иҷрои он гузаронида шудааст, иҷро намуда, рӯёнидан аз ҳисоби он ва фурӯши онро қатъ намояд. Созишномае, ки ин ҳуқуқро маҳдуд менамояд, эътибор надорад.

Рушд ва инкишофи лизинг дар амал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди таъсисёбии Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии “Тоҷикагролизинг” ба назар мерасад. Корхонаи мазкур ҳамчун ташкилоти тиҷоратӣ мақсадаш ба даст овардани фоида буда, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2007 таъсис дода шудааст. Фаъолияти корхона тибқи Оинномаи Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии “Тоҷикагролизинг” амалӣ карда мешавад, ки Оинномаи он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2008 тасдиқ карда шудааст.

Корхона шахси ҳуқуқӣ буда, фаъолияти хоҷагидориро ба амал мебарорад ва дорои баланси мустақил, суратҳисобҳои бонкӣ, мухр бо тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номи фирмавии Корхона, бланкаи кории худ, штамп ва нишонаи фирмавӣ мебошад. Корхона бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дорои корхонаҳои фаръӣ бошад, дар минтақаҳои ҷумҳурӣ филиалҳои худро таъсис диҳад ва намояндагиҳо кушояд. Корхона ҳуқуқи истифодабарии карзҳои бонкиро дорад. Корхона ҳуқуқ дорад бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ аз амали мақомоти давлатӣ, аз ҷумла амалҳои мақоми ваколатдор, ки ба фаъолияти асосии он вобастагӣ дорад, ба суд даъво кунад.

Маълум аст, ки солҳои охир таъминоти лизингӣ бо таҷҳизот босуръат меафзояд. Ҳамин

тавр, дар давраи солҳои 2008-2018 шумораи тракторҳое, ки бо лизинг дода мешаванд, ду баробар ва шумораи мошинҳои даравкунанда - 1,9 маротиба афзудааст. Афзоиши суръати расонидани мошинҳо ва таҷҳизот барои лизинг дар соҳаи кишоварзӣ дар пасманзари эҳтиёҷоти фаврии онҳо ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ сурат мегирад. Мусаллам аст, ки системаи мавҷудаи муносибатҳои агролизинг камбудиҳо дорад, ки дар байни онҳо истифодаи нокифояи самарабахши тадбирҳои дастгирии давлатӣ мавҷуданд. Рақобати сусти бозор дар соҳаи кишоварзӣ масъалаи мубрами рушди лизинг мебошад, зеро он бо ширкати Тоҷикагролизинг алоқаманд аст, ки беш аз 80% бозори хизматрасонии лизингиро дар иқтисоди миллӣ ишғол мекунад [16, с. 5-6]. Муаллиф қайд менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рақобати лизингӣ кам ба назар мерасад, зеро 80%-и муносибатҳои лизингӣ дар бозори Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии “Тоҷикагролизинг” амалӣ карда мешавад.

**Вобаста ба таҳлили рушд ва инкишофи таърихӣ-ҳуқуқии муносибатҳои лизингӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин хулосабарорӣ намудан имконпазир аст:**

1. Падидаи иҷораи молиявӣ (лизинг) бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз қабули Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2) ба вуҷуд омад. Маҳз ҳамин санад бори аввал, яъне соли 1999 танзими ҳуқуқии лизингро муқаррар намуд.

2. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби он, ки шартномаҳои ҳуқуқи гражданиро ба танзим медарорад, аз ин лиҳоз ба таври умумӣ мавзӯи шартномаи лизингро ба танзим медарорад. Дар масъалаи шартномаи лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 апрели соли 2003 қонуни махсуси соҳавӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)” қабул гардид.

3. Рушд ва инкишофи лизинг дар амал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди таъсисёбии Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии “Тоҷикагролизинг” ба назар мерасад. Корхонаи мазкур ҳамчун ташкилоти тиҷоратӣ мақсадаш ба даст овардани фоида буда, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2007 таъсис дода шудааст. Фаъолияти корхона тибқи Оинномаи Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии “Тоҷикагролизинг” амалӣ карда мешавад, ки Оинномаи он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2008 тасдиқ карда шудааст.

4. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таърихи ташаккул ва инкишофи падидаи лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо баъзе давлатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ тафовут дорад. Масалан, дар аксар давлатҳо аввал муносибатҳои воқеӣ оид ба лизинг ба вуҷуд омад, баъдан он дар қонунгузорӣ мустаҳкам карда шуд. Аммо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввал танзими ҳуқуқии он ба вуҷуд омад, баъдан муносибатҳои воқеӣ.

5. Умуман таърихи ташаккул ва инкишофи падидаи лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ду марҳилаи асосӣ ҷудо намудан мумкин аст:

- аз соли 1999 то соли 2003;
- аз соли 2003 то ҳозир.

Марҳилаи аввал, яъне аз соли 1999 то соли 2003 барои он ҳамчун марҳилаи мустақил эътироф карда шудааст, ки пайдоиши ин падида ба соли 1999 замони қабули Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2) рост меояд. Танзими ҳуқуқии иҷораи молиявӣ (лизинг) аз соли 1999 то соли 2003 маҳз тавассути ҳамин кодекс амалӣ карда мешуд. Дар баробари санади мазкур соли 2003 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)” қабул гардид, ки қонуни мазкур санади махсуси ҳуқуқӣ оид ба падидаи иҷораи молиявӣ дар кишвар маҳсуб меёфт.

Марҳилаи дуюм, яъне аз соли 2003 то ҳозир замони пайдоиши меъёрҳои нави ҳуқуқиро ба бор овард. Баъди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)” муносибатҳои ин соҳа дар амал каме бошад ҳам, рушд намуд. Махсусан, таъсисёбии Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии “Тоҷикагролизинг” тавонист дар кишвар муносибатҳои амалии лизингиро ба миён орад. Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксар амалиётҳои лизингӣ маҳз аз ҷониби корхонаи мазкур анҷом дода мешавад. Аммо солҳои охир пайдоиши ширкатҳои нави лизингӣ низ ба рушд ва инкишофи муносибатҳои лизингӣ замина гузошта истодаанд. Тағйиру иловаҳое, ки солҳои охир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)” ворид гардид, аз он дарак медиҳад, ки вобаста ба татбиқнамоии меъёрҳои Қонуни мазкур дар амал чораҳо андешида шуда истодаанд.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Кедров Б.М. История науки и принципы ее исследования // Вопросы философии. – 1971. - №9. – С. 78.
2. Сулаймонов Ф.С. Ҳуқуқи ашёӣ: монография. – Душанбе, 2015. – С.30.

3. Соҳибов М.М. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2018. – С. 20.
4. Гумилевская О.В. Оснавания признания права собственности на самовольную постройку: дис. … канд. юрид. наук. – К., 2008. – С. 15.
5. Азизқулова Г.С. Рецензия на учебник «История государства и права Таджикистана» часть 1 (от древнейших времен до X в.) авторы Насурдинов Э.С., Сафаров Д.С. – Душанбе, 2013. – 357с. // Правовая жизнь. - №4 (04), 2013. – С. 167-168.
6. Аристотель. Риторика //Античные риторики. – Москва: Дрофа, 1978. – С. 164.
7. Сохибзода М.М., Хакимов Я.Б. О понятии финансовой аренды и лизинга // XVIII International correspondence scientific specialized conference «International scientific review of the problems of Law, Sociology and Political science». (Boston. USA. January 26-27, 2021), - С. 4-14.
8. Раҳимзода М.З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. Душанбе, МН "Дониш" – 2019. – С. 11.
9. Мухтасари Қонунномаи Сосониён / Зери назари профессор Холиқзода А.Ғ., Душанбе: Эр граф, 2015, - С. 5.
10. Усмонов О.У. Гражданская право дореволюционного Таджикистана / Труды юридического факультета, Выпуск 1. Душанбе, 1973. – С. 108.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷора дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 6 декабри соли 1990 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.
12. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2) аз 11 декабри соли 1999 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.
13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» аз 22 апрели соли 2003 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.
14. Конвенция о международном финансовом лизинге // СЗ РФ. – 1999. – № 32. – Ст. 4040.
15. Соҳибзода М.М., Ҳакимов Я.Б. Мафҳум ва хусусиятҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №1(50). – С. 148-156.
16. Зиёев З.М. Финансово-экономические аспекты развития лизинговых отношений в сельском хозяйстве (на примере Республики Таджикистан): дис. ... канд. экон. наук. – Душанбе, 2020. – С. 5-6.

**Аннотатсия**

**Таърихи пайдоиш ва инкишофи лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақолаи мазкур таърихи пайдоиш ва инкишофи институти иҷораи молиявӣ (лизинг) мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Таҳлил намудан аз нигоҳи таърихӣ имкон медиҳад, ки таърихи гузаштагони мо, ҷомеаи ҷаҳонӣ ва таҷрибаи ҳуқуқофарии онҳо оид ба падидаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ошкор карда шавад. Маҳз омӯзиши таърихи рушд ва инкишофи падидаи мазкур барои минбаъд амалигардонӣ ва татбиқнамоии он мусоидат менамояд. Муаллиф вобаста ба масъалаи болозикр доираи васеи адабиётҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузории кишварро истифода намудааст.

**Аннотация**

**История происхождения и развития лизинга в Республике Таджикистан**

В статье анализируется история происхождения и развития института финансового лизинга. Анализ с исторической точки зрения позволяет раскрыть историю наших предков, мирового сообщества и их правовой опыт по феномену финансового лизинга. Именно изучение истории развития и прогресса этого явления способствует его дальнейшей реализации. Автор использовал широкий спектр юридической литературы и законодательства страны по этому поводу.

**Annotation**

**The history of the origin and development of leasing in the Republic of Tajikistan**

The article analyzes the history of the origin and development of the institution of financial leasing. Analysis from a historical point of view allows us to reveal the history of our ancestors, the world community and their legal experience on the phenomenon of financial leasing. It is the study of the history of the development and progress of this phenomenon that contributes to its further implementation. The author used a wide range of legal literature and the country's legislation on this matter.



**УДК:** 347.214.2
**Шерзода Бурҳоналӣ Сабзалӣ,**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: sherzoda.b.1999@gmail.com*
*Тел.: (+992) 939-04-13-63.*

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ҚОНУНГУЗОРИИ ГРАЖДАНИИ ОЛМОН БО ҚОНУНГУЗОРИИ ГРАЖДАНИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА МАФҲУМИ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ

***Калидвожаҳо:*** *молу мулк; ашё; молу мулки ғайриманқул; объектҳои молу мулки ғайриманқул; қитъаи замин; бино; иншоот; тақдири ҳуқуқӣ; ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин; қисми муҳими таркибии қитъаи замин; сарватҳои зеризаминӣ.*

***Ключевые слова:*** *имущество; вещи; недвижимое имущество; объекты недвижимости; земельный участок; здание; строение; правовая судьба; право землепользования; неотъемлемая часть земельного участка; недра.*

***Keywords:*** *property; things; immovable property; real estate objects; land plot; building; structure; legal destiny; land use right; land component; subsoil.*

Молу мулки ғайриманқул ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ реҷаи ҳуқуқии ба худ хосро доро аст ва танзими ҳуқуқи граждании молу мулки манқул ва ғайриманқул тавассути меъёрҳои ҳуқуқии тафриқавӣ амалӣ карда мешавад. Дар тамоми низомҳои ҳуқуқӣ таснифи молу мулк ба манқул ва ғайриманқул ҷой дорад ва танҳо дар баъзе низомҳои ҳуқуқӣ истилоҳи “молу мулки ғайриманқул” истифода бурда намешавад, аммо дигар истилоҳе, ки бар ивази он истифода бурда мешаванд, пурра ба мафҳуму моҳияти истилоҳи “молу мулки ғайриманқул” мутобиқат менамоянд. Масалан, дар оилаи ҳуқуқии англо-саксонӣ тақсимоти ашё ба реалӣ, ки ба он замин ва молу мулки ба он алоқамандии зичдошта дохил мешавад (дар ҳуқуқи континенталӣ ин объектро ашёи ғайриманқул меноманд) ва персоналӣ, ки ба он ашёи ба молу мулки реалӣ тааллуқнадошта дохил мешавад (яъне молу мулки манқул) мавҷуд аст.

Усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ яке аз тарзҳои маъмули бадастории маърифат, омӯзиши низоми ҳуқуқии хориҷӣ ва шиносоӣ бо он, ҳамчунин воситаи муҳимми такмили қонунгузории миллӣ бо истифода аз таҷрибаи ғании мамлакатҳои хориҷӣ мебошад. Ба андешаи баъзе муҳаққиқон мақсади чунин таҳқиқот пеш аз ҳама ин муайян кардани қонуниятҳои инкишофи низомҳои ҳуқуқӣ ва мукаммалгардонии қонунгузории миллӣ мебошад. Аҳамияти омӯзиши падидаҳои ҳуқуқӣ дар асоси муқоиса истифода бурдани таҷрибаи пешқадами низомҳои ҳуқуқии дигар махсуб меёбад [ 15, с. 144].

Таҷрибаи пешқадами танзими ҳуқуқи граждании молу мулки ғайриманқул дар мамлакатҳои хориҷӣ мумкин аст, ки дар раванди такмили қонунгузории амалкунанда ба назар гирифта шавад. Ғайр аз ин, омили дигари зарурати омӯзиши қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ аз он иборат аст, ки солҳои охир дар ҷаҳон фазои умумии ҳуқуқӣ ташаккул ёфта истодааст.

Таснифи ашё ба манқул ва ғайриманқул баъд аз ҳуқуқи румӣ дар қонунгузории як қаттор мамлакатҳо мустаҳкам гардид. Аввал таснифоти мазкур дар Кодекси граждании Фаронса, Уложенияи граждании Олмон муқаррар гардид, ки минбаъд дар партави ин санадҳои кодификатсионӣ қонунгузории дигар мамлакатҳои хориҷӣ (ба монанди мамлакатҳои Аврупо, Осиё, Африқо, Амрикои ҷанубӣ ва қисман шимолӣ) таснифи ашёро ба манқул ва ғайриманқул пешбинӣ намуданд.

Дар қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ ягонагии мафҳум ва номгӯи объектҳои молу мулки ғайриманқул вуҷуд надорад. Бояд қайд кард, ки ҳар як мамлакат бо дарназардошти шароит ва манфиатҳои миллии худ масъалаҳои молу мулки ғайриманқулро танзим менамояд. Дар як мамлакат як объект мумкин аст молу мулки ғайриманқул ва дар ҳудуди мамлакати дигар тибқи қонунгузории вай молу мулки манқул эътироф карда шавад. Ин ягон вайрон кардани қоидаву принсипҳои ҳуқуқӣ нест, зеро муайян намудани самти инкишофи низоми ҳуқуқи миллии ҳар як давлат ба ваколати истисноии вай мансуб аст. Дар баробари ин, молу мулки ғайриманқул асосан ин реҷаи ҳуқуқии махсус додан ба ин ё он молу мулк мебошад. Давлат агар хоҳад ба ин ё он молу мулк реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқулро паҳн намояд, пас онро объекти ғайриманқул муқаррар мекунад, дар акси ҳол он ҳамчун молу мулки манқул

эътироф карда мешавад. Дар ин росто, бояд як нуқтаи дигарро зикр намуд, ки падидаи молу мулки ғайриманқул ин падидаи ҳуқуқи граждани аст, аз ин рӯ, дар тамоми соҳаҳои дигар, ки молу мулки ғайриманқул аҳаммиятнок ва зарурати тафриқабандии он (дар муносибат ба молу мулки манқул) ба миён меояд, бояд меъёрҳои қонунгузории граждани ба роҳбарӣ гирифта шавад.

Низомҳои ҳуқуқии миллӣ номгӯи гуногуни молу мулкеро, ки ба объектҳои молу мулки ғайриманқул таaллуқ доранд, муайян менамоянд. Ба молу мулки ғайриманқул қитъаҳои замин ва биноҳое, ки дар онҳо сохта шудаанд, дохил мешаванд. Аммо, илова бар ин, мафҳуми "молу мулки ғайриманқул" метавонад асбобҳои кишоварзӣ, асбобҳо, ашёи хоми дар корхонаҳо истифодашавандаро фаро гирад, масалан, ин объектҳо дар Фаронса ҳамчун молу мулки ғайриманқул эътироф карда шудаанд. Тибқи қонунгузории Англия, соҳиби санади ҳуқуқӣ ба қитъаи замин, инчунин соҳиби калиди хона, соҳиби молу мулки ғайриманқул ба ҳисоб меравaнд. Дар баъзе иёлоти ИМА бинои барои намоишгоҳ бунёдшуда вазъи молу мулки манқулро дорад [16, с. 324].

Маъмулан дар назарияи ҳуқуқи граждани ду навъи таҷрибаи танзими ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул мавҷуд аст: а) таҷрибаи фаронсавӣ; б) таҷрибаи румӣ.

Таҷриба ё консепсияҳои мазкур аз ҷиҳати муайян кардани объектҳои молу мулки ғайриманқул ва вазъи ҳуқуқи граждании онҳо хусусиятнок мебошанд. Дар таҷрибаи фаронсавӣ ба ҳайси объектҳои молу мулки ғайриманқул объектҳои гуногун, ба монанди қитъаи замин, бино, иморат, иншоот, маҳсулот ва растаниҳои ба замин алоқаманд (то лаҳзаи ҷудо шудан аз замин) ва дигар молу мулк дохил карда мешавад. Хусусияти дигари ин консепсия дар он аст, ки ҳар як объекти молу мулки ғайриманқул объекти мустақили ҳуқуқ ба шумор меравад. Ҳатто молу мулки ғайриманқули ба замин алоқаи мустаҳкамдошта низ хусусияти мустақил доранд, яъне тақдири ҳуқуқии он аз қитъаи замин вобаста нест. Маҳз ҳамин хусусият мураккабиро дар танзими муносибатҳо вобаста ба молу мулки ғайриманқул ба вуҷуд овардааст, зеро барои амалишавии ҳуқуқҳо ба объекти ба қитъаи замин алоқаманд мавҷудияти дигар падидаҳо, ба монанди суперфитсия, ҳуқуқи сохтмон ва дигар зарур аст. Ҳамзамон вақтҳои охир бо назардошти хусусияти мустақил доштани қитъаи замин ва объектҳои дар он бунёдшуда (аз ҷумла сохтмони худсаронаи объектҳои молу мулки ғайриманқул) мушкилот дар эътирофи ҳуқуқ ба объектҳои молу мулки ғайриманқул ба вуҷуд омадааст. Таҷрибаи мазкур барои он "фаронсавӣ" номгузорӣ мегардад, ки аввалин маротиба чунин таҷриба дар Кодекси граждании Фаронса коркард гардидааст ва имрӯз дар қонунгузории як қаттор мамлакатҳо мавриди корбаст қарор дорад.

Таҷрибаи румӣ навъи дигари таҷрибаи амалкунандаи танзими ҳуқуқи граждании молу мулки ғайриманқул мебошад. Консепсияи мазкур аз ҳуқуқи румӣ пайдо гардида, дар Руми Қадим қитъаи замин объекти ягона ва марказии ғайриманқул ҳисобида шуда, объектҳои дигари ба он алоқаманд қисми таркибии қитъаи замин эътироф мегардиданд.Аз ин лиҳоз метавон гуфт ки консепсияи мазкур таърихи қадима дошта, назарияҳои аввалин дар самти молу мулки ғайриманқул маҳсуб меёбад. Ҷиҳатҳои хоси консепсияи мазкур дар хусусиятҳои зерин зоҳир мегардад: а) қитъаи замин объекти ягонаи молу мулки ғайриманқул аст. Дигар объектҳо мустақилона ҳамчун молу мулки ғайриманқул муқаррар карда намешавад; б) қисми муҳими таркибии қитъаи замин эътироф гардидани объектҳо ба қитъаи замин алоқаи зичдошта (аз ҷумла бино, иморат, иншоот ва ғайра); в) эътирофи қитъаи замин ҳамчун объекти мустақили ғайриманқул. Яъне танҳо қитъаи замин объекти мустақили ҳуқуқ шуморида мешавад ва қисмҳои муҳимми таркибии он объекти мустақил эътироф намегардад; г) тақдири ҳуқуқии бино, иншоот ва дигар объектҳои ба қитъаи замин алоқаи зисдошта ба тақдири ҳуқуқии қитъаи замин вобаста будан. Бояд зикр намуд, ки таҷрибаи румӣ баъдан дар Уложенияи граждании Олмон ва дигар мамлакатҳо эътирофи мустаҳкам гардид.

Дар Уложенияи граждании Олмон истилоҳи "молу мулк (ашё)-и ғайриманқул" ва аслан истифода нашудааст. Қонун танҳо бо истифода аз категорияҳои "қитъаи замин" ва "ашёи манқул" амал мекунад, аммо, истилоҳи "молу мулки ғайриманқул" дар адабиёти ҳуқуқӣ мавҷуд аст. Дар ҳуқуқи граждании олмонӣ таснифоти ашё ба манқул ва ғайриманқул амалан аҳамият дорад, зеро ҳуқуқи моликият нисбат ба онҳо ба тариқи мухталиф мегузарад: ҳангоми гузаштани ҳуқуқи моликият ба молу мулки манқул, созишнома ва додани ашё ва барои молу мулки ғайриманқул бошад, шартнома (шартномаи ашёй-ҳуқуқӣ) ва ба дафтари замин ворид кардани он зарур аст.

Ба ақидаи Л.Ю.Василевская тибқи ҳуқуқи Олмон ашёи ғайриманқулро чунин меномад: 1) қитъаҳои замин (инчунин ба қитъаи замин ашёҳои манқуле, ки бо хок сахт пайваст мебошанд, ки онҳоро «қисми таркибии қитъаи замин» меноманд) дохил мешавад; 2) ҳуқуқҳои ба ҳуқуқи моликияти

қитъаи замин алоқаманд, ки ҳамчун қисми таркибии он эътироф карда шудаанд [11, с. 235].

А.Жалинский, А.Рёрихт ва Э.Б.Френкел чунин мешуморанд, ки «ашёи ғайриманқул қитъаҳои замин, аз ҷумла қисмҳои муҳимми онҳо мебошанд» [12, с. 220]. Дарвоқеъ, аз таҳлили Уложенияи граждании Олмон маълум мегардад, ки дар он ҳамчун молу мулки ғайриманқул ду категорияи объектҳо – қитъаи замин ва қисмҳои муҳимми таркибии қитъаи замин истифода мешавад.

В.Б. Шюнеманн ба ашёҳои ғайриманқул инҳоро мансуб медонад: а) қитъаҳои замин; б) киштиҳо ва ҳавопаймоҳои алоҳида (калон), ки тибқи қонун ба қитъаҳои замин махсус баробар карда шудаанд, яъне ба маънои ҳуқуқӣ, инчунин ғайриманқул метавонанд воқеан ашёи «манқул» бошанд [7, с. 54].

Ҳамзамон Э.Р. Фурич дар баробари қитъаи замин, ҳуқуқи меросии сохтмон ва ҳуқуқи моликият ба манзилро низ ҳамчун молу мулки ғайриманқул эътироф мекунад [5, с. 38].

Дар ҳама ҳолатҳо, қитъаи замин ҳамчун ашёи ғайриманқул эътироф карда мешаванд, дар ҳоле ки объектҳои дигар ҳамчун молу мулки ғайриманқул эътироф карда мешаванд, ки онҳо тибқи қонун махсус ба қитъаҳои замин баробар карда шудаанд, яъне мафҳумҳои “молу мулки ғайриманқул” ва “замин” тибқи ҳуқуқи олмонӣ комилан мувофиқат мекунад. Аз ин рӯ, баррасии масъалаи мафҳуми қитъаи замин муҳим аст.

Уложенияи граждании Олмон аз истилоҳи “қитъаи замин” истифода менамояд, аммо, ба он таърифи ҳуқуқӣ намедиҳад. Мафҳуми қитъаи замин бо тафсири воқеии замин ҳамчун як унсури табиат мувофиқ намеояд; аз нуктаи назари ҳуқуқӣ, он бояд ҳамчун як қисми алоҳидаи қитъаи замин, ки дар феҳристи замин ҳамчун объекти алоҳидаи ҳуқуқ ба қайд гирифта шудааст, тафсир карда шавад [4, с. 14]. Ҳамин тариқ, аз нуктаи назари ҳуқуқӣ, як қитъаи замин ба маънои иқтисодӣ метавонад аз бисёр объектҳои мустақил иборат бошад, агар онҳо дар феҳристи замин алоҳида сабт карда шаванд, дар ҳоле ки якчанд қитъаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ мустақил метавонанд дар феҳристи замин ҳамчун як қитъаи замин ба қайд гирифта шаванд.

Ба андешаи С.А. Бабкин мафҳуми «қитъаи замин»-ро аз моддаҳои 93, 94, 98 ва 905 Уложенияи граждании Олмон муайян кардан имконпазир аст. Ҳамин тавр, қитъаи замин аз унсурҳои муҳим иборат аст, ки ҳар яки онҳо объекти алоҳидаи мустақили ҳуқуқ буда наметавонанд. Дар байни ин унсурҳо се гурӯҳи объектҳоро ҷудо кардан мумкин аст: 1) худи “замин” - қабати хок, сарватҳои зеризаминӣ ва “сутуни ҳаво”; 2) биноҳо ва маҳсулоти замин, аз ҷумла растаниҳо; 3) ҳуқуқҳои алоқаманд ба ҳуқуқи моликияти қитъаи замин, масалан, сервитут ва ҳуқуқи меросии сохтмон” [10, с. 48].

«Қитъаи замин ба маънои ҳуқуқӣ ҳудуди маҳдуд мебошад, яъне дар кадастри замин ба қайд гирифта шудааст, қисми чен кардашуда ва таъиншудаи сатҳи замине, ки ба китоби замин – хоҳ дар варақаи махсуси китобҳои замин, хоҳ таҳти рақами махсуси варақи умумии феҳристи замин - ҳамчун “қитъаи замин” дохил карда мешавад. Мувофиқи банди 2 ва 3 моддаи 3 Дастурамал дар бораи тартиби пешбурди феҳристи замин қитъаҳои алоҳидаи замин - алахусус қитъаҳои замини федератсия, заминҳо, ҷамоаҳо ва ассотсиатсияҳои ҷамоаҳо ва калисоҳо, рӯдҳо ва роҳҳои истифодаи умум - ба феҳристи замин ниёз надоранд ва ин бандубасти ҳуқуқии онҳоро тағйир намедиҳад. Инҳо қонунан ба қитъаҳои замин баробар карда мешаванд: ҳуқуқи моликият ба манзил (моддаи 1, 3, 4 ва 7 Қонун дар бораи ба даст овардани моликияти манзили истиқоматӣ), ҳуқуқи меросии сохтмон (моддаи 11 фармон дар бораи ҳуқуқи меросии сохтмон), моликияти корхонаи истихроҷи маъдан (моддаи 9 Қонуни федералии истихроҷи маъдан), инчунин дар иёлотҳои Бранденбург, Мекленбург-Ворпомнер, Саксония, Саксония Анхалт ва Тюрингия ва дар минтақаи Берлини Шарқии собиқ - моликият ба бино (м. 231 § 5 Қонуни умумӣ). Ба андозаи маҳдуд, ҳуқуқҳои муайян метавонанд тавассути қонунгузории замин ҳамчун ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқул ба расмият даровардa шаванд” [6, с. 905].

Ғайр аз он, “киштиҳои баҳрӣ, агар онҳо дар феҳристи киштиҳо ба қайд гирифта шуда бошанд, ба маънои ҳуқуқӣ ҳамчун қитъаи замин мутобиқи Қонун дар бораи ҳуқуқҳо ба киштиҳои ба қайд гирифташуда ва иншоотҳои киштисозӣ аз 15 ноябри соли 1940 ба ҳисоб мераванд. Киштиҳои баҳрӣ, ки дар феҳристи киштӣ сабт нашудаанд, ашёи манқул ҳисобида мешаванд. Дар ин ҷо, ҳангоми гузариши ҳуқуқи моликият ва ба даст овардани софдилона, бояд УГО ба роҳбарӣ гирифта шавад” [ 9, с. 131]. Масъала бо киштиҳои ҳавоӣ ба ҳамин тарз ҳал карда мешавад: агар онҳо бояд дар феҳристи киштиҳои ҳавоӣ ё дар феҳристи гарав барои киштиҳои ҳавоӣ қайд карда шаванд, пас онҳо тибқи реҷаи ҳуқуқии худ ба қитъаҳои замин баробаранд, нисбат ба боқимонда қоидаҳои ашёи манқул татбиқ карда мешаванд [6, с. 905].

Ҷиҳати муҳими қонунгузории граждании Олмон дар он зоҳир мешавад, ки мафҳуми қитъаи замин на ҳамчун як қисми замини бақайдгирифташуда, балки қисми замин, ҳудудӣ болоӣ ва поёнии ин ҳудудро дар бар мегирад.

“Тавре ки моддаи 905 УГО муайян менамояд, қитъаи замин ба маънои ҳуқуқӣ на танҳо як пораи сатҳи замин аст, ки дар феҳристи замин сабт шудааст (чен карда ва дар феҳристи давлатӣ ҳуҷҷатгузорӣ шудааст), балки инчунин ҳаҷми ҷой (гардиш), пирамида, ки болои он маркази Замин мебошад ва канораҳои он ба масофаҳои бепоёни Коинот паҳн мешаванд” [7, с. 55]. “Маҳдудияти молу мулк” барои муайян кардани мафҳуми қитъаи замин ниҳоят муҳим аст: “Ҳуқуқи соҳиби қитъаи замин ба фазои боло ва поёнии қабати болоии қитъаи замин паҳн мешавад. Аммо молик таъсиротеро, ки дар чунин баландӣ ё зери он анҷом дода мешаванд, манъ карда наметавонад, агар бартараф кардани таъсир барои ӯ манфиатдор набошад” [ 3, с. 258].

Асосан дар моддаи 905 УГО доираи ҳуқуқҳои соҳибмулки қитъаи замин муайян гардидааст, ки тибқи он ваколатҳои он ба фазои болои ҳудуди қитъаи замин, инчунин ба сарватҳои зеризаминӣ паҳн мегардад. Соҳибмулки қитъаи замин танҳо метавонад таъсиррасониро дар ин фазо ва зери қитъаи замин маҳдуд намояд, ки агар он ба ҳуқуқу манфиатҳои вай дахл дошта бошад. Муқаррароти моддаи 905 ба соҳибмулки қитъаи замин на танҳо бар рӯи замин, балки инчунин бар сарватҳои зеризаминӣ ва фазои ҳавоӣ дар ҳудуди қитъаи замин ваколати васеъ додааст. Ҳуқуқи соҳиби замин танҳо ба канданиҳои фоиданоки дорои аҳамияти давлатӣ татбиқ намешавад ва истифодаи онҳо бо меъёрҳои қонуни истихроҷи кӯҳӣ ба танзим дароварда мешавад (моддаи 68 Қонуни муқаддимавӣ ба УГО).

Чунин ваколати васеи ҳуқуқӣ нисбат ба ашё номаҳдуд буда наметавонад. Маҳдудияти умумии қонунии ваколати соҳибмулк тибқи қоидае, ки расонидани зарарро манъ мекунад. Тибқи моддаи 226 УГО “ба амал баровардани ҳуқуқ танҳо бо мақсади расонидани зарар ба шахси дигар иҷозат дода намешавад”. Дар баробари ин, қонунгузории олмонӣ баъзе маҳдудиятҳои мушаххаси ҳуқуқи моликиятро ҷорӣ намудааст. Пас аз қабули УГО, қонунҳои махсуси умумиолмонӣ дар бораи алоқаи телеграфӣ (18 декабри 1899), дар роҳҳои ҳавоӣ (1 августи соли 1922) қабул карда шуданд, ки соҳибмулки заминро мустақиман таҳаммул намудани маҳдудиятҳо вобаста ба хатҳои телеграф ва парвозҳои дастгоҳҳои парвозкунанда уҳдадор намуданд [14, с. 43].

Ҳамин тавр, қитъаи замин дар ҳуқуқи олмонӣ як қисми сатҳ нест, балки “ҷисми фазоӣ” дар шакли аҳром мебошад, ки аз ҳудуди сатҳи қитъаи замин то нуқтаи маркази Замин маҳдуд мешавад ва дар самти муқобил васеъ мешавад.

Ба шарофати ин фаҳмиши қитъаи замин, моҳияти мафҳуми қисмҳои таркибии муҳим равшан мегардад. Тибқи ҳуқуқи граждании олмонӣ қисмҳои таркибии ашё, ки бидуни нобудшавӣ ё тағйирёбии моҳият аз якдигар алоҳида вуҷуд дошта наметавонанд (қисмҳои таркибии муҳим) субъекти ҳуқуқҳои алоҳида шуда наметавонанд. Мувофиқи моддаи 94 УГО “қисмҳои таркибии қитъаи замин ё сохтмон”: “а) қисмҳои таркибии қитъаи замин ашёҳое мебошанд, ки бо замин сахт алоқаманданд, алахусус биноҳо, инчунин маҳсулоти замин, ба шарте ки онҳо бо хок пайваст бошанд. Тухмӣ аз лаҳзаи кишт, растанӣ - аз лаҳзаи кишт қисми муҳими замин мешаванд; б) қисмҳои таркибии сохтмон ашёҳоеро дар бар мегиранд, ки барои бунёди он ба вай дохил карда шудаанд”.

Дар ҳақиқат, агар қитъаи замин “ҷисми фазоӣ” бошад ва агар масалан, бино дар он ҷойгир бошад, пас он на дар болои қитъаи замин, балки дар қитъаи замин, бино як қисми қитъаи замин аст, на объекти ҳуқуқ, на ашё, балки танҳо як қисми ашё, аз ин рӯ, он аз худи қитъаи замин ҷудонопазир аст, биноро бе қитъаи замин бегона намудан ғайриимкон аст.

Ҳамзамон дар УГО муқаррароти муҳимме дарҷ карда мешавад, ки дар асоси он ашёҳои муваққатан ба қитъаи замин ҳамроҳкардашуда қисмҳои муҳимми таркибии қитъаи замин эътироф карда намешаванд. Дар асоси моддаи 95 УГО ба қисмҳои таркибии қитъаи замин ашёҳои ба замин барои мақсадҳои муваққатӣ алоқаманд дохил карда намешаванд. Ҳамин қоида нисбат ба сохтмон ё объекти дигаре, ки дар қитъаи замин сохташудаи шахси ваколатдор ҳангоми амалисозии ҳуқуқ ба қитъаи замини бегона амал мекунад. Ашёе, ки ба сохтмон танҳо барои мақсадҳои муваққатӣ пайваст карда шудааст, ба қисмҳои таркибии он тааллуқ надорад.

Дар танзими муносибатҳо вобаста ба молу мулки ғайриманқул қоидаи мазкур муҳим ба шумор меравад, зеро ҳангоми бандубасти молу мулки манқул ва ғайриманқул мавҷудияти чунин муқаррароти қонунгузорӣ зарур аст. Тибқи қоидаи умумӣ, ашёҳо ба қитъаи замин муваққатан пайвастшуда молу мулки ғайриманқул эътироф карда намешаванд, зеро онҳо ба қитъаи замин алоқаи зич надоранд, онҳо бидуни расонидани зарар ба таъиноташон ба макони дигар интиқол додан имконпазир аст. Аммо, дар қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон объектҳои муваққатан ба қитъаи замин ҷойгиршуда низ дар муносибатҳои андозӣ ҳамчун молу мулки ғайриманқул эътироф карда мешаванд. Маврид ба зикр аст, ки аввалан ин вайрон кардани талаботи қонунгузорӣ аст, зеро масъалаи муайян кардани низоми объектҳои молу

мулки ғайриманқул ба доираи предмети қонунгузории гражданӣ дохил мешавад ва дар дигар муносибатҳо ҳангоми ҳалли масъалаи муайян намудани объектҳои молу мулки ғайриманқул бояд ба қонунгузории гражданӣ муроҷиат карда шавад. Сониян, дар қонунгузории гражданӣ объектҳои муваққатан ба қитаи замин дохилшуда молу мулки ғайриманқул тавсиф карда намешавад ва ба онҳо реҷаи ҳуқуқи граждании молу мулки ғайриманқул паҳн намегардад.

Аз таҳлили Уложенияи граждании Олмон дар самти мафҳум ва хусусиятҳои молу мулки ғайриманқул муайян мегардад, ки қитъаи замин объекти асосӣ ва ягонаи ғайриманқул буда, дигар объектҳои молу мулки ғайриманқуд ҳамчун қисми муҳими таркибии қитъаи замин ҳисобида мешаванд.

Дар қонунгузории Олмон истилоҳи "молу мулки ғайриманқул" вуҷуд надорад. Дар Кодекси граждании ҶТ таърифи мафҳуми "молу мулк (ашё)-и ғайриманқул" мавҷуд аст, аммо он аз камбудиҳо холӣ нест, яъне:

1) дар таърифи расмии мафҳуми молу мулки ғайриманқул номгӯи объектҳоеро, ки ҳамчун ашёи ғайриманқул фаҳмида мешаванд, муайян менамояд;

2) маҳакҳое, ки дар таърифи молу мулки ғайриманқул нишон дода шудаанд, ягон хусусияти умумӣ надоранд ва пурра намебошанд;

3) тарзе, ки қонунгузор барои сохтани мафҳуми молу мулки ғайриманқул истифода мебарад аз нуқтаи назари таснифот нодуруст аст. Ҳангоми муайян кардани хусусиятҳои молу мулки ғайриманқул, қонунгузор ягонагии маҳакҳои интихобшударо риоя накардааст;

4) танҳо як маҳак – алоқаи устувор доштан ба қитъаи замин пешбинӣ гардидааст, ки тавассути он имконияти пурра муайян кардани низоми объектҳои молу мулки ғайриманқул вуҷуд надорад.

Ҳамзамон дар қонунгузории граждании Олмон бевосита молу мулк ба манқул ва ғайриманқул тасниф нагардидааст. Қитъаи замин ягона объекти молу мулки ғайриманқул эътироф гардида, дигар объектҳо қисми таркибии муҳими қитъаи замин эътироф карда шудаанд. Яъне бевосита истилоҳи "молу мулки ғайриманқул" дар қонунгузории граждании Олмон истифода намегардад ва объектҳои молу мулки ғайриманқул таҳти категорияи қитъаи замин ва "қисми таркибии муҳими қитъаи замин" ифода карда мешавад.

Тафовути дигар ин дар номгӯи объектҳои молу мулки ғайриманқул зоҳир меградад. Дар қонунгузории граждании Олмон ба сифати объектҳои молу мулки ғайриманқул танҳо қитъаи заминро эътироф намудааст. Дигар объектҳои ба қитъаи замин алоқаманд қисми таркибии он ҳисобида мешаванд ва тақдири ҳуқуқии онҳо аз тақдири қитъаи замин вобаста аст. Бино, иморат, иншоот ва дигар навъи сохтмон, инчунин маҳсулоти замин, аз дарахтон, растаниҳо (то мавриди ҷудо намудани онҳо аз замин) молу мулки ғайриманқул эътироф карда мешаванд. Бо ҳамин назардошт, УГО чунин роҳи танзими муносибатҳо вобаста ба молу мулки ғайриманқулро пеша намуда, ба консенсияи ягонагии объектҳои молу мулки ғайриманқул асос гузошт, ки моҳияти консепсияи мазкур дар эътирофи қитъаи замин ҳамчун объекти ягонаи молу мулки ғайриманқул зоҳир мегардад.

Дар маҷмӯъ, тибқи қонунгузории ҶТ қитъаи замин, бино, иморат, иншоот, дарахтони бисёрсола ва дигар объектҳое, ки ба замин алоқаи зич доранд ва ҷойивазкунии онҳо бидуни расонидани зарари воқеии беҳисоб ба таъиноташон ғайриимкон аст, ҳамчун молу мулки ғайриманқул муқаррар шудаанд.

Фарқияти дигари қитъаи замин ҳамчун молу мулки ғайриманқул дар қонунгузории граждании олмонӣ аз қонунгузории граждании Тоҷикистон дар он аст, дар Олмон тақдири ҳуқуқии бино, иморат, иншоот ва дигар объектҳои ба қитъаи замин алоқаи зичдоштааш (қисмҳои муҳимми таркибии қитъаи замин) ба тақдири ҳуқуқии қитъаи замин вобаста карда шудааст. Аммо, дар ҶТ баръакс, тақдири ҳуқуқии қитъаи замин аз тақдири бино, иморат, иншоот ва дигар объектҳои ба он алоқаманд вобаста аст. Тибқи моддаи 27 Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996 [1] ҳангоми ба шахси дигар гузаштани ҳуқуқи моликият ба бино (иморат, иншоот) ҳуқуқи истифодаи қисмати қитъаи замин, ки ин бино (иморат, иншоот) дар он қарор дорад, ҳамчунин қисми ҳамшафати он қитъаи замине, ки барои хизматрасонии ин бино (иморат, иншоот) зарур аст, ба шахси ин бино (иморат, иншоот)-ро харида бемузд мегузарад. Қисми қитъаи замине, ки аз ҳудуди барои истифодабарӣ ва хизматрасонии ин бино (иморат, иншоот) зарур зиёд мебошад, бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври музднок мегузарад. Аммо, ин қоида баъзе мушкилотро дар самти эътирофи ҳуқуқ ба қитъаи замин ва дигар масъалаҳо ба вуҷуд меорад. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои зиёде ба назар мерасад, ки солҳои пешин шаҳрвандон дар қитъаи замини муайян манзили истиқоматӣ бунёд намудаанд, ки дар воқеъ ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунандаро ба ин қитъаи замин надоранд, аммо дар ҳолати ба миён омадани зарурати эътирофи ҳуқуқ мушкилот ба миён меояд, зеро қисми 3 м. 246 КГ ҶТ пешбинӣ менамояд, ки "ҳуқуқи моликии шахси сохтмони худсаронаро анҷомдода аз ҷониби суд ба шарте эътироф карда

мешавад, агар қитъаи замин мутобиқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин шахс барои сохтмони иморат дода шуда бошад”. Барои ин шаҳрвандро муҳим аст, ки аввалан ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замини вай эътироф карда шавад ва баъдан барои эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсаронаро бо тартиби пешбининамудани қонунгузорӣ муроҷиат намояд. Аммо, мутобқи м. 49 Кодекси замини ҶТ “эътирофи ҳуқуқ ба қитъаи замин ҳангоми мавҷуд набудани ҳуҷҷати тасдиққунанда дар асоси қарори суд оид ба эътирофи соҳибмулкии амволи ғайриманқули дар ин қитъаи замин ҷойгирбуда аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин дар маҳалҳо бо риояи талаботи Кодекси мазкур амалӣ карда мешавад”. Аз меъёри мазкур бармеояд, ки эътирофи ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин танҳо бо тартиби эътирофи ҳуқуқи моликият ба молу мулки ғайриманқули дар қитъаи замини мазкур бунёдшуда амалӣ карда мешавад, яъне ба қонунгузории граждани ҳавола менамояд, аммо қонунгузории граждани бошад, эътирофи сохтмони худсаронаро бидуни эътирофи ҳуқуқ ба қитъаи замин ғайриимкон муайян намудааст. Ин ҳолат боиси номуайянӣ дар қонунгузорӣ ва амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон гардидааст. Аз як нуқтаи назар, мавҷудияти консепсияи ягонагии молу мулки ғайриманқул (таҷрибаи олмонӣ) дар қонунгузорӣ (тақдири ҳуқуқии бино, иморат, иншоотро ба тақдири ҳуқуқии қитъаи замин вобаста намудан) боиси пеши роҳи номушахассиҳои зайлро мегирад, вале бо сабабҳои муайян дар замони муосир ҷорӣ кардани он имконнопазир аст.

Маврид ба зикр аст, тибқи таҷрибаи қонунгузории граждании Олмон дар чунин ҳолатҳо шахсро зарур аст, ки танҳо барои эътирофи ҳуқуқ ба қитъаи замини худ кӯшиш намояд, зеро дар ҳолати эътирофи он сохтмоне, ки дар он қитъаи замин мавҷуд аст, ба таври худ аз худ ба ҳуқуқи моликияти вай табдил мегардад. Чунки моддаи 96 УГО муқаррар менамояд, ки ҳуқуке, ки ба ҳуқуқи моликияти қитъаи замин алоқаманд аст, қисми таркибии охирон эътироф карда мешавад.

Мафҳуми қитъаи замин ҳамчун объекти молу мулки ғайриманқул дар қонунгузории гражданӣ Олмон ба таври васеъ пешбинӣ шудааст. Дар баробари ин, тибқи қонунгузории ҶТ қитъаи замин объекти ҳуқуқи моликияти хусусӣ намебошад, он моликияти истисноии давлат буда, танҳо ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин ба халқ кафолат дода шудааст. Моддаи 1 Кодекси замини ҶТ муқаррар менамояд, ки қитъаи замин қисми замин бо ҳуқуқҳои муайян нисбат ба он мебошад, ки гурӯҳи муайян ва намуди иҷозатдодашудаи истифодабарӣ, сарҳади муайяншуда, майдон ва ҷойгиршавӣ дорад. Дар асоси м. 241 КГ ҶТ бошад, “ҳуқуқи истифодаи замин имконияти қонунии шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, яъне истифодабарандаи замин ҷиҳати истифодаи хосиятҳои фоидабахши он вобаста ба мақсади таъиноти он мебошад. Истифодабарандаи замин инчунин ба молики қитъаи замин, ки таҳти истифодааш мебошад, ҳуқуқ дорад”. Аз муқарраротӣ болозикр маълум мегардад, ки дар Тоҷикистон қитъаи замин танҳо майдони муайянро фаро мегирад, ба монанди қонунгузории Олмон фазои ҳавоӣ ва сарватҳои зеризаминии ҳудуди қитъаи заминро фаро намегирад. Дар ҶТ ҳуқуқи истифодабарии сарватҳои зеризаминии дар қитъаи замин ҷойгирбуда ба соҳибмулк дар ҳаҷми маҳдуд кафолат дода шудааст. Дар асоси моддаи 15 Қонуни ҶТ “Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ” аз 20 июли соли 1994, №983 [2] соҳибони қитъаҳои замин ҳуқуқ доранд бо майли худ дар ҳудуди қитъаашон, бидуни таркишгарӣ мувофиқи Қонуни мазкур истихроҷи маъданҳои фоиданоки маъмулиро ба роҳ, монанд ва дар чуқурии то 5 метр барои эҳтиёҷоташон иншоотҳои зеризаминӣ созанд.

Таҷрибаи олмонӣ дар баъзе аз мамлакатҳои аъзои ИДМ (масалан, Федератсияи Россия) барои татбиқ пешниҳод карда шуда, баъзе тағйиротҳо ба қонунгузорӣ низ дар ин самт ворид карда шудааст. Барои дар шароити Тоҷикистон татбиқ намудани консепсияи ягонагии молу мулки ғайриманқул мақсаднок аст, таҷрибаи қонунгузории гражданӣ Олмон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шавад, барои дар шароити мамлакати мо татбиқшаванда будани таҷрибаи он хулосаҳо бароварда шавад. Консепсияи мазкур як қаттор духӯрагиҳои реҷаи ҳуқуқии қитъаи замин ва дигар объектҳои ғайриманқул, мушкилотҳои вобастагии тақдири ҳуқуқии онҳо ва дигар масъалаҳои ба ин монандро шояд дар ин самт бартараф намояд.

Ба андешаи мо, дар шароити муосир ҷорӣ намудани консепсияи ягонагии молу мулки ғайриманқул, ки дар он қитъаи замин объекти ягонаву асосии молу мулки ғайриманқул ба шумор рафта, объектҳои ба он алоқаманд қисми муҳимми таркибии он эътироф мегарданд, ғайриимкон аст. Сабаби асосии имконнопазирии ҷорӣ намудани ин консепсия дар он аст, ки дар ҶТ бозори ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин ташаккул наёфтааст. Барои он ки қитъаи замин объекти ягонаи молу мулки ғайриманқул эътироф карда шавад, сараввал дар зарурати анҷом додани муомилот бо ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин аҳаммиятнок аст. Тибқи қонунгузории замини ҶТ ташкили бозори ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин ҳамчун принсипи бунёдӣ мустаҳкам шуда, ҳуқуқи

истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он объекти муомилоти гражданӣ эътироф гардидааст, аммо мутаасифона дар ҳоли ҳозир механизмҳои дар муомилот қарор доштани он пурра дар қонунгузорӣ муайян нашудааст. Аз ҷумла яке аз мушкилоти аввалин ва асосӣ ин мавҷуд набудани механизмҳои муайян кардани арзиши бозорӣ ва меъёрию пулии қитъаи замин ба ҳисоб меравад.

Барои танзими самараноки муносибатҳо вобаста ба молу мулки ғайрманқул муҳим аст, ки давра ба давра дар кишвар заминаҳои воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои боло бурдани нақши қитъаи замин (ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин) ва ё эътирофи он ҳамчун объекти ягонаи молу мулки ғайриманқул чораҳои зарурӣ андешида шавад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ с.1996, № 23. м. 351; с. 1997, № 23-24, м. 333; с. 1999, № 5, м.59; с. 2001, № 4, м.176; с. 2004, № 2, м.55, №3. м. 190; с.2006, №7, мод.347; с.2008, №1. қ.2 м. 22; №6, м.463; с.2011., №3, м.171; с.2012, №4, м.269; №8, м. 828;с.2016,№11, мод.879
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ”. Ахбори Шӯрои Олии ҶТ с.1994, №15-16, мод. 235; АМОҶТ с.1995, №22, мод.259; с. 2008, №1, м.16, №12, қ.2, мод.1005; 2010г., №12, ст.822, 2013, №12, мод.892.
3. Гражданское уложение Германии = Deutsches Bürgerliches Gesetzbuch mit Einführungsgesetz: Ввод. закон к Гражд. уложению; пер. с нем.; науч. ред. А. Л. Маковский [и др.]. М., 2004. С. 258.
4. Brox H. Allgemeiner Teil des BGB. 27, neu bearbeit. Aufl. Köln, 2003.
5. Führich E. R. Wirtschaftsprivatrecht: Privatrecht, Handelsrecht, Gesellschaftsrecht. 6. Auflage. - München, 2002.
6. Münchener Kommentar zum Bürgerlichen Gesetzbuch. Band 1, Allgemeiner Teil. § 1–240 AGB-Gesetz. S. 905.
7. Schünemann W. B. Wirtschaftsprivatrecht: juristisches Basiswissen für Wirtschafts-wissenschaftler. 4, neu bearbeit. Aufl. Stuttgart, 2002.
8. Schwab K. H. Sachenrecht: Ein Studienbuch. Fortgef. von H. Prötting. 31, neubearb. Aufl. München, 2003.
9. Wilhelm J. Sachenrecht. 2, neu bearb. Aufl. Berlin; New York, 2002. S. 211.
10. Бабкин С. А. Основные начала организации оборота недвижимости. - М., 2001. - 371 с.
11. Василевская Л. Ю. Учение о вещных сделках по германскому праву. М., 2004. – 531 с.
12. Жалинский А., Рёрихт А. Введение в немецкое право. - М., 2001. – 744 с.
13. Проблемы гражданского и предпринимательского права Германии / пер. с нем. - М., 2001. - 326 с.
14. Савельев В. А. Гражданский кодекс Германии (история, система, институты). Учеб. пособие. 2-е изд., перераб. и доп. М., 1994. – 96.
15. Сафарзода Б.А., Раҳмон Д.С., Миралиев И.Қ., Саидзода И.И., Саъдизода Ҷ., Шоев Ф.М. Ҳуқуқшиносии муқоисавӣ (васоити таълимӣ) / Дар зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Холиқзода А.Ғ. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – 144 с.
16. Чешир Дж., Норт П. Международное частное право. - М., 1982. – 496 с.



**Анотатсия**

**Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории граждании Олмон бо қонунгузории граждании Тоҷикистон оид ба мафҳуми молу мулки ғайриманқул**

Молу мулки ғайриманқул ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ дар қонунгузории аксари мамлакатҳои хориҷӣ бо хусусиятҳои хос мустаҳкам гардидааст. Олмон аз ҷумлаи аввалин мамлакатҳое мебошад, ки таҷрибаи хоси ҳуқуқи римиро ресепсия намуда, молу мулки ғайриманқулро дар қонунгузории худ мавриди танзим қарор дод. Имрӯзҳо таҷрибаи Олмон дар самти молу мулки ғайриманқул дар қонунгузории як қаттор мамлакатҳо истифода шуда истода, дар баъзе аз мамлакатҳо дар раванди татбиқшавӣ қарор дорад, аз ин рӯ, таҷрибаи олмонӣ зарурат ба омӯзиш ва таҳқиқ дорад. Дар мақолаи мазкур муаллиф мафҳум, хусусиятҳо ва объектҳои молу мулки ғайриманқулро тибқи қонунгузории граждании Олмон таҳқиқи намуда, онро бо қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқоисаи ҳуқуқӣ кардааст.

**Аннотация**

**Сравнительно-правовой анализ гражданского законодательства Германии с гражданским законодательством Таджикистана о понятии недвижимости**

Недвижимость, как объект гражданских прав, закреплена в законодательстве большинства зарубежных стран с определенными особенностями. Германия была одной из первых стран, принявших специфическую практику римского права и регулирующих недвижимость в своем законодательстве. Сегодня немецкий опыт в сфере недвижимости используется в законодательстве ряда стран и находится в процессе внедрения в некоторых странах, поэтому немецкий опыт требует изучения и анализа. В данной статье автор исследует понятие, особенности и объекты недвижимости в соответствии с гражданским законодательством Германии и проводит правовое сравнение с гражданским законодательством Республики Таджикистан.

**Annotation**

**Comparative and legal analysis of German civil legislation with Tajikistan civil legislation on the concept of real estate**

Real estate as an object of civil rights is enshrined in the legislation of most foreign countries with certain features. Germany was one of the first countries to adopt the specific practice of Roman law and regulate real estate in its legislation. Today, the German experience in the field of real estate is used in the legislation of a number of countries and is in the process of implementation in some countries, so the German experience needs to be studied and analyzed. In this article, the author examines the concept, features and objects of real estate in accordance with German civil law and makes a legal comparison with the civil law of the Republic of Tajikistan.



**УДК:** 347.453.3
**Саидназарзода Содиқ Саидназар,**
*унвонҷӯи шуъбаи қонунгузории граждании, соҳибкорӣ ва оилавии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: alializoda900@gmail.com*
*Тел.: (+992) 989-80-90-90.*

# ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ИҶОРАИ МАНЗИЛИ ИСТИҚОМАТӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

***Калидвожаҳо:*** *таърих; танзими ҳуқуқӣ; қонунгузорӣ; иҷораи манзили истиқоматӣ; шартномаи иҷораи манзили истиқоматӣ; замони муосир.*

***Ключевые слова:*** *история; правовое регулирование; законодательство; аренда жилья; договор аренды жилого помещения; современное время.*

***Keywords:*** *history; legal regulation; legislation; rental of property; residential lease agreement; modern times.*

Дар айни замон танзимнамоии шартномаи кирояи манзили истиқоматӣ дар баробари меъёрҳои қонунгузории гражданӣ, бо меъёрҳои қонунгузории замин низ амалӣ карда мешавад. Дар ҳамин замина дар Олмон, Италия, Фаронса, Чехия вазъи шартномаи кирояи манзили истиқоматӣ тавассути қонунгузории гражданӣ ва қонунҳои махсус танзим мегардад, аммо дар Маҷористон, ИМА, Хорватия падидаи мазкур тавассути қонунгузории манзил сурат мегирад [1, с. 33]. Таҳлили қонунгузории ҶТ оид ба шартномаи иҷораи манзили истиқоматӣ дар замони муосир нишон медиҳад, ки танзими ҳуқуқии ин падида тавассути қонунгузории гражданӣ ва манзил сурат мегирад.

Бинобар сабаби он ки кирояи манзили истиқоматӣ дар баъзе адабиётҳои илмӣ ҷузъи иҷораи амвол эътироф карда шудааст, аз ҳамин нуқтаи назар қайд кардан мумкин аст, ки нахуст санади танзимкунандаи ин соҳа Қонуни ҶТ “Дар бораи иҷора дар ҶТ” маҳсуб меёбад. Тибқи м. 1 Қонуни мазкур иҷора ба мақсади зиёд намудани истеҳсоли маҳсулот, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва дар ин асос беҳтар намудани зиндагии мардум ташкил меёбад. Иҷора дар асоси шартнома ба муҳлати муайян бо подош ихтиёрдорӣ ва истифода кардани замин, дигар захираҳои табиӣ, корхонаҳо (иттиҳодияҳо) ва комплексҳои дигари молу мулк, инчунин дигар хел амволе мебошад, ки ба иҷоракор барои мустақилона пеш бурдани фаъолияти хоҷагӣ ва ё дигар фаъолияташ зарур аст [2].

Қонуни болозикр масъалаҳоро вобаста ба иҷора ба танзим даровarда, дар хусуси манзил меъёрҳо дар м. 16 ва м. 28 муқаррар гардида буд. Масалан, дар м. 16 шартномаи иҷора муносибатҳои байни иҷорагир ва иҷорадеҳро доир ба шартҳои истифодаи захираҳои сӯзишворӣ, ашёи хом, масолеҳ, истеҳсолоти нотамом, маснуоти тайёр, тақсими бақияи фондҳои ҳавасмандгардонии иқтисодӣ, истифодаи фонди манзили идоравӣ, бо маблағ таъмин кардани он, харҷи маблағеро, ки барои пардохти қарзи дебиторӣ гирифта шудааст, муайян мекунад. Дар м. 28 маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ метавонанд ба иҷоракорон барои сохтмони манзил қарз ё бо подош пул ҷудо кунанд.

Ҳарчанд дар Қонуни болозикр масъалаҳо вобаста ба иҷораи манзили истиқоматӣ муқаррар нашуда бошад, ҳам аммо баъзе меъёрҳо вобаста ба **сохтани манзил, шартҳои шартномаи иҷора** муқаррар гардидаанд.

Соли 1994 Қонуни ҶТ “Дар бораи сохтмони манзилҳои шахсӣ” қабул гардид. Қонуни мазкур барои танзими масъалаҳои вобаста ба сохтмони манзилҳои шахсӣ санади ҳуқуқӣ мебошад. Санади болозикр ҳуқуқи шаҳрвандонро барои сохтмони манзилҳои шахси муқаррар менамояд. Ин ҳуқуқ бо роҳи инкишоф додану муҳофизат намудани фонди мавҷудаи манзилҳои шахсӣ аз ҷониби давлат, мусоидат кардан ба сохтмони манзилҳои шахсӣ аз ҷониби давлат, мусоидат кардан ба сохтмони манзилҳои шахсӣ, тақсимоти одилонаи қитъаҳои замин барои сохтани хонаҳои истиқоматии шахсӣ дар асоси санади мазкур ва санадҳои дигари қонунгузорӣ таъмин карда мешавад. Аз хонаи истиқоматии шахсии ишғол кардаашон, ки моликияти шахсии онҳо мебошад, баровардани шаҳрвандон ва ё маҳдуд намудани ҳуқуқи истифодаи он, ба истиснои асосу тартиби дар Қонун пешбинишуда, манъ аст. Татбиқи ҳуқуқи манзилӣ бар хилофи таъиноти он ва ё поймол кардани ҳуқуқи шаҳрвандони дигар, инчунин ҳуқуқи ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ё сохтмонҳои дигар роҳ дода намешавад [3].

Қонуни болозикр санаи 28 декабри соли 2012 аз эътибор соқит карда шуд ва ба ҷои он КШ ҶТ қабул гардид. Таърих ва инкишофи асосии иҷораи манзили истиқоматӣ дар ҶТ баъд аз соли 1995 рост меояд, зеро баъди қабули Қонуни ҶТ "Дар бораи хусусигардонии фонди манзил дар ҶТ" муносибатҳо дар ин самт ташаккул ёфтанд.

Қонуни мазкур принсипҳои асосии хусусигардонии фонди давлатии манзилро дар ҳудуди ҶТ муқаррар намуда, асосҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии дигарсозии муносибатҳои моликиятро ба манзил муайян мекунад. Мақсади ин дигарсозиҳо, муҳайё кардани шароити ба амал баровардани ҳуқуқи озодона қонеъ гардонидани талаботи ба манзилдоштаи шаҳрвандон, инчунин беҳтар истифода ва саришта намудани фонди манзил мебошад [4].

Қонун аслан тартиби хусусӣ гардонидани фонди манзилро муқаррар менамуд, зеро дар замони шӯравӣ моликияти хусусӣ вуҷуд надошт, аслан аксар манзилҳо моликияти давлатӣ маҳсуб мееёфтанд. Аз ҳамин лиҳоз Қонуни мазкур қабул гардид. Тибқи м. 1 Қонуни мазкур фонди давлатии манзил бо роҳи бепул ба шаҳрвандон додан ё фурӯхтани манзили истиқоматии онҳо ихтиёран хусусӣ гардонида мешавад.

Вобаста ба масъалаи иҷора ё кирояи манзили истиқоматӣ м. 2 Қонуни мазкур чунин муқаррар менамояд: шаҳрвандоне, ки дар хонаҳои фонди давлатӣ аз рӯйи шартномаи киро ё иҷора зиндагонӣ мекунанд, ҳуқуқ доранд бо розигии тамоми аъзои болиғи сокини оила ин хонаро бо шартҳои пешбиникардаи ҳамин қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ харида гирифта, соҳиби он шаванд. Моддаи мазкур муқаррар менамояд, ки шаҳрвандоне, ки манзили истиқоматиро дар асоси шартнома истифода менамоянд, метавонанд манзили истиқоматиро бо розигии аъзои оилаашон хусусӣ гардонанд.

Дар ҳамин замина, муҳаққиқон қайд менамоянд, ки дар моддаи мазкур сухан оид ба хусусигардонии манзили истиқоматие меравад, ки шаҳрванд дар он тибқи шартномаи кироя ё иҷора зиндагӣ мекунад. Дар матни моддаи тафсиршаванда ибораи «шартномаи киро» истифода гардидааст, ки аз рӯйи мазмуну моҳияти қонуни мазкур нодуруст мебошад. Мафҳум ва таъиноти шартномаи киро дар боби 33 КГ ҶТ аз 11 декабри соли 1999, №884 [5], ки ба танзими муносибатҳои молу мулкӣ оид ба иҷораи амвол равона гардидааст, таҷассуми худро ёфтааст.

Мутобиқи м. 647 КГ ҶТ аз рӯйи шартномаи киро (прокат) кироядеҳе, ки амволро ҳамчун объекти фаъолияти доимии соҳибкорӣ ба киро медиҳад, уҳдадор мешавад, ки амволи манқулро пулакӣ ба кирогир барои ихтиёрдорӣ ва истифодаи муваққатӣ таҳвил диҳад. Аз мафҳуми додашуда чунин бар меояд, ки объекти шартномаи киро танҳо амволи манқул баромад мекунад, аммо мазмуни моддаи тафсиршаванда нисбат ба амволи ғайриманқул нигаронида шудааст. Аз ин лиҳоз, ба мақсад мувофиқ мебуд агар дар матни моддаи мазкур на ибораи шартномаи киро, балки шартномаи кироя истифода гардад. Ҳолати мазкур мувофиқатиро байни дигар моддаҳои Қонуни мазкур, инчунин КМ ҶТ таъмин мекунад [6, с. 23-24].

Санади меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳои манзилиро пурра танзим намуда, санади махсуси соҳавӣ маҳсуб меёбад ин КМ ҶТ ба шумор меравад. КМ ҶТ 27 декабри соли 1997 қабул гардид. Тибқи м. 4 Кодекси мазкур фонди манзили ҶТ биноҳои истиқоматӣ, хонаҳои истиқоматӣ, инчунин дигар биноҳое, ки пас аз қабул ба истифода ва ба қайдгирии қонунӣ тибқи муқаррароти қонун ба фонди манзил дохил шудаанд, ташкил медиҳад. Ба фонди манзил хонаҳои дар биноҳои ғайриистиқоматӣ воқеъгардида, ки барои зарурати савдо, маишӣ ва дигар эҳтиёҷоти ғайрисаноати пешбинӣ шудаанд, дохил намешаванд [7].

Масъалаи кирояи манзили истиқоматӣ дар санади болозикр пурра танзим шудааст. Боби 2 кирояи манзили истиқоматӣ дар хонаҳои фонди давлатӣ ва ҷамъиятӣ; боби 3 кирояи иловагии хонаҳои истиқоматӣ; боби 9 иҷораи хонаҳои истиқоматӣ номгузорӣ карда шудаанд. Агар ба мазмуни кодекс назар кунем, пас маълум мегардад, ки ду истилоҳ яке кироя дигаре иҷора муқаррар гардидааст. Новобаста аз ин падидаи кирояи манзили истиқоматӣ дар санади мазкур танзими ҳуқуқии худро ёфта буд.

Тибқи м. 43 КМ ҶТ шартномаи кирояи хонаи истиқоматӣ дар биноҳои фонди манзили давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба таври хаттӣ, дар асоси ордери хонаи истиқоматӣ байни кироядеҳи ташкилоти истифодаи манзил (дар сурати набудани он корхона, ташкилоту муассисаи дахлдор) ва кироягир-шаҳрванде, ки ба номаш ордер дода шудааст, баста мешавад. Дар шартномаи кирояи манзили истиқоматӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо дар мавриди истифодаи манзили истиқоматӣ муайян карда мешаванд. Шартномаи намунавии кирояи манзили истиқоматӣ, тартиби истифодаи хонаҳои истиқоматӣ, нигаҳдошти манзил ва рӯи ҳавлӣ аз тарафи Ҳукумати ҶТ муайян карда мешавад.

Тибқи м. 124 КМ ҶТ хонаҳои истиқоматии фонди манзили давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар асоси шартномаи иҷора байни иҷорадеҳ-ташкилоти истифодаи манзил (агар чунин ташкилот набошад-корхонаю ташкилот ва муассисаи дахлдор) ва

иҷорагир-шаҳрванд, ки хонаи истиқоматиро гирифтааст, баста мешавад. Мутобиқи шартномаи иҷора иҷорадеҳ барои соҳибӣ ва истифодаи пулакӣ хонаи шахсии истиқоматӣ ё квартираи алоҳидаро ба муҳлати давомноки пурраи муҳлати истеҳлоки (аммортизатсионӣ) хонаи истиқоматӣ ба иҷорагир медиҳад.

Дигар санади меъёрии ҳуқуқие, ки ба рушд ва инкишофи падидаи манзил дар кишвар вуҷуд дорад, ин КГ ҶТ маҳсуб меёбад. КГ ҶТ падидаи манзили истиқоматиро аз кироя (иҷора)-и амвол ҷудо муқаррар намудааст. Боби 34 КГ ҶТ иҷораи манзили истиқоматӣ номгузорӣ карда шудааст ва он фарогири як модда, м. 698 мебошад. Тибқи м. 698 аз рӯйи шартномаи иҷораи манзили истиқоматӣ иҷорадеҳ уҳдадор мегардад, ки ба иҷорагир ва аъзои оилаи ӯ манзили истиқоматиро пулакӣ барои ихтиёрдорӣ ва истифода диҳад. Муносибатҳо аз рӯйи шартномаи иҷораи манзили истиқоматӣ тавассути КМ ҶТ танзим мегарданд [6].

Таҳлили КГ ҶТ собит менамояд, ки шартномаи иҷораи манзили истиқоматӣ хусусияти ҳаволакунанда дошта, ба КМ ҶТ ҳавола мекунад, яъне муносибатҳое ки вобаста ба иҷораи манзили истиқоматӣ ё ин ки манзил ба вуҷуд меоянд, тавассути қонунгузории манзил танзим карда мешавад.

Таърихи ташаккул ва инкишофи падидаи иҷораи манзили истиқоматӣ дар замони ҳозира баъди ба даста овардани Истиқлолияти давлатӣ ба назар мерасад, зеро муносибатҳо дар ин самт рӯз аз рӯз дар инкишоф буда, қонунгузории ин соҳа низ мустаҳкам шуда истодааст. Қабули КМ ҶТ аз 27 декабри соли 1997 муносибатҳои манзилиро танзим намуда, ду намуди шартномаҳоро вобаста ба иҷораи манзили истиқоматӣ муқаррар намуд: шартномаи кироящи тиҷоратии манзили истиқоматӣ ва шартномаи кирояи иҷтимоии манзили истиқоматӣ.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Журавлёв Т.С. Гражданско-правовое регулирование договора социального найма жилого помещения: проблемы теории и практики: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2007. – С. 33.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷора дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 6 декабри соли 1990 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.04.2020).
3. Қонуни ҶТ “Дар бораи сохтмонҳои манзили истиқоматӣ” аз 21 июли соли 1994, №345 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.04.2020).
4. Қонуни ҶТ “Дар бораи хусусигардонии фонди манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 4 ноябри соли 1995, №124 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.04.2020).
5. Кодекси граждании ҶТ аз 11 декабри соли 1999, №884 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.04.2020).
6. Соҳибов М.М., Бобохонов Ҳ.З., Қурбонализода Ф., Бобоев Ф.А., Фарангиси С.Ҳ., Насриддинов И.С. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хусусигардонии фонди манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”: нашри аввал. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2020. – С. 23-24.
7. Кодекси манзили ҶТ аз 27 декабри соли 1997, №435 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.04.2020).



**Аннотатсия**

**Таърихи ташаккул ва инкишофи танзими ҳуқуқии иҷораи манзили истиқоматӣ дар замони муосир**

Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқи гражданӣ иҷораи манзили истиқоматӣ бахшида шудааст. Дар ин ҷо оид ба таърихи ташаккул ва инкишофи падидаи иҷораи манзили истиқоматӣ андешаронӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф бо истифода аз адабиётҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ масъалаи мазкурро хуб таҳлил намудааст. Дар мақолаи мазкур танҳо инкишоф ва рушди падидаи иҷораи манзили истиқоматӣ дар замони муосир мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

**Аннотация**

**История становления и развития правового регулирования жилищной аренды в современное время**

Эта статья посвящена одной из самых актуальных проблем гражданского права - аренде жилья. Вот размышление об истории становления и развития феномена арендного жилья. Автор хорошо проанализировал проблему, используя юридическую и законодательную литературу. В данной статье анализируется только развитие и рост феномена арендного жилья в наше время.

**Annotation**

**The history of the formation and development of legal regulation of housing rent in modern times.**

This article is devoted to one of the most pressing problems of civil law - housing rent. Here is a reflection on the history of the formation and development of the phenomenon of rental housing. The author has analyzed the problem well using legal and legislative literature. This article analyzes only the development and growth of the phenomenon of rental housing in our time.

## 12.00.04 – ҲУҚУҚИ МОЛИЯ; ҲУҚУҚИ АНДОЗ; ҲУҚУҚИ БУҶЕТӢ
## 12.00.04 – ФИНАНСОВОЕ ПРАВО; НАЛОГОВОЕ ПРАВО; БЮДЖЕТНОЕ ПРАВО



**УДК:** 347.73
**Шарифзода Тахмина,**
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.*
*E-mail: t.sharifzoda@list.ru*
*Тел.: (+992) 935-44-77-22.*

# ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ ИНСТИТУТИ АНДОЗ ДАР ҲУДУДИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *андоз; пайдоиш; ташаккул; даромадҳои давлатӣ; ихтироoти қадимтарин.*
***Ключевые слова:*** *налог; возникновение; развитие; государственные доходы; древнейший изобретений.*
***Keywords:*** *tax; origin; development; government revenues; the oldest inventions.*

Андозҳо, ҳамчун воситаи ҷамъоварии даромадҳои давлатӣ, яке аз ихтирооти қадимтарини инсоният мебошанд. Онҳо дар якҷоягӣ бо давлат пайдо шудаанд ва аз ҷониби он барои маблағгузории мақомоти давлатӣ ва функсияҳои аз ҷониби онҳо амалишаванда истифода мешуданд. Вобаста ба ин, аз як тараф, андозҳо яке аз аломатҳои давлатро ифода менамоянд, аз тарафи дигар бошад, давлат бидуни (бе) ситонидани андоз ҳамчун яке аз манбаъҳои асосии захираҳои пулии худ арзи вуҷуд дошта наметавонад.

Бо пайдоиши дастгоҳи давлатӣ ва аз ҷониби онҳо амалӣ намудани функсияҳои худ зарурати маблағгузории он ба миён омад. Барои ин, дар давраи аввал, маблағҳои худи ҳокимон, аҳолии кишварҳои забтшуда, пардохтҳои пулӣ ва натуравии аҳолӣ истифода мешуданд, ки тадриҷан ба пардохтҳои ҳатмӣ ва мунтазам (доимӣ) ба давлат дар шакли андозҳо табдил ёфтанд. Заминаи асосии пайдоиши андозҳо гузариш аз хоҷагидории натуралӣ ба пулӣ ва ташаккули давлат ҳисобида мешавад. Бинобар ин, андешаҳо оиди он, ки андозҳо – ин унсури ҳастии ҷомеа, ки аслан хоси сотсиум аст, дуруст мебошад[6].

Ба андозаи такмил ёфтани истеҳсолоти моддӣ ва васеъ шудани доираи фаъолияти муносибатҳои молӣ-пулӣ шаклҳои андозҳо низ тағйир ёфта, мураккабтар шуданд.

Акнун мегузарем ба ташаккули институти андоз дар ҳудуди Тоҷикистон.

Мувофиқи маълумотҳои таърихӣ, дар асрҳои V-IV пеш аз милод, қисми зиёди Осиёи Миёнаи имрӯза ба ҳайати давлати Ҳахоманишиён[2, 73-74] дохил буд. Тамоми давлат ба округҳои ҳарбӣ-хироҷӣ (сатрапҳо) тақсим карда шуда буд, ки аз ҷониби ҳокимон (сатрапҳо) идора карда мешуданд. Сатрап, ки бевосита ба подшоҳ итоат мекард, асосан вазифадор буд, ки дар минтақаи худ хироҷро ситонад ва сипоҳро нигоҳ дорад. Ҳар як сатрапия ҳамасола андозҳоро дар шакли пулӣ ва натуралӣ пардохт мекард. Илова бар ин андозҳо ва уҳдадориҳо, боҷҳои дохилӣ ва андозҳои роҳ низ буданд.

Мувофиқи Геродот, ҳудуди Осиёи Миёнаи имрӯза ба чор сатрапия тақсим карда шуда буд. Қабилаҳои кӯчманчие, ки дар қад-қади соҳили баҳри Каспий зиндагӣ мекарданд, ба ҳайати сатрапияи 11-ум дохил мешуданд ва ба андозаи 200 талантҳои нуқрагини бобулӣ хироҷи сарона андохта мешуданд (1 талант – қариб 30 кг нуқра /аз рӯи Ғафуров Б.Ғ.). Хоразм, Суғд ва Парфия сатрапияи 16-умро ташкил медоданд ва 300 талант пардохт карданд, Бохтар - сатрапияи 12-умро бо хироҷи саронаи 360 талант ташкил мекард. Дар охир, сакҳо ба сатрапияи 15-ум дохил мешуданд, ки 250 талант пардохт мекард.

Сохтори мутаносиби даромадҳои давлат ва сохтори идоракунии давлатӣ, аз он ҷумла дар соҳаи ҷамъоварии андоз ва истифодаи маблағҳои давлатӣ, дар асрҳои IX-X дар давлати Сомониён[2, 341-342] ташкил ёфта буд. Девони вазир асосӣ ҳисоб мешуд ва тамоми муассисаҳои маъмурӣ, сиёсӣ ва хоҷагидории давлатро назорат мекард. Ба ӯ роҳбарони девонҳои дигар, аз он ҷумла девони мустауфӣ (хазинаи давлатӣ), девони мушриф (назорати корҳои давлатӣ, аз он ҷумла даромад ва хароҷоти хазина) итоат мекарданд. Муассисаҳои ҳудудии ҳамаи девонҳо тобеияти дукарата доштанд: аз як тараф, онҳо ба ҳокимони вилоятҳо, аз тарафи дигар бошад, ба девони дахлдори марказӣ итоат мекарданд. Замин ба феодалон барои хизмат ҳамчун соҳибикунии меросии якумрӣ (иқта) тақсим карда мешуд. Даромадҳои асосии давлат, чи тавре ки фикр мекунанд, аз ҳисоби рента-андози замин

(хараҷ) ворид мешуданд, ки андозаи он бо ифодаи пулӣ ҳисоб карда мешуд.

Дар асри XIII, баъди Осиёи Миёнаро забт кардани муғулҳо, ба ғайр аз ба давлат пардохт кардани хараҷ, аҳолӣ боз уҳдадориҳои дигарро[2, 454] низ ба дӯш доштанд. Аз ҷумла, ба тамоми аҳолӣ хироҷи саршумор муқаррар карда шуда буд: одами сарватманд дар Мовароуннаҳр солона 10 динор, дар Хуросон бошад - 7 динор пардохт мекард. Аз камбағал як динор ситонида мешуд. Андоз аз чорво (купчур) аз ҳар сад сар як сар гирифта мешуд. Андози хӯрокворӣ (тагор), рентаи замин (хараҷ, мол ё мутаваҷҳот), пардохтҳо ва уҳдадориҳо барои нигоҳдории пойгоҳҳои почта ва хаткашонҳо, пардохтҳо аз хона (хонашумор), пардохтҳо аз боғ (боғшумор), пардохтҳо барои ба шаҳр ворид намудани маҳсулоти кишоварзӣ (роҳдорӣ), пардохт барои посбонии дарвозаҳои шаҳр (дарвозабонӣ) ва ғайра[5, 209] ситонида мешуд.

Хеле барвақттар то олимони ғарбӣ масъалаҳои молияи давлатӣ ва андозбандӣ дар асарҳои мутафаккири барҷастаи асри XIII Н.Тусӣ “Дар бораи молиёт” ва “Рисола дар расму оини подшоҳони қадим, тарзи гирифтани молиёт ва хироҷ ва масорифи он”баррасӣ шуда буданд. Муаллиф қайд мекунад, ки дар кишвар нақши андозҳо зиёд гаштааст, аммо хазинаи давлатӣ то ба ҳол аз хазинаи подшоҳ ҷудо нашудааст. Набудани аниқии андозбандӣ боиси рушди фасод (коррупсия) дар байни мансабдорон мегардад. Пешниҳод шудааст, ки ба таври возеҳ муқаррар карда шавад, ки ҳар як андоз дар муҳлатҳои муқарраргардида ва тавре ситонида шавад, ки ба андозсупоранда муносиб (қулай) бошад. Ба ғайр аз он, андозҳо на бояд садди роҳи шавқу рағбат ба давомдиҳии (идомаи) истеҳсолот гарданд[4, 149].

Сиёсати андози сулолаи Темуриён дар асрҳои XIV-XV шароити нисбатан мусоидро барои болоравӣ ва рушди зироаткорӣ фароҳам овард[2, 489-498]. Хараҷ дар шакли натура ҷамъоварӣ мешуд, зимнан андозаи он вобаста аз сифати замин, обтаъминкунӣ, наздикӣ ба шаҳр ва ғайра аз даҳяк то сеяки ҳосил тағйир меёфт. Ба ғайр аз хараҷ, андоз аз дарахтони меводор (“сар-дарахт”), хироҷи сарикасӣ (“сар-шомар”) ситонида мешуд, давра ба давра андози “дуд” (“дуди”) ҷамъоварӣ мешуд. Вазнинтаринаш уҳдадории почтавӣ (“улаг”) буд, ки мувофиқи он аҳолӣ вазифадор буд, ки ба қосидон аспҳо, ҳаққи “пешкаш” (барои туҳфаҳо ва инъомҳо) пешниҳод намоянд.

Дар замони ҷанг аз аҳолӣ андозҳои махсуси иловагӣ ҷамъоварӣ мешуданд, аммо мансабдорон баъзан кӯшиш мекарданд, ки ин андозҳоро дар замони осоишта низ ҷамъ намоянд. Барои сохтмон ва таъмири қалъаҳо ва деворҳои шаҳр, барои кофтан ва тоза кардани каналҳо, корезҳо ва ғайра уҳдадорӣ (“бегар”) истифода мешуд. Андозҳо барои савдо (тиҷорат) ва ҳунармандӣ (тамга) муқаррар карда шуда буданд. Қисми ин андозҳо барои нигоҳ доштани дастгоҳи давлатӣ истифода мешуданд. Зироаткоре, ки заминҳои корамнашударо азхуд ва обёрӣ мекард, дар он ниҳолҳо шинонд ё заминҳои партофташударо барои кишт мувофиқ сохт, соли аввал аз хироҷ озод карда мешуд; соли дуюм ӯ метавонист ҳамон қадаре ворид намояд, ки муносиб бинад; дар соли сеюм бошад ӯ ба қарори умумӣ дар бораи андозҳо итоат мекард.

Дар Маҷмӯаи қонунҳо мехонем: “Амр дод, ки ҳар навъ карда аз бенавошавии тобеъон ҳангоми ҷамъоварии хараҷ ҷилавгирӣ кард ва кишварро ба вартаи қашшоқӣ наандохт, зеро маҳрум кардани тобеъон аз хона ва оила боиси тамомшавии хазинаи давлатӣ мегардад, тамомшавии хазина бошад сабаби пароканда шудани лашкар мебошад, ки дар ниҳоят ба суст шудани ҳокимияти давлатӣ оварда мерасонад”. Андозҳо гарон буданд, бинобар ин, ҳангоми шароитҳои муайян, ҳокимон баъзан метавонистанд ситонидани онҳоро бекор кунанд. Якчанд маротиба ба муҳлатҳои гуногун, бинобар шадидан бенаво шудани аҳолӣ, андозҳо барои нигоҳдории қушун бекор карда шуданд.

Дар ибтидои асри XX, тибқи тасвири нависанда С.Айнӣ, дар ҳудуди аморати Бухоро (ки қисматҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистони ҳозираро дар бар мегирифт) зиёда аз 100 намуди андозҳо ситонида мешуданд. Дар даромадҳои давлатӣ ҷойи асосиро андозҳои зерин ишғол мекарданд: закот (андоз аз амволи манқул), ушр (хироҷ аз ҳосил), аминона (хироҷ барои нигоҳдории шахсони мансабдор), андози чарогоҳ, андоз аз “дуд”, танобона (андоз аз ҳар як таноби замин), сарона (андози сарикасӣ), сарухона (андози оила), миробона (андозе, ки барои обёрӣ ситонида мешавад), қушпулӣ (андоз аз чорвои корӣ), яксарӣ (андози чорво) ва ғ.

Ҳангоми чунин бисёр будани андозҳо, тавре ки С.Айнӣ қайд мекунад, деҳқонон ҳангоми пардохти онҳо аксар вақт қашшоқ мешуданд ва маҷбур мешуданд, ки заминҳои худро бо нархи арзон ба шахсони сарватманд фурӯшанд, баъзеи онҳо бошад чорвои корӣ ё хонагии худро мефурӯхтанд, то ки андозҳоро пардохт намоянд.

Дар шароити иқтисоди нақшавии собиқ ИҶШС системаи андози кишвар чандин борҳо тағйироти ҷиддӣ ёфт, ки ба хусусиятҳои вазифаҳои сиёсати молиявӣ дар ҳар як марҳалаи ташаккули тарзи шӯравии истеҳсолот сабаб шуда буданд. Андозҳоро метавонистанд бар ивази мусодираи инқилобии ғалла дар солҳои аввали пас аз инқилоб

(СНИ) истифода бурд, ки дар қатори дигар чораҳо барои барқарорсозии иқтисодиёти харобшуда мусоидат мекард. Дар солҳои 30-юми асри XX андозҳо барои ҳалли масъалаи сиёсии барҳамдиҳии иқтисодии деҳқонони яккадаст ва ҷалби аҳолии деҳот ба хоҷагиҳои коллективӣ (колхозҳо) истифода мешуданд.

Дар марҳалаҳои охири мавҷудияти иқтисодиёти нақшавӣ аҳамияти андозҳо он қадар калон набуд, зеро онҳо дар навбати аввал на барои ҷамъоварии даромадҳои давлатӣ, балки барои татбиқи сиёсати иҷтимоию иқтисодии кишвар - ҳамчун воситаи азнавтақсимкунии даромадҳои аҳолӣ, ҳавасмандгардонии истеҳсолоти дотатсияшавандаи хоҷагии қишлоқ, муносиб кардани истеҳсолот ва истеъмолот истифода мешуданд. Андозҳо ба сифати манбаи асосии даромади буҷети давлатӣ баррасӣ намешуданд. Соҳаи андозбандӣ дар давоми солҳои дароз васеъ нашуд, балки, баръакс, тамоюли коҳиш ёфтан дошт. Андозҳо ба вазъи амволии шаҳрвандон, ташкилотҳои кооперативӣ ва ҷамъиятӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хориҷӣ, ки дар ИҶШС даромад мегирифтанд ва дигар пардохткунандагон таъсири назаррас надоштанд. Тавассути андозҳои давлатӣ ва маҳаллӣ ба буҷети ИҶШС на зиёда аз 10% ҳамаи даромадҳои давлатӣ ворид мешуданд[3, 84-85].

Ба таври васеъ чунин андеша паҳн шуда буд, ки андозҳо аз аҳолӣ, пеш аз ҳама андози аз даромади коргарон ва хизматчиён, асоси сиёсӣ ва иҷтимоӣ надоранд ва ҳамчун сарчашмаи даромади буҷет чандон муҳим нестанд. Дар сатҳҳои гуногуни ҳокимияти давлатӣ андешаҳо дар бораи бекор кардани ин андозҳо ва зарурати маҳдуд шудан бо ситонидани пардохтҳо ба буҷет аз даромади корхонаҳо, иттиҳодияҳо ва ташкилотҳо изҳори назар карда шуд. Вобаста ба ин, соли 1960 дар ИҶШС кӯшиши ба тадриҷ кам ва бекор кардани андоз аз музди меҳнати коргарон ва хизматчиён карда шуд[1]. Дар он вақт ин ғоя (идея) комилан воқеӣ буд, зеро моликияти монополии давлат ба воситаҳо ва маҳсулоти истеҳсолот, ягонагии шароити иқтисодӣ ва танзими қатъии музди меҳнати кормандон имкон медоданд, ки маблағи андоз пешакӣ муайян карда шуда, он ҳамчун унсури пардохти меҳнат пешбинӣ карда шавад.

Зимнан, ҳиссаи ба буҷет гирифтан аз даромади корхонаҳо ва ташкилотҳои фоидаовари давлатӣ нисбат ба гирифтани маблағ аз корхонаҳои камдаромад хеле баланд буд, корхонаҳои камдаромад ва зиёновар бошанд, баръакс, имконияти гирифтани ёрии модии (субсидияи) давлатиро барои фаъолияткунии минбаъдаи худ доштанд. Гирифтани қисми даромадро аз аҳолӣ ба воситаи андоз инчунин тавассути тасҳеҳи музди меҳнати пардохтшаванда мумкин буд.

Дар натиҷа, омилҳои гуногун, аз ҷумла самти дар Иттиҳоди Шӯравӣ расман эълон шуда ба идоракунии мутамаркази иқтисодиёт ва ҷомеаи аз андоз озод тавассути мустақиман гирифтани қисми фоидаи корхонаҳо ба буҷет, ба шикасти низоми шӯравӣ оварда расонд, зеро манфиати воқеии иқтисодии субъектҳои хоҷагидорро ба натиҷаи фаъолияти худ пешбинӣ намекарданд.

Чунин амалҳо дар шароити муосир комилан қобили қабул нестанд, зеро барои ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ шароити баробарро таъмин намекунад. Системаи андозбандӣ ин нуқсонро надорад ва ба рақобати бозории субъектҳои хоҷагидорӣ монеа намегардад. Аз миёнаи солҳои 80-уми асри XX гузариш аз иқтисоди тақсимоти нақшавӣ ба иқтисоди бозорӣ, ки рақобати озоди моликони хусусӣ асос шудааст, оғоз меёбад.

14 июли соли 1990 Қонуни ИҶШС «Дар бораи андоз аз корхонаҳо, иттиҳодияҳо ва ташкилотҳо» қабул карда шуда буд - аввалин санади меъёрии яххелакардашудае, ки бисёр муносибатҳои андозро, ки дар андозбандии субъектҳои хоҷагидорӣ дар давраи гузариши истиқлолияти мамлакати мо истифода мешуданд, ба танзим медаровард.

Эълони истиқлолияти Тоҷикистон ва гузарониданиислоҳоти бозорӣ на танҳо нигоҳ доштани андозҳо аз корхонаҳо ва аҳолиро ҳамчун сарчашмаи даромади буҷети давлатӣ, балки тағйироти куллии онҳо, баланд бардоштани нақши молиявӣ ва иҷтимоии онҳоро талаб мекарданд. Аз соли 1992 дар Тоҷикистон ислоҳоти васеъмиқёсаи андоз ба амал меояд, ки дар натиҷа ба ташаккули системаи муосири андоз оварда расонид, санадҳои қонунгузории асосӣ қабул карда шуда буданд, ки ҷамъоварии андоз аз даромад, андози фоида, андоз аз арзиши иловашуда ва ғайраро танзим мекарданд.

Қисми назарраси истеҳсолоти миллӣ ва мувофиқан, даромади аҳолӣ ва корхонаҳо дар вақти ҳозира дар бахши хусусии иқтисод ташаккул меёбад. Имконияти танзими давлатии ин даромадҳо маҳдуданд, истифодаи таҷрибаи пешин бошад оид ба гирифтани қисми онҳо бо тартиби маъмурӣ ба даромади давлат, тибқи қонунгузории амалкунанда, иҷозат дода намешавад. Танҳо тавассути механизми андозҳо ва пардохтҳои муқаррарнамудаи қонун шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар ташаккули даромади буҷети давлатӣ ва маблағгузории фаъолияти мақомоти давлатӣ иштирок мекунанд.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Закон СССР от 7 мая 1960 года «Об отмене налогов с заработной платы рабочих и служащих» // Ведомости Верховного Совета СССР. 1960. № 18. Ст.135.
2. Гафуров Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. М.: Наука, 1972.
3. Запольский С.В. Налогообложение как предмет правового регулирования. Проблемы совершенствования советского законодательства. // Труды НИИ советского законодательства. 1987. № 38.
4. Исломов С. Очерки истории экономической мысли таджикского народа эпохи феодализма. Душанбе: Изд-во «Нодир», 2002.
5. Негматов Н. Таджикский феномен: история и теория. Душанбе: Изд-во «Оли Сомон», 1997.
6. Щепкин С.С. Концепции происхождения налогов (теоретико-правовой анализ) // История государства и права. 2007. № 4.

**Аннотатсия**

**Пайдоиш ва ташаккули институти андоз дар ҳудуди Тоҷикистон**

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои вобаста ба пайдоиш ва ташаккули институти андоз дар ҳудуди Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Муаллифи мақола қайд намудааст, ки андозҳо, ҳамчун воситаи ҷамъоварии даромадҳои давлатӣ, яке аз ихтирооти қадимтарини инсоният мебошанд. Онҳо дар якҷоягӣ бо давлат пайдо шудаанд ва аз ҷониби он барои маблағгузории мақомоти давлатӣ ва функсияҳои аз ҷониби онҳо амалишаванда истифода мешуданд. Вобаста ба ин, аз як тараф, андозҳо яке аз аломатҳои давлатро ифода менамоянд, аз тарафи дигар бошад, давлат бидуни (бе) ситонидани андоз ҳамчун яке аз манбаъҳои асосии захираҳои пулии худ арзи вуҷуд дошта наметавонад.

**Аннотация**

**Возникновение и становление налогового института на территории Таджикистана**

В данной статье рассматриваются вопросы возникновения и развития института налога на территории Таджикистана. Автор статьи отмечает, что налоги, как инструмент сбора государственных доходов, являются одним из древнейших изобретений человечества. Они появились вместе с государством и использовались им для финансирования государственных органов и реализуемых ими функций. В связи с этим, с одной стороны, налоги представляют собой один из признаков государства, с другой – государство не может существовать без взимания налогов как одного из основных источников своих денежных ресурсов.

**Annotation**

**The emergence and formation of a tax institution on the territory of Tajikistan**

This article examines the emergence and development of the institution of tax on the territory of Tajikistan. The author of the article notes that taxes, as a tool for collecting government revenues, are one of the oldest inventions of mankind. They appeared together with the state and were used by it to finance state bodies and the functions they perform. In this regard, on the one hand, taxes are one of the features of the state, on the other hand, the state cannot exist without levying taxes as one of the main sources of its monetary resources.

**12.00.05 – ҲУҚУҚИ МЕҲНАТӢ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ;**
**12.00.05 – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ;**



**УДК**: 342.9 (2) 7
**Бобокалонова Саодат Гоибовна,**
*соискатель, кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета.*
*E-mail: ayubisaid.@gmail.com*
*Тел.: (+992) 904-52-59-38.*

# НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ОСОБЕННОСТЕЙ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ТРУДА ЖЕНЩИН И ЛИЦ С СЕМЕЙНЫМИ ОБЯЗАННОСТЯМИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Калидвожаҳо:*** *давлати иҷтимоӣ; ҳуқуқи конститутсионӣ ба меҳнат; қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон; меҳнати занон; дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ; шартномаи меҳнатӣ; ҳифзи меҳнати занон.*

***Ключевые слова:*** *социальное государство; конституционное право на труд; законодательство Республики Таджикистан; Трудовой Кодекс Республики Таджикистан; труд женщин; иных лиц с семейными обязанностями; трудовой договор; охрана труда женщин.*

***Keywords:*** *social state; constitutional rights to labor; legislation of the Republic of Tajikistan; Labor Code of the Republic of Tajikistan; labor of women; other persons with family responsibilities; labor contract; labor protection of women.*

Одной из основных задач социального государства является охрана прав и свобод граждан.

По мнению Шарофзода Р. (Р. Ш. Сотиволдиев) «Социальное государство определяется как государство, которое обеспечивает достойные условия жизни, социальные и экономические права, социальные услуги и социальную поддержку инвалидам»[1].

Гончаров П. К. в справочной литературе дает следующее определение: «Социальное государство означает такой тип государства, в число важнейших внутренних функций которого входит активное влияние на социальную сферу жизнедеятельности общества в интересах самых широких слоев населения» [2].

По нашему мнению в социальном государстве в сфере труда, каждому трудоспособному человеку предоставляется возможность зарабатывать на достойную жизнь для себя и своей семьи за счет свободного труда. Для лица с семейными обязанностями, то есть беременным женщинам и другим работникам, имеющие на воспитании и иждивении ребенка до четырнадцати лет, ребенка - инвалида и других лиц, определенных законодательством Республики Таджикистан достойный уровень жизни, охрана прав и свобод граждан гарантируется государственной системой социальной поддержки.

Правовая система Республики Таджикистан основывается на международных правовых актах, признанных Таджикистаном и закрепленном в ч. 3 ст. 10 и ст. 5 Конституции Республики Таджикистан положении: «Человек, его права и свободы являются высшей ценностью…. Права и свободы человека и гражданина признаются, соблюдается и защищаются государством» [3]. Охрана труда женщин представляет собой одну их основных задач социально ориентированного государства.

Вопросом первостепенной важности становится необходимость надлежащей охраны прав и свобод граждан. Если говорить обобщенно, то все законодательство в той или иной мере направлено на охрану прав человека.

Трудовой Кодекс Республики Таджикистан (далее ТК РТ) [4] регулирует трудовые отношения и иные отношения, непосредственно связанные с ними, направленные на защиту прав и свобод сторон трудовых отношений, установление минимальных гарантий прав и свобод в сфере труда.

Согласно абзацу, семьдесят пять Трудовым кодексом Республики Таджикистан, лица с семейными обязанностями - это беременные женщины и другие работники, имеющие на воспитании и иждивении ребенка до четырнадцати лет, ребенка - инвалида и других лиц, определенных законодательством Республики Таджикистан.

Особенности регулирования труда женщин и иных лиц с семейными обязанностями в Республики Таджикистан закреплены в главе 16

Трудовом кодексе Республики Таджикистан, который обеспечивает гарантии соблюдения конституционных прав на труд данной категории граждан.

*В соответствии со статьей 225 ТК РТ, работодатель не имеет права отказывать в заключение трудового договора женщинам в связи с беременности и женщин, имеющих детей.*

Так как согласно части 1 статьи 225 ТК РТ, запрещается отказывать женщинам в приеме на работу и снижать им заработную плату по мотивам, связанным с беременностью или наличием детей. При отказе в приеме на работу беременной женщины, женщин или других лиц с семейными обязанностями, имеющих детей в возрасте до трех лет или ребенка - инвалида, работодатель обязан сообщить им причины отказа в письменной форме. Отказ в приеме на работу указанным лицам может быть обжалован в суд.

Согласно абзацу восьмой пункта 3 Постановления Пленума Верховного Суда Республики Таджикистан от 12 ноября 2021 года №1 «О применении судами норм трудового законодательства Республики Таджикистан при рассмотрении индивидуальных трудовых споров», следует учитывать, что споры о приеме на работу беременных, женщин или других лиц с семейными обязанностями, имеющих детей до трех лет или детей-инвалидов, а также о снижении их заработной платы рассматриваются и разрешаются непосредственно в судах [5].

Также, в соответствии с частью 2 статьи 225 ТК РТ, работодатель обязан принимать на работу женщин, направляемых уполномоченным государственным органом в сфере труда и занятости населения, с целью трудоустройства на рабочие места в счет установленной квоты.

В п. 9 Постановления Пленума Верховного Суда Республики Таджикистан от 12 ноября 2021 года №1 «О применении судами норм трудового законодательства Республики Таджикистан при рассмотрении индивидуальных трудовых споров» отмечается , что, в соответствии с Трудовым кодексом Республики Таджикистан и иными нормативными правовыми актами Республики Таджикистан работодатель обязан заключать трудовые договоры с беременными женщинами и женщинами имеющими детей до трех лет, в связи с беременностью или родами направленные на работу за счет установленной квоты, в случай заключение трудового договора считается незаконным[6].

Также работодатель не имеет права устанавливать для указанной категории женщин испытательный срок.

Работодатель обязан на основании письменного заявления беременной женщины и иных лиц с семейными обязанностями, имеющих ребенка в возрасте до четырнадцати лет или ребенка-инвалида, а также работника, осуществляющего уход за больным членом семьи в соответствии с медицинским заключением, предоставить им режим неполного рабочего времени или неполную рабочую неделю (ст. 219 ТК РТ).

В соответствии с нормами трудового законодательства, работодатель обязан удовлетворить просьбу беременной сотрудницы об установлении неполного рабочего времени (дня, недели, сочетания указанных периодов).

Также применение суммированного учета рабочего времени для беременных женщин не допускается, если продолжительность рабочего дня (рабочей смены) будет превышать восемь часов (ст. 220 ТК РТ).

В соответствии с частью 1 статьи 217 ТК РТ, которая предусматривает особенности режима труда и отдыха для женщин и иных лиц с семейными обязанностями, работодатель не вправе привлекать беременных женщин к работе в ночное время, работе в выходные и нерабочие праздничные дни, сверхурочной работе, направлять их в командировку, а также отзывать их из оплачиваемого ежегодного трудового отпуска.

Также, работодатель не вправе привлекать следующих лиц без их письменного согласия к работе в ночное время, сверхурочной работе и на работу, выполняемую вахтовым методом, а также направлять в командировку:

- женщин, имеющих детей в возрасте до четырнадцати лет, и других лиц, воспитывающих детей в возрасте до четырнадцати лет без матери;
- работников, осуществляющих уход за больными членами семьи или воспитывающих детей-инвалидов, если на основании медицинского заключения больные члены семьи и дети-инвалиды нуждаются в осуществлении постоянного ухода (ч. 1 ст. 217 ТК РТ).

Также, действующий Трудовой кодекс Республики Таджикистан по отдельности предусматривает ограничения применительно к труду беременных женщин. Например, в соответствии с частью 4 статьи 77 ТК привлечение женщин, лиц с семейными обязанностями и несовершеннолетних к работе в ночное время производится с соблюдением ограничений, установленных ТК РТ. Частью 3 статьи 79 ТК привлечение работников к сверхурочной работе, производится с соблюдением ограничений, установленных настоящим Кодексом для

работников инвалидов, женщин, лиц с семейными обязанностями и несовершеннолетних. Статья 87 ТК РТ предусматривает запрещение работы в выходные дни. Исключительные случаи привлечения работника к работе в выходные дни. В соответствии часть 3 статьи 87 ТК РТ привлечение работников к работе в выходные дни осуществляется с соблюдением ограничений, установленных ТК РТ и другими нормативными правовыми актами Республики Таджикистан в отношении работников - инвалидов, женщин, лиц с семейными обязанностями и несовершеннолетних.

Также, абзацы первый и восьмой ч. 2 статьи 104 ТК РТ предусматривают, что до истечения 11 месяцев работы работодатель обязан предоставить трудовые отпуска по желанию работника в случаях: женщинам перед отпуском по беременности и родам или после него; женщинам и другим лицам с семейными обязанностями, имеющим двух и более детей в возрасте до четырнадцати лет или ребенка-инвалида в возрасте до восемнадцати лет.

Часть 3 пункт 1 статьи 107 ТК РТ устанавливает, что женщинам и другим лицам с семейными обязанностями, имеющим двух и более детей в возрасте до четырнадцати лет или ребенка инвалида до восемнадцатилетнего возраста **в** летнее или другое удобное время предоставлено льготы на получение отпуска.

Согласно части 2 статьи 229 ТК РТ запрещается работать по совместительству беременным женщинам, в том числе на работах с вредными условиями труда, если основная работа связана с такими же условиями.

Расторжение трудового договора с беременной женщиной трудовым законодательством не предусмотрено. (кроме случаев ликвидации предприятия) (абз. первый ч. 1 ст. 42 ТК РТ).

В соответствии с частью 1 статьи 215 ТК РТ, расторжение трудового договора по инициативе работодателя с беременной женщиной, женщинами и иными лицами с семейными обязанностями, имеющими на воспитании детей в возрасте до трех лет и воспитывающими ребенка - инвалида, не допускается, за исключением случаев, предусмотренных абзацем первым части 1 статьи 42 ТК РТ, когда прекращение трудового договора допускается с обязательным трудоустройством.

Трудоустройство указанных лиц производится правопреемником ликвидируемой организации, а при отсутствии правопреемников обязательную помощь им в подборе подходящей работы и трудоустройстве оказывает уполномоченный государственный орган в сфере труда и занятости населения с обеспечением в период трудоустройства соответствующими пособиями, установленными законодательством Республики Таджикистан. Обязательное трудоустройство этих лиц осуществляется работодателем также и в случае прекращения трудового договора в связи с истечением его срока. За этот период за ними сохраняется заработная плата, но не свыше трех месяцев со дня окончания трудового договора.

В соответствии с частью 2 статьи 215 ТК РТ, в случае если на день истечения срока трудового договора женщина представит медицинское заключение о беременности сроком двенадцать и более недель, работодатель обязан по ее письменному заявлению продлить срок трудового договора по день окончания отпуска по уходу за ребенком до достижения им возраста трех лет.

В новом Трудовом кодексе появилась новая глава, регулирующая труд женщин и лиц с семейными обязанностями, глава 16 под названием особенности регулирования труда женщин и иных лиц с семейными обязанностями, которая состоит из 13 статьей, в том числе: ограничение прекращения трудового договора с женщинами и иными лицами с семейными обязанностями (ст. 215 ТК РТ); работы, на которых запрещается применение труда женщин (ст. 216 ТК РТ); особенности режима труда и отдыха для женщин и иных лиц с семейными обязанностями (ст. 217 ТК РТ); перерывы для кормления ребенка (ст. 218 ТК РТ); установление неполного рабочего времени для женщин и иных лиц с семейными обязанностями (ст. 219 ТК РТ); ограничение применения суммированного учета рабочего времени для беременных женщин (ст. 220 ТК РТ); временный перевод на другую работу беременных женщин и женщин, имеющих детей в возрасте до одного года и шести месяцев (ст. 221 ТК РТ); гарантии женщинам и иным лицам с семейными обязанностями при установлении очередности предоставления ежегодных оплачиваемых трудовых отпусков (ст. 222 ТК РТ); отпуск по беременности и родам (ст. 223 ТК РТ); отпуск по уходу за ребенком (ст. 224 ТК РТ); гарантии при приеме на работу беременных женщин и женщин, имеющих детей (ст. 225 ТК РТ); отпуск работникам, усыновившим (удочерившим) новорожденных детей или являющимися их опекунами (ст. 226 ТК РТ); гарантии и льготы лицам, воспитывающим детей без матери (ст. 227 ТК РТ).

В заключении мы остановимся и анализируем один из важнейших статей главы 16 ТК РТ. Статья 221. Временный перевод на другую работу

беременных женщин и женщин, имеющих детей в возрасте до одного года и шести месяцев.

В соответствии с статьей 221 ТК РТ работодатель на основании медицинского заключения обязан перевести беременную женщину на другую работу, исключающую воздействие вредных и опасных производственных факторов, с сохранением средней заработной платы (ч.1 ст.221 ТК РТ).

До предоставления беременной женщине другой работы, исключающей воздействие неблагоприятных производственных факторов, она подлежит освобождению от работы с сохранением средней заработной платы за все пропущенные вследствие этого рабочие дни, за счет средств работодателя (ч.2 ст.221 ТК РТ).

Женщины, имеющие детей в возрасте до одного года и шести месяцев, в случаях, когда выполняемая работа противопоказана кормящей матери, либо не позволяет соблюдать режим кормления, переводится на другую работу с сохранением среднемесячной заработной платы по прежней работе до достижения ребенком возраста до одного года и шести месяцев (ч.3 ст.221 ТК РТ).

В силу физиологических особенностей организма женщины и реализации ею функции материнства работоспособность женщины, особенно в отдельные периоды, меньше чем мужчины. Это может сказаться и на трудовых отношениях работодателя и работницы.

Выделение женщин в особую категорию работников, требующих создания специальных условий труда, обусловлено как анатомофизиологическими особенностями женского организма, необходимостью в повышенной охране репродуктивной функции, так и особой социальной ролью женщины как матери. Воздействие неблагоприятных факторов производственной среды повышает риск несчастных случаев, создает предпосылки для возникновения профессиональных заболеваний, негативно отражается на состоянии здоровья женщин и их репродуктивной функции.

Перевод беременной женщины на легкий труд в соответствии с медицинским заключением. Беременную работницу, которой дали медицинское заключение о необходимости перевода на другую, менее вредную, работу, работодатель должен перевести на легкий труд по ее письменному заявлению. При этом необходимо снизить нормы выработки и обслуживания на рабочем месте женщины или перевести на другое рабочее место без вредных производственных факторов, в зависимости от вида работы и состояния здоровья женщины.

Согласно абзацу тридцать девять статьи 1 ТК РТ понятие нормы труда, это нормы выработки, времени, обслуживания численности, нормированные задания, устанавливаемые для работников в соответствии с уровнем технических достижений, технологии, организации производства и труда, а для отдельных категорий работников - также с учетом физиологических, половых и возрастных факторов.

Анализируя статью 221 ТК РТ, прослеживается существенный недочет, связанный с формулировкой «нормы выработки, нормы обслуживания или заменить работу и условия труда».

В целях обеспечения здоровья и безопасности условий труда для женщин, работающих в организациях любых организационно-правовых форм и видов собственности предлагается совершенствование трудового законодательства Республики Таджикистан.

В связи с этим в главе 16 ТК РТ предлагается дополнить новой статьей, касающейся особенностями регулирования труда женщин и иных лиц с семейными обязанностями:

**«Статья 2211 Нормы выработки труда женщин и иных лиц с семейными обязанностями»**

Работодатель на основании медицинского заключения обязан беременным женщинам и по их заявлению снижаются нормы выработки, нормы обслуживания или заменить работу и условия труда с целью снижения из отрицательного влияния.»

Так как, в соответствии с медицинским заключением и по просьбе беременной сотрудницы работодатель обязан снизить норму выработки или заменить работу и условия труда с целью снижения из отрицательного влияния.

Положения представленной статьи на дополнения в ТК РТ, направленная на предупреждение отрицательного влияния производственных факторов, на здоровье беременной женщины.

Работодатель по заявлению беременных женщин в соответствии с медицинским заключением осуществляет снижение им норм выработки, норм обслуживания либо заменить работу и условия труда, исключающую воздействие неблагоприятных производственных факторов.

Совершенствование трудового законодательства Республики Таджикистан в отношении особенностей регулирования труда женщин и иных лиц с семейными обязанностями, можно рассмотреть в направлении развитии учета состояния здоровья женщин в условиях различных осложнений.

Таким образом, из содержания данной статьи можно сделать вывод о том, что дополнение новой статьи в трудовом законодательстве позволили бы обеспечить более эффективное регулирование трудовых правоотношений женщин и лиц с семейными обязанностями в Республике Таджикистан.

**Список литературы:**


1. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯи ихтисоси «ҳуқуқшинос» таҳсил мекунанд.–Душанбе, 2018. - С.347. -784с.
2. Гончаров П.К. Государство социальное / Социологическая энциклопедия: В 2-т. Т.1. М.: Мысль, 2003. -861с.
3. Конституция Республики Таджикистан. Принята 6 ноября 1994 года на всенародном референдуме, в нее 26 сентября 1999 года, 22 июня 2003 года и 22 мая 2016 года на всенародном референдуме были внесены изм. и доп.. -Душанбе: Издательство «Гяндж», 2016. (на таджикском и русском языках) - 136 с.
4. Трудовой кодекс Республики Таджикистан. Был принят 23 июля 2016 года и вступил в силу 28 июля 2016 года. // Централизованный банк правовой информации Республики Таджикистан. ADLIA. Версия 7. http//www. Adlia.tj/ ( дата обращения: 16.08.2021)
5. Постановления Пленума Верховного Суда Республики Таджикистан от 12. 11. 2021г. №1. https://sud.tj/ru/dokumenty /postanovlenie-plenuma-verkhovnogo-suda/( дата обращения: 16.01.2022).
6. Постановления Пленума Верховного Суда Республики Таджикистан от 12. 11. 2021г. №1. https://sud.tj/ru/dokumenty /postanovlenie-plenuma-verkhovnogo-suda//( дата обращения: 16.01.2022).



**Аннотатсия**

**Баъзе аз масъалаҳои хусусиятҳои танзими ҳуқуқии меҳнати занон ва дигар шахсони дорои ухдадориҳои оилавӣ дар Ҷумҳурии Точикистон**

Қонунгузории меҳнат нисбат ба танзими зарурии меҳнати занон ва дигар шахсони дорои масъулияти оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи муайян мегузорад.

Дар мақола мушкилот ва асоснокии моҳияти давлати иҷтимоӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон баррасӣ шудааст. Муаллиф таърифи проблемаи «давлати иҷтимоӣ»-ро, ки ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ нигаронида шудааст, бо истифода аз меъёрҳои Конститутсияи Чумҳурии Точикистон (1994), Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Точикистон (2016), Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (12.11.2021, №1) пешбинӣ шудааст, таҳлил намудааст. Илова бар ин, масъалаи ба танзим даровардани меҳнати занон ва дигар шахсони дорои масъулияти оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дорад. Инчунин, дар мақола меъёрҳои асосии қонунгузории меҳнат ва мавқеи занон ва шахсони дорои масъулияти оилавӣ дар бозори меҳнат диққати махсус дода шудааст.

Муаллиф дар асоси таҳлил ба хулосае меояд, ки дар қонунгузории меҳнат оид ба танзими меҳнати занон ва дигар шахсоне, ки масъулияти оилавӣ доранд, илова ва тағйироти муайян ворид карда шавад.



**Аннотация**

**Некоторые вопросы особенностей правового регулирования труда женщин и лиц с семейными обязанностями в Республике Таджикистан**

Трудовое законодательство предъявляет определенные требования к необходимости регулирования труда женщин и иных лиц с семейными обязанностями в Республике Таджикистан.

В статье рассматриваются проблемы и обоснование сущности социального государства, защиты прав и свобод граждан. Автор проводит анализ определения «Социальное государство», а также проблемы направленные на защиту прав и свобод сторон трудовых отношений, которые были разрешены с помощью норм Конституции Республики Таджикистан (1994), Трудового кодекса Республики Таджикистан (2016), Постановлении Пленума Верховного Суда Республики Таджикистан (12.11. 2021 №1). Кроме того исследуется существующая на сегодняшний день проблема, связанная с регулированием труда женщин и иных лиц с семейными обязанностями в Республике Таджикистан. Отмечены основные нормы трудового законодательства. Особое внимание уделено положению женщин и лиц с семейными обязанностями на рынке труда.

На основе анализа, автор приходит к выводу, что в трудовое законодательство в части регулирования труда женщин и иных лиц с семейными обязанностями, необходимо внести определенные дополнения и изменения.

**Annotation**

**Some issues of features of legal regulation of labor of women and persons with family responsibilities in the Republic of Tajikistan**

Labor legislation imposes certain requirements on the necessary regulation of the labor of women and other persons with family responsibilities in the Republic of Tajikistan.

The article examines the problems and substantiation of the essence of the welfare state, the protection of the rights and freedoms of citizens. The author analyzes the definition of the "Welfare state" problem aimed at protecting the rights and freedoms of the parties to labor relations, which was resolved using the norms of the Constitution of the Republic of Tajikistan (1994), the Labor Code of the Republic of Tajikistan (2016), Resolution of the Plenum of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan (12.11. 2021 No. 1). In addition, the current problem is being investigated related to the regulation of the labor of women and other persons with family responsibilities in the Republic of Tajikistan. The main norms of labor legislation are noted. Special attention is paid to the position of women and persons with family responsibilities in the labor market.

Based on the analysis, the author comes to the conclusion that the labor legislation in terms of regulating the labor of women and other persons with family responsibilities, the following additions and it is necessary to make certain changes.

## 12.00.06 – ҲУҚУҚИ ЗАМИН; ҲУҚУҚИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ; ҲУҚУҚИ ЭКОЛОГӢ; ҲУҚУҚИ КИШОВАРЗӢ
## 12.00.06 – ЗЕМЕЛЬНОЕ ПРАВО; ПРИРОДОРЕСУРСНОЕ ПРАВО; ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ПРАВО; АГРАРНОЕ ПРАВО

**УДК:** 349.414



**Соҳибзода Муҳаммадҷон Маҳмадалӣ,**
*муовини якуми директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.*
*E-mail: sohibov_m.1990@mail.ru*
*Тел.: (+992) 904-41-50-50.*



**Тоҷидинов Маҳмароиб Абдулвоҳидович,**
*сармутахассиси шуъбаи қонунгузории кишоварзӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зисти Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: tojidinov_9898@mail.ru*
*Тел.: (+992) 904-25-26-30.*

# РЕКВИЗИТСИЯ ҲАМЧУН АСОСИ ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ҲУҚУҚИ ИСТИФОДАИ ҚИТЪАИ ЗАМИН

***Калидвожаҳо:*** *реквизитсия; қитъаи замин; ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин; қонунгузории граждани; қонунгузории замин; офатҳои табиӣ; садама; манфиати ҷомеа; гирифтани қитъаи замин; пардохти арзиши ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин.*

***Ключевые слова:*** *реквизиция; земельный участок; право пользования земельным участком; гражданское законодательство; земельное законодательство; стихийные бедствия; авария; общественный интерес; изъятие земельного участка; плата стоимости за пользования земельным участком.*

***Keywords:*** *requisition; land plot; the right to use the land plot; civil legislation; land legislation; natural disasters; accident; public interest; seizure of a land plot; payment of the cost for the use of the land plot.*

Замин барои инсоният дар ҳар давру замон боигарии асосӣ ва сарвати муҳими табиӣ, асоси зиндагӣ ва фаъолияти ҷомеаи инсонӣ ба ҳисоб меравад. Он аз ибтидо таҳти моликияти давлат қарор дошт ва давлат истифодаи босамари онро ба манфиати заминистифодабарандагон кафолат медод. Ин анъана то имрӯз ҷараён дошта, ҳуқуқи заминистифодабарӣ бо тартиби муайян барои истифода дода шуда, бо асосҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ қатъ мегардад.

Қитъаи замин мутобиқи меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузории гражданӣ ва замин бо асосҳои дахлдор метавонад аз заминистифодабаранда ва дигар соҳибони ҳуқуқи истифодабарӣ ба таври ихтиёрӣ ва ё маҷбурӣ, бо ҷуброн ва ё бе ҷуброн намудани ин ҳуқуқ гирифта шавад.

Ҳарчанд, ки ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин мутобиқи м. 2[2] Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КЗ ҶТ) объекти махсуси ҳуқуқи гражданӣ эътироф шуда бошад ҳам, аммо асосҳои қатъ гардидани ин ҳуқуқ дар м. 37 КЗ ҶТ муқаррар гардидааст [6].

Ҳамаи асосҳое, ки дар моддаи мазкур пешниҳод шудаанд ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: асосҳои ихтиёран ва маҷбуран қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин. Ғайр аз ин қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо дарназардошти иродаи заминистифодабаранда ба асосҳои объективӣ ва субъективӣ низ тасниф мегардад [3].

Асосҳои субъективии қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин чунин асосҳои мебошанд, ки ба иродаи заминистифодабаранда бевосита вобастагӣ дорад. Дар баробари асосҳои субъективии қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, инчунин асосҳои объективии он низ мавҷуд аст. Ин чунин ҳолатҳое мебошад, ки ба таври объективӣ ба миён меоянд ва қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар ин маврид ба иродаи заминистифодабаранда вобаста нест. Ба ин асосҳо дохил мешавад: гирифтани қитъаи замин

барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ; реквизитсияи қитъаи замин, милликунонӣ ва бегона кардани қитъаи замине, ки тибқи қонун наметавонад аз они заминистифодабаранда бошад [3, с. 65-120]. Дар як навбат ҳамин асосҳои номбаршудаи қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ҳамчун асосҳои маҷбуран қатъ гардидани он низ пазируфта мешаванд.

Дар байни ҳолатҳои маҷбуран аз даст додани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, ҳолатҳое ҷой доранд, ки асосҳои муқаррарнамудаи қонун қатъ гардидани ин ҳуқуқ бо мақсади таъмини манфиатҳои ҷомеа ва давлат сурат мегирад. Таҷриба ҳолатҳоеро нишон медиҳад, ки ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ҳамчун объекти махсуси ҳуқуқи граждании бо пардохти пурраи арзиши бозории ин ҳуқуқ аз заминистифодабаранда гирифта мешавад. Дар як маврид агар арзиши ин ҳуқуқ нисбат ба қитъаи замини дахлдор пардохт гардад ҳам, дар мавриди дигар ин ҳуқуқ ба таври пурра нисбат ба ҳамон қитъаи замини гирифташуда қатъ мегардад. Масалан, гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ. Аммо дар баробари ин, асоси дигари қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин низ мавҷуд аст, ки ҳангоми гирифтани он арзиши ин ҳуқуқ пардохт карда шуда, баъд аз лаҳзаи муайян ҳамон қитъаи замин ба заминистифодабаранда баргардонида мешавад. Аз ҳолати дар боло зикркарда муайян намудан мумкин аст, ки сухан дар бораи реквизитсия ҳамчун асоси қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин меравад.

Истилоҳи ҳуқуқии «реквизитсия» (аз лотинии «requsitio» - талабот) маънои аз ҷониби давлат гирифтани молу мулки молик бо пардохти арзиши чунин моликиятро дорад. Дар луғатномаи С.И. Ожегов ва Н.Ю. Шведова истилоҳи реквизитсия ба маънои «маҷбуран кашида гирифтан ба манфиати давлат ва ё эҳтиёҷоти ҳарбӣ» маънидод шудааст [21, с. 675]. Дар луғатномаи В.И. Дал бошад зикр мешавад, ки реквизитсия истилоҳи фаронсавӣ буда, барои он маблағ ва ё шаҳодатномаи реквизитсия дода мешавад [2, с. 90].

Реквизитсия ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ барои ҳуқуқи гражданӣ чизи нав набуда, он «ҳамчун асоси анъанавӣ барои қатъи ҳуқуқҳои моликияти шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ мебошад» [19]. Ба андешаи дар боло овардашуда розӣ шудан дуруст аст, чунки реквизитсия ин падидаи анъанавии ҳуқуқи гражданӣ аст. Зеро ҳанӯз дар давраи аввали таъсисёбии ИҶШС, ки Тоҷикистон нахуст ҳамчун ҷумҳурии мухтор дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон ва баъд ҷумҳурии шӯравӣ пазируфта шуд, аз 28 марти соли 1927 Қонун «Дар бораи реквизитсия ва мусодираи молу мулк» [4] қабул гардида буд. Танҳо баъди мустақил гардидани ҷумҳуриҳои собиқ бародарӣ, реквизитсия дар қонунгузории миллии ҳар як кишвар ба таври алоҳида муқаррар гардид.

Аз ҷумла, дар қонунгузории миллии мо, мафҳуми реквизитсия пас аз қабул гардидани қисми якуми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КГ ҶТ) ба вуҷуд омад. Реквизитсия аввал ҳамчун асоси қатъ гардидани ҳуқуқи моликияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар қатори дигар асосҳо дар м. 259 КГ ҶТ ва ба таври алоҳида бошад дар м. 266 КГ ҶТ муқаррар гардидааст. Айни замон дар асоси муқаррароти м. 266 КГ ҶТ реквизитсия ин аз ҷониби давлат ба манфиати ҷомеа гирифтани молу мулки молик бо пардохти пурраи арзиши он дар ҳолати офатҳои табиӣ, садама, касалиҳои сироятӣ (эпидемия), муромурии ҳайвонот (эпизоотия) ва дигар ҳолатҳои мустасно фавқулода фаҳмида мешавад.

Аз таърифи дар боло додашудаи реквизитсия чунин аломатҳои хоси онро ҷудо намудан мумкин аст:

- он дар ҳолатҳои махсус, аз ҷумла ҳолатҳои мустасно фавқулода анҷом дода мешавад;
- амалӣ гардидан ва анҷом додани реквизитсия пеш аз ҳама дар асоси санади маъмурие, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ қабул гардидааст, сурат мегирад;
- молу мулки реквизитсияшуда музднок ва ба манфиати ҷомеа аз молик гирифта мешавад;
- кафолати ҳуқуқи молик ҷиҳати талаби молу мулк баъд аз бартараф шудани ҳолати бавуҷудомада, агар он осеб надида бошад.

Барои фаҳми пурраи мафҳуми реквизитсия, шарҳи истилоҳоти таркибии ин мафҳумро зарур мешуморем. Бояд зикр кард, ки мафҳуми ҳуқуқии «офатҳои табиӣ» дар қонунгузорӣ пешбинӣ нагардидааст. Асосан таҳти ин мафҳум ҳолатҳое фаҳмида мешавад, ки ба иродаи одамон вобастагӣ надорад (масалан, обхезӣ, тӯфон, борон, боди сахт, фурӯравии замин, раъду барқ ва амсоли инҳо).

Дар қонунгузорӣ мафҳуми ягонаи «садама» низ мавҷуд нест. Вале дар қонунҳои соҳавӣ он бо тарзу усулҳои гуногун муқаррар гардидааст. Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи бехатарии радиатсионӣ» аз 01 августи соли 2003, №42 [10] мафҳуми садамаи радиатсионӣ муқаррар карда шудааст. Мутобиқи он садамаи радиатсионӣ ин аз даст додани идораи манбаи афканишоти иондоркунандае, ки бо сабаби вайронии таҷҳизот, амали нодурусти кормандон, офатҳои табиӣ ё дигар сабабҳо рух додааст ва боиси беш аз меъёрҳои санитарӣ шуоъхӯрии одамон ё олудагии радиоактивии муҳити зист гардидааст ва ё метавонад сабабгори он гардад.

Ҳамчунин дар Қонуни ҶТ «Дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии

хатарнок» аз 28 феврали соли 2004, №14 [11] мафҳуми «садама» кушода дода шудааст. Дар асоси меъёри мазкур таҳти мафҳуми садама ин ҳолатҳои вайроншавии иншоотҳо ва (ё) таҷҳизоти техникии дар объектҳои истеҳсолии хатарнок истифодашаванда, таркиши идоранашаванда ва (ё) ба ҳаво хориҷ шудани моддаҳои хатарнок, инчунин вайронкунии ҷараёни технологӣ, расондани зарар ба механизмҳо, таҷҳизот ва иншооте, ки боиси ҳалокати одамон, зарар ба саломатии онҳо, муҳити зист ва хароб кардани объектҳои хоҷагидорӣ, зарари калони моддӣ, вайрон шудани шароити фаъолияти зиндагии одамон гардидаанд ё боиси он гардида метавонанд, фаҳмида мешавад.

Мафҳуми «эпидемия» дар қонунгузории миллӣ бори аввал бо Қонуни ҶТ «Дар бораи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ» аз 08 декабри соли 2003, №49 [12] (бо Кодекси тандурустии ҶТ аз 30 майи соли 2017, №1413 [5] аз эътибор соқит дониста шудааст) муайян гардида буд. Мутобиқи он эпидемия ин категорияи мунтазамии ҷараёни эпидемикӣ, ки мубталои оммавии аҳолӣ ё гурӯҳҳои алоҳидаи онро ба бемориҳои сироятӣ (паразитӣ) мубтало месозад, ки аз сатҳи бемориҳои маъмулан дар ин ҳудуд сабтшаванда ба таври назаррас бештар аст. Мафҳуми мазкур баъдан дар Кодекси тандурустии ҶТ бо мазмуни болозикр дарҷ гардид.

Ба маънои умумии ҳуқуқӣ, таҳти мафҳуми «эпизоотия» паҳншавии саросарии бемориҳои сироятии ҳайвонот дар як ё якчанд воҳидҳои марзиву маъмурӣ фаҳмида мешавад [22, с. 199]. Мафҳуми ҳуқуқии «эпизоотия» дар Қонуни ҶТ «Дар бораи байторӣ» аз 29 декабри соли 2010, №674 [13] низ бо мазмуни дар боло овардашуда, муқаррар гардидааст. Дар адабиёти истинодӣ ин падида ҳамчун як бемории паҳншудаи сироятии ҳайвонот ифшо карда мешавад, ки аз сатҳи бемории маъмулӣ дар як қаламрав хеле зиёдтар аст [1, с. 1409].

Инчунин муайян намудани мафҳуми «ҳолатҳои фавқулодда» низ лозим мебошад. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ» аз 15 июли соли 2004, №53 [14] муқаррар менамояд, ки ҳолатҳои фавқулодда вазъиятест, ки дар ҳудуди муайян, дар натиҷаи садамаҳо, зуҳуроти табиии хатарнок, фалокатҳо, офатҳои табиӣ ва дигар офатҳо ба вуқӯъ омада ба талафоти ҷонӣ, зарар ба сиҳатии одамон ё муҳити табиии атроф, хисороти назарраси моддӣ ва халалдор намудани шароити зиндагию кории одамон оварда расонидааст ё оварда мерасонад.

Дар баробари ин, муайян намудани мафҳуми «дигар ҳолатҳои мустасно фавқулодда» низ шарт ва зарур мебошад. Зеро муайян намудани дигар ҳолатҳои фавқулодда низ барои татбиқи дурусти меъёри реквизитсия мусоидат менамояд. Зикр кардан зарур аст, ки мафҳуми мазкур дар Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда» аз 03 ноябри соли 1995, №994 [17] муқаррар гардидааст. Тавре ки дар моддаи 1 ҳамин қонун оварда шудааст, ҳолатҳои фавқулодда дар чунин мавридҳо ҷорӣ карда мешавад:

1) ҳангоми рӯй додани офатҳои табиӣ, садамаю фалокатҳо, паҳншавии касалиҳои сирояткунанда, эпизоотияҳо (муромурии ҳайвонот), ки ба ҳаёту саломатии аҳолӣ хатарноканд;

2) дар мавриде, ки тартиботи ҳуқуқӣ ба таври оммавӣ вайрон карда шуда, воқеан ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон таҳдид мекунад;

3) ҳангоми кӯшиши ғасб кардани ҳокимияти давлатӣ ё бо роҳи зӯрӣ тағйир додани сохти конститутсионии ҶТ;

4) ҳангоми сӯиқасд ба тамомияти арзии давлат, ки ба тағйири сарҳади он таҳдид мекунад;

5) дар мавриди зарурати барқарор кардани тартиботи ҳуқуқии конститутсионӣ ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ.

Реквизитсия ҳамчун асоси қатъ гардидани ҳуқуқ, падидаи ҳуқуқи гражданӣ буда, асоси қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ҳам шуда метавонад. Аммо тавре, ки мушоҳида мегардад, дар КЗ ҶТ реквизитсия ба сифати асоси қатъ гардидани ҳуқуқи заминистифодабарӣ пешбинӣ нагардидааст. Дар шароити кунунӣ яккатор ҷанбаҳои проблемаи мазкур, ки танзими махсуси ҳуқуқиро талаб менамоянд, на аз тарафи назарияи ҳуқуқ ҳаллу фасл шудаанд ва на аз тарафи амалияи ҳуқуқӣ.

Таҳлили қонунгузории замин ва гражданӣ аз мавҷудияти яккатор проблемаҳои ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳад, ки он аслан бо қонунан пешбинӣ нагардидани намудҳои алоҳидаи асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, асосҳои гирифтани қитъаи замин, хусусан ҷобаҷокунии объектҳои «истифодаи ҷамъиятӣ ва давлатӣ», инчунин номукаммал будани татбиқи меъёрҳо оид ба тартиби аз дорандаи ҳуқуқ харидорӣ кардани объектҳои мазкур алоқаманд мебошанд. Гузашта аз ин, намудҳои алоҳидаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки бо сабаби маҷбуран қатъ гардидани ҳуқуқҳо ба қитъаҳои замин ба вуҷуд омадаанд, ҳанӯз ҳам берун аз ҳудуди танзими дақиқи ҳуқуқӣ боқӣ мондаанд. Ба онҳо муносибатҳое дохил мешаванд, ки дар натиҷаи реквизитсия ва мусодира ҳуқуқҳо маҷбуран қатъ карда шудаанд, инчунин муносибатҳое шомиланд, ки ҳангоми қатъ гардидани ҳуқуқҳо дар натиҷаи истифодаи

номатлуби қитъаҳои замин аз таркиби алоҳидаи категорияи заминҳо ба вуҷуд омадаанд [23, с. 148].

Таҳлили қонунгузории замини давлатҳои хориҷӣ нишон дод, ки реквизитсия метавонад асоси қатъ гардидани ҳуқуқи моликият, иҷорагирон ва истифодабарандагони дигари замин бошад. Дар ин асно махсусан Кодекси замини Федератсияи Россияро (минбаъд - КЗ ФР) метавон номбар намуд, ки дар моддаи алоҳида реквизитсияро ҳамчун асос барои қатъи ҳуқуқи моликият ба замин муқаррар намудааст [7].

Ҳамин тариқ, Н.Б. Татяна ҳангоми таҳлили масъалаи мафҳуми «реквизитсия» бо дарназардошти қонунгузории гражданӣ ва замин ба чунин хулоса меояд, ки моддаи 51 КЗ ФР ва моддаи 242 Кодекси граждании Федератсияи Россия (минбаъд - КГ ФР) ҳамон як муносибати ҳуқуқӣ, вале аз ҷиҳати мундариҷа гуногун бударо вобаста ба гирифтани қитъаи замин аз молик ба танзим медароранд. Реквизитсияи қитъаи замин бо муқаррароти КЗ ФР натанҳо маънои қатъ гардидани моликияти қитъаи замин, балки дар як давраи муайян, ки дар он ҳолатҳои фавқулодда амал мекунад, маҳдуд карда мешавад. Қонунгузории замин реквизитсияро як ҳолати махсуси муваққатан маҳдуд кардани моликияти қитъаи замин мешуморад. Реквизитсия тибқи КГ ФР қатъиян қатъ кардани ҳуқуқи моликият нисбат ба молу мулки гирифташударо муқаррар мекунад [26, с. 37].

Вобаста ба ин ҳолат Н.И. Таскин таҳлили маънои ҳуқуқии м. 51 КЗ ФР-ро гузаронида, зикр менамояд, ки ду зуҳуроти ҳуқуқии гуногуни реквизитсия аз ҳам ҷудо карда шаванд:

а) реквизитсияи қитъаи замин;

б) ишғоли муваққатии қитъаи замин барои истифодаи он бо мақсадҳои муқаррарнамудаи қоидаҳои реквизитсия бо ҷуброни зарари вобаста ба маҳдудкунии муваққатии ҳуқуқи ӯ ба молики қитъаи замин [27, с. 103]. Яъне дар қонунгузории замини Федератсияи Россия ду ҳолати реквизитсияи қитъаи замин мавҷуд аст. Якум, муваққатан аз молик гирифтани қитъаи замин барои бартараф кардани ҳолати бавуҷудомада ва баргардонидани он ба молик. Дуюм, пурра гирифтани қитъаи замин аз молик бо шарти додани қитъаи замини дигари баробарарзиш ё бо пардохти пурраи маблағи ин қитъаи замин [8, с. 249].

Дар ин ҳолат андешаи муайян намудани реквизитсия ҳамчун гирифтани муваққатии моликият ҷонибдорони зиёд дорад. Масалан, В.П. Мозолин чунин мешуморад, ки дар робита ба чунин воситаҳои истеҳсолот ба монанди замин ва корхона дар аксар ҳолат лозим нест, ки онҳоро ба моликияти давлатӣ табдил дод. Балки «онҳоро барои истифода бо ҷуброни муносиб ва муассир ба соҳибони моликият гирифтан оқилона аст» [20, с. 70].

Бояд зикр намуд, ки дар КЗ ҶТ реквизитсия дар қатори асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ҳамчун асоси қатъи ин ҳуқуқ муқаррар нагардидааст. Ҳолатҳое вомехӯранд, ки истифодаи қитъаи замин ҳангоми сар задани баъзан намудҳои офатҳои табиӣ имконнопазир мегардад, вале асосҳои аз истифода баровардани ин қитъаи замин дар қонунгузорӣ номуайян боқӣ мондааст. Масалан, дар натиҷаи обхезӣ шуста шудани қитъаи замин, фаввора задани вулқонҳо, фурӯравии қитъаи замин, ботлоқшавӣ, ки истифодаи минбаъдаи онро ғайриимкон мегардонад.

Аз ин лиҳоз бо баробари сар задани ҳолатҳои мазкур, гирифтани қитъаи замин аз истифодабарандагони он танҳо бо роҳи реквизитсия кардани ин қитъаи замин имконпазир аст. Пас дуруст мешавад, ки реквизитсия ҳамчун факти ҳуқуқӣ барои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар сархати алоҳидаи м. 37 КЗ ҶТ муқаррар карда шавад.

Аз рӯи меъёрҳои муқарраргардида, реквизитсия бо дигар фактҳои қатъ гардидани ҳуқуқ, ки дар м. 37 КЗ ҶТ муқаррар шудаанд, шабоҳат дорад. Реквизитсия ҳамчун асоси қатъгардӣ аз рӯи моҳияти худ бо асоси дигари қатъ гардидани ин ҳуқуқ – гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ наздикӣ дорад. Вале дар татбиқнамоии онҳо тафовути ҷиддӣ ба назар мерасад. Тафовути реквизитсия аз гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъитяӣ дар он дида мешавад, ки қитъаи замине, ки барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ гирифта мешавад, ба заминистифодабаранда бозпас гардонида намешавад. Ҳарчанд, ки барои ин қитъаи замин дар ҳарду ҳолат арзиши он пардохт гардида, сипас гирифта мешавад.

Дар қонунгузории замини давлатҳои хориҷа дар қатори дигар асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ба замин, мусодира ба таври алоҳида дарҷ гардидааст. Реквизитсия бо мусодира шабоҳат дорад аммо миёни онҳо низ тафовут ба назар мерасад. Ин тафовут дар хусусияти муваққатии реквизитсия, инчунин усули татбиқи он - на дар шакли ҷораи ҷазо, балки танҳо дар ҳолати зарурат, ки дар ҳолатҳои фавқулоддаи дар қонун муқарраршуда ба вуҷуд омадаанд, дида мешавад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки бо пешниҳод гардидани реквизитсия ҳамчун асос барои қатъи ҳуқуқи заминистифодабарӣ, як қатор мушкилотҳои он низ ба миён меоянд. Барои ислоҳи онҳо бояд сараввал м. 266 КГ ҶТ такмил дода шавад. Азбаски ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона

намудани он объекти махсуси ҳуқуқи гражданӣ аст, пас барои қатъи ин ҳуқуқ дар ҳолтаҳои мушаххас татбиқ гардидани реквизитсия ба мақсад мувофиқ мебошад.

Метавон гуфт, ки татбиқи реквизитсия дар амалияи имрӯза метавонад проблемаҳои мушаххасеро ба миён оварад. Яке аз проблемаҳои амалинамоии реквизитсияи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, ин муайян ва пардохт намудани арзиши ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин мебошад.

Тавре ки болотар зикр гардид, дар асоси қ. 1 м. 266 КГ ҶТ молу мулк аз молик дар ҳолатҳои мушаххаси пешбинигардида бо ҷуброни арзиши пуррааш ба мафиати ҷомеа ва тибқи қарори мақомоти ваколатдори давлатӣ реквизитсия карда мешавад. Ба андешаи Қ.Ш. Қурбонов андозаи ҷуброни арзиши молу мулки реквизитсияшуда дар асоси арзиши бозории молу мулк муайян карда мешавад. Ҷуброн бояд ба таври воқеӣ татбиқшаванда буда, дар муҳлати аз ҷониби тарафҳо мувофиқашуда иҷро гардад ва бо асъори озод мубодилашаванда пардохта шавад. Оид ба нархе, ки мутобиқи он ба молик арзиши молу мулки реквизитсияшуда пардохта мешавад, ба суд эътироз кардан мумкин аст [18, с. 347].

Бояд қайд кард, ки то ҳол механизми ҳисоб намудани арзиши ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин мавҷуд нест. Дар ин асно, М.М. Соҳибов ва муаллифони дигар зикр менамоянд, ки қитъаи замин ҳамчун объекти мустақили муомилот эътироф карда намешавад, чунки он моликияти истисноии давлат мебошад ва давлат истифодаи самараноки онро ба манфиати халқ дар шакли ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин кафолат медиҳад. Дар баробари ин, замин ҳамчун захираи нодири табиӣ дорои хусусиятҳои хоси худ буда, барои муайян намудани арзиши он шаклу усулҳо, тарзҳои баҳодиҳӣ лозим мебошад [24, с. 78].

Мутобиқи моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 07 августи соли 2020, №1720 [15] ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ба низоми объектҳои фаъолияти баҳодиҳӣ ворид карда шудааст. Қайд кардан зарур аст, ки муносибатҳо вобаста ба баҳои замин тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳои замин» аз 12 майи соли 2001, №18 [16] амалӣ карда мешавад. Аз ин лиҳоз, дар баробари Қонуни мазкур баҳодиҳии замин (яъне ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он)-ро тибқи санади меъёрии ҳуқуқии дигар гузаронидан чандон дуруст нест.

Тарзу усулҳои муайян намудани арзиши (нархи) объекти баҳодиҳӣ, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» муқаррар гардидаанд, барои муайян кардани арзиши ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин мувофиқ набуда, тибқи онҳо арзиши ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро муайян кардан имконнопазир аст. Аз ин лиҳоз, баҳои замин бо қонуни соҳавӣ, Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳои замин» танҳо аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатии батанзимдарорандаи муносибатҳо вобаста ба замин ва мақомоти маҳаллии он бояд гузаронида шавад, ки ин муқаррарот аз тарафи дигар субъектон муайян намудани баҳои заминро истисно менамояд. Бо ҳамин назардошт, дар низоми объектҳои баҳодиҳӣ муайян кардани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он нодуруст мебошад [25, с. 35].

Ҳамин тавр муқаррароти меъёрӣ вобаста ба ҷуброни зарар ҳангоми реквизитсияи қитъаҳои замин коркард карда шавад, ки ин ҷубронкунӣ дар кадом сатҳ сурат мегирад. Оё ҷуброн аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ сурат мегирад ё аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ? Ҳамзамон масъалаи дигар марбут ба ҷуброни зарари иҷорагирандагони қитъаҳои замине, ки ҳоло муҳлати иҷораашон хотима наёфтааст, ба ҳисоб меравад. Дар лаҳзаи коркарди меъёрҳои марбут ба реквизитсияи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, ҷуброни зарари иҷорагирандагони қитъаҳои замин дар мавриди пеш аз муҳлат қатъ гардидани ҳуқуқи иҷораи онҳо бо сабаби реквизитсия, бояд ба инобат гирифта шавад.

Инчунин масъалаи реквизитсия кардани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо шабеҳии муқаррароти м. 266 КГ ҶТ бо қарори мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шартҳои муқаррарнамудаи қонун ба манфиати ҷомеа пешбинӣ карда шавад. Пешниҳоди дар қонунгузорӣ муттаҳид кардани талабот дар бораи баргардонидани қитъаи замини реквизитсияшуда ба соҳиби он, бо дарназардошти коҳиш ёфтани арзиши он дар давраи истифода дар доираи реквизитсия ҷубронпулӣ гирад, муқаррар карда шавад.

Ҳамин гуна мушкилот дар танзими ҳуқуқии пардохти ҷуброн ба шахсоне, ки қитъаҳои замини онҳо барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ гирифта мешаванд, вуҷуд дорад.

Мушкилоти дигаре, ки ҳангоми татбиқи реквизитсия ба вуҷуд омаданаш мумкин аст, ин дар лаҳзаи бартараф намудани ҳолатҳои муқаррарнамудаи қ. 1 м. 266 КГ ҶТ муваққатан маҳдуд намудани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ва баъди бартарафнамоӣ бозпас гардонидани он ба заминистифодабаранда маҳсуб меёбад. Масалан, дар як ҳудуди муайян садама ба вуҷуд меояд ва барои бартараф намудани оқибатҳои зараррасонии он ба ҳаёту саломатии аҳолӣ бо қарори мақомоти ваколатдори давлатӣ қитъаҳои замини атрофи он муваққатан аз истифодаи заминистифодабаранда гирифта мешавад. Пас аз бартараф намудани

оқибатҳои садама ин қитъаи замин ба истифодабаранда баргардонида мешавад.

Аз мисоли дар боло овардашуда муайян намудан мумкин аст, ки сухан дар бораи муваққатан маҳдуд намудани ҳуқуқи заминистифодабарандагон меравад. Дар ин асно саволе ба миён меояд, ки оё муваққатан маҳдуд намудани ҳуқуқи истифодаи замин барои бартараф намудани ҳолатҳои дар қ. 1 м. 266 КГ ҶТ муқарраргардида реквизитсия ба ҳисоб меравад ё не?

Аз ин лиҳоз барои танзими ҳуқуқии дуруст ва дақиқи ҳолтатҳои мазкур меъёрҳои зарурӣ коркард карда шаванд. Муайян карда шавад, ки оё муваққатан маҳдуд намудани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ҳамчун реквизитсия баҳо дода мешавад ё не? Зеро ки дар амалия ба вуҷуд омадани чунин ҳолатҳои баҳсбарангез аз эҳтимол дур буда наметавонад. Роҷеъ ба масоили мазкур ҳам дар таҳқиқоти олимони соҳаи ҳуқуқ баҳсҳои зиёд ба назар мерасад.

Дигар мушкилот дар танзими ҳуқуқи реквизитсия, ки нофаҳмиро ба вуҷуд овардааст, ин дар м. 259 КГ ҶТ ҳамчун асоси қатъ гардидани ҳуқуқи моликият муқаррар гардидани он ва қ. 3 м. 266 КГ ҶТ ба ҳисоб меравад. Дар ин қисми модда муқаррар гардидааст, ки шахсе, ки молу мулкаш реквизитсия шудааст, ҳақ дорад, баъди қатъи ҳолате, ки нисбати молу мулкаш реквизитсия анҷом дода шуда буд, баргардонидани молу мулки осеб надидаашро талаб намояд ва дар ҳолати радди он ба суд муроҷиат кунад.

Тавре ки мушоҳида мегардад, пас аз баргардонидани амволи реквизитсияшуда ба молик, муносибатҳои моликиятӣ дубора барқарор мегарданд. Дар ин асно саволе ба миён меояд, ки агар реквизитсия ҳамчун факти қатъ гардидани ҳуқуқи моликият пазируфта шуда бошад, пас меъёри дар қ. 3 м. 266 КГ ҶТ муқарраргардида чӣ гуна фаҳмида шавад?

Доир ба ин масъала дар назарияи ҳуқуқи гражданӣ андешаи ҷолиби олимон низ мавҷуд аст. Масалан, М.Г. Масевич, чунин ақида дорад, ки ҳангоми баргардонидани ашё соҳиби онҳо бояд ҷуброни гирифташударо бо дарназардошти коҳиш ёфтани арзиши молу мулк ҳангоми мақсадҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ баргардонад. Ҳисоботи эҳтимолии байни соҳиби собиқ ва нав бояд тибқи созишномаи тарафайн ва дар сурати баҳс - аз ҷониби суд сурат гирад [9]. Ба андешаи мазкур наметавон розӣ шуд, зеро ҳолати мазкур он қадар самаранок набуда, аз тарафи дигар он барқароркунандаи муносибатҳои моликиятӣ мебошад, ки реквизитсияро ҳамчун асоси қатъ гардонидани ҳуқуқи моликият истисно менамояд.

Дар умум метавон гуфт, ки муқаррароти пешбининамудаи қ. 3 м. 266 КГ ҶТ барқароркунандаи муносибатҳои моликиятӣ буда, он реквизитсияро ҳамчун асоси қатъ гардидани ҳуқуқи моликият истисно менамояд. Аз ин лиҳоз агар дар КЗ ҶТ дар пайравӣ ба м. 266 КГ ҶТ реквизитсия ҳамчун моддаи алоҳида муқаррар гардад, меъёри дар боло матраҳгардида метавонад барқароркунандаи муносибатҳои заминистифода-барӣ гардад.

Ҳамин тавр дар натиҷаи таҳлили мавзӯи мазкур ҷиҳати такмили қонунгузорӣ пешниҳоди чунин нуктаҳоро мувофиқи мақсад меҳисобем:

1. Реквизитсия ҳамчун асоси қатъ гардидани ҳуқуқи моликияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, падидаи ҳуқуқи гражданӣ буда, то замони муосир якчанд марҳилаҳои ҳуқуқиро вобаста ба давраҳои инкишофи қонунгузорӣ аз сар гузаронидааст. Он ҳамчун қоида дар ҳолатҳои муайяннамудаи қ. 1 м. 266 КГ ҶТ тибқи қарори мақомоти ваколатдори давлатӣ барои ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳими шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат амалӣ карда мешавад.

2. Моҳияти ҳуқуқии реквизитсия инфиродӣ аст. Чунки он ба мисли мусодира чораи ҷазо нест ва инчунин онро ҳамчун як шакли шартнома тавсиф кардан ғайриимкон аст, зеро дар амалинамоии он иродаи соҳиби амволи гирифташаванда ба назар гирифта намешавад. Ҳамзамон реквизитсия бо уҳдадориҳо дар натиҷаи расонидани зарар робита надорад, зеро пеш аз гирифтани моликият ба молик он тавре ки қонун муқаррар намудааст, расонидани зарар ҷой надорад.

3. Пешниҳод карда мешавад, ки дар м. 37 КЗ ҶТ реквизитсия ҳамчун асоси қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар сархати алоҳида муқаррар карда шавад. Зеро дар амалия фактҳои асосӣ ба монанди обхезӣ, тӯфони сахт, фурӯравии қитъаи замин, ботлоқшавии қитъаҳои замин, заҳролудшавии қитъаи замин бо сабаби садамаҳои радиатсионӣ ва ғ. мавҷуданд, ки барои анҷом додани реквизитсияи қитъаи замин имконияти ҳуқуқиро фароҳам меоранд.

4. Дар боби 5 КЗ ҶТ моддаи алоҳида бо номи «Реквизитсия ва муваққатан маҳдуд намудани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин» ворид карда шавад. Меъёри моддаи мазкур дар шакли зерин муқаррар карда шавад:

1. Дар ҳолатҳои офатҳои табиӣ, садама, касалиҳои сироятӣ (эпидемия), муромурии ҳайвонот (эпизоотия) ва дигар ҳолатҳои воқеан фавқулодда, қитъаи замин тибқи қарори мақомоти ваколатдори иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бо мақсади ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳими шахс, ҷамъият ва давлат аз таҳдидҳои марбут ба ҳолатҳои фавқуллода бо ҷуброни зарари ба қитъаи замин

расонидашуда, инчунин пардохти арзиши бозории ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ё бо пешниҳоди дигар қитъаи замини баробарарзиш ба заминистифодабаранда ва додани ҳуҷҷати реквизисия ба ӯ, гирифта мешавад.

2. Заминистифодабарандае, ки қитъаи заминаш реквизитсия карда шудааст, ҳуқуқ дорад баъди қатъи ҳолатҳое, ки вобаста ба он реквизитсия анҷом дода шуда буд, қитъаи замини осеб надидаашро пас аз баргардонидани ҷуброни қаблан гирифташуда, бо дарназардошти паст гардидани сифати қитъаи замин талаб намояд ва дар сурати радди он ба суд муроҷиат кунад.

3. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 1 ҳамин модда, дар сурати набудани зарурати реквизисияи қитъаи замин, он метавонад муваққатан дар давраи амали ин ҳолатҳо барои истифода, бо ҷуброни зарари расонидашуда ба заминистифодабаранда бинобар маҳдудкунии муваққатии ҳуқуқи истифодабарии ӯ, гирифта шавад.

4. Оид ба баҳодиҳӣ, ки тибқи он ба заминистифодабаранда арзиши бозории ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини реквизитсияшаванда, инчунин зарари вобаста ба реквизитсия ё муваққатан маҳдуд кардани ҳуқуқҳои ӯ расонидашуда ҷуброн карда мешавад, ба суд муроҷиат кардан мумкин аст.

5. Агар ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуқуқи шахсони сеюм таъмин гардида бошад, дар ҳолати нисбат ба ҳамон қитъаи замин анҷом додани реквизитсия, заминистифодабарандагони якумдараҷа дар назди заминистифода-баранадагони дуюмдараҷа масъулияти молу мулкӣ доранд».

5. Аз сабабе ки меъёри қ. 3 м. 266 КГ ҶТ мазмунан барқароркунандаи муносибатҳои моликиятӣ буда, реквизитсияро ҳамчун факти қатъгардонии ҳуқуқи моликият истисно месозад, таҷдиди назар карда шавад. Мувофиқи мақсад аст, ки бо дарназардошти манфиатҳои молу мулкии моликон қ. 3 м. 266 КГ ҶТ дар таҳрири зайл ифода ёбад: «Шахсе, ки амволи ӯ реквизитсия шудааст, ҳақ дорад, баъди қатъи ҳолат, ки вобаста ба он нисбати амволаш реквизитсия анҷом дода шуда буд, пас аз баргардонидани ҷуброни қаблан барои ин молу мулк гирифтааш вале бо дарназардошти коҳиш ёфтани арзиши он бозпас намудани амволи осеб надидаашро талаб намояд ва дар сурати радди он ба суд муроҷиат кунад».

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Большой энциклопедический словарь / Гл. ред. Прохоров А.М. – М.: Большая Российская энциклопедия; СПб.: Норинт. – С. 1409; Советский энциклопедический словарь. / Гл. ред. Прохоров А.М. 2-е изд. – М.: Сов. энцикл., 1983. – С. 1547.
2. Владимир Даль. Тольковый словар живого великорусского языка: В 4 т. – М.: Рус. яз., 1999. – Т.4: Р – 1999. – 688 с.
3. Гринь Е.А. Принудительное прекращение прав на земельные участки: теория и практика правового регулирования. Автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Краснодар., 2012. – 203 с.
4. Закон «О реквизиции и конфискации имущества: Сводный закон, утвержденный Постановлением ВЦИК и СНК 28 марта 1927 года // Собрание узаконений и распоряжений рабоче-крестьянского правительства РСФСР. – 1927. – №28. – Ст. 248 (утратило силу).
5. Кодекси тандурустии ҶТ аз 30 майи соли 2017, №1413 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2017. – № 5. – қ. 1. – Мод. 270. ҚҶТ аз 29.01.2021. – № 1762.
6. Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996, №326 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-хукуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 17.09.2021).
7. Кодекси замини ФР аз 25 октябри соли 2001, №136-ФЗ ФЗ // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.consultant.ru/ document/cons_doc_LAW_33773/ (санаи муроҷиат: 28.09.2021).
8. Комментарий к Земельному кодексу РФ / Под ред. Боголюбова С.А., Мининой Е.Л. М., 2002. – С. 249.
9. Комментарий к Гражданскому кодексу РФ, части первой (постатейный) / Отв. ред. Садиков О.Н. 3-е изд. – М., 2005. – С. 470.
10. Қонуни ҶТ «Дар бораи бехатарии радиатсионӣ» аз 01 августи соли 2003, №42 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – соли 2003. – № 8. – Мод. 465.
11. Қонуни ҶТ «Дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок» аз 28 феврали соли 2004, №14 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – соли 2004. – № 2. – Мод. 46; 2005. – № 12. – Мод. 648; 2007. – № 6. – Мод. 438. 2008. – № 6. – Мод. 456; – № 10. – Мод. 815. – ҚҶТ аз 28.12.2013. – № 1053.

12.Қонуни ҶТ «Дар бораи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ» аз 08 декабри соли 2003, №49 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2003. – № 12. – Мод. 677; 2008. – № 10. – Мод. 822; – № 12. – қ. 2. – Мод. 1015; 2011. – № 12. – Мод. 857; ҚҶТ аз 22.07.2013. – № 1010.

13.Қонуни ҶТ «Дар бораи байторӣ» аз 29 декабри соли 2010, №674 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2010. – № 12. – Мод. 833; 2012. – № 7. – Мод. 704; 2016. – № 11. – Мод. 880.

14.Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ» аз 15 июли соли 2004, №53 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2004. – № 7. – Мод. 460.

15.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 07.08.2020, №1720. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 19.09.2021).

16.Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳои замин» аз 12 майи соли 2001, №18 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2001. – № 18; 2007. – № 262.

17.Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда» аз 03 ноябри соли 1995, №994 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1995. – № 21. – Мод. 233; 1997. – № 23-24. – Мод. 356; 2002. – № 4. – қ. 1. – Мод. 254; 2005. – № 12. – Мод. 625; 2008. – № 10. – Мод. 795; ҚҶТ аз 26.07.2014. – № 1085.

18.Қурбонов Қ.Ш. Ҳуқуқи граждании. қисми 1 (китоби дарсӣ). – Душанбе: «ЭР-граф», 2014. – 488 с.

19.Нам К., Горбачев Д. Конституционные гарантии охраны права собственности // Хозяйство и право. 1997. №11. – С. 125.

20.Мозолин В.П. Право собственности в РФ в период перехода к рыночной экономике. – М., 1992. – 176 с.

21.Ожегов С.И. и Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка: 80000 слов и фразеологических выражений / Российская академия наук. Институт русского языка им. В.В. Виноградова. – 4-е изд., дополненное. – М.: ООО «ИТИ Технологии», 2008. – 944 с.

22.Раҳимзода М.З., Пулодов А.С., Фархудинов Ҷ.И., Ғуломҳайдаров Ҷ.М. Истилоҳоти соҳаи аграрӣ ва ҳифзи муҳити зист дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Шаҳпар, 2014. – 228 с.

23.Соҳибов М.М. Баъзе аз проблемаҳои танзими ҳуқуқии асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2017. – №3 (07). – С. 146-159.

24.Соҳибов М.М., Қудбудинов Ф.Ш., Қурбонализода Ф., Одинаев Ш.Х., Кулобиев Ё.А., Раҳмонов Ҷ.Т., Идрисов Я.А., Шерзода Б.С. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин»: нашри аввал // Зери таҳрири Саидзода И.Ҳ. Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2020. – 138 с.

25.Соҳибов М.М., Қудбудинов Ф.Ш., Қурбонализода Ф., Одинаев Ш.Х. Тавсияҳо оид ба такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин»: нашри аввал // Зери таҳрири Саидзода И.Ҳ. Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2020. – 81 с.

26.Татьяна Н.Б. Реквизиция как основание прекращения права собственности на земельные участки в действующем российском законодательстве // Общественные науки. Право. – №3 (47), 2018 – С. 34-38.

27.Таскин Н.И. Принудительное прекращение права собственности на земельный участок: дис. … канд. юрид. наук. Рязань, 2003 – 173 с.

**Аннотатсия**

**Реквизитсия ҳамчун асоси қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин**

Дар мақолаи мазкур проблемаҳои падидаи реквизитсия мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Реквизитсия ҳамчун асоси қатъ гардидани ҳуқуқи моликият нисбат ба объектҳои дар муомилоти граждании қарордошта муқаррар гардидааст. Азбаски ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин объекти махсуси муомилоти граждании пазируфта шудааст, мавриди таҳлил қарор додани падидаи реквизитсия ҳамчун асоси қатъ гардидани ин ҳуқуқ аз аҳамият холӣ нест. Гарчанде ки дар қонунгузории замини мамлакатҳои хориҷӣ реквизитсия ҳамчун асоси қатъ гардидани ҳуқуқ нисбат ба қитъаи замин пазируфта шудааст, аммо падидаи мазкур дар қонунгузории миллӣ вобаста ба замин муқаррар нагардидааст. Аз ин рӯ, бо мақсади таҳлил ва такмили қонунгузорӣ дар самти мазкур, мақолаи мазкур оид ба падидаи реквизитсияи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бахшида шудааст.

**Аннотация**

**Реквизиция как основание прекращения права пользования земельным участком**

В статье анализируется проблема институт реквизиции. Реквизиция устанавливается как основание для прекращения права собственности на объекты гражданского оборота. Поскольку право пользования земельным участком признано особым объектом гражданского оборота, важно проанализировать институт реквизиции как основания прекращения этого права. Хотя реквизиция признается в иностранном земельном законодательстве как основание для прекращения права на землю, это явление не закреплено в национальном земельном законодательстве. Поэтому с целью анализа и совершенствования законодательства в этой сфере данная статья посвящена института реквизиции прав землепользования.

**Annotation**

**Requisition as the basis for termination of the right to use a land plot**

The article analyzes the problem of the institution of requisition. Requisition is established as the basis for the termination of ownership of objects of civil circulation. Since the right to use a land plot is recognized as a special object of civil turnover, it is important to analyze the institution of requisition as a basis for terminating this right. Although requisition is recognized in foreign land law as a ground for termination of the right to land, this phenomenon is not enshrined in national land law. Therefore, in order to analyze and improve legislation in this area, this article is devoted to the institution of land use rights requisition.



**УДК:** 349.6

**Солиев Ифтихор Исроилович,**
*сармутахассиси шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: soliev_1998@list.ru*
*Тел.:(+992) 888-81-29-66.*



**Рашидов Ҷамшед Қосимович,**
*унвонҷӯи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: rashidzoda86@mail.ru*
*Тел.: (+992) 918-35-51-21.*

# ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАҲДИДҲОИ МУОСИРИ ЭКОЛОГИИ ОЛАМ БА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо**: экология; зиёд шудани аҳолӣ; ба атмосфера партофтани партовҳои маҳсулоти сӯзишворӣ; камобӣ ва ифлосшавии обҳои заминӣ; заминҷунбӣ; гармшавии глобалӣ; тағйирёбии минтақаҳои иқлимӣ; баландшавии сатҳи уқёнусҳо; обшавии пиряххо.*

***Ключевые слова:** экология; рост населения; выбросы топливных продуктов; истощение и загрязнение подземных вод; землетрясения; глобальное потепление; изменение климата; повышение уровня мирового океана; таяние ледников.*

***Keywords:** ecology; population growth; emissions of fuel products into the atmosphere; depletion and pollution of groundwater; earthquakes; tsunamis; global warming; the impact of greenhouses; climate change; rising sea levels; melting glaciers.*

Масъалаҳои экологӣ дар замони муосир, на кори дохилии давлат, балки ба масъалаи глобалии ҳозиразамон табдил ёфтааст. Барои ҳалли масъалаҳои экологӣ ва пешгирӣ кардани хатарҳои экологӣ фаъолияти дастаҷамъонаи ҷомеа, давлат ва ҷомеаи байналмилалӣ зарур мебошад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҳамкорӣ бо давлатҳо кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки дар таъмини ҳифзи муҳити зист, таъмини амнияти экологӣ, пешгирии оқибатҳои хавфноки экологӣ, истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои табиӣ нақш гузоранд.

Ҳалли масъалаҳои экологӣ андешидани чораҳои банақшагирии комплексиро талаб менамояд ва ҷиҳати ҳалли масъалаҳои экологӣ чораҳои гуногуни дорои моҳияти иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, маърифатӣ ва ташкилӣ андешида мешавад [11, с. 11].

Экология муносибати мутақобилаи организмҳоро бо муҳити зист омӯхта, таъсири муҳитро ба сохт, фаъолият, тарзи зиндагӣ ва рафтори организмҳо таҳқиқ намуда, вобастагии онҳоро бо муҳит ва миқдори популятсияи намудҳоро муқаррар менамояд. Аслан, калимаи экология аз решаи калимаи юнонӣ («oikos»-хона, бошишгоҳ, ҷойи ҷойгиршуда ва «logos»-фаҳмиш, дониш, илм), гирифта шуда, аввалин маротиба ба илм аз ҷониби олими олмонӣ Эрнст Геккел (1866) ворид карда шудааст [1]. Вақте ки Э. Геккел истилоҳи «экология»-ро дар асари худ “Морфологияи умумии организмҳо” пешкаши олимон гардонид, ӯ экологияро на ҳамчун илм доир ба омӯзиши набототу ҳайвонот, балки доир ба омӯзиши муносибати кулли организмҳои зинда ба муҳити зист шарҳ дода буд.

Солҳои охир истилоҳи “экология” ба маънои васеъ истифода шуда, онро барои ифодаи муҳити номусоид, инчунин ҷомеа, оила, маданияту фарҳанг ва саломатии инсон, тозагӣ ва истеҳсолот низ ба кор мебаранд. Аз ибтидои пайдоиши худ экология аҳамияти амалӣ дошт, чунки аз давраҳои ибтидоӣ ҳар як фарди алоҳида барои он ки зинда монад, ба ӯ лозим меомад, ки роҷеъ ба муҳити иҳотакардаи худ ё қувваҳои табиӣ, растанӣ ва ҳайвонот маълумот дошта бошад [2]. Барои қонеъ гардонидани талабот нисбат ба истифодаи обу ҳаво ва ғизо инсон бояд сохт, шакл ва таркиби муҳити зистро донад, инчунин доир ба фаъолияти онҳо маълумоти мукаммале пайдо кунад [3].

Вазъи экологии ҷаҳон яке аз муҳимтарин мушкилоти муосир ба шумор меравад. Дар даҳсолаҳои охир, масъалаи нигоҳ доштани тавозун байни фаъолияти инсон ва таъсири зараровари он ба муҳити зист аз ҳама бештар таваҷҷуҳи маркази сатҳи олӣ – нишастҳои сарони давлатҳо, симпозиумҳо, конфронсҳои олимони кишварҳои гуногун шудааст.

Сабаби бевоситаи таҳдидҳои экологӣ дар чист?

**Омилҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ** - афзоиши фавқулоддаи иқтисодии ҷаҳонро дар бар мегиранд, ки зиёд шудани аҳолӣ ва шаҳрсозии беасоси қаламрав, таназзули ҷисмонӣ ва маънавии инсон, афзоиши нобаробарии иҷтимоӣ дар ҷомеа ба заиф шудани қобилиятҳои физикии Замин оварда мерасонад. Дар натиҷаи инкишофи иқтисодиёти ҷаҳон боиси зиёд шудани партовҳо ба атмосфера ба мисли партовҳои саноатӣ, гази карбон ва дигар газҳо, боиси ифлосшавии хок ва укёнусҳо мегардад. Бо инкишофи кимиёкунонии истеҳсолот миқдори партовҳои сахтоксидшаванда меафзоянд, ки он ба организмҳои зинда организмҳои биосфера наздик мешаванд, ки ба он танҳо ду маротиба ҳосил медиҳанд, аммо аз истеҳсоли ин биомасса дар як сол панҷ маротиба зиёдтаранд. Чи тавре ки иқтисодшинос Кеннет Э. Булдинг ба таври маҷозӣ дар китоби худ «Бухрони экологӣ» гуфтааст, «маҳсули ниҳоии ҳаёти иқтисодӣ партов аст»[4]. Таназзули ҷисмонии инсон бо якбора зиёд шудани шумораи бемориҳои қаблан номаълум ва аксар вақт табобатнашаванда, инчунин майзадагӣ, нашъамандӣ, гирифторӣ ба СПИД ва ғайра алоқаманд аст.

**Омилҳои антропогенӣ.** Шояд омилҳои асосии антропогенӣ, истифодаи захираҳои табиии барқароршаванда дар миқёси аз қобилияти таҷдиди табиат болотар ва ифлосшавии афзояндаи моддаҳои ба муҳити зист дар миқёси аз маҳал то ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Ба намудҳои асосии ифлосшавӣ инҳо дохил мешаванд:

– ба атмосфераи партофтани партовҳои маҳсулоти сӯзишворӣ (пеш аз ҳама гази карбон) ва истеҳсолоти саноатӣ, ки ба афзоиши таъсири гармхонаҳо, бад шудани сифати ҳавои атмосфера, пайдоиши дуди заҳролуд дар болои шаҳрҳои калон, боридани борони кислотаҳо ва дигар падидаҳои манфӣ оварда мерасонанд. Бояд қайд намуд, ки ифлосшавии ҳаво ба саломатии одамон ва ифлосшавии муҳити зист мушкилоти ҷиддӣ пеш меорад.

– камобӣ ва ифлосшавии обҳои заминӣ. Дар даҳсолаҳои охир афзоиши босуръати захираҳои об ба назар мерасад. Дар ҷое, ки шумораи онҳо кам буданд, одатан, баръакс ҳатто камтар мешавад. Дар гузориши Созмони Милали Муттаҳид (2016) оид ба об омадааст, ки мушкили оби нӯшокӣ ҳеҷ гоҳ шадидтар нашудааст: 40% одамон дар саросари ҷаҳон аз набудани захираҳои об ранҷ мебаранд ва беш аз 780 миллион нафар ба манбаъҳои оби тозаи нӯшокӣ дастрасӣ надоранд. Дар назар аст, ки талабот ба об дар соҳаи саноат дар саросари ҷаҳон аз соли 2000 то 2050 400% зиёд мешавад. Ба хулосаи СММ дар миёнаи асри XXI то 4 миллиард нафар одамон метавонанд бо камбуди доимии об зиндагӣ кунанд. Масъалаи хеле ҷиддӣ ифлосшавии обҳои зеризаминӣ аз ҳисоби обёрии васеъ дар соҳаи кишоварзӣ, беназорат баромадани пеститсидҳо ва дигар моводи кимиёвӣ ба обанборҳо, норасоии дурусти тозакунии обҳои ифлос ва дигар омилҳо, ки боиси зиёд шудани миқдори моддаҳои зараровари маъмулӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, дар ҷаҳон тақрибан 90% обҳои партов амалан бидуни тозакунӣ ворид мешаванд ва 70% обҳои рӯизаминӣ ва то 30% обҳои зеризаминӣ арзиши нӯшокии худро гум карда, ба категорияҳои ифлосшавии «шартӣ тоза» ва «ифлос» гузаштаанд. Тақрибан 70% аҳолии ҷаҳон оберо истифода мебаранд, ки ба стандартҳои оби нӯшокӣ ҷавобгӯ нестанд. Дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ вазъ бадтар аст.

– ифлосшавии хок аз сабаби фаромадани боришоти олуда, вале махсусан аз истифодаи пеститсидҳо ва нуриҳои маъданӣ, ки барои баланд бардоштани ҳосили маҳсулоти кишоварзӣ истифода мешаванд.

**Омилҳои геофизикӣ** - заминҷунбӣ, хуруҷи вулқон, сунамӣ ва ғайра. Ҳарчанд ин омилҳо эпизодӣ бошанд ҳам, оқибатҳои назарраси иқтисодӣ ва экологӣ ба бор меоранд, аз ҷумла фавти одамон. Ҳангоми заминҷунбӣ инфрасохторҳо ва хонаҳои одамон вайрон мешаванд, равандҳои нишебии ҷозиба, ярчҳо, талусҳо,, селҳо, режими обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ фаъол мешаванд. Ҳамзамон, заминҷунбии азимтаринро сунамӣ бо мавҷи дарозмуддати укёнус ҳамроҳӣ мекунад, ки бо нерӯи азими харобиовар ба соҳил мезанад [5].

Тоҷикистон зери таъсири заминларзаҳо, камобиҳо, обхезиҳо, селҳо ва ярчу вайроншавии хок (эрозия) қарор дорад. Релеф аз нишебиҳои кӯҳӣ, чарогоҳҳои баландкӯҳ ва водиҳои танг иборатанд. Ҳоло аҳолӣ мунтазам қитъаҳои кӯҳиро аз худ менамояд. Ин қитъаҳо аз ҳисоби ҷангалу буттазорҳо, ки бурида мешаванд аз худ карда мешаванд, инчунин дар нишебиҳои кӯҳӣ. Дар натиҷа эрозияи чарогоҳҳо ва захираҳои заминӣ паҳн шуда истодааст ва дар он ҷойҳо қабати растаниҳо, ки барои суст кардани ҷараёни эрозия қариб ки дида намешавад.

Дар Тоҷикистон сабабҳои асосии антропогенӣ ва табиӣ, ки ба саломатии аҳолӣ таъсисри манфӣ мерасонанд, инҳоянд: ифлосшавии ҳаво дар шаҳрҳои калони ҷумҳурӣ, ки аз мавқеи ҷуғрофӣ ва шароитҳои иқлимӣ вобаста аст; ҷойгир намудани партовҳои маишӣ ва бурдани фаъолияти хоҷагӣ дар минтақаҳои ҳифзи об; нигоҳдории ғайриқаноатбахши ҳамаи намудҳои партовҳо, аз ҷумла заҳрнок ва радиоактивӣ; офатҳои табиӣ;

ҷараёни тағйирёбии иқлим, ки махсусан ба аҳолие, ки дар системаи экологии кӯҳӣ зиндагӣ мекунанд, таъсир мерасонад.

**Омилҳои иқлимӣ** – гармшавии глобалӣ, таъсири гармхонаҳо, тағирёбии минтақаҳои иқлимӣ, баландшавии сатҳи укёнус, афзоиши падидаҳои табиию хавфноки гидрометеорологӣ, камшавии озон қабатҳое, ки гармшавии глобалӣ бартаридошта аст. Маҳз ин ба таҳкими бисёр равандҳои табиии барои инсон номусоид мусоидат мекунад, ки зарари экологӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, ки аз он зарари калон дорад [6].

Тағирёбии иқлим хатари бузургтарин барои гуногунии биологӣ дар даҳсолаҳои наздик мебошад. Интизор меравад, ки ҳарорати миёнаи ҷаҳонӣ дар ин аср нисбат ба ҳама вақтҳои дигари таърихи сайёра, ҳадди аққал дар 10 000 соли охир баландтар шавад. Бисёр намудҳо ба таври кофӣ ба шароити нав зуд мутобиқ шуда наметавонанд ё ба минтақаҳои барои зиндамонии онҳо мувофиқтар ҳаракат карда наметавонанд [7].

Барои бартараф намудани ин мушкилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қабул шудааст. Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим (СММТИ) метавонад дар таҳия ва амалӣ намудани сиёсати Тоҷикистон дар соҳаи тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ ба он мусоидат кунад. Он ба дастгирии рушди иқтисодӣ ва суръатбахши модернизатсияи ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, диверсификатсия ва таҳкими бозори глобалӣ, инчунин баландшавии рақобатнокии иқтисодиёти Тоҷикистон аз ҳисоби беҳтар кардани мутобиқшавӣ ва самаранокии қувваи барқ дар кишвар равона шудааст.

Тағйирёбии иқлим боиси мушкилоти калон барои Тоҷикистон мегардад, зеро кишвар хеле ба ин осебпазир буда, дорои иқтидори нисбатан пасти мутобиқшавӣ мебошад. Бонки Умумиҷаҳонӣ Тоҷикистонро яке аз кишварҳои хеле осебпазир ба тағйирёбии иқлим дар Осиёи Марказӣ нишон медиҳад. Аз 180 кишвари бо индекси мутобиқшавии глобалӣ аз ҷониби Донишгоҳи Нотр–Дам арзёбишуда Тоҷикистон ҷои 111-умро ишғол мекунад. Дар давраи аз соли 1940 то соли 2017 дар Тоҷикистон болоравии ҳарорати аз 0,1ºС то 0,2ºС барои ҳар як даҳсолаи ин давра баланд шуд. Миқдори рӯзҳо бо ҳарорати 40ºС ва аз ин боло афзоиш ёфт. (расми 1). Болоравии ҳарорати нисбатан баланди ҳаво дар ноҳияи Данғара (1,2ºС) ва шаҳри Душанбе (1,0ºС) ба қайд гирифта шуд. Дар минтақаҳои кӯҳистон афзоиш ба 0,3ºС-0,5ºС расид, дар ҳоле ки дар минтақаҳои баландкӯҳ афзоиш то 0,2ºС-0,4ºС–ро ташкил дод. Тамоюли охири гармшавии ҳарорати ҳаво, ки дар давраи солҳои 2001-2010 қайд шудаанд, нишон медиҳанд, ки ҳарорати миёнаи барои ҳар як даҳсола 0,8ºС назар ба ҳарорати миёнаи минтақаҳои дар баландии 1000-2500 метр аз сатҳи баҳр воқеъгардида баландтар буд. Дар минтақаи баландкӯҳ афзоиши мушоҳидашаванда аз меъёри муқаррарӣ 0,2ºС боло буд. Ҳарорати ҳаво дар фасли зимистон ба ҳисоби миёна 0,1ºС-1,1ºС ва дар баҳор 0,1ºС-1,3ºС зиёд буд[8].

Обшавии давомнок ва коҳиш ёфтани пиряххо, ки ба тағйирёбии иқлим алоқаманд аст, барои Тоҷикистон боиси нигаронӣ аст, зеро пиряххо ва захираҳои барф дар Тоҷикистон манбаи асосии оби ирригатсионӣ мебошанд. Тахминан 30% қабати ях аз соли 1930 талаф ёфтааст; айни замон суръати обшавии онҳо талафи 0,5%-0,8%- андозаи солонаро ташкил медиҳад. Бузургтарин пиряхи Тоҷикистон пиряхи Федченко, ки ба масофаи 1 км кӯтоҳ шудааст ва аз ибтидои асри ХХ қариб 5 км яхро талаф додааст (ниг. расми 3). Пиряххои начандон калон дар сатҳи поён аз тағйирёбии иқлим бештар таъсир меёбанд ва бо суръати бесобиқа об шуда истодаанд. Масалан, дар Деҳқондара пиряхе бо масоҳати сатҳаш камтар аз 1 км$^2$, ки дар болооби рӯди Қаротоғ воқеъ мебошад, пурра об шуд. Ҳаҷми пиряхи Зарафшон ба 10% дар давраи солҳои 1927- 2010 коҳиш ёфта, ба 2,5 км кӯтоҳ шудааст.

Таъмини бехатарии экологӣ ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатии мамлакат дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ба таври зерин мусоидат менамояд: пешгирии ифлосшавӣ ва вайроншавии муҳити зист ва барқарорсозии минтақаҳои экологии вайроншуда; паст намудани хатари фалокатҳои табиӣ ва техногенӣ; кам кардани хатари умумиҷаҳонии тағйирёбии иқлим ва муҳити зист; таъмини истифодабарии оқилонаи захираҳои табиӣ; беҳтар намудани истифодаи захираҳои маъданӣ ва энергетикӣ; беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ ва саломатии аҳолӣ; кам кардани пайдоиш, истифода ва нигоҳдории бехатари партовҳо; ҷобаҷогузории муносиби қувваҳои истеҳсолкунанда бо дарназардошти ғунҷоиши экологии муҳити табиӣ; таъмини бехатарии озуқаворӣ ва сифати хӯрок; беҳтар намудани системаи давлатии идоракунии бехатарии экологӣ.

Вобаста ба ҳалли масъалаҳои мавҷудаи экологӣ ва пешгирӣ намудани эҳтимолияти ба вуҷуд омадани таҳдидҳои нави экологӣ бояд бо як қаттор чорабиниҳо ҷиҳати ҳифзи муҳити зист андешида шаванд. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини муҳити зисти солим як қаттор талаботҳои экологӣ пешбинӣ

гардидааст, ки дар фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар намудҳои фаъолият риоя карда мешаванд. Ҷорӣ намудани ҷанбаҳои ҳифзи табиат дар самтҳо ва соҳаҳои дигари сиёсату иқтисодиёт принсип ва мехнизми муҳими ҳифзи муҳити зист ба шумор меравад[9].

Бо мақсади бартараф намудани проблемаҳои экологӣ, пешгирии таҳдидҳои экологӣ ва кам кардани таъсири номатлуби беруна дар атрофи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда қонунгузории ҶТ баъзе минтақаҳои махус муҳофизатшавандаро муқаррар намудааст, ки яке аз онҳо минтақаи муҳофизатӣ (буферӣ) мебошад. Тибқи қонунгузории экологии ҶТ минтақаи муҳофизатӣ (буферӣ) ҳудуди замин ва қисми фазо, ки бо мақсади кам кардани таъсири номатлуби беруна дар атрофи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ташкил карда мешавад.

Яке аз дигар минтақаҳои муҳофизатшаванда ин минтақаҳои санитарии муҳофизатӣ мебошад. Минтақаҳои санитарии муҳофизатӣ ҳудудҳои табиие, ки барои таъмини меъёрҳои гигиении зарурии ғилзати моддаҳои ифлоскунанда дар қабати рӯизаминии атмосфера, ҳифзи манбаъҳои об, кам кардани таъсири манфии хатҳои интиқоли барқ ба аҳолии маҳал таъин гардидаанд, ба ҳисоб меравад [10].

Дар баробари ин, дар илми ҳуқуқшиносӣ ҷиҳати риояи талаботҳои экологӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа усули экологикунонӣ пешниҳод карда мешавад. Моҳияти ин усул дар он ифода мегардад, ки ҳама гуна фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигар, истифодабарии захираҳои табиӣ ва дигар амалҳое, ки эҳтимолияти ба муҳити зист таъсир расониданро доранд, бояд дар асоси мувофиқат ва риояи талаботҳои экологӣ, ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ шудаанд, амалӣ карда шавад.

Воситаи дигари пешгирии таъсиррасонии номатлуб ба муҳити зист ин баланд бардоштани фарҳанги экологии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Фарҳанги экологӣ қисми таркибии фарҳанги умумибашарӣ ва миллиест, ки маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоӣ, арзишҳои ахлоқӣ, меъёр ва усулҳои таъсири мутақобилаи ҷамъиятро бо муҳити зист дар бар мегирад ва меросан барои ташаккулёбии дониш ва маърифати экологӣ дар шуур ва ахлоқи ҷамъиятии одамон дар тӯли ҳаёт ва фаъолияти наслҳо мебошад, ки ба ҳаёти солим, болоравии маънавиёти ҷамъият, рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ, бехатарии экологии кишвар ва ҳар фарди алоҳида мусоидат менамояд.

Танҳо таълим додани фанни «экология» дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ кофӣ нест. Барои дарки моҳияти маърифати экологии шаҳрвандони мамлакат на танҳо раванди таълим, балки экологикунонии тамоми соҳаҳои ҳаёт ва фаъолияти инсон зарур аст, ки ии моҳияти маърифати экологии шаҳрвандонро ифода мекунад.

Бояд дониши имрӯзаи худро тақвият бахшида, дар якҷоягӣ бо ҷомеа ва сохторҳои алоҳидаи давлатӣ дар самти бартараф намудани масъалаҳои экологӣ кӯшиш намоем. Вобаста ба ин зарур аст, ки таълим ва тарбияи экологии аҳли тамаддунро баланд бардошта, диққати онҳоро ба ҳалли масъалаҳои умумисайёравӣ ҷалб намуда, оид ба чорабиниҳои хусусияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқидошта иттилоот пешниҳод намоем, ки то аҳамияти афзалиятнок доштани муҳити зисти мусоидро дарк намуда, муносибати худро ба табиат дигар кунанд. Дар шуур ва ахлоқи инсоният ҷой намудани фарҳанги экологӣ роҳи самараноки ҳифзи муҳити зист, таъмин намудани амнияти экологӣ, таъмини муҳити зисти мусоид ва истифодаи оқилонаву самараноки захираҳои табиӣ мебошад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Ниг.: Акимова Т.А., Кузмин А.П., Хаскин В.В. Экология. Природа - Человек - Техника: учебник для вузов. - м.: юнити-дана, 2001. - С.5.

2. Забиров Р.Ғ. Экология: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – С. 9.

3. Дарвозиев. М. Сафаров. И. Экология: китоби дарсӣ. Полиграф Групп. 2006.

4. Реймерс, Н.Ф. Экология: теории, законы, правила, принципы и гипотезы. – М.:Россия молодая, 1994. – С. 366

5. Малинин, В.Н. Уровень океана: настоящее и будущее. – СПб.: РГГМУ, 2012. – 260с.

6.Кравчук, М.А., Краснов, Ю.И., Малинин, В.Н. Глобальный экологический кризис: стратегия выживания // Общество. Среда. Развитие. – 2009. № 1. – С. 194–205.

7. Биоразнообразие и изменение климата. Международный день биоразнообразия. – Секретариат Конвенции о биологическом разнообразии, 2007.

8. Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030[Нусхаи электронӣ] // АДЛИЯ: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.2016. 1 электронӣ.

9. Консепсияи ҳифзи муҳити зисти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008.[Нусхаи

электронӣ] // АДЛИЯ: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.2016. 1 электронӣ.

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи муҳити зист” аз 2 августи соли 2011 №760 [Нусхаи электронӣ] // АДЛИЯ: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.2016. 1 электрон.

11. Соҳибзода М.М. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон: нашри аввал // Саидзода Иззатулло Ҳабибулло – Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 584 с.

**Аннотатсия**

**Ҷанбаҳои ҳуқуқии таҳдидҳои муосири экологии олам ба Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақолаи мазкур яке аз мушкилотҳои бузурги ҷаҳонӣ, яъне мушкилотҳои экологӣ ҳамчун масъалаи глобалии ҷаҳони муосир ва таҳдидҳои он ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Мушкилоти экологии ҷаҳон пеш аз ҳама ин афзоиши фавқулоддаи иқтисоди ҷаҳон, зиёд шудани аҳолӣ, ба атмосфера партофтани партовҳои маҳсулоти сӯзишворӣ, камобӣ ва ифлосшавии обҳои заминӣ, заминҷунбӣ, гармшавии иқлими сайёра, тағирёбии минтақаҳои иқлимӣ, баландшавии сатҳи уқёнус ва обшавии пиряххо маҳсуб меёбад. Барои бартараф намудани ин мушкилот ҷомеаи ҷаҳониро зарур аст, ки сатҳи донишҳои экологиро дар мадди аввал қарор диҳанд, ки ин мушкилот ҳастии инсониятро дар олам зери хатар қарор медиҳад.

**Аннотация**

**Правовые аспекты современных экологических угроз для Республики Таджикистан**

В статье анализируется одна из важнейших глобальных проблем - проблемы окружающей среды как глобальная проблема современного мира и ее угрозы для Республики Таджикистан. Глобальные экологические проблемы - это, прежде всего, быстрый рост мировой экономики, рост населения, выбросы топливных продуктов, загрязнение суши, землетрясения, глобальное потепление, изменение климата и таяние ледников. Чтобы преодолеть эти проблемы, мировому сообществу необходимо уделять приоритетное внимание уровню экологических знаний, который угрожает самому существованию человечества в мире.

**Annotation**

**Legal aspects of modern environmental threats for the Republic of Tajikistan**

This article analyzes one of the world's biggest problems, the environmental problem as a global problem of the modern world. , earthquakes, global warming, the impact of greenhouses, climate change, rising oceans and melting glaciers. To overcome these problems, the world community needs to prioritize the level of environmental knowledge, which threatens the very existence of humanity in the world.

## 12.00.08 – ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗО
## 12.00.08 – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО



**УДК:** 343.24

**Миралиев Эмомалӣ Бобоевич,**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррурсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: voin-9224@mail.ru*
*Тел.: (+992) 907-67-20-20.*

# ВОГУЗОР НАМУДАНИ УҲДАДОРИҲО ҲАНГОМИ ШАРТАН ТАТБИҚ НАКАРДАНИ ҶАЗО

***Калидвожаҳо***: *назария; уҳдадорӣ; таҷрибаи судӣ; пешниҳод; зарар; истиқоматгоҳи доимӣ; муолиҷа; кор; таҳсил; беморӣ; дастгирӣ намудан; оила.*

***Ключевые слова:*** *теория; обязанность; судебная практика; вред; постоянное место жительство; лечение; работа; образование; болезнь; поддержка; семья.*

***Keywords:*** *theory; duty; judicial practice; harm; permanent residence; treatment; work; education; illness; support; family.*

Натиҷаи тадқиқоте, ки дар доираи солҳои 2016-2020 (300 ҳукми судҳои умумӣ) дар судҳои чаҳор ноҳияи ш. Душанбе гузаронида шуд, нишон медиҳад, ки дар 86,67% (260 ҳукм) ҳолати уҳдадориҳо ба зиммаи маҳкумшудагон вогузор гардидааст, дар 13,33% (40 ҳукм) ҳолат уҳдадориҳо таъин нагардидаанд, дар 63,33% (194 ҳукм) нисбати маҳкумшудагон як уҳдадорӣ муқаррар гардидааст, дар 15,67% (47 ҳукм) ҳолатҳо нисбати маҳкумшуда 2 уҳдадорӣ ва дар 7,67% (23 ҳукм) ҳолатҳо се ва зиёда уҳдадориҳо таъин гардидаанд.

Агар ба фисади таъин намудани уҳдадориҳо аз ҷониби судҳо нисбати маҳкум шудан назар андозем, пас дар чунин сатҳ қарор дорад: 1. Барқарор намудани зарари расонидашуда – 0%-и ҳолат; 2. Иваз накардани истиқоматгоҳи доимӣ бидуни огоҳ кардани мақомоте, ки ба рафтори маҳкумшуда назорат мекунанд – 83%-и (249 ҳукм) ҳолат; 3. Машғул гардидан ба фаъолияти меҳнатӣ, иваз накардани ҷои кор – 2,33%-и (7 ҳукм) ҳолат ва идома додани таҳсил ва иваз накардани ҷои таҳсил – 1,66%-и (5 ҳукм) ҳолат; 4. Ба ҷойҳои муайян нарафтан – 1,66%-и (5 ҳукм) ҳолат. 5. Даври муолиҷаи майзадагӣ, нашъамандӣ, токсикоманӣ ё касалиҳои зухравиро тамом кардан – 0%; 6. Аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ намудани оила – 1,33%-и (5 ҳукм) ҳолат.

Вобаста ба намуди уҳдадориҳое, ки суд ба зиммаи маҳкумшудагон мегузорад, андешаву пешниҳодҳои зиёд вуҷуд дорад. Ба андешаи А.Х. Валеев нисбати маҳкумшудагон уҳдадории “иваз накардани маҳалли истиқомати доимӣ, кор ва таҳсил бидуни огоҳ намудани мақомоти назоратбаранда аз болои рафтори маҳкумшуда” муқаррар карда шавад [3, С. 10]. Воқеан, уҳдадории мазкур барои ба вуҷуд овардани муҳити созгор дар самти танзими рафтори маҳкумшудагон чи аз ҷониби ҷомеа ва чи аз ҷониби мақомоти ваколатдор мусоидат менамояд. Чунин муҳит маҳкумшударо водор менамояд, ки кирдорҳои худро саришта намуда, ба кор ва таҳсил дохил шавад. И.Н. Алексеев бошад, пешниҳод менамояд, ки ба зиммаи тамоми маҳкумшудагон уҳдадории огоҳ намудани инспексияҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сурати иваз намудани ҷои истиқомат гузошта шавад [1, С. 10]. Андешаи мазкурро А.В. Звонов низ ҷонибдорӣ менамояд. Ба андешаи ӯ, муқаррар намудани чунин уҳдадорӣ имконият медиҳад, ки мақомоти назоратбаранда аз болои рафтори маҳкумшудагон метавонанд, ки маълумотҳоро дар бораи фаъолияти доимӣ маҳкумшуда – тарзи рӯзгузаронӣ, рафтор, раванди ислоҳшавӣ, пинҳон нагардидани маҳкумшуда ва ғайраро ба даст оранд, ки ин метавонад боиси сари вақт чораандешӣ намудан оид ба кирдори ғайриқонунии маҳкумшуда гардад [4, С. 78].

И.А. Бурлакова андешаи онро дорад, ки нисбати маҳкумшуда уҳдадории ба ҷойи муайян нарафтан гузошта шавад. Ин аз як ҷиҳат, бо мақсади ҳифзи манфиатҳои ҷабрдида, шоҳидон ва дигар шахсоне мебошад, ки барои амалигардонии адолати судӣ мусоидат намудаанд [2, С. 110], ба амал баровbooарда шавад, аз ҷиҳати дигар, имкон дорад, ки боиси пешгирии баъзе аз ҷиноятҳо дар ҷамъият гардад. Масалан, агар ноболиғ ҷиноятро дар вақти шабона (соати 00:00 то 6:00) содир

намуда бошад, дар ин сурат суд нисбати ӯ бояд уҳдадории ба ҷойҳои муайян нарафтанро дар вақти шабона (маҳдудияти шабона) вогузор намояд [9, С. 146].

Таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки уҳдадории мазкур ба таври самаранок истифода намегардад, аз ин рӯ, Звонов А.В. дар ин масъала андешаи Э.Л. Биктимеровро ҷонибдорӣ менамояд. Яъне олим Э.Л. Биктимеров пешниҳод менамояд, ки бо баинобатгирии таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои ҷаҳон дар самти назорати маҳкумшадагон ба шартан муҳкумшудагон назорати (маниторинги) электронӣ муқаррар карда шавад. Новобаста аз салоҳияти васеи судҳо ҳангоми ҳалли масъалаи вогузор намудани уҳдадорӣ нисбати шахси маҳкумшуда, ки барои ислоҳ гардидани ӯ мусоидат мекунад, аз ин ваколати худ нисбатан кам истифода мекунанд. Ба ақидаи баъзе аз судяҳо ва намояндагони нозироти корҳои ислоҳӣ ин ҳолат аз он вобаста аст, ки уҳдадориҳои вогузоргардида, бояд на танҳо таъсири пешгирикунанда ва ислоҳшаванда нисбати шахсони маҳкумшуда дошта бошанд, балки иҷроиши онҳо бояд ба таври воқеӣ аз ҷониби нозироти корҳои ислоҳӣ назорат карда шавад. Аммо пурра назорат кардани ҳамаи уҳдадориҳо, масалан, ба ҷойҳои муайян нарафтан (бозор, марказҳои дилхушӣ, тарабхонаҳо ва ғ.) ғайриимкон аст. Бинобар ин, уҳдадориҳои мазкури дар қонун пешбинигардида аз ҷониби судҳо дар таҷриба ками дар кам истифода мегардад.

Вобаста ба вогузор намудани уҳдадории даври муолиҷаи майзадагӣ, нашъамандӣ, токсикоманӣ ё касалиҳои зуҳравиро гирифтани маҳкумшуда, И.Н. Алексеев ақида дорад, ки барои самаранок ва таъсиррасон гардидани уҳдадории мазкур он дар сурати мавҷуд будани бемории мушаххас ба маҳкумшуда вогузор карда шавад [1, С. 10]. Воқеан, дар сурати таваҷҷуҳ накардани суд оид ба ин масъала самаранокии уҳдадории мазкурро аз байн мебарад. Дар раванди баррасии парванда аз ҷониби суд, дар сурати таъин намудани уҳдадории мазкур, суд бояд ба хулосаи комиссияи тиббӣ такя намояд, ки дар он на танҳо мавҷудияти беморӣ ва дараҷаи он пешбинӣ мешавад, балки давомияти муҳлати табобат низ мавҷуд мебошад [11, С. 49].. Ба андешаи Звонов А.В. ба зиммаи маҳкумшуда на танҳо уҳдадории гирифтани муолиҷа, балки дигар талаботҳо низ (масалан, истеъмол накардани нӯшокиҳои спиртӣ) гузошта шавад [4, С. 83]. Уҳдадории мазкур аксар маврид хусусияти эъломиявиро касб намудааст, чунки гузаштани давраи пурраи муолиҷаи нашъамандӣ барои нашъамандон қариб ки ғайримкон аст. Барои ҳамин, ба ақидаи Новиков В.А. розӣ шудан дуруст мебошад. Тибқи ақидаи ӯ суд бояд шахси шартан маҳкумшударо барои гузаштани давраи муолиҷаи нашъамандӣ ё майзадагӣ аз ҳисоби давлат дар муассисаҳои махсуси давлатӣ, ки барои иҷрои ин уҳдадорӣ вазифадор мебошанд, вобаста намояд [8, С. 99].

Яке аз уҳдадориҳое, ки ба зиммаи маҳкумшудагон ҳангоми шартан табиқ накардани ҷазо гузошта мешавад, ин "ба кор ё таҳсил дохил шудан" мебошад. Таҳлили таҷрибаи судӣ нишон дод, ки дар 3,99% ҳолатҳо нисбати маҳкумшадагон уҳдадории зерин гузошта мешавад. Ба андешаи олим Звонов А.В. уҳдадории мазкур характери гуногунҷабҳаро соҳиб мебошад ва он дар сурате иҷрошуда дониста мешавад, ки агар маҳкумшуда дар шакли расмӣ дар асоси қонунгузорӣ ба муносибатҳои меҳнатӣ ворид гардад [4, С. 84]. Аммо то кадом андоза меъёри мазкур иҷро мешавад, номаълум аст. Чунки баъди ворид шудан ба муносибатҳои меҳнатӣ имкон дорад, ки вобаста ба омилҳои субъективӣ ё объективӣ ин муносибатҳо қатъ гардад. Дар ин сурат, мантиқан назар андозем уҳдадории маҳкумшуда иҷрошуда ба ҳисоб меравад, аммо дар ин маврид, нозироти корҳои ислоҳӣ ба зиммаи маҳкумшагон уҳдадорӣ мегузоранд, ки дар давоми 30 рӯз аз рӯзи озод гардидан аз кор, ба кори нав дохил шаванд, ки ин хилофи ҳуқуқҳои шахсони маҳкумшуда мебошад. Ин гуна амали судҳо дуруст эътироф карда мешаванд, зеро ин гуна мушаххаскунӣ қадами аввалин барои иҷрои дуруст ва аниқи ҳукм мебошад. Ба ғайр аз ин, паҳлӯи дигари мусбии ин ҳолат дар он дида мешавад, ки баъди муайян намудани санаи иҷроиши уҳдадорӣ аз ҷониби суд, агар он дар вақташ ба иҷро расонида нашавад, мақомоти назоратбаранда дарҳол ба суд оид ба иҷро нагардидани уҳдадорӣ гузориш пешниҳод мекунад ва нисбати худи маҳкумшуда чораҳои пешгирӣ татбиқ карда мешавад. Ин гуна рафтор ҳангоми таъин намудани чунин уҳдадорӣ, ба монанди гузаштани давраи муолиҷавӣ, ҷуброни зарари расонидашуда ва монанди инҳо бениҳоят зарур мебошад. Чунки уҳдадориҳои мазкур ба таври воқеӣ муҳлати мушаххаси иҷроишашон муқаррар нагардидааст ва онҳо метавонанд дар тамоми давраи муҳлати санҷишӣ ба иҷро расонида нашаванд. Яъне татбиқи воқеии меъёрҳо дар бораи бекор намудани шартан татбиқ накардани ҷазо нисбати шахси шартан маҳкумшуда барои иҷро накардани уҳдадории ба зиммаи ӯ вогузоргардида ба монеае, ки мазмунашро матни зерин ташкил медиҳад, дучор меояд: "Кор мекобам, вале то ба ҳол кори ба худ мувофиқро пайдо карда натавонистаам" ё "бе ҳуҷҷат ба кор қабул намекунанд" ва монанди инҳо. Пас, аз ин бармеояд, ки маҳкумшуда кӯшиши иҷрои уҳдадории худро мекунад, вале тасдиқ

кардани он ки уҳдадорӣ иҷро нагардидааст, номумкин мебошад ва ин ҳолат ба бе ҷазо мондани шахсони шартан маҳкумшудаи майли ба иҷро расонидани уҳдадории ба зиммаашон гузошташударонадошта, оварда мерасонад [10, С. 47].

Яке аз уҳдадориҳои дигар, ки ба зиммаи маҳкумшудагон гузошта мешавад, ин барқарор намудани зарари раснидашуда мебошад. Воқеан, уҳдадории мазкурро Кодекси ҷиноятии ҶТ дар қ. 5 м. 71 муқаррар намудааст. Уҳдадории мазкур бояд ба он мақсад аз ҷониби судҳо таъин карда шавад, ки дар сурати таъини он адолати иҷтимоӣ барқарор гардад. Дар як маврид, иҷрои уҳдадории мазкур маънои онро дорад, ки аллакай шахси маҳкумшуда дар раванди ислоҳшавӣ қарор дорад. Бинобар ин, ба андешаи мо аз нигоҳи самаранокӣ ва таъсири ислоҳӣ расонидан ба маҳкумшуда нисбат ба дигар уҳдадориҳои пешбининамудаи қонунгузории ҷиноятӣ афзалиятноктар ба ҳисоб меравад. Вогузор намудани уҳдадории дар муҳлати муайян барқарор кардани зарари расонидашуда, ки ҳангоми содир намудани ҷиноят ба вуҷуд омадааст, нақши зиёдро барои ба даст овардани мақсади ҷазо ва ислоҳи маҳкумшуда мегузорад, инчунин нишонаи тасдиқи воқеии пушаймонии кирдори содирнамуда мебошад [5, С. 165-166].

Уҳдадории дигар, ки дар асоси талаботи қ.5 м.71 КҶ ҶТ суд ба зиммаи маҳкумшудае, ки нисбаташ шартан татбиқ нардани ҷазо таъин намудааст, ин аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ намудани оила мебошад. Уҳдадории мазкур нисбат ба маҳкумшада ба он мақсад вогузор мегардад, ки дар давомияти муҳлати санҷишӣ, ки шахс аз адои воқеии ҷазои таъиннамудаи суд озод аст, ба фаъолияти меҳнатӣ машғул гардида, ба оила ва фарзандон кумак намояд. Расонидани кумак, дастгирии моддӣ оила ва таъмини фарзандон нишонаи ислоҳшавии шахси маҳкумшуда ба ҳисоб меравад. Масалан, то содир намудани ҷиноят шахс дар ягон ҷо ба фаъолияти меҳнатӣ машғул набуд, аммо баъди таъини ҷазо суд ба зиммаи маҳкумшуда уҳдадории ба кор дохил гардидан ва дастгирии моддии оиларо мегузорад. Аз ҷониби маҳкумшуда бе саркашӣ анҷом додани уҳдадории мазкур нишонаи ислоҳшавии ӯ мебошад. Дар як маврид, суд уҳдадории мазкурро дар он сурат бояд ҳатман нисбати маҳкумшуда таъин намояд, ки агар ӯ пештар ба нигоҳубин ва дастгирии моддии оила диққати ҷиддӣ намедод.

Бояд қайд намуд, ки тамоми уҳдадориҳое, ки ба зиммаи маҳкмшудагон гузошта мешаванд, танҳо дар доираи муҳлати санҷишӣ иҷро карда мешаванд. Баъди ба анҷом расидани ин муҳлат иҷрои уҳдадориҳо қатъ мегарданд.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Алексеев И.Н. Условное осуждение в уголовном праве России: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. Саратов, 2004. – С. 10; Тихонова С.С. Юридическая техника в уголовном праве: курс лекций. Н. Новгород, 2008.

2. Бурлакова И.А. Условное осуждение: теоретико-правовые и практические проблемы: автореф. дис… канд. юрид. наук. М., 2003.

3. Валеев А.Х. Условное осуждение несовершеннолетних: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. Челябинск, 2003.

4. Звонов А.В. Ответственность условно осужденных: уголовно-правовой и уголовно-исполнительный аспекты: дис. ... канд. юрид. Наук. Владимир, 2011.

5. Лядов Э.В. Условное осуждение к лишению свободы как институт уголовного и уголовно-исполнительного права: дисс… канд. юрид. наук. Рязань, 2001.

6. Лядов Э.В. Институт условного осуждения: уголовно-правовой и уголовно-исполнительный аспекты: монография / Э.В. Лядов. – Рязань, 2016.

7. Малолеткина Н.С. Условное осуждение – форма реализации уголовной ответственности: проблемы сущности и исполнения. дис. ... канд. юрид. наук. Самара, 2011.

8. Новиков В.А. Условное осуждение: современные тенденции и пути совершенствования закона // Журнал российского права. 2005. № 11.

9. Скрипченко Н.Ю. Теория и практика применения иных мер уголовно-правового характера к несовершеннолетним. дис. ...док.юр.наук., Москва, 2013.

10. Сукманов О.В. Возложение на условно осужденных обязанностей, способствующих их исправлению (по материалам судебной практики) // Вестник Дальневосточного юридического института МВД России. 2001. № 1.

11. Хаитжанов А. Роль и значение института условного осуждения в современных условиях: учеб. пособие. Пенза, 2005.

**Аннотатсия**

**Вогузор намудани уҳдадориҳо ҳангоми шартан татбиқ накардани ҷазо**

Яке аз масъалаҳои асосӣ ҳангоми татбиқи шартан татбиқ накардани ҷазо уҳдадориҳое ба ҳисоб мераванд, ки суд ба зиммаи маҳкумшуда мегузорад. Дар қ. 5 м. 73 КҶ ҶТ шаш намуди уҳдадорӣ, ки суд нисбати шахсони маҳкумшуда ҳангоми татбиқи шартан татбиқ накардани ҷазо таъин мекунад, пешбинӣ гардидаанд: 1) дар муҳлати муайян зарари расонидаро барқарор намудан; 2) иваз накардани истиқоматгоҳи доимӣ, ҷои кор ё таҳсил бидуни огоҳ кардани мақомоте, ки ба рафтори маҳкумшуда назорат мекунанд; 3) ба ҷойҳои муайян нарафтан; 4) ба кор ё таҳсил дохил шудан; 5) даври муолиҷаи майзадагӣ, нашъамандӣ, токсикоманӣ ё касалиҳои зуҳравиро тамом кардан ва 6) аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ намудани оила. Дар мақолаи мазкур, андешаи назариявии олимон ва натиҷаи тадқиқоти парвандаҳои ҷиноятии аз ҷониби судҳо баррасигардида ҷамъоварӣ ва инъикос ёфта, дар асоси онҳо андешаву хулосаҳои худро пешниҳод намудаем.

**Аннотация**

**Возложение обязательств при применении условного осуждения**

Одним из основных вопросов при применении условного осуждения являются обязательства, который суд возлагает на осужденного. В ч. 5 ст. 73 УК РТ предусматривается шесть видов обязательств, возлагаемых судом на осужденных в случае условного осуждения: 1) в определенный срок возместить причиненный вред; 2) не менять постоянного места жительства, работы или учебы без уведомления органов осуществляющих контроль за поведением осужденного; 3) не посещать определенные места; 4) устроиться на работу или учебу; 5) пройти курс лечения от алкоголизма, наркомании, токсикомании или венерического заболевания и 6) осуществлять материальную поддержку семьи. В статье обобщены теоритические взгляды ученых и результаты расследования уголовных дел, рассмотренных судами, и на их основе представлены наши взгляды и выводы.

**Annotation**

**Implementation of obligations when using probation**

One of the main issues in applying a conditional discharge is the obligations that the court imposes on the convicted person. Part 5 of Article 73 of the Criminal Code of the RT envisages six kinds of obligations imposed by the court on the convicts in case of conditional discharge: 1) to compensate the caused harm within a certain period of time; 2) not to change the place of residence, work or study without notifying the bodies which are supervising the behavior of the convict; 3) not to visit certain places; 4) to get a job or study; 5) to pass a treatment course for alcoholism, drug addiction, substance abuse or venereal disease and 6) to provide material support to the family. The article summarizes the theoretical views of scientists and the results of criminal cases examined by the courts, and on their basis presents our views and conclusions.



**УДК:** 343.9.018

**Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна,**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.*
*E-mail: gaforovash@mail.ru*
*Тел.: (+992) 985-76-66-66.*

# ТАҲЛИЛИ ВИКТИМОЛОГИИ ҚУРБОНИЁНИ ХУШУНАТИ ОИЛАВӢ

***Калидвожаҳо;*** *виктимология; қурбонӣ; ҷинояткор; хушунат; оила; ҷабрдида аз ҷиноят; қурбонӣ аз хушунат; зарар;*

***Ключевые слова;*** *виктимология; жертва; преступник; насилие; семья; жертва преступления; жертва насилия; вред;*

***Keywords;*** *victimology; victim; criminal; violence; family; victim of crime; victim of violence; harm.*

Оила ҷузъи асосии ҷомеа ба ҳисоб рафта, бо тамоми муносибатҳои пайдошаванда дар ҷомеа алоқамандии зич дорад. Маҳз дар оила дарки фаҳмишҳои аввалин, аз қабили баҳогузории кирдор, ҳаракат, хостаҳою одатҳо ва дигар муносибатҳои ҷамиятӣ пайдо мегарданд. Ҳамин дарки аввалини инсон аз оила сабаби он шуда метавонад, ки минбаъд шахс маълумоти аз муҳити атроф гирифтаашро чӣ гуна қабул менамояд ва ё дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳайси кӣ баромад мекунад. Аз ин рӯ зарур аст, ки ҳар як муносибати дар оила пайдошавандаро дақиқ омӯзем, зеро муносибатҳои дар оила пайдошаванда бо ҳам алоқамандии зич доранд ва ҳамин алоқамандии гумонбару қурбонӣ дар ҷиноятҳои характери виктимологидошта зинаи асосӣ ба ҳисоб меравад.

Чи тавре, ки Коппакова зикр намудааст, «Муносибати байниҳамдигарии аъзоёни оила ҳаммонанди муносибатҳои ҷамъиятиест, ки ҳар як аъзои он нақши муайяни худро доранд. Яке аз зиннаи асосӣ барои иштирокчиёни муносибатҳои мазкур, ин интизории онҳо аз ҳамдигариашон мебошанд. Муҳити оилавӣ низ аз он вобастагӣ дорад, ки субъектони он нақши худро иҷро намудаанд ё не. Масалан, хиёнати яке аз ҳамсарон ин вайроннамоии дағалонаи муносибати оилавӣ мебошад, ки дар натиҷа, сабаб барои содирнамоии ҷиноят шуда метавонад»[1, с. 41].

Саҳми худро дар таҳлили ҷиноятҳои характери виктимологидошта дар давлатҳои собиқ Шӯравӣ олимони мазкур, аз қабили Л.В.Франк[8], Коппакова[1], Шакина[10], Иляшенко[7] ва ғайраҳо гузоштаанд. Аксарияти муҳақиқон тарафдори нуқтаи назарияе, мебошанд, ки нақши ҷабрдида ва ҳаракатҳои он ҳангоми содирнамоии ҷиноят аз ҷониби гумонбаршуда бояд пурра омӯхта шаванд, новобаста аз он ки шахс дар асоси қонун ҷабрдида эътироф гардидааст ё не.

Аслан, виктимология аз калимаҳои лотинии “viktima” - ҷабрдида ва “logos” - илм гирифта шуда, раванди табдилёбӣ ба ҷабрдидаи ҷиноят шуданро меомӯзонад[12]. Оиди маънои ҳуқуқии виктимология ва ҷабрдида олимон назарияҳои мухталифро пешниҳод намудаанд. Яке аз онҳо Л.В.Франк мебошад, ки саҳми махсуси худро дар ташаккулу таҳлили виктимология гузоштааст, ва яке аз асосгузорони соҳаи виктимологияи ИҶШС аст, ки чунин нуқтаи назарро оиди мафҳуми ҷабрдида пешниҳод намудааст. Виктимология маънои “муфассалтар омӯхтани ҷабрдида” ва ё “илм дар бораи ҷабрдидаро” дорад. Ҳангоми сухан рондан дар бораи ҷабрдида на ҳамаи онҳо (масалан, ҷабрдидаҳои воқеаҳои нохуш, садамаҳо, ҷанг, геносид, истисмор ва ғ.) фаҳмида мешаванд, балки сухан танҳо дар бораи ҷабрдидаи ҷинояти алоҳида меравад. Истифодаи истилоҳи “ҷабрдида” танҳо ҷанбаи ҷиноиро дар назар дорад, аммо ҳангоми таҳлил маъноҳои дигари он набояд нодида гирифта шаванд[08, с.5].

Чи тавре, ки мебинем дар назарияи мазкур ҷабрдида ҳамчун иштирокчии муносибатҳои ҷиноятӣ- криминологӣ баромад мекунад. И.Г.Скурту бошад, чунин назарияро пешниҳод намудааст. ”Ҷабрдида шахсест, ки аз амали ғайриҳуқуқӣ ба ӯ зарари рӯҳӣ, ҷисмонӣ ва моддӣ расидааст, новобаста аз он ки ин шахс тибқи қонун ҳамчун ҷабрдида эътироф гардидааст ё не”[6, с. 31]. Олими дигар бошад, чунин нуқтаи назарро оиди қурбониёни характери виктимологидошта зикр кардааст: ҷабрдида ин унсури асосии пеш аз ҳаракатҳои ҷиноятӣ ва махсусан ҳангоми содирнамоии ҷиноят аст. Дар аксарият вақт ҳолати шахси ҷинояткор аз кирдорҳои ҷабрдида вобастагӣ дорад ва ӯ метавонад, ки барои ҷиноят содир намудани тарафи муқобил саҳм гузорад ва ё кирдори ӯро пешгирӣ намояд. Пас, ҷабрдида дар бисёр ҳолатҳо асосгузори кирдорест, ки ҷинояткор

онро ба анҷом мерасонад.[4, с. 57]. Ҳаммонандии ақидаи пешниҳоднамудаи И.Г.Скурту як чанд олимони дигар низ ҷабрдидаро шахсе меҳисобанд, ки ба ӯ зарари рӯҳӣ, ҷисмонӣ ва ё моддӣ расидааст. Аммо қайд намудан зарур аст, ки мафҳумҳои дар боло овардашуда дурусттар мебуданд, агар танҳо зарари ҷисмонӣ ва рӯҳӣ ёдоварӣ карда мешуд, чунки зарари расонидашудаи иқтисодӣ низ оқибаташ таъсир расонидан ба ҷисмият ва ё ҳолати рӯҳии шахс мебошад. Масалан, зани хонашине, ки эҳтиёҷоти иқтисодиашро танҳо шавҳараш таъмин менамояд, ҳангоми бемор шудан, ӯ(шавҳар) аз ин вазифаи худ даст кашад, яъне дар ҳолати таъмин накардани ҳамсараш ба табобати лозима зарар метавонад, ки ба организми зани бемор ва ё ҳолати рӯҳияш таъсири худро расонад.

Чи тавре, ки аз назарияҳои пешниҳоднамудаи олимон бармеояд, аксарияти онҳо се намуди зарарро (зарари ҷисмонӣ, рӯҳӣ, моддӣ) номбар намудаанд. Аммо тавре, ки дар боло қайд намудем, зарари иқтисодӣ ин яке аз шаклҳои таъсиррасоние мебошад, ки оқибаташ ба зарари ҷисмонӣ бурда мерасонад ва ё шахс дар натиҷа зарари рӯҳӣ мебинад. Аммо аз мадди назар набояд дур кард ҳолатҳоеро, ки маҳз шароити иқтисодии оилавӣ дар бисер ҷиҳатҳо ба он сабаб мегарданд, ки дар оила иштирокчиёни он нақшҳояшонро иҷро карда наметавонанд ва дар натиҷа кирдори ҳуқуқвайронкунандаро содир менамоянд. Ҳамин тариқ бо розигӣ ба ақидаи дар боло овардашуда пешниҳод менамоем, ки ҳангоми таҳлили ҷиноятҳои дар оилаҳо содиршуда омӯзиши таркиби ҷиноят ва муҳити оилавӣ хуб ба роҳ монда шаванд. Дар ҳолати ошкор шудани "гунаҳкор"-ии қурбонӣ низ, дар содир намудани ҷиноят, нисбаташ ҷавобгарӣ татбиқ гардад. Аммо ҷавобгарии қурбонӣ на бояд, ки андозааш ба ҷазои татбиқшуда нисбати ҷинояткор баробар бошад. Зеро шахс дар ягон ҳолату вазъият ҳуқуқ ба содир кардани ҷиноятро надорад.

Барои муайян намудани он ки қурбонии хушунати оилавӣ кист ва аз ҷабрдидаи дигар ҷиноятҳо чӣ фарқ дорад, таҳлили илмии мафҳуми қурбонӣ ва ҷабрдида лозим меояд. Оиди масъалаи мазкур олими тоҷик Сафаров А.И. чунин зикр намудааст, ки ҷабрдида баъд аз баровардани қарор дар бораи эътироф намудани шахс чун ҷабрдида чунин мақомро касб менамояд. Қурбонӣ бошад, шахсе мебошад, ки ба ӯ зарар расонида шудааст, аммо қарори дахлдор оиди эътироф намудани ӯ ҳамчун ҷабрдида вуҷуд надорад[3, с.76]. Ақидаи мазкур дуруст аст ва бо розигӣ аз ақидаи мазкур қайд менамоем, ки ҷабрдида аз қурбонӣ агар, ки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ фарқ дошта бошанд ҳам, аз дигар ҷиҳат мафҳуми "ҷабрдида" ба мафҳуми "қурбонӣ" қариб, ки ҳаммаъно ҳастанд. Аз нуқтаи назари дар боло овардашуда чунин натиҷабарорӣ намудан мумкин аст: новобаста аз он ки шахс аз тарафи суд ҳамчун ҷабрдида эътироф гаштааст ё не, ӯ ҳамчун қурбонии кирдори содиршуда ном бурда мешавад. Пас мафҳумҳои "ҷабрдида" бо "қурбонӣ" наздикӣ доранд ва қурбонии хушунати оилавӣ шахси воқеъие шуда метавонад, ки субъекти оила бошад. Инчунин аз ҷониби узви дигари оила ба ӯ зарари ҷисмонӣ ва ё рӯҳӣ расида бошад ва ё хатари ҳақиқии расонидани зарар вуҷуд дошта бошад. Пас вақте, ки сухан дар бораи шахси воқеӣ меравад, дар ин ҳолат дар баъзе мавридҳо "қурбонӣ" ба мафҳуми виктимологиаш фаҳмида мешавад. Ҳангоми таҳлили виктимологии қурбониёни хушунати оилавӣ мо бояд ҷанбаи хусусияти латентӣ доштани онҳоро ба инобат гирем. Зеро дар муносибатҳои оилавӣ на ҳама кирдорҳои аъзоён бо равиши кушод ва бомақсад таҳлили худро ёфта метавонад. Аз ин рӯ зарур аст, ки хусусияти иштирокчиёни муносибати оилавиро ҳамаҷониба омӯзем. Иштирокчиёни муносибатҳои оилавӣ нафарони зерин буда метавонанд. Аз қабили зану шавҳар, фарзандон, узви калонсолони оила, фарзандхондагон, васӣ ва ғайраҳо, ки хоҷагии якҷояро бо ҳам пеш мебаранд.

Ҳамин тариқ, қурбонии муносибатҳои оилавӣ метавонанд, шахсони дар сину соли гуногун қарордошта бошанд, ки узви оила ҳастанд ва ба онҳо аз ҷониби узви дигари оила зарари ҷисмонӣ ва ё рӯҳӣ расидааст ва ё таҳдиди асосноки расонидани чунин зарар ба вуҷуд омада бошад. Аз сабаби оне, ки аксарияти оилаҳои тоҷик зиндагии суннатӣ доранд, ҳамчун анъана мерос мондааст, ки мард "сардори" оила ҳисоб меёбад ва дар натиҷа занон бошанд зиёдтар аз хушунати хонаводагӣ осеб мебинанд. Дар натиҷа сатҳи ҷиноятҳои характери виктимологидошта дар оилаҳо зиёд мегарданд. Ба монанди кӯштани шавҳар ё ҳамсар, ба қатл расонидани фарзандон, хушдоман, кӯштани падару модар ва ё дигар узви оила ё, ин ки зарар расонидан ба онҳо. Масалан, яке аз чунин ҳолатҳо соли 2015 дар вилояти Хатлон рух дода буд, ки шаҳрванд Т. Аз ҷониби ҳамсару писараш бо маслиҳати пешакӣ кӯшта шуд. Сабаби содир намоии ҷинояти худро онҳо чунин шарҳ додаанд, ки "аз даъвоҳову моҷароҳои пайваста дар хона хаста шудаанд ва муҳити пурхушунати хонавода ва латту кӯби ҳамешагии ҳамсар онҳоро ба ин ҳол оварда расонидааст".Ҳолати дигаре, ки дар соли 2015 рух дод ин буд, ки шаҳрванд П.А. худро бо се фарзанди ноболиғаш ба об ғарқ кард, ки дар натиҷа фарзандонаш фавтиданд ва худи ӯ зинда монд ва ба муддати 18-сол зиндонӣ гардид. Агар дақиқ назар афканем мебинем, ки қурбониёни хушунати оилавӣ

аксарияташон ҳуқуқпоймолкуниҳои нисбаташон содиршавандаро дигар таҳаммул карда натавониста, дар оқибат ҷиноят содир менамоянд. Чӣ тавре, ки қайд кардем, аксарияти қурбониёни хушунати оилавӣ дар ҷомеаи тоҷикон занон мебошанд. Зеро зан агар чи аз ҷиҳати ҳуқуқӣ бо мард баробарҳуқуқ бошад, ҳам дар ҷомеа баробарҳуқуқии занон бо мардон дар аксарияти оилаҳо дида намешавад. Мутаасифона, бисеранд оилаҳое, ки ҳуқуқҳои ҳамсар аз ҷониби шавҳар пурра ё қисман поймол мегарданд. Мисол, ҳангоми бемор будани падар ё модари зан, шавҳар ва ё хушдоман барои ба аёдат рафтани ӯ розигӣ надиҳанд, аммо зан берозигии онҳо равад, пас шавҳараш “ҳуқуқ” пайдо мекунад, ки ба зан зарари рӯҳӣ ва ё ҷисмонӣ расонад.

Занонро ба сифати субъекти паҳнгаштатарин дар муносибатҳои оиладорӣ дигар олимон низ қайд намудаанд. Барои тасдиқи назарияи мазкур мо гуфтаҳои як чанд олимро пешниҳод менамоем. Яке аз онҳо олими рус Шакина аст, оид ба зан-ҳамчун қурбонии хушунати оилавӣ чунин нуқтаи назарро баён намудааст.“Занон ҳамчун субъекти қурбонии хушунати оилавӣ нисбат ба дигар аъзои оила зиёдтаранд”. Инчунин ӯ қурбониёни мазкурро ба гурӯҳҳо аз рӯи синну солашон ҷудо намудааст, ки дар синну соли муайян зан хушунатро бо равиши хос баҳогузорӣ менамояд. “Қурбониёни хушунати оилавие, ки синнашон ба 30-45 расидааст, онҳо ҳамчун қоида алакай мудати дароз бо ҷинояткор оилаи худро ташкил додаанд ва соҳиби фарзанданд. Чунин занон кирдорҳои ғайриҳуқуқии нисбаташон содиршударо аз ҷониби тарафи муқобил бо сабабҳои гуногун таҳаммул менамоянд ва бо равиши вақт ба қурбонии доимии хушунати оилавӣ табдил ёфтаанд. Нисбат ба оилаҳое, ки дар муҳлати тӯлонӣ бо ҳам зиндагонӣ менамоянд, дар оилаҳои навташкилшуда хушунати хонаводагӣ кам ба назар мерасад. Зеро дар марҳилаҳои аввали оиладорӣ, агар зӯроварӣ бо зуҳуроти равшани он аён гардад, занон бе ягон тарсу ҳарос ва бо боварии қатъӣ ақди никоҳашонро, дар аксарияти ҳолатҳо бекор менамоянд” [10, с. 97]. Гуфтаҳои дар боло овардашуда дурустанд, аммо ба “менталитети” мардуми Тоҷикистон ва як қатор давлатҳои дигар ба монанди Афғонистон, Эрон ва баъзеи дигар давлатҳо рост намеоянд. Чунки дар фаҳмиши аксарияти аҳолии давлатҳои номбурда ба тарзи автоматӣ нақш бастааст, мавқеи “дуюмдарача” доштани зан дар оила. Аксарияти занон низ барои зарараи ҷисмонӣ ва ё рӯҳие, ки аз ҷониби шавҳаронашон ба онҳо расонида шудааст, талабгори ба ҷавобгари кашидан нестанд.Чунин занон асосан нафароне мебошанд, ки аз хурдӣ дар муҳити холӣ набуда аз хушунат ба воя расидаанд ва аллакай ба “қурбонӣ” табдил ёфтаанд.

Гурӯҳи дигари субъектоне, ки ба онҳо зарар расонида мешавад, ин фарзандони оила мебошанд. Шахсоне, ки дар муҳити пурхушунати оилавӣ ба воя мерасанд, аксарият кирдорҳои пастзанандаи шаъну шараф ва ҳуқуқпоймолкунандаро дар оянда нисбаташон қабул намуда, чунин рафторҳоро дуруст мешуморанд.

Мардон низ ба ҳайси қурбонии хушунати оилавӣ баромад карда метавонанд. Ба онҳо асосан аз тариқи хушунати рӯҳӣ осеб расонида мешавад ва ҷиноятҳои содирнамудаи онҳо низ дар баъзе ҳолатҳо хусусияти виктимологиро доро ҳастанд. Масалан, Аз ҷониби шавҳар ҳангоми аниқ намудани хиёнати ҳамсараш нисбати ӯ, содир намудани одамкушӣ. Гарчанде, ки нисбати одамкушӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, аммо барои содирнамоии кирдори зиддиахлоқӣ, яъне хиёнат ягон намуди ҷавобгарӣ пешниҳод нашуда бошад, ҳам, дар ҳолати ошкорнамоии кирдори номбурда ба шахс зарари вазнини рӯҳӣ расонида мешавад. Аз ҳамин сабаб пешниҳод менамоем, ки нисбати кирдори зидиахлоқии мазкур ҷавобгарӣ муқарар карда шавад. Зеро чунин кирдор асос шуда метавонад барои пайдошавии хушунат дар муҳити оилавӣ ва ё пароканда шудани оила, ки як ҷузъи асосии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ҳангоми пароканда шудани оила зарари он метавонад, ки ҳам ба фарзандон ва ҳам ба дигар нафарони наздики шахсони кирдори мазкурро содирнамуда расад.

Узви дигари оиларо, ки пиронсолон ташкил медиҳанд, хушбахтона дар ҷомеаи сунаттии тоҷикон кам бо хушунати оилавӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Зеро барои ҳар шахс дар ҷомеаи мо падару модар ҳурмату эҳтироми хосаро доро аст. Аммо набояд аз мадди назар дур кард, ҳолатеро, ки мо дар раванди ҷаҳонишавӣ қарор дорем ва ёфт мешаванд нафароне, ки шахсони синну сол рафтаи оиларо ба қурбонии худ табдил дода ба онҳо зарар (асосан зарари рӯҳӣ) мерасонанд.

Қурбониёни хушунати оилавӣ бо шахси ҷиноятсодиркунанда ва ё ҳуқуқвайронкунанда дар робитаи ногусастанӣ қарор доранд. Яъне, ҷиноятҳои характери виктимологидошта асосан бо иштироки ҳар ду тараф, ҳам ҷабрдида ва ҳам ҷинояткор пайдо мегарданд. Барои дастгирии нуқтаи назари мазкур мо метавонем, ки як қатор назарияҳоро пешниҳод намоем. Коппакова чунин қайд менамояд, “робитаи ногусастании қурбонӣ ва ҳуқуқвайронкунанда дар ҳолатҳои ҳама намуди муноқишаҳо ба назар мерасад, аммо ҷиноятҳои характери зӯроваридошта, ки дар оилаҳо содир мегарданд, доимо дар як вазъияте қарор доранд, ки

тарафҳо ҳолати мусбию манфии якдигариро хуб медонанд. Аз ҳамин сабаб онҳо (ҷинояткор ва қурбонии кирдори ӯ) метавонанд, ки ба ҳамдигар таъсири қавитар расонанд [1, с. 34]. Аз ҳамин ҷиҳат дар қонуншиканиҳои характери виктимологидошта аз ҳама ҳолати муҳим ошкорнамоии алоқаи гумонбаршуда бо қурбонӣ мебошад. Дар алоқа бо назарияи мазкур Л.В.Франк чунин гуфтаанд.”Ҷинояткор ва ҷабрдида дар марҳилаи муйяне бо ҳам дар алоқа буда, ба муддати тӯлонӣ ва ё кӯтоҳе дар ҳамкорӣ қарор доранд ва ҷабрдида дар кирдоре, ки зидди ӯ равона карда шудааст, саҳми назаррас мегузорад. Набояд аз хотир баровард, ки барои таҳқиқи ҷиноятҳои характери виктимологидошта, робитаи гумонбаршуда бо қурбонӣ аҳамияти хосса дорад. Аз қабили муносибати гумонбаршуда бо зан (шавҳар), фарзандон ва дигар хешовандони наздик[8, с.5].

Бо мақсади муайян намудани гурӯҳҳои алоҳидаи ҷиноятҳои хусусияти виктимологидошта гурӯҳбандии рафтори қурбониён ва намудҳои ҷудогона лозим меояд. Асосан дар илми криминологӣ ду намуди рафтори қурбониён фарқ карда мешавад. Қурбониёни устувор (аз шахс вобаста аст) ва қурбониёни ноустувор (аз вазъияти бавуқуъомада вобастагӣ доранд). Аммо назарияҳои илмӣ доир ба ин мавзӯъ гуногунанд. Яке аз онҳо Фатеев А.Л. мебошад, ки рафтори қурбониёни хушунати оилавиро ба фаол ва ғайрифаъол ҷудо намудааст[9, с. 153]. Котсюба В.А. бошад, қурбониёни виктимологии хушунати хонаводагиро ба қурбониёни такрорӣ (асосан занон), ҳангоми бо хушунат рӯ ба рӯ шудан онро таҳаммул менамоянд ва иҷоза медиҳанд, ки нисбаташон чунин кирдор боз татбиқ гардад. Қурбониёни инкишофёбанда. Яъне нафароне, ки муҳити пурхушунати оилавӣ алакай ба тарзи доимии зиндагии онҳо табдил ёфтааст ва бо гузашти муҳлати муайян намудҳои гуногуни хушунатро қурбонӣ таҳаммул менамояд[2, с. 75]. Ғайр аз назарияҳо овардашуда дигар олимон низ вобаста ба минтақаи зист ва дигар омилҳо навъҳои гуногуни қурбониёни виктимологии хушунати оилавиро ҷудо намудаанд. Аммо қайд намудан ба маврид аст, ки қурбониёни хушунати оилавӣ танҳо дар ду ҳолати асосӣ хусусияти виктимологиро соҳиб мегарданд. Якум, нафароне, ки ҳаракатҳояшон аз шахсияти онҳо вобастагӣ доранд. Дуюм, шахсоне, ки кирдорҳои онҳо дар натиҷаи расонидани таъсири муҳити атроф тағйир меёбанд. Яъне, ба муҳити атрофашон вобастаанд.

Чи тавре, ки зикр намудем дар ҷиноятҳои содиршуда дар оилаҳо ҳам гумонбар ва ҳам қурбонӣ бо ҳам алоқамандӣ дошта, ҳаракатҳои онҳо аз ҳамдигар вобастааст. Яке аз хусусияти асосии қурбониёни виктимологии хушунати оилавӣ дар он аст, ки кирдори содирнамудаи ҷинояткор бе амали қурбонӣ метавонист, ки содир карда нашавад ва объект ҳамеша шахси воқеъӣ мебошад.

Дар оилаҳои тоҷик, ки аъзои оилаҳои аксарияташон бисёрнафарӣ ҳастанд ва шароити хуби иқтисодиро доро нестанд, инчунин паст будани маърифати оиладории онҳо, ки сабаби асосиаш надоштани саводи кофӣ мебошад, ҷиноятҳои хусусияти виктимологидошта зиёдтар содир карда мешаванд. Аммо ин гуфтаҳо маънои онро надоранд, ки ҷиноятҳои хусусияти виктимологидошта, дар оилаҳои дорои шароити кофии иқтисодӣ рух доданашон ғайриимкон аст. Сабабҳои содирнамоии ҷиноятҳои хусусияти виктимологидошта ғайр аз шароити бади иқтисодӣ дар натиҷаи дигар омилҳо низ ба вуқуъ омаданашон мумкин аст. Аз қабили: майнӯшӣ ё истеъмоли дигар намудҳои маводҳои мадҳушкунанда, хиёнат, ба муҳлати тӯлонӣ паст задани ҳуқуқҳои тарафи муқобил, бесаводӣ, дар муҳити пурхушунат ба воя расидан ва ғайраҳо.

В связи с этим мы считаем значимым заявление А. Г. Лукашенко, Президента Беларуси: «Хотите жить безопасно - приезжайте» [16]. На реальной миграционной ситуации отражен принцип «порабощённые возвращаются к своим поработителям», который всё более активно вызывает тревогу, вызовы и угрозы в сфере миграции у руководства и граждан ряда европейских стран, включая применение элементов правового и силового административно-правового принуждения. Предлагаемый А.Г. Вишневским и др. интегрированный подход к иммигрирующим лицам, как «ключевой вызов для России в сфере миграции», по нашему мнению, представляется в концептуально-правовом дискурсе пока что не актуальным [1, с. 11, 17].

На самом деле, при всей важности «интеграционной компоненты», указанный ими подход соотносится: а) с мерами «по развитию постоянной миграции которые (Прим. авторов) все еще остаются на стадии обсуждения»; б) в связи «с массовой иммиграцией риски - социальных напряжений и конфликтов, разрушения культурной идентичности коренного населения и т.п.»; в) с рисками, что «вытекают не из каких-то врожденных качеств мигрантов, а из их недостаточной интегрированности в принимающее общество». Отсюда, главный вызов иммиграции для РФ составляет интеграция различных категорий мигрантов в российский социум.

Вместе с тем ориентиры на ограничения, что связаны с «интеграционной ёмкостью» российского социума, на расширение такой ёмкости указанных авторов как составляющей миграционной политики, представляются ответами РФ на вызовы и угрозы своей демографической безопасности [6, с. 293-297].

Интеграционный принцип французской миграционной политики со времени краха советского периода в отечественной истории, для должностных лиц в сфере политики, а также в формате государств-участников СНГ уже не актуальный. Данный принцип не отражён в правовых основах постсоветских государств, за исключением Союзного государства. Президенты РФ и Беларуси утвердили Концепцию миграционной политики, в которой указаны: а) обмен информацией о пребывании на территории Союзного государства граждан третьих стран; б) консолидация совместных усилий для противодействия нелегальной миграции; в) соглашение о взаимном признании визовых документов. Итак, отмечен прогресс для «создания единого миграционного и визового пространства», но требуется «учесть ...все риски безопасности» [10, с. 162-165; 17].

Детерминированность миграционной безопасности и демографической безопасности в системе государственной безопасности в наибольшей степени связывает их с областью экономической безопасности. Реализуемый в сфере миграции личностно-социально-деятельный подход обусловлен интересами личности (различных категорий мигрантов), социума (российского и таджикского) применительно к государственно-правовому регулированию процесса трудовой миграции (внешней и внутренней).

Государственно-правовая нормированность административно-правового принуждения в сфере

миграции в своей основе ориентирована на противодействие процессу нелегальной миграции преимущественно в аспектах иммиграционного контроля, миграционного учёта, регистрации и патентования иностранных граждан и апатридов на территории РФ и РТ.

**Список литературы:**

1. Вишневский А.Г., Зайончковская Ж.А., Денисенко М.Б., Мкртчян Н.В. Демографические вызовы России. Часть третья - миграция // Демоскоп Weekly. 2017. № 753-754. 19 с. [Электронный ресурс]. URL: http:// demoscope.ru/weekly/2017/0753/ tema01.php-10 (дата обращения: 2.12.2021).
2. Конституция РФ от 25 декабря 1993 г. [Электронный ресурс] URL: https:// rg.ru/2020/07/04/konstituciya-site-dok.html (дата обращения: 16.6.2021).
3. Нурадинов Ш.М., Самойлов В.Д., Селезнева К.В. Профессиональная подготовка кадров для сферы миграции: конституционно-правовые аспекты реализации государственной миграционной политики // Образование. Наука. Научные кадры. - 2020. - № 1. - С. 184-187.
4. Нурадинов Ш.М., Самойлов В.Д., Селезнева К.В. Государственная миграционная политика в контексте квантификации былого, настоящего и будущего // Образование. Наука. Научные кадры. - 2021. - № 1. - С. 75-79.
5. Огиенко А.С., Проскурякова Л.Б. Особенности административного принуждения в сфере миграции // Вестник Университета имени О.Е. Кутафина. - 2021. - № 6. - С. 101-108.
6. Самойлов, В.Д. Манифест Евразийского сотрудничества. В сборнике: Социальная безопасность в евразийском пространстве. Материалы III Всероссийской научной конференции с международным участием. Под ред. И.А. Грошевой. Москва, 2021. - С. 293-297.
7. Самойлов В.Д., Прудников А.С. Деятельность Федеральной миграционной службы: учебное пособие. М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2007. - 288 с.
8. Самойлов В.Д. Основы миграционного права: учебник. М.: АЭБ МВД России, 2009. - 384 с.
9. Самойлов В.Д., Селезнева К.В. О государственной миграционной политике // Вестник Московского университета МВД России. - 2020. - № 8.- С. 54-57.
10. Самойлов, В. Д., Соловьёва, М. Л. Институт российского гражданства как инструмент обеспечения безопасности государства (экспертно-аналитическая оценка) // Современная наука: актуальные проблемы теории и практики. Серия: Экономика и право. - 2018. - № 7. - С. 162-165.
11. Указ Президента РФ от 05 апреля 2016 г. № 156 (ред. от 15.05.2018) «О совершенствовании государственного управления в сфере контроля за оборотом наркотических средств, психотропных веществ и их прекурсоров и в сфере миграции». [Электронный ресурс]. URL: http://www. consultant.ru /document/cons_doc_LAW_196285/ (дата обращения: 18.6.2021).
12. Указ Президента РФ от 2 июля 2021 г. № 400 «О Стратегии национальной безопасности Российской Федерации» [Электронный ресурс]. URL: http:// www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW/(дата обращения: 18.7.2021).
13. Указ Президента РФ от 31 октября 2018 г. № 622 «О Концепции государственной миграционной политики Российской Федерации на 20192025 годы». [Электронный ресурс]. URL: http://www.kremlin.ru/ acts/bank/ 43709 (дата обращения: 4.12.2021).
14. План мероприятий по реализации в 2019-2021 гг. Концепции государственной миграционной политики Российской Федерации на 20192025 гг. (Распоряжение Правительства РФ от 22 февраля 2019 г. № 265-р).
15. URL:https://52.мвд.рф/ms/государственные-услуги-в-сфере-миграции/ (дата обращения: 11.11.2021).
16. URL:https://interaffairs.ru/news/show/32383?utm_source=yxnews&utm_mediu m =desktop (дата обращения: 10.11.2021).
17. [Электронный ресурс]. URL: https://tass.ru/politika/12846039?utm _source =yxnews&utm _ medium=desktop (дата обращения: 4.11.2021).
18. [Электронный ресурс]. URL:http://www.kremlin.ru/acts/bank/42280 (дата обращения: 4.12.2021).

**Аннотатсия**

**Маҷбуркунии маъмурӣ дар соҳаи муҳоҷират**

Мақола ба ҷанбаҳои маъмурӣ-ҳуқуқии раванди маҷбуркунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар соҳаи муҳоҷират бо мақсади такмил додани механизми давлатӣ-ҳуқуқии идоракунии равандҳои муҳоҷират чӣ дар қаламрави Федератсияи Россия ва чӣ дар ҳудуди кишварҳое, ки Федератсияи Россия бо онҳо

ҳамкории байналхақиро дар асоси принсипҳои шартномаҳо ва созишномаҳо оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандони Россия, инчунин шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд амалӣ менамояд.

**Аннотация**

**Административное принуждение в сфере миграции**

Содержание статьи ориентирует на административно-правовые аспекты процесса принуждения физических и юридических лиц в сфере миграции с целью совершенствования государственно-правового механизма управления миграционными процессами, как на территории Российской Федерации, так и на территориях стран, с которыми Российской Федерации осуществляет международное сотрудничество на принципах договоров и соглашений в отношении прав и свобод российских граждан, а также иностранных граждан и лиц без гражданства.

**Annotation**

**Administrative coercion in the field of migration**

The content of the article focuses on the administrative and legal aspects of the process of coercion of individuals and legal entities in the field of migration in order to improve the state-legal mechanism for managing migration processes, both on the territory of the Russian Federation and on the territories of countries with which the Russian Federation carries out international cooperation on the principles of treaties and agreements regarding the rights and freedoms of Russian citizens, as well as foreign citizens and stateless persons.

**МИНБАРИ ОЛИМОНИ ҶАВОН** **ТРИБУНА МОЛОДЫХ УЧЁНЫХ**



**УДК:** 349.3

**Алямова Меҳрангез Саидғониевна,**
*сармутахассиси шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: mehrangeza1985@mail.ru*
*Тел.: (+992) 907-74-77-00.*

# МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ РУШДИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ МАЪЮБОН

***Калидвожаҳо:*** *ҳифзи иҷтимоии маъюбон; ҳуқуқҳои маъюбон; кормандони маъюб; муносибатҳои маъюбон; таъмини шуғлмандии маъюбон, таъмини иҷтимоии маъюбон.*

***Ключевые слова:*** *социальная защита инвалидов; права инвалидов; работники инвалиды; трудовые отношения инвалидов; трудоустройство инвалидов; обеспечение занятости инвалидов.*

***Keyword:*** *social protection of the disabled; the rights of the disabled; disabled workers; labor relations of the disabled; disability work; provision of employment for the disabled.*

Қонунгузорӣ ба сифати яке аз унсурҳои асосии низоми ҳуқуқии давлат баромад намуда, ба вазъи кунунӣ ва самтҳои инкишофи он, рушди минбаъдаи давлат ва ҷомеа алоқамандии зич дорад. Рушди қонунгузорӣ ба омилҳои гуногун алоқаманд буда, яке аз ин гуна омилҳои асосӣ инкишофи муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар маҷмӯъ предмети танзими қонунгузорӣ баромад менамоянд [1, с.68].

Қонунгузорӣ як ниҳоди ичтимоӣ ва умумибашарии сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, василаи муассири танзими муносибатҳо мебошад. Устувории қонунгузорӣ, самаранокии ташаккул ва татбиқи он дар ниҳоят устувории тамоми низоми ҳуқуқии давлат, равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиву маънавиро дар ҷомеа муайян мекунад [2, с.24].

Рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соҳаҳои алоҳидаи ҷомеа аз таъмини ҳуқуқии саривақтӣ ва мукаммалии онҳо вобаста аст. Бинобар ин, зарур аст, ки қонунгузорӣ пайваста ва дар ҳамбастагӣ бо масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ такмил ёбад ва пеш равад [3, с.16]. Мусаллам аст, ки ҳар як соҳаи қонунгузорӣ вобаста ба замон ташаккулёбӣ ва давраҳои рушдро аз сар гузаронидааст. Дар робита ба ин метавон зикр кард, ки яке аз соҳаҳои инкишофёфтаи қонунгузорӣ ин қонунгузорӣ дар бахши ҳифзи иҷтимоии маъюбон ба шумор меравад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ва махсусан таҳқиқоти олимони ватанӣ қонунгузории миллӣ вобаста ба давраҳои рушд ба марҳилаҳо ҷудо карда шудааст. Масалан, М.З. Раҳимзода қайд мекунанд, ки ташаккул ва инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити таърихии махсуси кишвар ва дар зери таъсири сабабҳои субъективӣ ва объективӣ, инчунин шароити дохилӣ ва берунӣ давра ба давра ва бо суръат рушд ёфт. Бо назардошти ҷараёни рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар замони истиқлолият метавон ба давраҳои зерин ҷудо намуд:

1. 1991-1994.
2. 1994-2000.
3. 2000-то имрӯз [4, с.7].

Ҳарчанд таснифоти мазкур аз диди олими ватанӣ муайян гардидааст, аммо вобаста ба марҳилаҳои рушди қонунгузории ҳифзи иҷтимоии маъюбон мо таснифоти зеринро муайян намуда, марҳилаҳои онро чунин пешниҳод менамоем:

1. солҳои 1991-1994;
2. солҳои 1994-2010;
3. солҳои 2010 то имрӯз.

Давраҳои аввали инкишофи қонунгузории даврони соҳибистиқлолият аз замони эълон намудани истиқлолият 9 сентябри соли 1991 оғоз ёфта, то қабули аввалин Конститутсияи давлати навини тоҷикон ба анҷом мерасад. То давраи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҳифзи ичтимоии маъюбон сарфи назар нагардида, балки бо қонуни махсус танзим гардида буд. Ҳамин тавр аз 24 декабри соли 1991, №458 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [5] қабул карда шуд. Албатта, дар дебочаи Қонуни мазкур мақсади он дарҷ гардидааст, ки он сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро нисбати маъюбон ба мақсади таъмини ҳимояи иҷтимоии онҳо, барои онҳо фароҳам овардани имкониятҳои баробар бо дигар шаҳрвандони Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар бобати амалӣ гардондани ҳуқуқу озодиашон, аз байн бурдани маҳдудияти фаъолияти зиндагиашон, муҳайё намудани шароити мусоид барои иштироки фаъолонаи маъюбон дар ҳаёти иқтисодӣ ва сиёсии ҷамъият, инчунин иҷрои уҳдадориҳои шаҳрвандиашон муайян мекунад.

Мавриди зикр аст, ки дар ин қонун ҳанӯз масъалаи ҳимояи иҷтимоии маъюбон танзим шуда, дар м. 3 Қонуни мазкур бо мазмуни зерин дарҷ гардидааст: "Ҷумҳурӣ ҳимояи иҷтимоии маъюбонро таъмин намуда, ба онҳо барои рушди инфиродӣ, амалӣ намудани имконияту қобилиятҳои эҷодию истеҳсолӣ бо назардошти талаботи маъюбон дар барномаҳои дахлдори давлатӣ, расонидани кумаки иҷтимоӣ дар шаклҳои пешбининамудаи қонун бо мақсади рафъи монеаҳо дар татбиқи ҳуқуқи ҳифзи сиҳат, меҳнат, маълумот ва омодагии касбӣ, манзил ва дигар ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии маъюбон шароити зарурӣ фароҳам меорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маъюбон барои амалӣ намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонуниашон кафолатҳои иловагӣи муқаррар намуда, дар ҳаққи кӯдакони маъюб ғамхории махсус зоҳир мекунад".

Тавре мушоҳида мегардад, ҳанӯз дар давраи ибтидоии қонунгузории кишвар, давлат ба масъалаи ҳимояи иҷтимоии маъюбон диққат дода, ҳуқуқи онҳоро ба саломатӣ, меҳнат, маълумот ва омодагии касбӣ, ҳуқуқ ба манзил ва дигар ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии онҳоро кафолат медиҳад. Дар баробари ин давлат ғамхории неки худро дар ҳаққи кӯдакони маъюб низ амалӣ менамояд.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқие қабул шудаанд, ки муносибатҳои амалӣ намудани ҳуқуқи маъюбонро дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа ва умуман асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилии таъминоти ҳифзи иҷтимоии маъюбонро муайян менамоянд. Таҳқиқи масъалаҳои марбут ба қонунгузории «маъюбон», «маъюбӣ» ва «ҳифзи иҷтимоии маъюбон», «таҳсилоти маъюбон», «ба кортаъминкунии маъюбон», таваҷҷуҳи бештари олимон, мутахассисон ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин қонунгузории кишварҳои мухталифро ба худ ҷалб намудааст.

Дар ибтидои ҳама гуна тағйироти қонунгузорӣ он бо мушкилот дучор мегардад. Яке аз мушкилоти хоси марҳилаи ташаккули ин раванд фаҳмиши мафҳуми маъюбон мебошад. Ҳамин тавр, дар қонунгузорӣ, адабиётҳои таълимӣ ва илмӣ, инчунин дар назария одатан мафҳумҳои «шахсони дорои эҳтиёҷоти махсус», «шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд», кам мушоҳида карда шуда, бештар калимаҳои «маъюб», «маъюбон» ва «ҳифзи иҷтимоии маъюбон» истифода карда мешаванд. Хуб мебуд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонист маъюбро ҳамчун як шахси комил барои ҷомеа муаррифӣ намояд.

Истилоҳи «маъюбон» танҳо дар солҳои 70-уми асри 20, пас аз қабули Эъломияи ҳуқуқи маъюбон (1975) аз ҷониби Ассамблеяи Генералии Созмони Миллали Муттаҳид ба ҳамагон пешкаш гардид. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаҳмиши истилоҳи «маъюбон» бори аввал дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 24 декабри соли 1991, №458 «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» сабт шудааст. Мутобиқи Қонуни мазкур шахсе, ки дар натиҷаи ҷисман ё ақлан ноқис будан, фаъолияти ҳаётиаш маҳдуд мебошад ва ба кумаки иҷтимоӣ ва ҳимоя муҳтоҷ аст, маюб дониста мешавад. Маҳдудияти фаъолияти ҳаётии шахс дар пурра ё қисман гум кардани қобилият ё имконияти иҷрои худхизматрасонӣ, ҳаракат, таваҷҷуҳ, муомила, назорат ба рафтори худ, инчунин машғул шудани ӯ бо фаъолияти меҳнатӣ зоҳир мегардад. Шахс мувофиқи тартиби муқарраршуда аз тарафи мақомоти давлатии ба ин кор ваколатдор маъюб дониста мешавад.

Ҳамин тавр марҳилаи дуюми инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи ҳимояи иҷтимоии маъюбон ба қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон рабт медиҳем. Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 танзим ва такмили муносибатҳои нави ҷамъиятиро ба миён оварда, марҳилаи навро дар таҳия, такмил ва қабули қонунҳо оғоз намуд. Конститутсия давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва ягонаву иҷтимоӣ будани Тоҷикистонро эътироф намуда, дар қатори дигар масъалаҳо ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрвандро муқаррар намуд.

Пас, ба хулосае омадан мумкин аст, ки сарчашмаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон ин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Мутобиқи моддаи 34 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон "... давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маъюб ва ба таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ менамояд" инчунин ҳуқуқ ба ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар моддаи 39 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, ки "Ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини иҷтимоӣ дорад". Муқаррароти пешбининамудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми масъалаҳои тақвият бахшидани ҳуқуқҳои шахсони дорои имконияти маҳдуддоштаро таъмин менамояд.

Дар худи ҳамин марҳилаи дуюми рушди қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон, пас аз қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон боз як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ ба монанди: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар хусуси лоиҳаҳои қарорҳои Маҷлиси Олии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; дар бораи даровардани тағйирот ба қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 1991, №459 «Дар хусуси ҷорӣ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси даровардани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 1991 «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъсиси санатория-профилактория барои маъбон, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда дар заминаи чашмаи оби гарми «Ямчун»; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба «Дар бораи масъалаҳои аз ҷониби корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо ҷуброн гардидани зараре, ки ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ дар шакли маъюбӣ, бемории касбӣ ё осеб дидани саломатӣ ба кормандон расонида шудааст, ки бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 1994, №134 тасдиқ шудааст; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар хусуси тадбирҳои татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2002, №879 «Дар бораи чораҳои иловагии беҳтар намудани шароити моддии иштирокчиёну маъбони Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 ва ҳамсарони бесаробонмондаи ҷанговарони дар ин ҷанг ҳалокгардида» ва ғ. Инчунин дар ин марҳила ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи иҷтимоии маъбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чор маротиба (солҳои 1995, 2004, 2005 ва 2008) тағйиру иловаҳои дахлдор ворид гардид.

Марҳилаи сеюми инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳимояи иҷтимоии маъбон ба давраи аз ҷониби Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расонидани Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» аз 29 декабри соли 2010, №675 [6] дар таҳрири нав рост меояд. Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба ташхиси тиббӣ, масоили тавонбахшӣ ва воситаҳои техникии он, ёрии тиббӣ, табобати санаторию осоишгоҳӣ, таҳсил ва касбомӯзӣ, таъмини шуғлмандӣ ва муносибатҳои меҳнатӣ, имтиёзҳо барои маъбон ва дигар масъалаҳои марбут ба маъюбонро ба танзим медарорад. Бо ҳамин дар қаламрави ҷумҳурӣ марҳилаи нави рушди муносибат оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои маъюбон ҳам аз ҷониби давлат ва ҳам аз ҷониби ҷомеаи шаҳрвандӣ муайян карда шуд. Ин марҳила муносибатҳоро ба маъюбон ҳамчун аъзои комилҳуқуқ ва баробар дар ҷомеа, ҳамгироии онҳо дар ҳаёти имрӯза дар ҳама сатҳи зиндагӣ пешбинӣ менамояд. Инчунин қайд кардан ба маврид аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибати одамон нисбати маъюбон дар даҳсолаҳои охир хеле дигаргун шудаанд, аз шинохти маъюбон ба ҳайси мафҳуми хайргиранда, гирандаи хизматрасонии тиббӣ ва кумакпулиҳо то қабули онҳо ҳамчун шаҳрванди комилҳуқуқ шинохта шудааст.

Раванди ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар кишвар ба таҳсил ҳамчун яке аз шартҳои асосии ташаккули имкониятҳои воқеии маъюбон барои мустақилият худшиносии миллиро шинохтан ба соҳаи иҷтимоёт ва дигар соҳаҳо равона карда шудааст. Маъюбони гурӯҳҳои I ва II, ки ба онҳо аз рӯи хулосаи ташхиси тиббию иҷтимоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ таҳсил намудан манъ карда нашудааст, ба муассисаҳои мазкур бидуни озмун бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд, ки идомаи тадбирҳои Ҳукумати мамлакат дар самти дастгирии давлатии соҳибкасб шудани маъюбон мебошад. Тайёрии касбӣ ва таҳсилоти касбии маъюбон дар муассисаҳои махсуси таълимии касбии маъюбон мутобиқи стандартҳои давлатии таълимӣ, дар асоси барномаҳои таълимие, ки барои омӯзонидани маъюбон мувофиқ гардонида шудаанд, сурат мегирад. Қоидаҳои қабули маъюбон ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ ва тартиби маблағгузории онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 6 марти соли 2013, №1095 низ ҳифзи иҷтимоии маъюбонро ба танзим медарорад. Қонуни мазкур дар банди 7 моддаи 6 чунин муқаррар менамояд, ки давлат таъминот ва хароҷоти таълиму тарбияи кӯдакони ятиму бепарастор, кӯдакони дорои имконияти маҳдуд, «маъюбон» ва дигар шахсонеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, дар муассисаҳои таълимии давлатӣ аз ҳисоби маблағи буҷетӣ кафолат дода, пас аз хатми муассисаҳои таълимӣ онҳоро бо ҷои кор таъмин менамояд. Дар баробари ин банди 7 моддаи 45 ҳамин қонун муқаррар менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон стипендия ба донишҷӯёни ятиму бепарастор, маъюбони гурӯҳҳои I ва II стипендияи давлатии академӣ таъсис шуда, нообаста ба натиҷаи таҳсил ба онҳо пардохт карда мешавад. [5].

Мутобиқи моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» аз 29 декабри соли 2010, № 675 таҳсилоти касбии маъюбон (таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии касбӣ) дар муассисаҳои таълимии умумӣ амалӣ гардонида мешавад. Барои маъюбоне, ки ба шароити махсуси таҳсилоти касбӣ эҳтиёҷ доранд, муассисаҳои махсуси таълимии касбии шаклу намудҳои гуногун ё дар муассисаҳои умумии таълимии касбӣ шароити мувофиқ фароҳам оварда мешавад.

Бояд зикр кард, ки бисёр муаллифони мақолаҳои илмӣ ва илмию амалӣ шарҳи бештари маъюбиро дар мақолаҳои худ гуногун истифода мебаранд. Дар робита ба ин Бобокалонов Ғ. М. дар мақолаи худ доир ба мавзӯи «Танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатии маъюбон дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ» ҳамчун мутахассиси таҷрибадори соҳаи меҳнат чунин пешниҳод менамоянд, ки мутобиқи моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2010, №675 «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои маъюбоне, ки кор мекунанд, аз ҷониби корфармоёни онҳо мутобиқ ба барномаи инфиродии тавонбахшии маъюбон шароити зарурии меҳнат фароҳам оварда шавад. Имтиёзҳои иловагии маъюбон вобаста ба давомнокии кӯтоҳи вақти корӣ, рухсатиҳои иловагӣ, инчунин дигар кафолатҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешаванд [7, с. 60-68].

Муқаррароти моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2010, №675 «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳуқуқҳои маъюбон дар муносибатҳои меҳнатӣ бахшида шуда, меъёрҳои он хусусияти ҳаволакунанда доранд, яъне амалӣ намудани ҳифзи меҳнати онҳоро ба силсилаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМ ҶТ) ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳавола мекунад.

Вобаста ба ин, чи тавре зикр гардид, дар силсилаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими муносибатҳои меҳнатии маъюбон қабл аз ҳама мавқеи асосиро КМ ҶТ, ки 23 июли соли 2016 қабул ва аз 30 июли соли 2016 мавриди амал қарор дода шудааст, ишғол менамояд.

Дар марҳилаи сеюм инчунин як қатор санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии муносибатҳои вобаста ба ҳаёти маъюбонро танзимкунанда қабул гардидааст. Ба зумраи санадҳои қонунгузорӣ дохил мешавад: Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» аз 16.04.2012, №826; «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ» аз 19.03.2013, №955; «Дар бораи маориф» аз 22.07.2013, №1004; «Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият» аз 26.07.2014, №1079; «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18.03.2015, №1196; «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ» аз 08.08.2015, №1225; «Дар бораи мурожиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» аз 23.07.2016, №1339; «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» аз 04.07.2020, №1694, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.07.2016, №1329, Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1413 ва ғ.

Дар баробари санадҳои қонунгузории дар боло ишорашуда, инчунин санадҳои меъёрии зерқонунии зерин қабул гардидаанд: Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои бо воситаҳои техникии тавонбахшӣ таъмин намудани маъюбон» аз 03.12.2011, №604; "Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои таъмин намудани маъюбон бо табобати санаторию курортӣ" аз 03.12.2011, №603; "Дар бораи Номгӯи нишондодҳои тиббие, ки ба кӯдакони маъюби то 18-сола ҳуқуқи гирифтани нафақаи иҷтимоӣ медиҳад" аз 02.10.2012, №543; "Дар бораи Номгӯи воситаҳои техникии тавонбахшӣ ва маҳсулоти махсуси истифодаи фардӣ барои маъбон, ки таҳвил ва воридоти онҳо аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷҳои гумрукӣ озод мебошад" аз 02.07.2013, №295; "Дар бораи Муассисаи давлатии "Маркази ташхиси тиббию иҷтимоии маъюбон" аз 31.12.2014, №812; "Дар бораи Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020" аз 28.10.2016, №455; "Дар бораи Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва амалинамоии Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон" аз 27.02.2020, №116; Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон" аз 02.02.2018, №1002 ва "Дар бораи зиёд намудани андозаи нафақаҳои гурӯҳҳои алоҳидаи нафақагирон, ки ба онҳо нафақа аз рӯи маъюбӣ таъин ва пардохт мегардад" аз 28.05.2021, №186 ва ғайра.

Бояд қайд кард, ки соли 2021 соли назаррас барои баланд бардоштани шароити иҷтимоии маюбон ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ бахри дар амал татбиқ намудани шароити иҷтимоии маюбон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26 январи соли 2021 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ироа намуданд [8]. Дар ин самт барои беҳтар намудани шароити иҷтимоии аҳолӣ аз

1-уми сентябри соли 2020 нафақаи гурӯҳи маъюбоне, ки ба нигоҳубин ниёз доранд, 50 фоиз зиёд карда шуд, барои тақвият бахшидани дастгирии иҷтимоии нафақахӯрону маъюбон, кӯдакони ятим ва оилаҳои камбизоат як қатор чораҳои судманд роҳандозӣ гардида, ба зиёда аз 700 ҳазор нафар сокинон аз гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа ба маблағи беш аз 250 миллион сомонӣ кумакҳои иловагии иҷтимоӣ пардохта шуданд.

Ҳукумати кишвар ба масъалаи ҳифзи саломатӣ ва нигоҳубини ятимону маъюбон ва пиронсолону бепарасторон мунтазам ғамхорӣ зоҳир карда, барои беҳтар сохтани шароити иҷтимоии онҳо тадбирҳои саривақтиро амалӣ менамояд. Бо мақсади идомаи тадбирҳои Ҳукумати мамлакат дар самти дастгирии давлатии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, дар паём пешниҳод гардид, ки аз 1–уми сентябри соли 2021 нафақаи маъюбон аз синни кӯдакӣ, ки дар асоси Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.06.1993, №796 ва «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» аз 12.01.2010, №595 таъйин шудааст, ба андозаи 20 фоиз зиёд карда мешавад. Инчунин нафақаи кӯдакони маъюби то 18 - сола, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» таъйин шудааст, ба андозаи 20 фоиз, инчунин, нафақаи маъюбони гурӯҳи якум, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» таъйин гардидааст, ба андозаи 50 фоиз баланд бардошта мешавад. Ин иқдоми нек ба шахсони маъюбиятдошта имкон медиҳад, ки шароити иҷтимоии қариб 100 ҳазор нафар шаҳрвандон аз гурӯҳҳои осебпазири зикршуда беҳтар гарданд. Дар ин замина, ба Ҳукумати мамлакат супориш дода шуд, ки барои бунёди се мактаб-интернати Президентӣ барои ятимони кулл дар вилоятҳои Хатлону Суғд ва шаҳри Душанбе чораҷӯӣ намояд. Вобаста ба ин, ба Ҳукумати мамлакат, Вазорати маориф ва илм, раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ супориш дода шуд, ки барои соҳибкасбу соҳибҳунар гардидани ҳар як ятими кулл, соҳиби ҷойи кор ва ба зиндагии мустақилона равона шудани онҳо тамоми тадбирҳои заруриро амалӣ намоянд.

Вобаста ба ин, “Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020” аз 28.10.2016, №455 ва “Сратегияи милллии солимии аҳолӣ барои солҳои 2010-2020” аз 02. 08. 2010, № 368 нишон медиҳад, ки таҳсилоти кӯдакон ва наврасони маъюб дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2011, №228 қабул гардида буд, ба охир расид ва пешниҳод карда мешавад, ки “Сратегияи милллии солимии аҳолӣ барои солҳои 2021 – 2026” ва “Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2021-2025” аз ҷониби мақомотҳои дахлдор таҳия карда шавад. Чунончи, барнома ва Стратегияи дар боло овардашуда баҳри таъмини татбиқи самаранок ва ноилшавӣ ба натиҷаҳои устувор бо истифода аз муносибати мукаммал барои ҳалли мушкилиҳои маъюбон дар соҳаҳои тандурустӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, инчунин соҳаи меҳнат, таъмини кадрии ин соҳаи вобаста ба корбарӣ бо маъюбон дар муқоиса бо ин самтҳо дар барнома ва стратегияи дар боло зикргардида маълумотҳо хеле кам ба назар мерасанд.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Сулаймонов Ф. С. Рушди қонунгузории граждании дар замони муосир // Раванди қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва мушкилиҳо – Душанбе, 2020 – 164 с.
2. Неъматов А. Р. Устуворӣ ва динамизми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили самаранокии фаъолияти татбиқи ҳуқуқ // Раванди қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва мушкилиҳо – Душанбе, 2020 – 164 с.
3. Ализода З. Баъзе масъалаҳои рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ҳозира // «Қонунгузорӣ» №1 (37), 2020 январ-март. – С. 16.
4. Раҳимзода М.З. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият: инкишоф ва проблемаҳо // Ҳуқуқи Тоҷикистони муосир / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор М.З. Раҳимзода. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015, - 528 с.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 24 декабри соли 1991, №458 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 17.06.2021).
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» аз 29 декабри соли 2010, №675 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.06.2021).

7. Бобокалонов Ғ. М. «Танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатии маъюбон дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ» // Маҷаллаи «Қонунгузорӣ» июл – сентябри соли 2020, № 3 (39), - 164 с.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ш. Душанбе аз 26 январи соли 2021 Нашриёти «Шарқи Озод».

**Аннотатсия**
**Масъалаҳои ҳуқуқии рушди қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон**
Дар мақолаи мазкур масъалаҳои рушди қонунгузорӣ марбут ба ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, то дар асоси таснифбандии рушди қонунгузории кишвар аз рӯи пешниҳоди олимони ватанӣ, қонунгузории соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбонро таҳлил намуда, вобаста ба танзими масъалаҳои алоҳидаи фаъолияти ҳаётии маъюбон маълумоте манзур намояд.

**Аннотация**
**Правовые вопросы развития законодательства в сфере социальной защиты инвалидов**
В статье анализируется и обсуждается развитие законодательства, связанного с социальной защитой лиц с ограниченными возможностями в Республике Таджикистан. Автор попытался анализировать законодательство в области социальной защиты инвалидов на основе разработанной классификации законодательства страны на основе предложений отечественных ученых, а также предоставить информацию о регулировании отдельных вопросов жизни инвалидов.

**Annotation**
**Legal issues of the development of legislation in the field of social protection of disabled people**
The article analyzes and discusses the development of legislation related to social protection of persons with disabilities in the Republic of Tajikistan. The author tried to analyze the legislation in the field of social protection of persons with disabilities on the basis of the developed classification of the country's legislation on the basis of proposals of domestic scientists, as well as provide information on the regulation of individual issues of disabled people.



**УДК:** 349.2
**Асозода Фарзона Ҳоҷибек,**
*мутахассиси пешбари шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: asoyeva98@bk.ru*
*Тел.: (+992) 988-09-12-98.*

# БАЪЗЕ АЗ МАСЪАЛАҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ИНТИЗОМИ МЕҲНАТ

***Калидвожаҳо:*** *интизоми меҳнат; қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ; чораҳои ҳавасмандгардонӣ, муҷозоти интизомӣ, масъулияти моддии корманд.*
***Ключевые слова:*** *дисциплина труда; правила внутреннего трудового распорядка; меры поощрения; дисциплинарная ответственность; материальная ответственность работника.*
***Keywords:*** *labor discipline; internal labor regulations; incentive measures; disciplinary responsibility; material responsibility of the employee.*

Барои фаъолияти бомуваффақи мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияташон, на танҳо банақшагирии ҳамаҷониба, технологияҳои муосир, раванди муқарраршудаи истеҳсолӣ, балки интизоми меҳнат низ нақши муҳимро доро мебошад. Мазмуни мафҳуми интизоми меҳнат дар зери таъсири омилҳои зерин ташаккул меёбад: навъи муносибатҳои истеҳсолӣ, ки ба як форматсияи муайяни иҷтимоию иқтисодӣ мувофиқанд; сатҳи рушди воситаҳои истеҳсолот, сатҳи рушди фарҳанги тахассусии иштирокчиёни муносибати меҳнат, шуури онҳо, усулҳои таъмини интизоми меҳнат [1].

Масъалаҳои танзими ҳуқуқии интизоми меҳнат дар фаъолияти илмии олимони ватанӣ, ба монанди Шонасридинов Н., Бобокалонов Ғ.М., Ғуломов Б., Каримов А.Қ., Ризоева С.К., Фархуддинов Ҷ.И. ва олимони бурунмарзӣ, аз ҷумла Л.С. Тал, А.В. Дворетский, А.О. Гаврилова, А.А. Белинин, Г.Н. Обухова мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, нисбати он фикру ақидаи мухталиф ҷой доранд.

Ба андешаи Ғуломов Б. интизоми меҳнат гуфта, низоми муайяни рафтори иштирокчиёни муносибатҳои меҳнатиро меноманд, ки дар корхонаҳо, муассиса ва ташкилотҳо тавассути фароҳам овардани шароитҳои зарурии ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, усулҳои муттаҳид сохтан, ҳамчунин ҳавасандгардонии моддӣ ва маънавӣ таъмин мегардад [2, с.117].

Мафҳуми интизоми меҳнат аз ҷониби С.К. Ризоева дар шакли зайл пешниҳод гардидааст: «Интизоми меҳнатӣ ин тартиботи қатъии рафтори иштирокчиёни раванди меҳнатист, ки барои ҳаргуна фаъолияти (корӣ) якҷоя ва ҳаргуна ҳайати дастаҷамъии (коллективӣ) коргарӣ зарур мебошад» [3].

Дар зери интизоми меҳнат Л.С. Тал маҷмӯи қоидаҳои рафтореро мефаҳмад, ки талаби иҷрои он аз ҷониби шахсони ба таври доимӣ ва ё муваққатӣ ба ҳайати ташкилот дохилбуда бо мақсади таъмини тартибот ва барои фаъолияти бемонеаи ташкилот муқаррар карда шудааст [4, с.315].

Муҳаққиқи дигар Н.Г. Александров интизоми меҳнатро ҳамчун алоқаи ҷамъиятӣ миёни кормандон, ки шартан аз ҷониби роҳбарият (корфармо) муқаррар карда шуда, вобаста ба иҷрои функсияҳои махсуси онҳо зери назорат гирифта мешаванд, пешниҳод менамоянд [5, с.159].

Мафҳуми расмии интизоми меҳнат дар сархати бисту якуми моддаи 1 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМ ҶТ) ба таври зайл пешбинӣ шудааст: “интизоми меҳнат – риояи талаботи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилии ташкилот” [6].

Интизоми меҳнат ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ дар қонунгузорӣ оид ба меҳнат ва адабиёти ҳуқуқӣ дар се ҷанбаи асосӣ баррасӣ карда мешавад:

1) ҳамчун институти ҳуқуқи меҳнат, яъне, маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие, ки тартиби дохилии меҳнатро муқаррар намуда, уҳдадориҳои меҳнатии кормандон ва корфармо, ҳавасмандгардониро барои муваффақият дар кор ва масъулиятро барои иҷро накардани ин уҳдадориҳо муайян мекунанд;

2) ҳамчун унсури муносибатҳои меҳнатӣ, яъне, уҳдадории ҳар як корманд ҷиҳати риояи қоидаҳои дохилии меҳнат дар асоси шартномаи меҳнатии басташуда;

3) ҳамчун рафтори воқеии корманд, яъне сатҳи риояи меъёрҳои интизоми меҳнатии кормандон.

Интизоми меҳнат шарти (унсури) муҳими ҳама гуна меҳнати дастаҷамъӣ новобаста аз соҳаи

иқтисодиёт, шакли ташкилию ҳуқуқии ташкилот ва муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии ҷамъият ба ҳисоб меравад.

Дар ташаккули корманди бомасъулият ва корфармои бовиҷдон маҳакҳои ахлоқӣ ва принсипҳои рафтори аъзои коллективи меҳнат нақши муҳим доранд, ки онон ба тарбия ва шаклгирии арзишҳои ахлоқӣ, муносибати софдилона ба кор ва такмили сатҳи касбияти кормандон мусоидат мекунанд.

Риояи талаботи интизоми меҳнат кафолати устувории фаъолияти истеҳсолӣ ва иқтисодии корфармо ва таъмини коргарон бо кори бехатар ва даромади доимӣ мебошад.

Имрӯз сатҳи некӯаҳволии моддии одамон ва ҳалли бисёр масъалаҳои иҷтимоии кишвар аз интизом ва ташкили кор вобаста аст. Азбаски интизоми меҳнат зарурати объективист, он дар шакли уҳдадории одамон оид ба риояи қоидаҳои рафтори дар корхона, муассиса, ташкилот муқарраршуда амал мекунад. Ба кормандон тарбия намудани муносибат ба меҳнат, инчунин, омӯзонидани истифодаи пурраи дониш ва қобилият аз ҷониби онҳо дар ҷараёни фаъолияташон як раванди тӯлонӣ ва мураккаб аст, ки на танҳо иштироки фаъолонаи коллективҳои меҳнатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, балки таъсиррасонии ҳуқуқиро низ талаб мекунад. Вазифаҳои кормандону корфармо, ки дар раванди истеҳсолот иштирок мекунанд, мазмуни хоси меҳнатро ташкил медиҳанд [1].

Олимони рус В.М. Лебедова ва А.А. Белинин дар асоси омӯзишу таҳлили мафҳумҳои дар илми ҳуқуқи меҳнатӣ пешниҳодшуда, чунин сохторҳои асосии интизоми меҳнатро ҷудо намудаанд:

- низоми меъёрҳои муқарраршудаи тартиботи дохилии меҳнатии ташкилот;
- рафтори воқеии субъектон;
- уҳдадории риояи меъерҳои дар ташкилот амалкунанда;
- мусоидат (таъмин) намудан ба риояи тартиботи дохилии меҳнатӣ [5, с.105].

Унсурҳои мазкур дар алоқамандии якдигар қарор дошта, чун як низоми том амал мекунанд. Барои ба таври дахлдор амал кардани ин механизм, аз ҷониби роҳбари ташкилот бояд чора ва воситаҳои ҳуқуқии муайян амалӣ карда шаванд. Чунин чораву воситаҳои таъмин намудани иҷрои интизоми меҳнат дар м.60 КМ ҶТ пешбинӣ карда шудаанд. Мувофиқи он корфармо бояд қоидаҳои тартиботи дохилиро коркард ва тасдиқ намояд, кормандро бо қоидаҳои мазкур шинос намуда, мунтазам иҷрои онҳро санҷиш ва барои иҷроиши он шароит фароҳам оварад.

Интизоми меҳнат дар қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнат муқаррар карда мешавад. Қоидаҳои мазкур санади меъёрии дохилӣ (локалӣ) маҳсуб меёбанд. Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ ҳамчун санади меъёрии дохилӣ аз ҷониби корфармо дар мувофиқа бо кумитаи иттифоқи касабаи кормандон ё дигар мақомоти намояндагии дахлдори кормандони ташкилот қабул мешаванд. Қоидаҳои мазкур аз муқаррароти умумӣ; тартиби ба кор қабул намудан; вазиаҳои асосии корфармо; вақти кор ва истифодаи он; ҳавасмандгардонӣ барои дастовардҳои меҳнатӣ; муҷозот барои вайрон намудани интизоми меҳнат.

Барои омӯзишу таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ ва амалии усулҳои таъмини интизоми меҳнат муайян кардани моҳият ва усулҳои таъмини интизоми меҳнат, ки ба кадом омилу шартҳо вобаста будани вазъи интизоми меҳнатро дар корхонаҳо ва ташкилотҳо ифода мекунад; мафҳуми усулҳои ҳуқуқии таъмини интизоми меҳнат, таснифи онҳо; ошкор кардани мафҳум ва намудҳои ҳавасмандгардонӣ дар қонунгузории меҳнат; таҳлили тартиби истифодаи ҳавасмандгардонӣ ва татбиқи ҷазои интизомӣ дар қонунгузории меҳнат лозим аст.

Ба чораҳои таъмини интизоми меҳнат чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва муҷозотӣ дохил карда мешаванд.

Корманд бояд қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ, қоидаҳои техникии муқарраршуда, талаботи ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ ва санитарияи истеҳсолӣ, амру дастурҳои корфарморо, ки аз вазифаҳои меҳнатии ӯ бармеоянд, риоя намояд, бо кофармо, бо аъзои коллективи меҳнатӣ, муштариёни ташкилот, дигар ашхосе, ки дар ҷараёни кор бо онҳо тамос мегирад, ғамхорона муносибат намояд.

Барои комёбиҳои кор, барои кори бардавому бенуқсон, навоварӣ дар меҳнат ва дигар дастовардҳои корӣ корфармо аз чунин тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ истифода мебарад:

1) эълони раҳматнома;
2) додани мукофот;
3) мукофотонидан бо туҳфаи пурқимат;
4) сарфароз гардонидан бо ифтихорнома;
5) навиштани ном дар лавҳаи ифтихорӣ, дар дафтари ифтихорӣ.

Бо қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ ҳамчунин дигар навъҳои ҳавасмандгардонӣ пешбинӣ шуда метавонанд.

Қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ, шартномаҳои коллективӣ, оиннома ва низомномаҳо оид ба интизоми меҳнат, дигар намудҳои ҳавасмандгардонӣ, инчунин тартиби татбиқи

онҳоро муайян менамоянд. Барои хизмати шоиста дар назди ҷамъият ва давлат, кормандон ба дарёфти мукофотҳои давлатӣ пешниҳодашон мумкин аст [10, с.200]. Тартиби пешниҳод ба мукофотҳои давлатиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 24.02.2017, №1378 [7] пешбинӣ менамояд.

Мавриди зикр аст, ки интизоми меҳнат вобаста аз соҳаи машғулият ба кор ва хусусиятҳои худ аз ҳам фарқ мекунанд. Дар соҳаҳое, ки вайрон намудани интизоми меҳнат боиси оқибатҳои боз ҳам вазнин ва ногувортар гаштанаш мумкин аст, нисбати баъзе гурӯҳи кормандон оинномa ё низомномаҳо оид ба интизоми меҳнат амал мекунанд. Қабули онҳо, аз ҷумла дар Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон (419), Кодекси андози ҶТ (91), Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (боби12), пешбинӣ шудааст [10, с.198].

Ҳангоми аз ҷониби корманд вайрон карда шудани интизоми меҳнат нисбати ӯ муҷозоти интизомӣ татбиқ карда мешавад, ки дар КМ ҶТ, қонунҳо, оинномаю низомнаҳои интизоми меҳнат пешбинӣ карда шудаанд. Муқаррароти КМ ҶТ хусусияти умумӣ дорад, аммо талаботи қонунҳои дахлдор ва низомномаҳо бошанд, танҳо нисбати категорияҳои муайяни кормандон татбиқ карда мешаванд.

Дар м.62 КМ ҶТ чунин намудҳои муҷозоти интизомӣ пешбинӣ шудааст: сарзаниш, танбеҳ, танбеҳи қатъӣ, қатъ намудани шартнома бо ташаббуси корфармо дар ҳолатҳои пешбининамудаи КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ин номгӯи муҷозотҳо хусусияти пӯшида дошта, чораҳои муҷозотии иловагӣ танҳо дар ҳолате таъин ва татбиқ карда мешаванд, ки агар дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё низомнома нисбати корманд ҷавобгарии интизомии махсус муқаррар шуда бошад. Ин муқаррарот дар қ.2 м.62 КМ ҶТ пешбинӣ карда шудааст, ки мувофиқи он барои категорияи алоҳидаи кормандон дар қонунҳо, оинномаву низомномаҳо дигар намудҳои ҷазои интизомӣ муқаррар карда шуданаш мумкин аст. Масалан, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматҳои давлатӣ» аз 02.04.2020, №1690 [8] иловатан ба номгӯи умумии муҷозотҳо, инчунин дигар намудҳои он, ба монанди то як сол мавқуф гузоштани додани рутбаи тахассусии ҳарбӣ, ба мансаби паст гузаронидан, аз мансаб озод кардан пешбинӣ карда шудаанд. Истифодаи чораҳои таъсиррасонии интизомие, ки бо Қонун, оиннома ё низомномаи интизомӣ пешбинӣ нашудаанд, манъ аст.

Вобаста ба тартиби татбиқи муҷозотҳо бояд қайд кард, ки татбиқи онҳо ин ҳуқуқи корфармо ба ҳисоб меравад, на уҳдадории ӯ. Чораҳои мазкур танҳо нисбат ба он кирдори интизомие, дар вақти кории худ корманд содир кардааст, татбиқ карда мешаванд.

Қабл аз истифодаи муҷозоти интизомӣ аз корманд бояд баёноти хаттӣ талаб карда шавад. Аз додани баёнот саркашӣ кардани корманд ба татбиқи муҷозот монеъ шуда наметавонад.

Муҷозоти интизомӣ бевосита баъди содири кирдори корманд, аммо на дертар аз як моҳи содири он, ба ғайр аз вақти беморӣ ё дар рухсатӣ будани ӯ татбиқ мегардад.

Муҷозот баъди шаш моҳи содири кирдори корманд ва аз рӯи натиҷаҳои тафтиш ё санҷиши фаъолияти молиявию хоҷагӣ на дертар аз ду соли баъди содири чунин кирдор татбиқ шуда наметавонад. Ба мухлатҳои зикршуда вақти тафтиши парвандаи ҷиноӣ дохил намешавад.

Ҳангоми татбиқи муҷозоти интизомӣ вазнинии кирдор, ҳолати содиршавии он, кору амали пешина ва рафтори корманд ба эътибор гирифта мешаванд.

Мухлати амали муҷозоти интизомӣ аз рӯи татбиқи он зиёда аз як сол буда наметавонад. Агар корманд дар ин муддат ба муҷозоти нави интизомӣ гирифтор нашавад, дар ин сурат ӯ шахсе ҳисобида мешавад, ки муҷозот нагирифтааст.

Корфармое, ки муҷозоти интизомиро татбиқ кардааст, ҳақ дорад бо ташаббуси худ, бо хоҳиши корманд бо тавсияи мақоми намояндагии дахлдори кормандони ташкилот ё роҳбари бевоситаи корманд муҷозотро пеш аз мухлати яксола беэътибор гардонад.

Дар таҷриба ҳангоми татбиқи муҷозотҳои интизомӣ як қатор мушкилиҳо ба назар мерасанд [9, с.185-189]. Ин мушкилиҳо асосан бо нодуруст тартиб додани ҳуҷҷатҳо, бо амалҳои нодурусти корфармо, ҷой надоштани муқаррароти аниқу саҳеҳ ҷиҳати тартиби ба ҷавобгарии интизомӣ кашидан дар қонунгузорӣ ва ғ. алоқаманд аст.

Яке аз масъалаи дигаре, ки бо интизоми меҳнат алоқаманд аст, ин масъалаи ҷавобгарии моддии корманд мебошад.

Масъулиятии моддии корманд гуфта, вазифаи ҳуқуқии онҳоро меноманд, ки дар қисман ё пурра талофӣ намудани зарари ба корфармо расонидаи онҳо ифодаи худро меёбад.

Тавассути масъулияти моддӣ зарари моддӣ пурра карда шуда, корманд дар рӯҳияи муносибати эҳтиёткорона ба амволи корфармо тарбия карда мешаванд ва музди кори онҳо аз ҳама гуна боздоштҳои беасос ва ғайриқонунӣ ҳифз карда мешаванд.

Масъулияти моддӣ ҷой доштани маҷмӯи чунин шартҳоро тақозо менамояд:

– ҷой доштани зарари бевоситаи ҳақиқӣ (воқеӣ);

– зиддиҳуқуқӣ будани кирдори корманд;

– робитаи бевоситаи байни чунин кирдор ва зарари ба вуҷуд омада;

– гуноҳи корманд дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ.

Ду намуди масъулияти моддии кормандон муқарар шудааст: масъулияти маҳдуд ва масъулияти пурра. Намуди асосии масъулияти моддиро масъулияти маҳдуд ташкил медиҳад, ки ба андозаи ҳаҷми зарари бевоситаи воқеӣ, лекин на зиёда аз музди якмоҳаи миёнаи меҳнати корманд баробар аст.

Корфармо бо назардошти ҳолатҳои мушаххасе, ки бар асари онҳо ба ӯ зиён расидааст, ҳамчунин бо назардошти аҳволи моддии корманд ҳақ дорад аз пурра ё қисман ситонидани товони зиён даст кашад.

Дар ташкилотҳои давлатӣ қарори мазкурро корфармо бо мувофиқаи мақоми дахлдори намояндагии кормандони ташкилот қабул мекунад ва товони зиён дар ин ҳолат аз ҳисоби маблағи ташкилот дода мешавад.

Ҳамин тавр, аҳамияти интизоми меҳнат ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ дар чунин шакл зоҳир мегардад:

- аввалан, барои ноил шудан ба натиҷаҳои баландсифати кори алоҳида мусоидат мекунад ва дар маҷмӯъ корманд дар тамоми намуди истеҳсолот, ҳамчун корманди масъулиятнок кор ва фаъолият мекунанд;

- дуввум, ба корманд имконият медиҳад, ки бо садоқати комил кор кунад, ташаббуси оқилона нишон диҳад ва навоварӣ дар меҳнат эҷод намояд;

- сеюм, самаранокии истеҳсолот ва ҳосилнокии меҳнати ҳар як кормандро зиёд мекунад;

Бо назардошти гуфтаҳои боло интизоми меҳнат ҳамчун рафтори ҳуқуқии ҳамаи иштирокчиёни муносибати меҳнатӣ дар доираи муносибатҳои ҳуқуқӣ бо корфармои мушаххас бо татбиқи ҳатмии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии рафтори ин иштирокчиён фаҳмида мешавад. Аҳамияти интизоми меҳнат хамчун принсип ва институти ҳуқуқи меҳнатӣ дар таъмини риояи интизоми меҳнат, ки аз чониби санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тартиботи дохилии меҳнатӣ ба танзим даровარда шудаанд, иҷро шудани уҳдадориҳои корманд дар давоми фаъолияти меҳнатиаш, татбиқи меъёрҳои ҳавасмандгардонӣ барои иҷрои саривақтии вазифаҳо дар кор, тартиби истифодаи онҳо, намудҳо ва чораҳои ҷавобгарӣ барои вайрон кардани интизоми меҳнат ва тартиби татбиқи онҳо зоҳир мегардад.

Қобили қайд аст, ки оид ба масъалаи интизоми меҳнат аз ҷониби олимони ватанӣ тадқиқотҳои илмӣ кам амалӣ карда шудааст. Бинобар ин хуб мешавад, ки дар ин самт корҳои илмӣ ва таҳқиқотҳои илмӣ аз ҷониби муҳаққиқони соҳа ҷиҳати такмили қонунгузорӣ амалӣ карда шавад.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Логинова Я. В. Правовые методы обеспечения дисциплины труда // Магистерская диссертация. – Барнаул., 2017 г.

2. Ғуломов Б. Ҳуқуқи меҳнатӣ (маводи таълимӣ). – Душанбе. 2006. - С. 117.

3. Каримов А.Қ., Ризоева С.К., Фархуддинов Ҷ.И. Ҳуқуқи меҳнатӣ (маводи таълимӣ). – Душанбе., 2018.

4. Л.С. Таль. Трудовой договор: цивилистическое исследование. Ч. 2. – Ярославль, 1918. – С. 315.

5. Александров Н. Г. Трудовое право: учебное пособие/ Александров, Н. Г. Муцинов, Г. В. - М.: Знание, 1967. – С. 159.

6. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.07.2016, №1329 [Манбаи электронӣ] Махзани иттилоотию ҳуқуқии «Адлия» (санаи муроҷиат 21.06.2021)

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 24.02.2017, №1378 [Манбаи электронӣ] Махзани иттилоотию ҳуқуқии «Адлия» (санаи муроҷиат 27.06.2021)

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматҳои давлатӣ» аз 02.04.2020, №1690 [Манбаи электронӣ] Махзани иттилоотию ҳуқуқии «Адлия» (санаи муроҷиат 27.06.2021)

9. Обухова Г.Н. Проблемы правового регулирования процедуры привлечения работника к дисциплинарной ответственности. Вестник Омского университета. Серия «Право». 2012. № 3 (32). С. 185-189.

10. Шонасридинов Н., Бобокалонов Ғ. М. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри якум. // Муҳаррири масъул, номзади илмҳои ҳуқуқ. дотсент Н. Шонасридинов. - Душанбе. 2017. - 1120 с.

**Аннотатсия**

**Баъзе аз масъалаҳои танзими ҳуқуқии интизоми меҳнат**

Дар мақолаи мазкур баъзе аз масъалаҳои танзими ҳуқуқии интизоми меҳнат баррасӣ гардидааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки масъалаҳои интизоми меҳнатро бо истифода аз адабиётҳои ҳуқуқии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ таҳлил намояд. Ҳамзамон таклифоти худро низ оид ба масъалаи мазкур пешниҳод намудааст.

**Аннотация**

**Некоторые вопросы правового регулирования трудовой дисциплины**

В статье рассматриваются некоторые вопросы правового регулирования трудовой дисциплины. Автор попытался проанализировать вопросы трудовой дисциплины, используя юридическую литературу отечественных и зарубежных исследователей. В то же время он внес предложение по этому поводу.

**Annotation**

**Some issues of legal regulation of labor discipline**

The article discusses some issues of legal regulation of labor discipline. The author tried to analyze the issues of labor discipline using the legal literature of domestic and foreign researchers. At the same time, he made a proposal on this matter.

ГУНОГУН РАЗНОЕ



**УДК:** 347.73
**Гулаҳмадзода Зулфиқор Аҳмад,**
*унвонҷӯи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: zulfiqor1988@mail.ru*
*Тел.:(+992) 906-00-99-77.*

## ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚИИ СИСТЕМАИ АНДОЗ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *система; андоз; ҷавобгарӣ; назорати андоз; меъёри андоз; мақомоти андоз; муносибатҳои андоз.*

***Ключевые слова:*** *система; налог; ответственность; налоговый контроль; норма налога; налоговый орган; налоговые отношения.*

***Keywords:*** *system; tax; a responsibility; tax control; tax rate; tax authority; tax relations.*

Системаи андози Чумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол аз соли 1994 оғоз ёфт ва аввалин санаде, ки оид ба масъалаи мазкур қабул гардид Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи асосҳои системаи андоз» аз 20 июли соли 1994, № 977 мебошад. Қонуни мазкур принсипҳои умумии ташаккули системаи андозро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, номгӯи андозҳо, дигар пардохтҳо, супорандагони онҳо, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои андозсупорандагон ва мақомоти андозро муайян намуд. Дар асоси моддаҳои 19 ва 20 Қонуни мазкур 29 намуд андози ҷумҳуриявӣ ва 12 намуд андози маҳаллӣ амал мекард [1].

Бо қабули Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 ноябри соли 1998, № 664 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи асосҳои системаи андоз» аз эътибор соқит дониста шуд. Тибқи моддаи 2 Кодекси мазкур системаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи андозҳое, ки Кодекси мазкур пешбинӣ кардааст, принсипҳо, шакл ва усулҳои муқаррар намудан, тағйир додан ва бекор кардан, пардохт ва татбиқи чораҳои таъмини пардохти онҳо, инчунин шаклу усулҳои назорати андоз ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории андоз мебошад. Дар асоси моддаи 6 Кодекси андоз 15 андози умумидавлатӣ ва 3 андози маҳаллӣ муқаррар шуда буд[2].

Бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи қабул намудани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавриди амал қарор додани он" аз 3 декабри соли 2004, №61 аз 1 январи соли 2005 санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин беэътибор дониста шуданд: 1) Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 ноябри соли 1998; 2) Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 ноябри соли 1998 "Дар бораи тартиби мавриди амал қарор додани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон"; 3) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли 1999 "Дар бораи муқаррар намудани коэффисиентҳои индексатсияи меъёри андози замин"[3].

Дар муқаррароти моддаи 3 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004 системаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маҷмӯи дар ҳамин Кодекс пешбинишудаи андозҳо, принсипҳо, шаклу усулҳои муқаррар намудан, тағйир додан ва бекор кардан, пардохтан ва андешидани тадбирҳо ҷиҳати пардохти онҳо, инчунин шаклу усулҳои назорати андоз ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории андоз иборат аст, маънидод мегардид. Дар асоси моддаи 6 Кодекси андоз 17 андози умумидавлатӣ ва 4 андози маҳаллӣ муқаррар шуда буд [4].

Дар моддаҳои 4-5 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2012, № 901 муқаррар шуда буд, ки системаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи муносибатҳои андозии дар Кодекси мазкур пешбинишуда ва андешидани тадбирҳои таъмини пардохти андозҳо, инчунин сохтори ташкилии мақомоти андоз ва шаклҳои ташкилии онҳо, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои онҳо, шаклу усулҳои назорати андоз ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории андозро дар бар мегирад. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ӯҳдадоранд ҳамаи намуди андозҳоро, ки Кодекси мазкур муқаррар намудааст ва мутобиқи Кодекси мазкур нисбат ба онҳо андозсупоранда мебошанд, супоранд. Ба зиммаи шахс гузоштани ӯҳдадорӣ оид ба пардохт намудани андозҳои дар Кодекси мазкур пешбининашуда манъ аст. Андозе, ки мутобиқи Кодекси мазкур ҳисоб карда шудааст, аз ӯҳдадории пулӣ дар назди давлат иборат буда, бояд ба буҷети давлатӣ пардохт карда шавад. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳуқуқ доранд танҳо андозҳои маҳаллии муқарарнамудаи Кодекси мазкурро ҷорӣ намоянд. Дар асоси ин Кодекс андоз 8 андози

умумидавлатӣ ва 2 андози маҳаллӣ муқаррар шуда буд [5].

Дар замони муосир системаи андоз маҷмӯи андозҳо ва пардохтҳои дигар мебошад, ки бо тартиби муқарраршуда аз пардохткунандагон – шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии дар ҳудуди давлат қарордошта ситонида мешаванд. Системаи андози давлатро ба таври ҳаққонӣ усули асосии иқтисодии ҳамкории давлат ва субъектони хоҷагидор номидан мумкин аст, зеро маҳз ба воситаи системаи андоз давлат бо манфиатҳои тиҷоратии соҳибкорон, кормандони корхонаҳо, ташкилотҳо, сарфи назар аз сохтори идоравӣ ҳамкорӣ мекунад. Тавассути андоз муносибатҳои байни бахши хусусӣ, корхонаҳои ҳама шаклҳои моликият ва мақомоти давлатӣ дар сатҳҳои гуногун бавосита ва ҳатто аз бисёр ҷиҳатҳо муайян карда мешаванд. Мубрамияти кор ба пурзӯр шудани нақш ва аҳамияти системаи андоз ҳамчун танзимгари иқтисоди бозоргонӣ, инчунин воситаи ҳавасмандгардонӣ ва баланд бардоштани рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди ватанӣ вобаста аст.

Дар паёми худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ санаи 26-уми декабри соли 2019 таъкид намуда буданд, ки: "Ҳадафи мо аз такмили қонунгузорӣ, ки ба дастгирӣ ва рушди бахши хусусӣ, махсусан, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ равона гардидааст, ҷорӣ намудани низоми дақиқи андозбандӣ, содда гардонидани расмиёти иҷозатдиҳиву иҷозатномадиҳӣ ва кам кардани шумораи онҳо, ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ва роҳандозии чораҳои ҳавасмандгардонӣ мебошад. Ба Ҳукумат ва парламенти кишвар зарур аст, ки ҳангоми баррасӣ ва такмили қонунгузорӣ, махсусан, зимни таҳияи Кодекси андоз дар таҳрири нав ба ин масъалаҳо диққати аввалиндараҷа диҳанд"[6].

Дар заминаи дастури Пешвои миллат лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав таҳия гардида, санаи 3 ноябри соли 2021 аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи навбатии иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум қабул гардид. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 қисм, 15 фасл, 57 боб ва 399 модда иборат буда, дар он ҷиҳати мукаммал гардонии маъмурикунонии андоз принсипҳои андозбандӣ, субъектҳои муносибати андозӣ, танзими канорагирӣ аз андозбандӣ ва пешгирии саркашӣ аз пардохти андоз, мониторинги андоз, машваратдиҳӣ оид ба масъалаҳои андоз, хусусияти андозбандии даромади бахшҳои алоҳида, нархгузории трансфертӣ, бобҳо ва моддаҳои алоҳида пешбинӣ шудаанд. Мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди умумии андозҳо бо роҳи хориҷ намудани андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ва муттаҳидгардонии андоз аз воситаи нақлиёт бо андоз аз молу мулк, инчунин андоз аз фоида бо андоз аз даромад, аз 10 намуд то 7 намуд кам карда шудааст[7].

Агар ба таҳлили илмии мафҳуми системаи андоз, ки аз ҷониби ҳуқуқшиносон пешниҳод мегардад, таваҷҷуҳ намоем маълум мегардад, ки он фарогири мафҳумҳои гуногун мебошад. Масалан дотсент Р.В. Мирбобоева пешниҳод менамояд, ки: "Низоми андоз - маҷмӯи андозҳое мебошад, ки таввасути қонунҳо тартиби ҷорӣ намудан, ҳисоб кардан, ситонидан ва бекор кардани онҳо муқаррар карда мешавад. Дар асоси мавҷуд будани шароити андоз барои системаи андоз чунин тавсиф карда мешавад: принсипҳои андозбарорӣ; ҷобаҷокунӣ ва ҷорӣ намудани андозҳо; системаи андозҳо; тартиби тақсимбандӣ кардани андозҳои воридотӣ байни буҷетҳои гуногунҷанбаҳо; ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибати бахши андоз; намуд ва методҳои тафтишоти андоз; уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибати бахши андоз; воситаҳои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиёни муносибати андоз. Сохтори низоми андоз бо дар назардошти сохти иҷтимоӣ - иктисодии давлат, вазифа ва функсияҳои он, муайян карда мешавад. Низоми андоз дар худ шумораи зиёди андозҳои гуногунро дар бар мегирад. Дар асоси таснифи андозҳо, аломатҳои гуногун гузошта шудаанд объектҳо, субъектҳо ва сарчашмаҳои андозҳо"[8,93].

Гурӯҳи дигари олимон ситсемаи андозро ҳамчун маҷмӯи андозҳо, принсипҳо, усулҳо ва шаклҳои тасдиқи онҳо, тағйирот ва бекоркунӣ, пардохтҳо ва дархостҳо, тадбирҳои додани онҳо, иҷрои маъмурияти андоз, инчунин ба кор бурдани чораҳои ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории андозро пешниҳод менамоянд [9,113].

Дар асоси таҳлили муқаррароти қонунгузорӣ ва андешаҳои илмии олимон ба хулосаи мо системаи андоз ин низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии байни давлат ва андозсупорандагон мебошад, ки ҳангоми сохтани қисми даромади буҷети давлатӣ бо роҳи гирифтани як қисми даромади андозсупоранда бо кумаки андозу пардохтҳои муқаррарнамудаи қонун ва ғайра ба вуҷуд меоянд. Ин система бо роҳи муқаррар намудани пардохтҳои ҳатмӣ, ҳисоб кардан, амалӣ намудани назорат аз болои даромадҳо тавассути методологияи ягонаи андозбандӣ, ки дар ҷомеаи мазкур таҳия шудааст, ба роҳ монда мешавад.

Ҳамин тариқ, системаи андоз тавассути маҷмӯи шартҳои муҳими андозбандӣ, ки дар як Тоҷикистон мушаххас муқаррар шудааст, шарҳ дода мешавад, ки инҳоро дар бар мегиранд: принсипҳои андозбандӣ; тартиби муқаррар намудан ва ҷорӣ намудани андозҳо; тартиби тақсими даромадҳои андоз дар байни буҷетҳои сатҳи умумидавлатӣ ва маҳаллӣ; ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои андоз; шаклу усулҳои назорати андоз; масъулияти иштирокчиёни муносибатҳои андоз; роҳҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои андоз.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи асосҳои системаи андоз» аз 20 июли соли 1994, № 977// Ведомости Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1994 с.,№14, м.203.

2. Кодекси андози Ҷумҳурии Точикистон аз 12 ноябри соли 1998, № 664// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1998, №21, моддаи 284; соли 1999, №6, моддаи 162; № 12, моддаи 345; соли 2001, №7, моддаи 478; соли 2002, №4, қисми 1, моддаи 164; моддаи 173; моддаи 209; моддаи 236; моддаи 239; моддаи 290; №11, моддаи 747; соли 2003, №4, моддаи 133; моддаи 137; №8, моддаи 454; №12, моддаи 693; соли 2004, №5, моддаи 344; №7, моддаи 456.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи қабул намудани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавриди амал қарор додани он" аз 3 декабри соли 2004, № 61// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 07.11.2021 с.).

4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №12, қ. 1, мод. 688; мод. 689; с. 2005, №12, мод. 629; с. 2006, №7, мод. 341; №12, мод. 543; с. 2007, №3, мод. 172; №7, мод. 668; с. 2008, №3, мод. 195; №6, мод. 455; с. 2009, №3, мод. 86; №5, мод. 332; №12, мод. 823; с. 2010, №7, мод. 559; с. 2012, №4; мод. 263; №7, мод.702.

5. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2012, № 901 //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012, №9, мод. 838; с. 2013, №12, мод. 889, мод. 890; с. 2015, №3, мод. 210, №11, мод. 965, мод. 966; с. 2016, №3, мод. 150, №11, мод. 883; с. 2017, №1-2, мод. 21, №5, қ.1, мод. 280; с. 2018, №2, мод. 66, мод. 67, №7-8, мод. 529; с. 2019, №4-5, мод. 227, №6, мод. 322, №7, мод. 473; с. 2020, №1, мод. 21, мод. 22

6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26.12.2019 сол// http://prezident.tj/node/21975#shshohin (санаи муроҷиат: 07.11.2021 сол).

7. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид// https://www.parlament.tj/news/978-kodeksi-andozi-um-urii-to-ikiston-abul-gardid (санаи муроҷиат: 07.11.2021 сол).

8. Ғаюров Ш.К., Ғафуров А.Д., Сангинов Д.Ш. ва дигарон. Ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ/ Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш. - Душанбе, 2017. – 252 саҳ.

9. Бабенкова Е.О. Сравнительный анализ налоговых систем России и зарубежных стран // Постулат. – 2017. – № 5-1 (19). С. 112-114.

**Аннотатсия**

**Заминаҳои ҳуқуқии системаи андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақола бавуҷудой ва рушди қонунугузории Тоҷикистон оид ба системаи андоз ҳамчун асоси ҳуқуқӣ баррасӣ гардида, бо назардошти таҳлили фикру андешаҳои олимон ва хулосабарории муаллиф мафҳум ва шартҳои муҳими андозбандӣ пешниҳод карда шудааст.

**Аннотации**

**Правовые основы налоговой системы в Республике Таджикистан**

В статье рассматривается становление и развитие законодательства Таджикистана о налоговой системе как правовой основе, и с учетом анализа взглядов ученых представлено авторское понятие и условия налогообложения.

**Annotations**

**Legal basis of the tax system in the Republic of Tajikistan**

The article examines the formation and development of the legislation of Tajikistan on the tax system as a legal basis, and taking into account the analysis of the views of scientists, the author's concept and conditions of taxation are presented.



**Одинаев Шоҳрух Хисравович,**
*муовини сардори шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: shohrukh_odinazoda@bk.ru*
*Тел.: (+992) 931-10-04-40.*



**Одинаева Наргис Муродалиевна,**
*магистри бахши дуюми шуъбаи ҳуқуқи давлатии институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.*
*E-mail: odinaeva.n.1996@mail.ru*
*Тел.: (+992) 987-67-19-98*

# НАҚШИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ ДАР РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ ИҚТИСОДӢ

***Калидвожаҳо:*** *СҲШ; сиёсати хориҷӣ; иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ; Панҷгонаи Шанхай; муносибатҳои иқтисодӣ; Осиёи Марказӣ; робитаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ; Стратегияи рушди СҲШ; Бонки Рушди СҲШ; Фонди Рушди СҲШ; иқтисоди миллӣ.*

***Ключевые слова:*** *ШОС; внешняя политика; ассоциации и международные организации; Шанхайская пятерка; экономические отношения; Центральная Азия; торгово-экономические отношения; Стратегия развития ШОС; Банк развития ШОС; Фонд развития ШОС; национальная экономика.*

***Keywords:*** *SCO; foreign policy; associations and international organizations; Shanghai Five; economic relations; Central Asia; trade and economic relations; SCO Development Strategy; SCO Development Bank; SCO Development Fund; national economy.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ, ҳамчунин дар ин замина қабул намудани санади олии ҳуқуқӣ - Конститусияи кишвар ба марҳилаи нави инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самтҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва сиёсати хориҷӣ замина гузошт.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ имрӯз сиёсати хориҷии худро мустақилона муайян менамояд ва вобаста ба манфиатҳои олии халқ метавонад ба иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дохил шавад, аз онҳо барояд ва бо кишварҳои хориҷӣ робита барпо намояд.

Дар заминаи ин меъёр Ҷумҳурии Тоҷикистон дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷонибаро густариш дода истодааст. Муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як тараф, бо давлатҳои алоҳида ҳам дар шакли бастани созишномаҳо ва ҳам дар шакли таъсис додани сафорату муассисаҳои консулӣ ривоҷ меёбанд ва аз тарафи дигар, ба воситаи намояндагиҳои доимии Тоҷикистон дар назди ташкилотҳои байналмилалӣ васеъ шуда истодаанд [1,73].

Бояд зикр намуд, ки Истиқлоли давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод, ки ҳамчун субъекти комилҳуқуқи байналмилалӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ гардида, узви Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, Созмони ҳамкории Шанхай ва беш аз 50 созмонҳои байналмилалию минтақавӣ пазируфта шавад.

Яъне, Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофнамуда сиёсати ҳуқуқии хориҷии худро дар асоси меъёру принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, бахри татбиқи ҳадаф ва манфиатҳои миллӣ муайян ва амалӣ менамояд. Аз ҷумла, ҳимоя ва таҳкими Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва таъмини амнияти миллии он дар арсаи байналмилалӣ, эҷоди ҳусни ҳамҷаворӣ ва амниятӣ дар тӯли марзҳои кишвар, инкишофи муносибатҳои боварӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо тамоми кишварҳои олам дар асоси манфиатҳои мутақобила, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва тадриҷан баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, таъмини амнияти иқтисодии кишвар, таъмини истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон, дастёб шудан ба амнияти озуқаворӣ ва аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшидани кишвар тавассути ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ, таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо, эътибор ва манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷи кишвар, тақвияти шинохти

мусбати Тоҷикистон дар ҷаҳон ба ҳайси давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, мусоидат ба фаъолияти созанда ва қонунии ҷамъиятҳои тоҷикон ва ҳамватанон дар кишварҳои дигар [2] ҳадафҳо ва манфиатҳои миллии кишвари мо дар самти татбиқи сиёсати хориҷӣ маҳсуб меёбанд.

Қобили зикр аст, ки яке аз дастовардҳои бузурги Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ ин ташаккул ва татбиқи сиёсати хориҷӣ, ки меҳвари онро сиёсати "дарҳои кушода" ташкил медиҳад, ба шумор меравад ва бо шарофати чунин сиёсати хориҷӣ Тоҷикистон марҳила ба марҳила дар арсаи байналмилалӣ мавқеи шоистаи худро пайдо намуда, муносибат ва ҳамкориҳои гуногунро бо кишварҳои дунё, созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ва ниҳодҳои байналмилалӣ ба роҳ мондааст.

Дар ин замина, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон менависанд, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ бо такя бар усули сиёсати "дарҳои кушода", сулҳдӯстӣ ва беғаразӣ, бо аксари кишварҳои ҷаҳон муносиботи дӯстонаи ҳамкории баробарҳуқуқ ва мутақобилан судманд ва бо як қатори онҳо робитаҳои шарикии стратегиро барқарор сохта, минбаъд онҳоро таъмику таҳким бахшид. Дар стратегияи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкории гуногунҷанба бо давлатҳои Осиёи Марказӣ яке аз самтҳои афзалиятнок ба шумор меравад. Эҷоди фазои эътимод ва амният дар атрофи марзҳои кишвар яке аз ҳадафҳои асосии ин сиёсат аст. Имсол Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-солагии Истиқлолияти давлатии худро ҷашн мегирад. Дар ин муддати аз нигоҳи миқёсҳои таърихи кӯтоҳ ҷумҳурии мо бо 179 кишвари ҷаҳон робитаҳои комили дипломатӣ барқарор карда, узви фаъоли созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ гардид» [3].

Дар татбиқ ва амалигардонии сиёсати хориҷии мамлакат Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои шарикиро бо ташкилоту созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ мақсаднок амалӣ намуда, равобити муштарак ва самаранокро дар доираи Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) таҳким бахшидааст.

Созмони ҳамкории Шанхай созмони байналмилалӣ буда, дар таъсис ёфтани он пеш аз ҳама фаъолияти «Панҷгонаи Шанхай», ки дар асоси Созишномаҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Федератсияи Россия ҷиҳати таҳкими чораҳои боварӣ дар соҳаи ҳарбӣ дар минтақаи сарҳад аз соли 1996 ва дар бораи ихтисори муштараки қувваҳои мусаллаҳ дар минтақаи сарҳад аз соли 1997 ташкил шуда буд, замина гузоштааст.

Бояд зикр намуд, ки заминаҳои нахустини ташкили чунин созмони бонуфузи байналмилалии дорои сохтори нодири минтақавӣ ва неруманди ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳанӯз 5 июли соли 2000 дар шаҳри Душанбе дар мулоқоти сарварони давлатҳои «Панҷгонаи Шанхай», ки минбаъд номи «Форуми Шанхай»-ро гирифт, гузошта шуда буд ва қарор дар хусуси таъсиси СҲШ қабул гардид.

Президенти кишвар менависанд, ки «дар Эъломияи Душанбе аз соли 2000-ум ғояҳои бунёдии ҳадафҳо, вазифаҳо ва самтҳои асосии фаъолияти созмони ояндаи бонуфузи минтақавӣ — СҲШ, ки имрӯз дар воқеияти сиёсии ҷаҳонӣ сазовори ҷойгоҳи арзишманд шудааст, гузошта шуда буданд. Минбаъд, 15 июни соли 2001 дар шаҳри Шанхай саммити сарварони давлатҳо баргузор гардид ва дар он Эъломияи муштарак дар бораи пайвастани Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба “Панҷгонаи Шанхай” қабул карда шуд ва дар асоси таҷрибаи дар доираи “Панҷгонаи Шанхай” андӯхта, Эъломия дар бораи таъсиси СҲШ ба имзо расид. Баробари ворид шудани башарият ба асри нав ҷаҳон шоҳиди зуҳури сохтори нави муқтадири байналмилалӣ гардид [3].

Айни замон Созмон аз ҳашт давлати аъзо - Ҷумҳурии Мардумии Чин, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Ҳиндустон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, чаҳор давлати нозир - Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Муғулистон ва шаш давлати шарикони мусоҳибавӣ - Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Арманистон, Шоҳигарии Камбоҷа, Ҷумҳурии Федеративии Демократии Непал, Ҷумҳурии Туркия ва Ҷумҳурии Демократии Сотсиалистии Шри-Ланка иборат мебошад.

Бояд қайд намуд, ки соли 2021 ба таъсис ёфтани СҲШ 20 сол пур шуд ва ин Созмон айни ҳол қаламрави бузург ва доираи васеи ҳамкориҳои минтақавиро фарогир буда, шакли нави ҳамкории давлатҳои аз нуқтаи назари сохтори сиёсӣ, иқтидори иқтисодӣ ва фарҳангии гуногунро ба ҳамдигар мепайвандад. Масоҳати умумии давлатҳои аъзои СҲШ тахминан 34,3 млн. км. мураббаъ ва ҷамъи аҳолии онҳо зиёда аз 3,6 млрд. нафар ё 43,8% аҳолии умумии курраи заминро ташкил медиҳанд.

Дар баробари ин, қобили зикр аст, ки дар ҳудуди ҳайати мутаммарказ Созмон «беш аз 25% захираҳои ҷаҳонии нафт, 30% захираҳои ҷаҳонии газ ва 50% захираҳои исботшудаи ураниум мавҷуд мебошад» [4], ки заминаи калидӣ ва бунёдии

ташаккули низоми иқтисодиву тиҷоратии давлатҳои аъзоро ифода менамояд.

Пеш аз ҳама, бояд гуфт, ки бист сол барои таърих муддати начандон тӯлонист, вале дар ин муддати кӯтоҳ СҲШ тавонист эътирофи байналмилалиро ба даст оварад ва ба платформаи муваффақи ҳамкории бисёрсоҳавӣ табдил ёбад. Дар тӯли ин солҳо заминаи шартномавӣ-ҳуқуқии Созмон ташаккул ва мунтазам такмил ёфта, заминаҳои мустаҳками институтсионалии он ба вуҷуд оварда шуданд. Имрӯз СҲШ иштирокчии бонуфуз ва масъули низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ мебошад, ки дар таъмини сулҳ ва амният, ҳалли низоъҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ танҳо бо роҳҳои сиёсию дипломатӣ дар асоси принсипҳои баробарӣ, эҳтироми соҳибистиқлолӣ, тамомияти арзӣ ва дахолат накардан ба корҳои дохилии давлатҳо, даст кашидан аз истифодаи неру ё таҳдиди истифодаи он саҳми худро мегузорад. Хуллас, Созмон дар тӯли як муддати аз рӯи меъёрҳои таърихӣ нисбатан кӯтоҳ ба омили муҳим дар сиёсати минтақавӣ ва ҷаҳонӣ табдил ёфт [5].

Мақсад ва ҳадафҳои асосии СҲШ-ро бевосита таҳкими боварии мутақобилан судманд ва ҳамсоягии неки кишварҳои аъзо, мусоидат ба ҳамкории самарабахш дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ, илмӣ, техникӣ ва фарҳангӣ, инчунин дар соҳаи маориф, энергетика, нақлиёт, туризм, ҳифзи муҳити зист ва ғайра, таъмини якҷоя ва таъмини сулҳ, амният ва субот дар минтақа, пешравӣ дар ташкили тартиботи демократӣ, одилона ва оқилонаи байналмилалӣ дар соҳаи сиёсӣ ва иқтисодӣ ташкил медиҳад.

СҲШ имрӯз дар таҳкими субот ва амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ дар татбиқи барномаҳои бузурги иқтисодӣ ва инфрасохторӣ, таъмини раванди густариши равобити байни халқҳо ва кишварҳо, мубориза бо терроризм, экстремизм, сепаратизм, қочоқи маводи мухаддир нақши созанда мебозад. Аз таъсиси ин ниҳоди байналмилалӣ имсол бист сол сипарӣ мегардад. Мутобиқ ба оинномаи Созмони ҳамкории Шанхай органи олии он ҷаласаи шӯрои сарони давлатҳои аъзо мебошад, ки ҳар сол дар пойтахт ва ё яке аз шаҳрҳои кишварҳои аъзо доир мегардад. Дар пойтахти Тоҷикистон ҷаласаи сарони кишварҳои аъзо солҳои 2008, 2014 ва имсол моҳи сентябри соли 2021 доир мегардад [6] ва Шӯрои сарони ҳукуматҳои давлатҳои аъзои СҲШ бошад, солҳои 2006, 2010, 2018 таҳти раёсати кишвари мо дар шаҳри Душанбе гузаронида шудааст.

Чуноне ки зикр гардид, фаъолияти Созмони мазкур дар самти татбиқи ҳадафҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, робитаҳои устувори байналмилалӣ, мубориза бар зидди амалҳои террористиву экстремистӣ ва амсоли ин миёни давлатҳои аъзо равона гардидааст. Дар ин зимн яке аз махсусиятҳои асосӣ, муҳим ва калидии фаъолияти Созмонро таҳким ва рушди мутақобилаи раванди муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратӣ миёни кишварҳои узв ташкил медиҳад.

Ю.М. Филатова чунин иброз медорад, ки «агар дар ибтидо афзалият дар доираи СҲШ ба мубориза бо терроризм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ғайра дода мешуд, пас ҳоло самти кишварҳои узви СҲШ ба рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ шиддат мегирад» [4].

Яъне, фаъолияти СҲШ, на танҳо ба масъалаҳои сиёсӣ, балки ба робитаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ равона шудаааст. Дар доираи Созмон Нақшаи ҳамкориҳои дарозмуддати иқтисодӣ байни давлатҳои аъзо қабул шудааст, ки мақсади он мусоидат намудан ба гардиши озоди мол, хизматрасонӣ ва технологияҳо дар байни давлатҳои аъзо ба ҳисоб меравад.

Таҳлилҳо ба он далолат менамоянд, ки танҳо дар соли 2020 гардиши молу маҳсулот миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай беш аз 2,6 миллиард долларо ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳандаи муҳим дар самти ташаккули муносибатҳои иқтисодӣ дар доираи Созмони мазкур мебошад. Тибқи омори расмӣ бошад, беш аз 2,1 миллиард доллар ба воридоти молу маҳсулот аз кишварҳои узви СҲШ рост меояд. Дар баробари ин бояд зикр намуд, ки дар доираи Созмони мазкур шарикони асосии савдо бо Тоҷикистон Русия, Чин ва Қазоқистон, инчунин Ӯзбекистон ва Қирғизистон арзёбӣ мегардад, ки танҳо дар 11 моҳи соли 2020 маблағи умумии амалиётҳо бо ин кишварҳо 2,3 миллиард долларо ташкил медиҳад. Ҳамчунин қобили тазаккур аст, ки кишвари мо вобаста ба заминаҳои ташаккули низоми саноативу содиротӣ дар самти тиҷорату иқтисодиёт пайваста тадбирҳои созандаро роҳандозӣ намуда, саноатикунонии босуръати мамлакатро яке аз ҳадафҳои стратегии миллӣ муқаррар намудааст, ки дар заминаи он корхонаҳои хурду бузурги истеҳсолӣ бунёд гардида, рақобатпазирии воридотро нигоҳ медоранд ва дар навбати худ содироти маҳсулоти босифатро ба давлатҳои аъзои СҲШ дар доираи шарикии стратегӣ қонеъ месозанд.

С. Ғоибназарзода иброз медорад, ки «Тоҷикистон ҷонибдори навсозии платформаи иқтисодии СҲШ, татбиқи лоиҳаҳо дар доираи ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ», таъсиси хатсайрҳои нақлиётӣ – логистикии пайвасткунандаи Осиёи Марказӣ ба воситаи Чин ва Россия бо бозорҳои ҷанубу шарқии Осиё ва

давлатҳои Аврупо, бунёди институтҳои молиявии – Бонки рушд ва Фонди рушди СҲШ ва таъсиси Маркази зидди мухаддиротии СҲШ мебошад [7].

Пешвои миллат бо такя ба иқтидори воқеии кишвар иброз медоранд, ки «бешубҳа, барои Тоҷикистон, чун дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ, бо пайдоиши СҲШ шароит барои рушди босубот ва устувор беҳбуд ёфта, ба ҳамкории бисёрҷонибаи иқтисодӣ такони ҷиддӣ бахшида шуд. Ин хизмати ҳамаи мост ва мо метавонем аз дастовардҳои муштараки худ ифтихор кунем. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки ҳоло шарикони асосии тиҷоратии Тоҷикистон маҳз кишварҳои узви СҲШ мебошанд: Россия, Чин, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Покистон, Ҳиндустон» [5].

Чуноне ки зикр карда шуд миёни давлатҳои аъзои созмон Нақшаи ҳамкориҳои дарозмуддати иқтисодӣ қабул гардидааст. Ю.М. Филатова андеша меронад, ки «Нақшаҳо ва лоиҳаҳо дар бахши нақлиёт метавонанд самти муҳими ҳамкориҳои бисёрҷонибаи иқтисодӣ дар доираи созмон гарданд. 12 сентябри соли 2014 дар саммити СҲШ дар Душанбе бузургтарин системаи нақлиётӣ дар ҷаҳон баррасӣ шуд. Яке аз барномаҳои умедбахш дар таҳким ва рушди ин самт эҷоди коридори автомобилӣ аз Хитойи Ғарбӣ тавассути Русия мебошад. Ҳамчунин, дар ҳамкориҳои иқтисодӣ дар доираи созмон ба таҳкими муносибатҳои пулию қарзӣ низ байни кишварҳои узви СҲШ ҷойгоҳи махсус дода мешавад. Кишварҳо борҳо бо пешниҳоди ташкили пули ягонаи СҲШ баромад карданд. Бо вуҷуди имкониятҳои воқеан азим, ба пурзӯршавии минбаъдаи ҳамкориҳои иқтисодӣ сатҳи хеле баландтари фарқияти иқтисодии кишварҳои СҲШ баъзан халал мерасонад. Ин аст, ки 98 фоизи аҳолӣ ва 97 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилии ассотсиатсияи интегратсионӣ ба Чин ва Русия рост меояд» [4].

Дар айни замон Стратегияи рушди СҲШ барои давраи то соли 2025, ки тибқи Қарори Шӯрои сарони давлатҳои аъзои СҲШ №3 аз 12 сентябри соли 2014 дар шаҳри Душанбе бо назардошти муқаррароти "Самтҳои асосии Стратегияи рушди СҲШ барои давраи миёнамуҳлат", ки дар ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои СҲШ дар соли 2012 дар Пекин тасдиқ шудааст, қабул гардидааст, ки дурнамои ташаккул ва рушди равобити муштаркаи муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва ғайраро пешбинӣ менамояд. Аз ҷумла, яке аз самтҳои асосӣ, яъне мақсад ва вазифаҳои онро амиқ кардани ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоягузорӣ, инчунин фаъолияти муштараки лоиҳаҳо дар самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ барои рушди устувори давлатҳои аъзо, баланд бардоштани некӯаҳволӣ ва сатҳи зиндагии аҳолии онҳо ташкил менамояд [8].

Бояд зикр намуд, ки дар Стратегияи мазкур вобаста ба ҳамкории муштарак ва фаъол байни давлатҳои аъзо дар соҳаи савдо ва иқтисодиёт боби алоҳида муқаррар гардидааст. Пешбинӣ мегардад, ки «ҳамкории иқтисодӣ унсури муҳими таъмини субот дар фазои СҲШ, ҳамчунин яке аз воситаҳои ноил шудан ба устувории худи Созмон дар давраи дарозмуддат мебошад. Кор дар ин самт бо мақсади мусоидат ба рушди иқтисодии кишварҳои узв, инчунин беҳтар намудани шароити зиндагии шаҳрвандон пешбинӣ шудааст. СҲШ ба таъмини рушди ҳамоҳанги ҳамаи кишварҳои узв ба манфиати рушди мутавозини иқтисодӣ дар минтақа саҳм хоҳад гузошт» [8].

Ҳамзамон қобили тазаккур аст, ки ҳадаф ва афзалиятҳое, ки дар заминаи Стратегияи мазкур пешбинӣ гардидаанд, дар доираи таклиф ва пешниҳодоти мушаххаси Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯи кор омадаанд. Аз ҷумла, вобаста ба ин ҳанӯз дар ҳамоиши сарони Шӯрои давлатҳои аъзои СҲШ, ки бахшида ба панҷсолагии таъсиси он 14 июни соли 2006 дар Ҷумҳурии Мардумии Чин баргузор гардид Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин баён доштанд: «Дар масъалаи таъмини амният бе ҳамкории мақсадноку самарабахш дар соҳаи иқтисодиёт коре кардан имконнопазир аст. Мо дар ин бобат ҳаминро ба назар мегирем, ки давлатҳои узви созмон барои рушди иқтисодӣ ва ҳамгирой дар доираи он бояд тадбирҳои самарабахш андешанд.

Амалӣ сохтани онҳо бояд вусъати минбаъдаи ҳамкориро дар соҳаи иқтисодиёт, истифода бурдани шаклу усулҳои имрӯзаи муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ, таҳияи барномаҳои муштараки мақсадноки ҳамкории иқтисодӣ ва барномаҳои сармоягузорӣ, истифодаи самарабахши имкониятҳои мавҷуда бо назардошти манфиатҳои тарафайн, вусъати минбаъдаи ҳамкории бонкҳо ва муносибатҳои молиявӣ ва қарз дар байни мамлакатҳои минтақаро пешбинӣ кунад.

Ба ақидаи ман, дар доираи амалӣ сохтани чунин барномаи стратегӣ, инчунин фаъолияте, ки ҳадафи он паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар баъзе мамлакатҳои узви созмон мебошад ва чи тавре ки маълум аст, ба зуҳуроти ҳар гуна ифротгарой мусоидат мекунад, таҳия кардан ва амалӣ сохтани барномаи махсуси кумакҳои доманадор ба ин давлатҳо бо мақсади тадриҷан баробар сохтани дараҷаи рушди иқтисодӣ аҳамияти фавқулодда муҳим дорад.

Дар давлатҳои узви созмон бо мақсади ҳар чи зудтар ба даст овардани натиҷаҳои воқеии муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ чунин

барномаҳои афзалиятнок, аз ҷумла истифодаи оқилонаи фазои доманадори иқтисодӣ, сарватҳои бузурги табиӣ, қувваи фаровони корӣ, хусусияти ғанитар гардонидани иқтисодиёти ҳамдигар, дараҷаи хеле баланди маърифатӣ ва илмию техникии аҳолиро истифода бурдан зарур аст» [9].

Муқаррароти асосии пешбининамудаи Стратегияи болозикр ҳамчун ҳуҷҷати барномавиву стратегӣ дурнамои рушди муносибатҳоро дар самти иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ ва ғ. муайянкунанда махсуб ёфта, давра ба давра ба ҳадафҳои рушди устувор дар самтҳои пешбинигардида муясар гардида истодааст.

Кишварҳои узви созмон имрӯз дар доираи ин ҳуҷҷати барномавӣ тадбирҳои мувофиқро ҷиҳати густариши минбаъдаи ҳамкории мутақобилан судманди тиҷоративу иқтисодӣ дар фазои СҲШ, аз ҷумла тавассути фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, дастгирии ташаббусҳои соҳибкорӣ, татбиқи лоиҳаҳо дар самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ ва рушди инфрасохтор меандешанд.

Яке аз афзалияти муҳими стратегия дар он ифода меёбад, ки дар он бо мақсади татбиқи фаҳмиши муштарак дар сатҳи олӣ ва дастгирии молиявии фаъолияти лоиҳа, таъсиси Бонки Рушди СҲШ ва Фонди Рушди СҲШ (Ҳисоби махсус) барои анҷоми фаъолият миёни давлатҳои аъзо пешбинӣ гардидааст. Муқаррар мегардад, ки кишварҳои узв иштироки фаъоли Шӯрои кории СҲШ ва Ассотсиатсияи байнибонкии СҲШ-ро дар интихоб ва татбиқи лоиҳаҳои ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ дар фазои СҲШ, пеш аз ҳама дар соҳаҳои инноватсионии иқтисод дастгирӣ хоҳанд кард. Кишварҳои узв ба рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар соҳаи инноватсия, аз ҷумла тавассути тиҷорати хурду миёна, татбиқи лоиҳаҳои фаромарзӣ ва байниминтақавӣ ва ташкили корхонаҳои муштарак мусоидат хоҳанд кард [9].

Ҳамчунин стратегия ҷиҳати гузаронидани мубодилаи таҷрибаи пешқадам ва рушди ҳамкорӣ байни соҳибкорон мунтазам гузаронидани форумҳо, намоишгоҳҳо ва семинарҳои муштараки соҳибкорони кишварҳои узви СҲШ пешбинӣ намудааст, ки барои ба роҳ мондани ҳамкориҳои тиҷоратии хурду миёна байни давлатҳои аъзо муфид мебошад.

Дар маҷмӯъ, метавон зикр намуд, ки ҳамкориҳои иқтисодӣ дар доираи СҲШ барои давлатҳои узв заминаҳои нави рушди равобити мутақобилан судманд ва ба ин васила коркарди роҳҳои нави ташаккули иқтисоди миллиро барои ҳар як давлати узв, махсусан Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд овард. Ҳамзамон, дар баробари ин таҳкими васеъ ва фаъоли ҳамкории мутақобилан судманди иқтисодии кишварҳои узви СҲШ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт имрӯз на танҳо метавонад ба рушди иқтисодии ҳар як кишвар дар алоҳидагӣ мусоидат кунад, балки ба муқовимат бо бухронҳои иқтисодии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва дар оянда - ба тағйирёбии низом ва сохтори созмон мусоидат намуда, ба як маркази пуриқудрати сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеаи ҷаҳонӣ мубадал гардад.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Тафсири илмӣ ва оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон // Зери таҳрири Раиси Суди Конститутсионии ҶТ, академики Академияи илмҳои ҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Маҳмудов М.А. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 520 с.

2. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 бо фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, № 1005 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 21.06.2021).

3. 20 соли СҲШ: ҳамкорӣ бахри субот ва шукуфоӣ**.** Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои сарони давлатҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай дар соли 2021 [Захираи электронӣ] // Манбаи дастрасӣ: URL: http: // president.tj (санаи муроҷиат: 21.06.2021).

4. Филатова Ю.М. Роль Шанхайской организации сотрудничества в современных международных экономических отношениях // Проблемы современной науки и образования / Problems of modern science and education – 2015. – № 32. – С. 41- 43.

5. Мусоҳибаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» ба муносибати 20-солагии Созмони ҳамкории Шанхай [Захираи электронӣ] // Манбаи дастрасӣ: URL: http: // president.tj (санаи муроҷиат: 24.06.2021).

6. Мирзоев Н.М. Бахшида ба 20-солагии таъсиси Созмони ҳамкории Шанхай. – Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо. [Захираи электронӣ] // Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.osiyoavrupo.tj (санаи муроҷиат: 24.06.2021).

7. Нақши Созмони ҳамкории Шанхай дар рушди иқтисоди миллӣ. Мулоҳизаҳои директори Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизимати давлатӣ Академияи идоракунии давлатии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғоибназарзода С. ба муносибати 20-солагии таъсиси СҲШ ва раёсати Тоҷикистон дар ин созмон [Захираи электронӣ] // Манбаи дастрасӣ: URL: https://khovar.tj (санаи муроҷиат: 29.06.2021).

8. Стратегия развития Шанхайской организации сотрудничества до 2025 года [Электронный ресурс] // Источник доступа: http://static.kremlin.ru (дата обращения: 29.06.2021).

9. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси сарони Шӯрои давлатҳои аъзои СҲШ бахшида ба панҷсолагии таъсиси он 14 июни соли 2006 [Захираи электронӣ] // Манбаи дастрасӣ: URL: http: // president.tj (санаи муроҷиат: 29.06.2021).

**Аннотатсия**

**Нақши Созмони ҳамкории Шанхай дар рушди муносибатҳои иқтисодӣ**

Муаллифон дар мақолаи мазкур мавқеъ ва моҳияти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кишварҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилаливу минтақавӣ муайян намуда, таваҷҷӯҳи махсус ба заминаҳои ташаккул ва рушди СҲШ намудаанд. Ҳамчунин, нақш ва аҳамияти созмони мазкур дар таҳким, ташаккул ва равобити муштараки давлатҳои узв дар самти фаъолияти иқтисодиву тиҷоратӣ ба таври муфассал арзёбӣ гардидааст.

**Аннотация**

**Роль Шанхайской организации сотрудничества в развитии экономических отношений**

В данной статье авторы определяют позицию и сущность внешней политики Республики Таджикистан в отношении зарубежных стран, международных и региональных организаций, а также уделяет особое внимание становлению и развитию ШОС. Также были детально оценены роль и значение этой организации в укреплении, становлении и взаимодействии государств-членов в области экономической и торговой деятельности.

**Annotation**

**The role of the Shanghai Cooperation Organization in the development of economic relations**

In this article, the author defines the position and essence of the foreign policy of the Republic of Tajikistan in relation to foreign countries, international and regional organizations, and also pays special attention to the formation and development of the SCO. The role and importance of this organization in strengthening, formation and interaction of the member states in the field of economic and trade activities were also assessed in detail.



**УДК:** 343.211

**Абдуллоев Раббони,**
*мутахассиси пешбари шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: abdulloev.9595@mail.ru*
*Тел.:(+992) 989-18-48-48.*

# АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ МУҚОВИМАТ БО ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *терроризм; экстремизм; асосҳои ҳуқуқӣ; қонунгузорӣ; барнома; стратегия; консепсия; муқовимат; ҷавобгарии ҷиноятӣ.*

***Ключевые слова:*** *терроризм; экстремизм; правовые основы; законодательство; программа; стратегия; концепция; сопротивление; уголовная ответственность.*

***Keywords:*** *terrorism; extremism; legal bases; legislation; program; strategy; resistance; criminal liability.*

Таҷрибаи миллии муқовимат бо экстремизм ва терроризм собит менамояд, ки муваффақ шудан дар ин самт таҳия ва амалӣ намудани чорабиниҳои маҷмӯӣ ҷиҳати бартараф намудани омилҳои мафкуравӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва ниҳодии фаъолшавии он равонашударо тақозо менамояд.

Таркиби моддии мазмуни “терроризм” дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ пешбинӣ шудааст. Мувофиқи моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди терроризм” [1] “терроризм - яъне зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбати шахсони воқеӣ, маҷбур кардан ё таҳдиди истифодаи он нисбати шахсони хуқуқӣ, хамчунин нобуд сохтани (зарар расонидан) ё таҳдиди нобуд сохтани (зарар расонидан) ба амвол ё дигар объектҳои моддии шахсони воқеӣ ва хуқуқӣ, ки боиси хавфи ҳалокати одамон, расонидани зарари басо ҷиддӣ ба амвол ё ба миён омадани оқибатхои барои ҷамъият хавфнок, ки бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарори барои террористон мақбул ё қаноатбахш намудани манфиатҳои ғайриҳуқуқии амволӣ ва (ё) дигар манфиати онхо, инчунин таҷовуз ба хаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ бо мақсади суст кардани сохти конститутсионӣ ё амнияти давлат, хамчунин бо мақсади қатъ гардидани фаъолияти давлатӣ ё дигар фаъолияти сиёсӣ ё содир намудани чунин кирдор бинобар интиқом барои чунин фаъолият, инчунин сӯиқасд ба хаёт, расонидани зарари ҷисмонӣ ба ходими давлатӣ ё ҷамъиятӣ ё намояндаи ҳокимият, вобаста бо фаъолияти давлатӣ ё ҷамъиятии онҳо, бо мақсади ноором сохтани вазъият ё расонидани таъсир ҷихати қабули қарор аз тарафи мақомоти давлатӣ ё монеъ шудан ба фаъолияти сиёсӣ ё ҷамъиятӣ, инчунин ҳамла ба намояндаи давлати хориҷӣ ё корманди ташкилоти байналхалқии таҳти ҳимояи байналмилалӣ қарордошта ё аъзои оилаи бо ӯ истиқоматкунанда, инчунин ба биноҳои хизматӣ ё истиқоматӣ ё воситаи нақлиёти ашхосе, ки таҳти ҳимояи байналмилалӣ қарор доранд, агар ин ҳаракатҳо бо мақсади барангехтани ҷанг ё мураккаб сохтани муносибатҳои байналхалқӣ содир шуда бошанд, мебошад”.

Аз лиҳози этимологӣ “терроризм” (аз калимаи лотинии «terror») сарчашма гирифта шуда, маънояш “тарс ва вахм” аст. Террористон мехоҳанд мақсаду мароми худро бо роҳи зӯроварӣ, кӯштор, тарсу вахм амалӣ созанд. Террор кардан, ҷомеаро ба ҳолати тарсу ваҳшат ва ноумедӣ афкандан аст.

Терроризм, экстремизм ва ҳама гуна зухуроти ба инҳо шабеҳ беш аз пеш ба амнияти бисёр кишварҳо ва шаҳрвандони онҳо таҳдид карда, зарари бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ бо бор меоваранд ва ба оммаи васеи одамон фишори равонии шадид мерасонанд.

Сатҳи пайдоиши терроризм махсусан аз солҳои 1960 рӯ ба афзоиш ниҳода, нисбатан дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон зиёдшавии ин зухуроти номатлуб ба чашм расид, ки ба он омилҳои гуногун таъсири худро расонида, имрӯз ба ҳисоби миёна тақрибан 500 ташкилоти ғайриқонунии террористӣ мавҷуданд.

Дар фосилаи байни солҳои 1968 то 1980 террористон тақрибан 6700 амали террористӣ содир карданд, ки дар натиҷа 3668 кӯшта ва 7474 нафар маҷрӯҳ шуданд. Дар шароити муосир, аз ҷониби шахсони алоҳида, гурӯҳҳо ва ташкилотҳои террористӣ-экстремистӣ вусъат

ёфтани амалҳои ғайриқонунӣ ба назар мерасанд, ки ҳолати мазкур давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалиро вазифадор менамояд, ки ҳаҷми умумии буҷаи мубориза зидди терроризм ҳамасола аз 5 то 20 миллиард долларро ташкил намуда бошад [2].

Мафҳуми расмии экстремизм бошад, дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо экстремизм” [3] дода шудааст. Мувофиқи он экстремизм ифодаи мафкура ва фаъолияти экстремистие, ки барои бо роҳи зӯроварӣ ва амалҳои дигари зиддиқонунӣ ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) равона карда шудааст, мебошад. Калимаи экстремизм – аз калимаи франсузии “extremisme” ва лотинии “extremus” гирифта шуда, маънои ифротгароӣ, тундравӣ, фикру андешаҳо ва амалҳои тундравона, аз ҳад гузаштан, аз андоза гузаштанро дорад.

Экстремист шахсест, ки дар фаъолияти худ ҷонибдори амалҳои якравию тундравӣ аст. Ин амалу зуҳурот метавонад, дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон - дар дин, сиёсат, идеология, илм ва монанди инҳо ба миён ояд.

Экстремизм ва терроризм ин ду мафҳум ба ҳам пайваст мебошад. Экстремизм (тундравӣ, аз андоза гузаштан) ба терроризм оварда мерасонад. Фарқияти терроризм ва экстремизмро муайян намуда, қайд мегардад, ки “экстремизм ва терроризм зуҳуроти ба якдигар наздиканд, агарчанде ки байни онҳо алоқаи мухтор набошад ҳам, ҳар як террорист-экстремист ва ҳар як экстремист-террорист ҳисобида мешавад, лекин экстремизм аз ҷиҳати амалҳои худ терроризмро сафед кунад ҳам, на ҳамаи амалҳои экстремистӣ ба террори воқеӣ бурда мерасонад [4, с. 205].

Терроризм ва экстремизм ҷиноят буда, мубориза зидди он ҳамкории пайвастаи доимӣ ва мутақобилаи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқро тақозо менамояд. Гарчанде мубориза бо терроризм ва экстремизм вазифаи асосии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ бошад ҳам, ҳамзамон дар ин ҷода дастгирии ҳаматарафаи ҷомеа ва шаҳрвандон зарур аст.

Бо мақсади муқовимат ба терроризм ва экстремизм ҷомеаи ҷаҳонӣ кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки сатҳи мукаммали муқовимат бо ин падидаҳои номатлуб аз ҷониби давлатҳо ба роҳ монда шавад. Дар ҷомеаи муосир терроризм ва экстремизм аз ҷиддитарин таҳдидоти суботу амнияти ҷаҳонист, аз ин рӯ, барои муқовимат ба ин падидаҳои манфӣ дар сатҳи миллӣ бояд маҷмӯи тадбирҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва динӣ андешида шавад. Барои таъмини самаранокии механизмҳои муқовимат бо терроризм ва экстремизм дар навбати аввал бояд заминаи ҳуқуқии муқовимат бо терроризм бояд гузошта шавад.

Тавре, ки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикитон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар зикр менамоянд “вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо намудани зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, киберҷиноятҳо ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, моро водор месозад, ки ба масъалаҳои таъмини амнияти кишварамон диққати аввалиндараҷа диҳем. Зеро пайравони созмонҳои террористиву экстремистӣ барои ноором сохтани вазъият дар ҷомеа ва тафриқаандозиву барангехтани низоъҳои диниву мазҳабӣ кӯшиш карда, барои гумроҳ сохтани сокинони мамлакат, бахусус, ҷавонон ва ба созмонҳои манъшуда ҷалб намудани онҳо аз шабакаҳои интернетӣ васеъ истифода мебаранд” [5].

Бинобар ин, давлатҳои муосир кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки қонунгузории миллии худро дар самти муқовимат бо терроризм ва экстремизм мустаҳкам намоянд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ заминаи ҳуқуқии мукаммали муқовимат бар зидди ин падидаҳои номатлуби паҳншудаи муосир фароҳам оварда шудааст. Дар даврони солҳои Истиқлолияти давлатӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёде қабул карда шудаанд, ки маҳз барои бартараф намудани сабабу омилҳои гуногуни ба терроризму экстремизм мусоидаткунанда равона гардидаанд.

Асосҳои ҳуқуқии муқовимат ба терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ) аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [6], Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [7], Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди терроризм”, “Дар бораи муқовимат бо экстремизм” ва “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм” [8] иборат мебошанд.

Ҳамчунин, бо мақсади мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 [9], Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ) [10], Барномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пурзӯр намудани мубориза бар зидди терроризм дар солҳои 2000-2003 [11] қабул гардидааст.

Содир намудани амалҳои террористӣ ва экстремистӣ ҷиноятҳои вазнин ҳисобида шуда, яке аз воситаҳои муҳими пешгирии ин падидаҳои номатлуби ҷомеа дар қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар намудани ҷазои вазнин нисбати онҳо мебошад. Бо мақсади пешгирии амалҳои террористӣ ва экстремистӣ дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани амалҳои террористӣ ва экстремистӣ пешбинӣ шудааст. Такмили пайвастаи қонунгузорӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои экстремизм ва терроризм, аз ҷумла сари вақт ҷиноят эътироф намудани шаклҳои нави зоҳиршавии онҳо, инчунин муқаррар намудани муҷозоти мувофиқ барои содир намудани онҳо зарур мебошад. Мувофиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҷиноятҳо ба амнияти ҷамъиятӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таҷовуз менамоянд. Як қатор меъёрҳои Кодекси ҷиноятӣ ҷавобгарии ҷиноятиро барои содир кардани амалҳои террористӣ ва экстремистӣ пешбинӣ намудаанд.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсус дар самти муқовимат бар зидди терроризм ва экстремизм ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди терроризм" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат бо экстремизм" ба ҳисоб мераванд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди терроризм" аз 16 ноябри соли 1999, №845 асосҳои хуқуқӣ ва ташкилии мубориза бар зидди терроризмро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, аз 9 фасл ва 30 модда иборат аст. Мақсади асосии Қонуни зикршуда аз татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи мубориза бар зидди терроризм, татбиқи ухдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мубориза бар зидди терроризм, танзими хуқуқии муносибатҳои вобаста ба мубориза бар зидди терроризм, ташаккули вазъи тоқатнопазири аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба терроризм, ошкор ва пешгирӣ ва қатъ намудани фаъолияти террористӣ, бартараф кардани сабаб ва шароитҳои пайдоиши терроризм иборат мебошад.

Мувофиқи моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди терроризм" фаъолияти зиддитеррористӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад: қонуният, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ногузирии ҷазо барои фаъолияти террористӣ, бо ҳам пайвастани усулҳои ошкор ва пинҳонии мубориза бар зидди терроризм, афзалиятнокии муҳофизати ҳуқуқии шахсоне, ки дучори хатар гардидаанд, қонунӣ будани расонидани зарар ба террорист, яккасардорӣ дар роҳбарии оперативӣ ба қувваҳо ва воситаҳои ҷалбшаванда ҳангоми гузаронидани амалиётҳои зидди террористӣ ва пинҳонкории қатъӣ ҳангоми гузаронидани амалиётҳои махсуси зиддитеррорӣ.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди терроризм" ҳамчунин муқаррарот оид ба ошкор кардан, пешгирӣ кардан ва қатъ кардани фаъолияти террористӣ, тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ, гузаронидани амалиётҳои зиддитеррористӣ, ҷуброн ва барқарорсозии иҷтимоии зарар вобаста ба амали террористӣ, ҳимояи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии шахсоне, ки дар мубориза бар зидди терроризм иштирок мекунанд ва монанди инҳо дарҷ шудааст.

Дигар санади меъёрии ҳуқуқии махсус дар самти муқовимат бо экстремизм Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат бо экстремизм" аз 2 январи соли 2020, №1655 мебошад, ки аз 6 боб ва 30 модда иборат аст. Мақсади он аз ҳимояи ҳуқуқу озодии инсон, асосҳои сохтори конститутсионӣ, таъмини ягонагӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи мубориза бар зидди экстремизм, таъмини ухдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди экстремизм, муайян намудани асосҳои ҳуқуқию ташкилии мубориза бар зидди фаъолияти экстремистӣ, муқаррар намудани ҷавобгарӣ барои амалӣ шудани он, ташаккули вазъи тоқатнопазирӣ дар байни мардуми ҷумҳурӣ нисбати экстремизм, ошкоркунӣ, пешгирӣ ва роҳ надодан ба фаъолияти экстремистӣ, рафъи сабабҳо ва шароитҳое, ки ба пайдошавии экстремизм мусоидаткунанда иборат мебошад.

Дар самти муқовимат бар зидди терроризм ва экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин як қатор стратегияву консепсияҳо ва барномаҳо низ қабул шудаанд. Аҳамияти ҳуҷҷатҳои мазкур дар он ифода меёбад, ки агар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар боло номбаршуда асосҳои умумӣ, субъектҳо, принсипҳо, самтҳои фаъолияти муқовиматро пешбинӣ намуда бошанд, стратегия, консепсияҳо ва барномаҳо бошанд, самтҳои алоҳида, тамоюлҳои терроризм ва экстремизм, самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар ин соҳа, такмил додани заминаҳои ҳуқуқӣ ва ниҳодӣ, ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти муқовимат ба терроризм ва экстремизм ва чанде дигар тадбирҳои мушаххасро ҷиҳати самаранокии муқовимат ба терроризм ва экстремизм пешбинӣ менамоянд.

Дар ин самт Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 ноябри

соли 2016, №776 тасдиқ карда шудааст, Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ), ки бо фармони Президенти ҶТ аз 28 майи соли 2006, №1717 тасдиқ шудааст, мақоми хосса доранд.

Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 ҳамчун санади хусусияти барномавидошта мақсад, вазифаҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм муайян менамояд. Мақсади Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 аз инҳо иборат мебошад:

- таҳлили омилҳо ва тамоюлҳои экстремизм ва тундгароии ба терроризм баранда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муайян намудани самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм ҷиҳати ҳифзи асосҳои сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, амнияти ҷамъиятӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз таҳдидҳои экстремистӣ ва террористӣ;

- такмил додани заминаҳои ҳуқуқӣ ва ниҳодӣ, инчунин амалияи муқовимат бо тундгароӣ, экстремизм ва терроризм;

- мусоидат ба ташаккули меъёрҳои тафаккур ва рафтори таҳаммулгароёна, ҳамдигарфаҳмии динӣ ва байнимазҳабӣ дар ҷомеа;

- муттаҳид намудани тадбирҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ доир ба пешгирӣ намудани ғояҳо ва фаъолияти экстремистию террористӣ;

- баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳои мақомоти ваколатдор оид ба пешгирӣ ва мубориза бо экстремизм, терроризм, нашъаҷалобӣ, қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, ки барои маблағгузории терроризм ва экстремизм хизмат мекунанд;

- такмил додани ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар соҳаи пешгирӣ ва мубориза бо экстремизм ва терроризм.

Хусусияти муҳими Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 дар он аст, ки дар ин ҳуҷҷати стратегӣ самтҳои афзалиятноки муқовимат бо экстремизм ва терроризм, хавфҳои амалишавӣ ва интизорӣ аз натиҷаи онҳо муайян шудааст. Ин самти муқовимат бо экстремизм ва терроризм самаранок ва натиҷабахш аст, аз ин лиҳоз мақомоти давлатӣ ба ин ҷиҳат диққати асосӣ медиҳанд.

Ҳамчунин, дар солҳои охир рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва қонунгузории кишвар дар заминаи қабули консепсия, барнома ва стратегияҳо ба назар мерасад. Баҳри пешгирӣ ва бартараф намудани омилҳои ба терроризм ва экстремизм рабтдошта, давра ба давра амалӣ намудани чораҳои пешгирӣ ба мақсад мувофиқ аст. Ҳамчунин, дар робита бо ин мӯҳлати амали талаботи барнома, консепсия ва стратегияҳои дар ин самт қабулгардида, гузаштааст. Аз ин лиҳоз, мувофиқи мақсад мешуморем, ки оид ба пешгирии терроризм ва экстремизм ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ қабул карда шуда, дар доираи нақша чорабиниҳо функсияҳои мушаххаси субъектони мубориза ва муқовиматкунанда муайян гардида, инчунин чораҳои ҳавасмандӣ ва ҷалби шаҳрвандони кишвар вобаста ба пешгирӣ ва азбайнбарии амалҳои мазкур дақиқ карда шаванд.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди терроризм” аз 16 ноябри соли 1999, №845 [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ / манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj. (санаи муроҷиат: 06. 05. 2021).
2. Авдеев Ю. И Особенности современного международного терроризма и некоторые правовые проблемы борьбы с ним. – М.: Век, 2008.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат бо экстремизм” аз 2 январи соли 2020 [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ / манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj. (санаи муроҷиат: 10. 05. 2021).
4. Мирский Г. Экстремизм, Терроризм и внутренние конфликты в «теретьем мире» // Мировая экономика и международные отношения. – 1998. – 302 с.
5. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 [Захираи электронӣ] // Манбаи дастрасӣ: URL: http://www. prezident.tj (санаи муроҷиат: 24.02.2021 с.).
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 22 майи соли 2016) [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ / манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj. (санаи муроҷиат: 10. 03. 2021).

7. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ / манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj. (санаи муроҷиат: 10. 02. 2021).

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм” аз 25 марти соли 2001 [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ / манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj. (санаи муроҷиат: 15. 04. 2021).

9. Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 ноябри соли 2016, №776 тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 21.02.2021).

10. Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ) бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2006, №1717 тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.02.2021).

11. Барномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пурзӯр намудани мубориза бар зидди терроризм дар солҳои 2000-2003 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2000, №320 тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.05.2021).

**Аннотатсия**

**Асосҳои ҳуқуқии муқовимат бо терроризм ва экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мақола ба масъалаи асосҳои ҳуқуқии терроризм ва экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф дар ин ҷо кӯшиш намудааст санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегиро мавриди таҳлил қарор диҳад. Зимни таҳлил дастовардҳо ва мушкилоти дар ин самт ҷойдошта ошкор карда шуда, баҳри бартараф намудани он пешниҳодҳои мушаххас карда шудааст.

**Аннотация**

**Правовые основы борьбы с терроризмом и экстремизмом в Республике Таджикистан**

Статья посвящена правовым основам терроризма и экстремизма в Республике Таджикистан. Автор попытался проанализировать нормативные правовые акты и документы стратегического планирования. В ходе анализа были выявлены достижения и проблемы в этой области, а также определены конкретные предложения по их решению.

**Annotation**

**Legal framework for combating terrorism and extremism in the Republic of Tajikistan**

This article is devoted to the legal foundations of terrorism and extremism in the Republic of Tajikistan. The author tried to analyze the regulatory legal acts and strategic planning documents. During the analysis, achievements and problems in this area were identified, and specific proposals for their solution were identified.

**УДК:** 339.166.82



**Назаров Наврузшоҳ Абдусаломович,**
*доктор аз рӯи ихтисос (PhD)-и Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.*
*E-mail: nnavruzshoh@mail.ru*
*Тел.: (+992) 987-07-44-06.*



**Валиев Зафар Ҷурахонович,**
*мудири шуъбаи иттилоот, мониторинги барномаҳои давлатӣ ва тадбиқи дастовардҳои илмии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.*
*E-mail: ZVJ_8080@list.ru*
*Тел.:(+992) 937-11-80-80.*

## НАҚШИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

***Калидвожаҳо:*** *бозор; танзим; амнияти озуқаворӣ; дастрасӣ; содирот; воридот; истеҳсол; истеъмол; кишоварзӣ.*

***Ключевые слова:*** *регулирование; рынок; продовольственная безопасность; доступ; экспорт; импорт; производство; потребление; сельское хозяйство.*

***Keywords:*** *regulation; market; food security; access; exports; imports; production; consumption; agriculture.*

Таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи нави созандагӣ ба шумор меравад. Он масоилест, ки на танҳо ҷумҳурии мо, балки тамоми кишварҳои тараққикардаю рӯ ба тараққӣ ва қафомондаи оламро фаро гирифтааст.

Амнияти озуқаворӣ ин имкониятҳои номаҳдуди давлат дар таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ, ки аз ҷиҳати миқдор ва сифат барои ҷисми инсон ва нигоҳдории қобилияти меҳнатии ӯ лозим аст, на танҳо дар вазъияти ором, балки дар ҳолатҳои фавқулода ва ё ноором низ фаҳмида мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳайати кишварҳои дар сатҳи гузариш қарордошта шомил аст, таъмини амнияти озуқавориро яке аз ҳадафҳои аввалиндараҷаи худ мешуморад. Зеро масоили таъмини амнияти озуқаворӣ барои Тоҷикистони тозаистиқлол масъалаест, ки аҳамияти ҳаётӣ дорад.

Роҳи асосии расидан ба таъмини амнияти озуқаворӣ дар ҷумҳурӣ, афзун намудани нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмин намудани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти ватанӣ мебошад.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шиддат гирифтани бӯҳрони ҷаҳониро хуб эҳсос намуда дар паёмҳои худ пайваста ба Ҳукумат ва мардуми кишвар ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ супоришҳо дода, хусусан дар паёми қаблии худ таъкид кардааст.

«Шароити имрӯзаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ талаб менамояд, ки барои беҳтар намудани вазъи соҳаҳои иқтисоди миллӣ доир ба таъмини амнияти озуқаворӣ, дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, дастгирӣ ва ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ ва тақвияти иқтидорҳои содиротӣ аз ҷониби Ҳукумат тадбирҳои иловагӣ андешида шавад». [4].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мардуми кишварро зарур аст, ки ҷиҳати амалӣ намудани таъкиду тадбирҳои сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кушишҳои бештар намуда, афзун намудани ҳаҷми маҳсулоти воридотивазкунандаро бо мақсади паст намудани шиддати бӯҳрони иқтисодии ҷаҳон ва дастрасии озуқаро таъмин созем.

Кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳими хоҷагии халқи ҷумҳурӣ буда, таъмини амнияти озуқавории мамлакат, рушди соҳаҳои саноат, афзоиши имкониятҳои истеҳсол ва содиротии кишвар, инчунин таъсиси ҷойҳои нави корӣ аз рушди он вобаста мебошад.

Соҳаи кишоварзӣ аз ҳама муҳимтарин эҳтиёҷоти озуқавории аҳолиро тавассути ғизо ё ашё барои саноати хӯрокворӣ қонеъ мегардонад. Маҳсулоти кишоварзӣ, ки моли зарурӣ мебошанд, бояд бо дарназардошти эҳтиёҷот ва талаботҳои истеъмолкунандагон сари вақт ба миқдор ва

навъҳои зарурии босифат расонида шавад. Ҳаҷм, намуд ва сифати маҳсулот аз ҳосилхезии табиӣ, усулҳои коркарди замин дар якҷоягӣ бо шароити обу ҳаво ва шиддатнокии кор вобаста аст. Аз ин лиҳоз, маркетинг бояд ҳадди аксар пешгӯиҳои вазъи баҳодиҳии истеҳсолоти кишоварзиро ба назар гирад, барои таъмини устувории он, қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунанда аз ҳама ҷиҳат фаврӣ ва ҳамзамон чораҳо андешад.

Истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаи кишоварзӣ бо хусусиятҳои доруворӣ ва парҳезии худ аҳамияти хеле муҳим дорад. Маркетинги чунин маҳсулот дар ҳама марҳилаҳои истеҳсолӣ, яъне расонидан то ба истеъмолкунанда аз маҳсулоти анъанавӣ ба куллӣ фарқ мекунад.

Дар байни хусусиятҳои соҳаи кишоварзӣ номутобиқатии давраи корӣ ва давраи истеҳсолот ва мавсимии ба он алоқаманд мавҷуд мебошанд. Ҳамин тавр, дар соҳаи растанипарварӣ, истеҳсоли зироат, давраи корӣ тамоми сол давом мекунад ва маҳсулот дар як сол ду маротиба ворид мешавад. Аз ин лиҳоз, зарурат барои нигаҳдорӣ ва коркарди маҳсулот ба миён меояд, ки раванди аз истеҳсолкунанда, то ба истеъмолкунанда расониданро дароз мекунад. Аз ин рӯ талаботи зиёд ба конюнктураи бозор ва рақибон талаботро нисбати хизматрасониҳои маркетингӣ баландтар мекунад.

Баъзе хусусиятҳои маркетинг дар соҳаи кишоварзӣ бо ислоҳоти аграрӣ алоқаманданд, ки дар ҷараёни он азнавсозии колхозҳо ва совхозҳо, азнавтақсимкунии заминҳо, хусусигардонӣ, дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва сохторӣ сурат гирифтанд. [6]. Дар натиҷа, дар заминаи хоҷагиҳои коллективӣ ва фермерӣ шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ ба вуҷуд омаданд. Майдони замине, ки барои хонаводаҳои шахсии аҳолӣ, боғҳо ва боғҳои сабзавотӣ ба таври назаррас тавсеа ёфтааст, ҳаракати хоҷагидорӣ инкишоф ёфт. Ҳамаи ин ба шаклҳои гуногуни моликият ва шаклҳои хоҷагидорӣ, пайдоиши сохторҳои маркетинг, ки ҳам аз нуқтаи назари ташкил, фаъолият ва идоракунӣ, ҳам аз ҷиҳати қабул ва мутобиқшавӣ ба эҳтиёҷот, талабот ва манфиатҳои истеъмолкунандагон фарқ мекарданд.

Айни замон 26,5 % барои аҳолии деҳот захираҳои пулии сарикасӣ аз ҳадди ақали рӯзгузаронӣ пасттар аст. Аз нуқтаи назари меъёрҳои бозор барои корхонаҳои муташакили аграрӣ пардохти пасти меҳнат дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва махсусан дар кишоварзӣ омили баъзе афзалияти рақобатӣ дар соҳаи хароҷотҳои муқоисавӣ мебошад. Нишондиҳандаҳои асосии вазъи иҷтимоию иқтисодии аҳолии ҷумҳурӣ дар ҷадвали 1 пурра нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 1.**

Нишондиҳандаҳои асосии вазъи иҷтимоию иқтисодии аҳолии ҷумҳурӣ

| Номгӯй | Солҳо | | | | | Зиёдшавӣ 2019 нисбат ба соли 2015 бо (фоиз) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | |
| Шумораи аҳолии ҷумҳурӣ | 8551,2 | 8742,8 | 8931,2 | 9126,6 | 9313,8 | 108,9 |
| Аҳолии машғули кор дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ | 2379,7 | 2384,2 | 2407,0 | 2425,5 | 2463,4 | 103,5 |
| Аз ҷумла: кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ | 1545,2 | 1538,6 | 1466,1 | 1474,8 | 1481,9 | 95,9 |
| Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ | 878,91 | 962,16 | 1144,19 | 1233,82 | 1335,52 | 151,9 |
| Аз ҷумла: кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ | 278,18 | 303,04 | 451,46 | 492,13 | 544,37 | 195,6 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллифон ва Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солона, маҷмӯаи оморӣ 2020.-С. 25, 82, 84, 124, 126. [1].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати кишоварзӣ солҳои охир доир ба тараққиёти соҳаи кишоварзӣ корҳои зиёдеро амалӣ намуда истодаанд. Аз он ҷумла, барномаҳои мақсадноки ҳукуматӣ оид ба рушди соҳаҳои гуногуни кишоварзӣ то давраи соли 2024 қабул гардида, мавриди татбиқ қарор дорад. Сол то сол маблағгузорӣ, пояи моддию техникӣ ва таъминоти илмии рушди соҳаи кишоварзӣ беҳтар шуда, ба зиёдшавии истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ мусоидат менамояд, ки аз динамикаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ дар ҷадвали 2. нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2.**

Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ

(ҳаз. тонна)

| Намуди маҳсулот | Солҳо | | | | | Соли 2019 нисбат ба соли 2015 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | |
| Ғалладонагиҳо | 1392,6 | 1435,8 | 1447,6 | 1296,1 | 1414,6 | 101,5 |
| Картошка | 887,4 | 898,1 | 782,9 | 964,6 | 994,4 | 112 |
| Сабзавот | 1666,6 | 1748,3 | 1859,1 | 2119,4 | 2182,6 | 130,9 |
| Зироатҳои полезӣ | 592,4 | 594,2 | 631,4 | 641,7 | 701,2 | 118,3 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Мевагиҳо (якҷоя бо ситрусиҳо) | 299,2 | 364,1 | 405,0 | 447,9 | 473,8 | 158,3 |
| Ангур | 203,8 | 214,7 | 228,3 | 241,9 | 247,2 | 121,2 |
| Шир | 888,9 | 917,9 | 949,9 | 983,0 | 1000,5 | 112,5 |
| Гӯшт (дар вазни зинда) | 217,7 | 233,3 | 248,7 | 261,9 | 272,5 | 125,1 |
| Тухм (дона) | 357241 | 337153 | 341400 | 450284 | 725695 | 100239 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллифон ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Точикистон, маҷмӯаи оморӣ 2020.-353с. Саҳ. 36, 37, 41, 42, 270, 274, 278. [2].

Аз таҳлилҳои оморӣ бар меояд, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо дар соли 2019 нисбат ба соли 2015, ғалладонагиҳо 101,5% картошка 112%, сабзавот 130,9%, зироатҳои полезӣ 118,3%, мевагиҳо (якҷоя бо ситрусиҳо) 158,3%, ангур 121,2%, шир 112,5%, гӯшт 125,1% ва тухм 368454 (дона) зиёд шудааст.

Бо мақсади таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти асосии озуқаворӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ зиёд гардида, ба бозори истемолӣ пешниҳод намуданд, ки ин дар динамикаи истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ ба ҳар нафар (ҷадв. 3.) нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 3.**

Динамикаи истеъмолоти маҳсулоти асосии хӯрокворӣ
(ба ҳисоби миёна ба ҳар нафар аъзои хонавода дар як сол, бо килограмм)
(ҳамаи хонавода)

| Намуди махсулот | Солҳо | | | | | Соли 2019 нисбат ба соли 2015 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | |
| Маҳсулоти нонӣ | 149,9 | 151,5 | 161,4 | 165,4 | 158,7 | 105,8 |
| Картошка | 35,7 | 39,1 | 42,4 | 46,4 | 42,4 | 118,7 |
| Сабзавот ва полезӣ | 80,0 | 80,4 | 88,9 | 88,5 | 86,4 | 108 |
| Мева ва буттамева | 35,8 | 30,4 | 33,2 | 38,7 | 33,2 | 92,7 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 57,4 | 59,5 | 58,1 | 60,5 | 63,9 | 111,3 |
| Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 14,6 | 14,7 | 14,0 | 14,2 | 13,1 | 89,7 |
| Равғани растанӣ | 15,7 | 17,1 | 18,2 | 18,3 | 17,5 | 111,4 |
| Тухм (дона) | 72 | 68 | 76 | 84 | 92 | 127,7 |
| Қанду шакар ва маҳсулоти қаннодӣ | 13,7 | 14,3 | 15,9 | 16,9 | 15,44 | 112,7 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллифон ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нишондиҳандаҳои асосии тадқиқоти буҷети хонаводаҳо 2020с. Саҳ. 39. [3 ва 5].

Таҳлилҳои оморӣ нишон медиҳад, ки истеъмоли асосии маҳсулоти хӯрокворӣ дар соли 2019 нисбат ба соли 2015, маҳсулоти нонӣ 105,8%, картошка 118,7%, сабзавот ва полезӣ 108%, шир ва маҳсулоти ширӣ 111,3%, равғани растанӣ 111,4%, тухм 127,7%, қанду шакар ва маҳсулоти қаннодӣ 112,7% зиёд гардидааст. Инчунин дар ин давра, мева ва буттамева 92,7% ва гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ 89,7% кам гардидааст.

Бояд қайд кард, ки мафҳуми дастрас будани озуқаворӣ маънои онро дорад, ки ҳамаи аъзоёи хонавода барои дарёфти маҳсулоте, ки талаботашонро бо истеъмоли озуқавории хушсифат барои зиндагии солиму фаъол қонеъ бошанд. Аъзои хонавода маҳсулотро метавонад ба воситаи истеҳсол барои истеъмоли худ ба даст орад ва ё аз бозор харидорӣ кунад.

Дастрасии озуқа ба ҳар як нафар аҳолӣ ба воситаи ҳисоботи махсус, ки онро тарози озуқаворӣ меноманд, ба ҳисоб гирифта мешавад. Агар дастрасии умумии захираи озуқаворӣ барои истеъмол ба шумораи аҳолӣ тақсим карда шавад, дар он сурат мавҷуд будани озуқаворӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар як нафар аҳолӣ барои як сол ҳосил мешавад.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки бозор дар танзимкунии истеҳсолот оид ба муайян намудани ҳаҷм, сифат, хусусият ва таркиби маҳсулотҳои гуногуни истеъмолӣ нақши калон дорад. Он ба истеҳсолкунандагон дар бораи талабот ба ин ё он маҳсулот, инчунин вақту замони хариди маҳсулот маълумот медиҳад.

Илова бар ин, нақши бозор дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ бо пешкаш намудани маълумот оид ба ҳаҷм ва сохтори истеҳсолот, назорати сифати маҳсулот, баробар кардани талабот ва таклифот, ташкил намудани воридоти намудҳои муосири маҳсулот ва ғайра инъикос меёбад.

Хулоса, барои расидан ба сатҳи таъмини амнияти озуқаворӣ, моро зарур аст, ки масъалаҳои зеринро дар амал табиқ намоем:

- бо маҳсулотҳои ватанӣ таъмин намудани эҳтиёҷот ва талаботи харидории аҳолӣ;
- танзими низоми нархгузорӣ ва татбиқи сиёсати нарх дар бозор, инчунин ташкили чорабиниҳо оид ба фурӯши маҳсулот;
- таъмини иттилооти ягона оид ба мавҷудияти ашёи хоми ватанӣ барои коркард;
- саривақт ба бозор расонидани молҳо ва ташкил кардани ҷараёни фурӯш, инчунин риояи талаботҳои стандарти давлатӣ оид ба мӯҳлати истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солона, маҷмӯаи оморӣ соли 2020.
2. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ соли 2020.
3. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ №4. 2020.
4. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе, 20 январи соли 2016.
5. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нишондиҳандаҳои асосии тадқиқоти буҷети хонаводаҳо соли 2020.
6. Мадаминов А.А. Проблемы устойчивого развития аграрного сектора Таджикистана.- Душанбе, 2006.- 292с.

**Аннотатсия**

**Нақши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ**

Дар мақолаи мазкур масъалаи зарурати таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон, фароҳам овардани шароити мусоид барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмин намудани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти ватанӣ баррасӣ шудааст.

**Аннотация**

**Роль сельскохозяйственной продукции в обеспечении продовольственной безопасности**

В данной статье рассматриваются необходимости обеспечения продовольственной безопасности Республики Таджикистан, создание благоприятных условий для производства сельскохозяйственной продукции и обеспечения потребительского рынка.

**Annotation**

**The role of agricultural products in ensuring food security**

This article discusses the need to ensure food security of the Republic of Tajikistan, creation of favorable conditions for agricultural production and to ensure the consumer market.

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН "ДАР БОРАИ ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ МАЪЮБОН" БО ҚОНУНГУЗОРИИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶА

**Пешгуфтор**

Яке аз категорияҳои иҷтимоии аҳолӣ шахсони имконияташон маҳдуд буда, ниёз ба кумак доранд, маъюбон мебошанд. Ҳоло дар ҷаҳон зиёда аз 650 млн. ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 149 ҳазор шахсони имконияташон маҳдуд, аз ҷумла 15 ҳазор нафар маъюбони гурӯҳи якум, қариб 27 ҳазор нафар маъюбони то 18-сола умр ба сар мебаранд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 зикр намуданд, ки мо дар оянда ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла ғамхорӣ дар ҳаққи гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, дар навбати аввал ятимону маъюбон, шахсони бесаробонмондаву эҳтиёҷманд ва нафақахӯрону собиқадоронро аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини худ мешуморем.

Таҷрибаи танзими ҳуқуқии иҷтимоии шахсони имконияташон маҳдуд, зарурати муҳим ва асоснок кардани он, воқеияти имрӯзаи ҳамаҷонибаро тақозо мекунад, ки баъзе шаҳрвандони алоҳида дар ҳаёти имрӯза бо он рӯ ба рӯ мешаванд. Ҷиҳати мазкур, махсусан ба танзими ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии маъюбон марбут мебошад. Маъюбон ё ба қавли дигар "шахсони имконияташон маҳдуд" мушкилоти зиёдеро ҳангоми баамалбарории имкониятҳои худ вобаста ба муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ таҳаммул мекунанд. Ҳатто, барои баъзе категорияҳои чунин шахсон кафолатҳои махсуси ҳуқуқӣ барои татбиқи ҳуқуқи конститутсионӣ, пешбинӣ гардидаанд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ баҳри баланд бардоштани некӯаҳволии категорияҳои чунин шахсон, мукаммал гардонидани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳимро дорад.

Барои мукаммал гардонидани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарурати таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" бо қонунҳои давлатҳои хориҷи кишварро мувофиқи мақсад мешуморем.

**Федератсияи Русия.** Қонуни Федералии Федератсияи Русия «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Федератсияи Русия» аз 24 ноябри соли 1995, №181-ФЗ аз 4 боб ва 35 модда иборат буда, ба он 14 маротиба тағйиру иловаҳо ворид гардидааст.

Дар моддаи 5.1 Қонуни Федералии Федератсияи Русия «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Федератсияи Русия» феҳристи федералии маъюбон муайян шудааст, ки оператори он Фонди нафақаи Федератсияи Русия ба ҳисоб меравад.

Феҳристи федералии маъюбон маълумоти зеринро дар бораи шахси маъюб эътирофшуда дарбар мегирад:

1) насаб, ном, номи падар (агар чунин бошад);

2) ҷинс;

3) санаи таваллуд;

4) ҷои таваллуд;

5) маълумот дар бораи шаҳрвандӣ;

6) маълумоти шиноснома (ҳуҷҷати дигари тасдиққунандаи шахсият);

7) суроғаи ҷои истиқомат (ҷои будубош, истиқомати воқеӣ);

8) маълумот дар бораи шаҳодатномаҳои таваллуд (барои кӯдакони маъюби то 14-сола) ва дигар маълумотҳо.

Пешниҳод карда мешавад, ки ворид намудани феҳристи ҷумҳуриявии маъюбон ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" мувофиқи мақсад аст.

Инчунин дар моддаи 6 Қонуни Федералии Федератсияи Русия «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Федератсияи Русия» мустқиман ҷавобгарӣ барои расонидани зарар ба саломатии шахс, ки ба маъюбӣ оварда мерасонад, муқаррар шудааст ва тибқи он шахси гунаҳгор барои расонидани зарар ба саломатии шахсе, ки ба маъюбӣ оварда мерасонад, ба ҷавобгарии моддӣ, гражданӣ-ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ кашида мешавад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" чунин меъёр муқаррар нашудааст ва ҷавобгариро барои чунин ҳуқуқвайронкунӣ муайян накардааст.

Хуб мешуд, ки чунин ҷавобгарӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" ворид карда шавад.

Ҳамзамон дар моддаи 28.1 Қонуни Федералии Федератсияи Русия «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Федератсияи Русия» пардохти пулии ҳармоҳаи маъюбонро муайян намудааст. Моддаи мазкур муайян намудааст, ки маъюбон ва кӯдакони маъюб ба пардохти пулии ҳармоҳа ҳуқуқ доранд ва дар ин модда андозаи пардохти пулии ҳармоҳа мушаххас муайян шудааст.

Пардохти пулии ҳармоҳа ба андозаи зерин муқаррар мешавад:

1) Маъюбони гурӯҳи I - 2 162 рубл;

2) Маъюбони гурӯҳи II, кӯдакони маъюб - 1 544 рубл;

3) Маъюбони гурӯҳи III - 1 236 рубл.

Пешниҳод карда мешавад, ки ворид намудани чунин меъёр дар моддаи алоҳида ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" мувофиқи мақсад аст.

**Қазоқистон.** Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» 13 апрели соли 2005 №39 қабул гардида аз 5 боб ва 40 модда иборат аст.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», ба ғайр аз тавонбахшии тиббӣ ва инфиродӣ, боз тавонбахшии иҷтимоӣ муқаррар карда шудааст, алалхусус дар моддаи 21, ки тибқи он тавонбахшии иҷтимоии маъюбон инҳоро дар бар мегирад:

1) ба маъюбон омӯхтани малакаҳои асосии иҷтимоии гигиенаи шахсӣ, худхизматрасонӣ, ҳаракат, муошират;

2) таъмини маъюбон бо воситаҳои техникии ёрирасон ва воситаҳои махсуси ҳаракаткунӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии иҷтимоӣ.

Пешниҳод карда мешавад, ки муқаррароти мазкур дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" ворид карда шавад.

**Беларус.** Қонуни Ҷумҳурии Беларус "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Беларус" аз 11 ноябри соли 1991, №1224 – XII қабул карда шудааст, ки аз 8 боб ва 41 модда иборат мебошад.

Дар моддаи 30 (Таъмини маъюбон бо воситаҳои алоқаи электронӣ) Қонуни Ҷумҳурии Беларус "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Беларус" як меъёри бисёр ҳам ҷолиб муқаррар карда шудааст, ки тибқи он Вазорати алоқа ва иттилоотонии Ҷумҳурии Беларус барои ҷорӣ намудани воситаҳои махсуси алоқаи электронӣ барои маъюбон ва телефонҳои махсус барои муштариёни дорои нуқсонҳои шунавоӣ шароити зарурӣ фароҳам меорад.

Шомил намудани чунин пешниҳод ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" мувофиқи мақсад аст.

Ҳамзамон дар моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Беларус "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Беларус" ба хидматрасонии манзилию маишӣ бахшида шудааст, ки тибқи он ба маъюбон, инчунин ба оилаҳое, ки дар аъзои худ маъюб доранд, бо дархости онҳо дар қабатҳои поёнӣ (на баландтар аз сеюм) ё дар хонаҳое, ки лифт доранд, манзил дода мешавад.

Пешниҳод карда мешавад, ки муқаррароти мазкур дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" ворид карда шавад.

**Украина.** Ҷиҳати мукаммал гардонидани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо қонунгузории Ҷумҳурии Украина таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ гузаронида шуд. Қонуни Ҷумҳурии Украина «Дар бораи асосҳои ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Украина» аз 21 марти соли 1991, №21 қабул шудааст. Қонуни мазкур аз 6 боб ва 42 модда иборат аст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" бошад аз 29 декабри соли 2010, №675 қабул шудааст ва аз 6 боб ва 36 модда иборат аст. Қонуни Ҷумҳурии Украина «Дар бораи асосҳои ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Украина» ба мисли Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" аз муқаррароти умумӣ оғоз мегардад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" моддаи алоҳида ба мафҳумҳои асосӣ бахшида шудааст. Дар Қонуни Ҷумҳурии Украина «Дар бораи асосҳои ҳифзи иҷтимоии маъюбон» бошад, мафҳумҳои асосӣ дар моддаи алоҳида зикр нашудааст.

Дар моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Украина «Дар бораи асосҳои ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Украина» тартиби ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои маъюбон муайян карда шудааст, ки тибқи он ҳифзи ҳуқуқҳо, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии маъюбон бо тартиби судӣ ё дигар тартиби муқаррарнамудаи қонун таъмин карда мешавад. Шаҳрванд ҳуқуқ дорад аз болои қарори мақомоти ташхиси тиббию иҷтимоӣ дар бораи маъюб эътироф кардан ё эътироф накардани ӯ ба суд шикоят кунад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон", тартиби ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои маъюбон дида намешавад.

Дар муқаррароти моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Украина «Дар бораи асосҳои ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Украина» сухан дар бораи "Дастгирии молиявии чорабиниҳо оид ба ҳифзи иҷтимоии маъюбон ва кӯдакони маъюб аз ҳисоби буҷети давлатӣ, аз ҷумла Фонди ҳифзи иҷтимоии маъюбон, буҷетҳои маҳаллӣ, инчунин мақомотҳои маҳаллӣ оид ба барномаҳои маҳаллии иҷтимоии ҳифзи баъзе категорияҳои аҳолӣ аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ амалӣ карда мешавад" меравад.

Аз инҷо маълум аст, ки чорабиниҳо оид ба ҳифзи иҷтимоии маъюбон ва кӯдакони маъюб аз ҳисоби буҷети давлатӣ, аз ҷумла Фонди ҳифзи иҷтимоии маъюбон, буҷетҳои маҳаллӣ, инчунин мақомотҳои маҳаллӣ оид ба барномаҳои маҳаллии иҷтимоии ҳифзи баъзе категорияҳои аҳолӣ аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ амалӣ карда мешавад.

Буҷаи Фонди ҳифзи иҷтимоии маъюбон аз ҳисоби буҷети давлатӣ, саҳмияҳои хайрия,

хайрияҳои ихтиёрӣ ва дигар даромадҳо ташкил карда мешавад.

Дар моддаи 18 Қонун бошад, муқаррар шудааст, ки барои маъюбон, ки дар корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо кор карда наметавонанд, хадамоти давлатии шуғл дар ёфтани кор бо шарти иҷрои он дар хона кумак мерасонад.

Пешниҳод карда мешавад, ки муқаррароти мазкур дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" ворид карда шавад.

Инчунин, дар моддаи мазкур муқаррар шудааст, ки шахси маъюб, ки ба синни нафақа нарасидааст, кор намекунад, аммо мехоҳад кор кунад, ҳуқуқ дорад ҳамчун бекор дар мақомоти давлатии шуғл сабти ном шавад.

Моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Украина «Дар бораи асосҳои ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Украина» муайян кардааст, ки кӯдакони лаёқатманди маъюб ҳуқуқи таҳсили ройгон дар муассисаҳои таълимии умумӣ ё муассисаҳои таълимии махсуси беруназмактабӣ дар соҳаи мусиқӣ, санъати тасвирӣ, санъат ва ҳунарро доранд.

Вобаста ба ин, пешниҳод карда мешавад, ки муқаррароти мазкур дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" ворид карда шавад.

Ҳамзамон, дар моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Украина «Дар бораи асосҳои ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Украина» муқаррар шудааст, ки дар сурати даст кашидан аз қабул ба кор, рад кардани кор аз рӯи ихтисоси шахси маъюб, ки пас аз хатми муассисаи таълимӣ барои тақсим фиристода шудааст, ё агар шартҳои дигари шартномаи меҳнатӣ ва қонунгузории меҳнат риоя нашаванд, корхона, муассиса ва ташкилот, шахси воқеӣ, ки аз меҳнати кироя истифода мебарад, хароҷоти кирои роҳ то ҷои кор ва бозгашт ба маҳалли зисташро, инчунин хароҷоти сафари шахси ҳамроҳикунандаро дар ҳолати зарурӣ ҷуброн мекунад.

Муқаррароти мазкур барои ворид намудан ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" қобили қабул аст.

Инчунин, дар моддаи 28 Ҷумҳурии Украина «Дар бораи асосҳои ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Украина» бошад муқаррар шудааст, ки нақлиёти ҷамъиятӣ (роҳи оҳан, баҳр, дарё, автомобилгард, авиатсия, инчунин нақлиёти барқии шаҳрӣ, аз ҷумла метро), бо мақсади ба назар гирифтани имконияти маҳдуди маъюбон бо садоҳои беруна рақамҳо ва истгоҳҳои ниҳоӣ масирҳо (маршрут), системаҳои матнӣ ва садоӣ дар кабина барои навбатдорӣ "эълони садоии истгоҳҳо" таъмин карда мешавад.

Муқаррароти мазкур барои ворид намудан ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" қобили қабул аст.

Муқаррароти моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Украина «Дар бораи асосҳои ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Украина» Мақомоти иҷроияи маҳаллӣ вазифадоранд, ки ба маъюбон барои дастрасӣ ва истифодаи ройгон ба муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ ва иншооти варзишӣ, барои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш шароити зарурӣ фароҳам оранд, инчунин таъминоти лавозимоти махсуси варзиширо таъмин кунанд.

Пешниҳод карда мешавад, ки муқаррароти мазкур дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" ворид карда шавад.

**Шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоӣ**

**ИТТИЛООТ** **ИНФОРМАЦИЯ**

## НАВГОНИҲО ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ СОҲАИ СОХТОРИ ДАВЛАТӢ, МАҚОМОТИ СУДӢ ВА ҲИФЗИ ҲУҚУҚ

Дар баробари рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти қонунгузории соҳаи сохтори давлатӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ як қатор навгониҳо ба вуҷуд омада, дар шакли қонунҳо қабул карда шуданд. Аз ҷумла:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо" аз 25 июни соли 2021, № 1783;
2. Қонуни Ҷумурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси хуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурииии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2021, № 1784;
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2021, № 1785;
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2021, № 1786;
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ" аз 25 июни соли 2021, № 1787;
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нотариати давлатӣ" аз 25 июни соли 2021, № 1788;
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 25 июни соли 2021, № 1792;
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ" аз 25 июни соли 2021. № 1794;
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 25 июни соли 2021, № 1798;
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 25 июни соли 2021, № 1799;
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" аз 25 июни соли 2021, №1800;
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ" аз 25 июни соли 2021, № 1801;

**I. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо" аз 25 июни соли 2021, № 1783 қабул гардид.**

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳоро муқаррар намуда, муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба он танзим менамояд.

**II. Мутобиқи Қонуни Ҷумурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси хуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурииии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2021, № 1784 тағйиру иловаҳои зерин ворид гардиданд:**

1. Ба диспозитсияи қисми 1 моддаи 683 пас аз калимаҳои «ибтидоии ҳарбӣ» аломат ва калимаҳои «, гузаронидани омӯзиши шаҳрвандони синну соли даъватӣ ва шаҳрвандони дар эҳтиёт қарордошта» илова карда шуданд.

2. Ба диспозитсияи қисми 1 моддаи 686 пас аз калимаҳои «нуқтаҳои ҷамъшавӣ» аломат ва калимаи «, омӯзиш» илова карда шуданд.

3. Дар моддаи 687:

- дар санксияи қисми 1 калимаҳои «аз ду то се» ба калимаҳои «аз чор то шаш» иваз карда шуданд;
- дар санксияи қисми 2 калимаҳои «аз се то панҷ» ба калимаҳои «аз шаш то даҳ» иваз карда шуданд.

4. Дар моддаи 689:

- дар санксияи қисми 1 калимаҳои «аз як то ду» ба калимаҳои «аз ду то чор» иваз карда шуданд;
- дар санксияи қисми 2 калимаҳои «аз се то панҷ» ба калимаҳои «аз шаш то даҳ» иваз карда шуданд.

5. Дар санксияи қисми 1 моддаи 691 калимаҳои «аз як то ду» ба калимаҳои «аз ду то чор» иваз карда шуданд.

6. Моддаи $691^1$ бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«Моддаи $691^1$. Саркашӣ намудани шаҳрванди синни даъватӣ (даъватшаванда) аз қабули даъватномаи комиссариати ҳарбӣ

Барои қасдан саркашӣ намудани шаҳрванди синни даъватӣ (даъватшаванда) аз қабули

даъватномаи комиссариати ҳарбӣ, ба андозаи аз ҳафт то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.».

**III. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2021, № 1785 тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шуданд:**

1. Ба қисми 3 моддаи 30 пас аз калимаҳои «қонунгузорӣ дар бораи ҳифзи муҳити зист,» калимаҳои «дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим,» илова карда шуданд.

2. Ба қисми 2 моддаи 33 сархати чордаҳум бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«- вобаста ба танзими анъана ва ҷашну маросим;».

3. Қисми 4 моддаи 43 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«4. Мақомоти ваколатдор тибқи дархости шахси воқеӣ, соҳибкори инфиродӣ, шахси мансабдор ё ҳуқуқӣ иҷрои ҷазои маъмуриро дар намуди боздошти маъмурии намуди муайяни фаъолият пеш аз мухлат қатъ менамояд, агар бартараф карда шудани ҳолатҳои пешбининамудаи қисми дуюми ҳамин модда, ки барои таъйини ин ҷазои маъмурӣ асос гаштаанд, муқаррар карда шавад.».

4. Дар моддаи 481:

- санксияи қисми 1 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«ба шахсони воқеӣ ба андозаи яксаду даҳ, ба шахсони мансабдор ба андозаи панҷсаду панҷоҳ ва ба шахсони ҳуқуқӣ ба андозаи ҳаштсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.»;

- дар санксияи қисми 2 калимаи «ҳафтсад» ба калимаҳои «ҳафтсаду панҷоҳ» иваз карда шуд;

- қисми 3 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«3. Барои дағалона ё дар шароити пайдоиш ва паҳншавии беморие, ки барои инсон хавфнок аст, инчунин дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ такроран вайрон намудани тартиби гузарондани анъана ва ҷашну маросим, -

ба шахсони воқеӣ ба андозаи шашсаду панҷоҳ, ба шахсони мансабдор ба андозаи ҳаштсад, ба соҳибкорони инфиродӣ ба андозаи нуҳсад ва ба шахсони ҳуқуқӣ ба андозаи як ҳазору дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.».

**IV Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2021, № 1786 тағйири зайл ворид гардид:**

Дар қисми 1 моддаи 132 рақами «691» ба рақами «691[1]» иваз карда шуд.

**V Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ" аз 25 июни соли 2021, № 1787 тағйиру иловаи зерин ворид карда шуд:**

- қисми 6 бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«6. Шаҳрвандони хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнокро адокарда ва хизматчиёни ҳарбие, ки хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнокро ба таври намунавӣ адо карда истодаанд, пас аз 12 моҳи хизмати ҳарбӣ дар ҳолати ҷавобгӯ будан ба талаботи қабул ба таҳсил ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии ҳарбӣ бе супоридани имтиҳонҳои дохилшавӣ аз тариқи суҳбат қабул карда мешаванд.»;

- қисмҳои 6, 7, 8, 9 ва 10 мувофиқан қисмҳои 7, 8, 9, 10 ва 11 ҳисобида шуданд.

**VI Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нотариати давлатӣ" аз 25 июни соли 2021, № 1788 тағйироту иловаи зерин ворид гардид:**

1. Дар моддаи 5:

- номи модда дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«Моддаи 5. Назорат ва санҷиши фаъолияти нотариалӣ»;

- қисми 6 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«6. Мақоми ваколатдор назорат ва санҷиши фаъолияти нотариалиро дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом амалӣ менамояд. Санҷиш аз ҷониби мақоми ваколатдор мустақилона ва ё якҷо бо намояндагони мақоми ваколатдори муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом гузаронида мешавад. Тартиби гузаронидани назорат ва санҷиши фаъолияти нотариалӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом аз ҷониби мақоми ваколатдор муайян карда мешавад.».

2. Дар моддаи 10:

- дар сархати сеюми қисми 3 калимаҳои «ва маблағгузории терроризм» ба аломат ва калимаҳои «, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» иваз карда шуданд;

- қисми 7 бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«7. Пешниҳоди маълумот (ҳуҷҷат) ба мақоми ваколатдори муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом дар бораи аҳд ва амалиётҳои дар сархати ҳафтуми қисми 1 моддаи 28 Қонуни мазкур пешбинишуда ошкорсозии сирри амалиёти нотариалӣ намебошад.»;

- қисмҳои 7 ва 8 мувофиқан қисмҳои 8 ва 9 ҳисобида шуданд.

3. Сархати ҳафтуми қисми 1 моддаи 28 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«- дар бораи ҳама гуна аҳд ва амалиёти шубҳанок ва амалиёти вобаста ба хариди (фурӯши) сарватҳои фарҳангӣ, гирифтани молу мулк ё додани он аз рӯи шартномаи лизинг, аҳдҳо барои хизматрасонӣ, аз ҷумла пудрат, ҳамлу нақл, экспедитсияи нақлиётӣ, нигаҳдошт, комиссия, идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк, хариду фурӯш ва дигар амалиёт бо фулузоту сангҳои қиматбаҳо ва маснуоти онҳо ба маблағи баробар ба 1750 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё зиёда аз он ё баробар ба маблағи асъори хориҷии ҳамарзиши 1750 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё зиёда аз он, инчунин оид ба аҳдҳо бо молу мулки ғайриманқул ва дигар молу мулке, ки аз қайди давлатӣ гузаштанашон ҳатмист ва аҳдҳо бо коғазҳои қиматнок ба маблағи баробар ба 12500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё зиёда аз он ё баробар ба маблағи асъори хориҷии ҳамарзиши 12500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё зиёда аз он ба мақоми ваколатдори муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом хабар диҳад;».

**VII. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 25 июни соли 2021, № 1792 тағйироту иловаи зерин ворид карда шуд:**

1. Дар қисми 3 моддаи 1 калимаҳои «ташкилоту муассисаҳо ва корхонаҳо» ба калимаҳои «мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо» иваз карда шуданд.

2. Дар қисмҳои 1, 2 ва 4 моддаи 51 калимаҳои «ва ташкилотҳо», «ва ташкилотҳое» мувофиқан ба калимаҳои «ва дигар ташкилотҳо», «ва дигар ташкилотҳое» иваз карда шуданд.

3. Дар сархати нуҳуми қисми 1 моддаи 6 калимаҳои «ташкилоту муассисаҳо, корхонаҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, сарфи назар аз шакли моликияташон» ба калимаҳои «корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» иваз карда шуданд.

4. Дар қисми 2 моддаи 7 калимаҳои «идораву муассисаҳо,» мувофиқан ба калимаҳои «корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар» иваз карда шуданд.

5. Дар қисми 6 моддаи 10 калимаҳои «қайди» ва «ҷамоатҳо» мувофиқан ба калимаҳои «бақайдгирии» ва «ҷамоатҳои шаҳраку деҳот» иваз карда шуданд.

6. Номи боби $4^1$ дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«Боби $4^1$. уҳдадории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми гузаронидани тӯю маъракаҳо ва маҳдудият оид ба гузаронидани ҷашну маросим».

7. Моддаи $14^2$ бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«Моддаи $14^2$. Маҳдудият оид ба гузаронидани ҷашну маросим

Дар ҳолатҳои истисноӣ бо риояи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми вазъияти фавқулода, ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад меъёрҳои маҳдудкунандаро оид ба гузаронидани ҷашну маросим муқаррар намояд.».

**VIII. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ” аз 25 июни соли 2021, № 1794 қабул карда шуд.**

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии фаъолияти роҳдорӣ, рушди шабакаи роҳҳои автомобилгард ва тартиби истифодаи онҳоро муайян намуда, барои танзим ва идоракунии фаъолияти роҳдорӣ равона гардидааст.

**IX. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 25 июни соли 2021, № 1798 тағйиру иловаҳои зерин дохил гардиданд:**

1. Моддаи $2^2$ бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«Моддаи $2^2$.

Маҷлиси Олӣ фаъолияти худро дар асоси принсипҳои волоияти қонун, ҳокимияти халқ, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, адолат, шаффофият, ошкорбаёнӣ ва дастаҷамъӣ ба роҳ мемонад.».

2. Дар моддаи 4:

- қисми чорум бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«Дастури ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар ҷаласаи якҷоя, Дастури Маҷлиси миллӣ ва Дастури Маҷлиси намояндагон аз ҷониби ҳар як Маҷлис дар ҷаласаҳои онҳо қабул карда мешавад.»;

- қисми чорум қисми панҷум ҳисобида шуда, дар он калимаи «миллии» ба калимаи «Миллии» иваз карда шуд.

3. Ба қисми сеюми моддаи 9 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«Тартиби даъват ва гузаронидани ҷаласаи якҷояро Қонуни конститутсионии мазкур ва Дастури ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон муқаррар менамоянд.».

4. Ба қисми чоруми моддаи 17 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«Тартиби даъват ва гузаронидани иҷлосияро Қонуни конститутсионии мазкур ва Дастури Маҷлиси миллӣ муқаррар менамоянд.».

5. Дар банди 1 қисми якуми моддаи 19 калимаҳои «марзиву маъмурӣ» ба калимаҳои «маъмурию ҳудудӣ» иваз карда шуданд.

6. Дар бандҳои 3) ва 7) қисми якуми моддаи 24 калимаҳои «мефиристад» ва «байнипарлумонии» мувофиқан ба калимаҳои «пешниҳод мекунад» ва «байнипарламентии» иваз карда шуданд.

7. Дар моддаи 27:

- ба қисми панҷум ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«Шӯрои Маҷлиси миллӣ метавонад қарорро ба тариқи пурсиш қабул намояд.»;

- қисми шашум дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«Қарорҳои Шӯрои Маҷлиси миллӣ, ки ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва қарорҳои Маҷлиси миллӣ мухолифат менамоянд, бо қарори Шӯрои Маҷлиси миллӣ ё қарори Маҷлиси миллӣ бекор карда мешаванд.».

8. Дар моддаи 28:

- ба банди 4) баъд аз калимаҳои «Шӯрои Маҷлиси намояндагон» калимаҳои «, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти дахлдор» илова карда шуданд;

- дар банди 7) калимаи «эродҳои» ба калимаҳои «эрод ва дархости» иваз карда шуд;

9. Дар банди 10) қисми якуми моддаи 46 калимаи «эродҳои» ба калимаҳои «эрод ва дархости» иваз карда шуд.

10. Моддаҳои $69^1$, $69^2$ ва $69^3$ бо мазмуни зерин илова карда шуданд:

«Моддаи $69^1$

Нашрияҳои расмии Маҷлиси Олӣ рӯзномаи «Садои мардум» ва маҷаллаи «Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошанд.

Оинномаи рӯзномаи «Садои мардум» бо қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон тасдиқ карда мешавад.

Моддаи $69^2$.

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар шабакаи интернет сомонаи расмии худро доранд. Тартиби пешбурд, номгӯи маълумот ва иттилооте, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сомона ҷойгир карда мешаванд, мувофиқан дар Дастури Маҷлиси миллӣ ва Дастури Маҷлиси намояндагон муайян карда мешаванд.

Моддаи $69^3$.

Қароргоҳи расмии Маҷлиси Олӣ дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе ҷойгир мебошад.»

**X Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 25 июни соли 2021, № 1799 тағйиру иловаҳои зерин ворид гардиданд:**

1. Ба ном ва матни моддаи 7 баъд аз калимаҳои «вакилони халқ» калимаҳои «, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» илова карда шуданд.

2. Дар қисми 1 моддаи 11:

- ба банди 8) баъд аз калимаҳои «лоиҳаи қонунҳо» калимаҳои «ва таклифҳои қонунгузорӣ» илова карда шуданд;

- дар банди 9) калимаи «шаҳрвандон» ба калимаҳои «шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» иваз карда шуданд.

3. Дар моддаи 13:

- дар қисми якум калимаи «бонки» ба калимаи «Бонки» иваз ва баъд аз калимаҳои «идораҳои давлатӣ,» калимаҳои «, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» илова карда шуданд;

- ба қисмҳои сеюм ва чорум баъд аз калимаҳои «мақомоти давлатӣ», «Мақомоти давлатӣ» калимаҳои «, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» илова карда шуданд.

4. Ба қисмҳои якум ва дуюми моддаи 14 баъд аз калимаҳои «мақомоти дахлдори давлатию ҷамъиятӣ» ва «Мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ» калимаҳои «, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» илова карда шуданд.

5. Ба сархати сеюми қисми якум ва қисми дуюми моддаи 16 баъд аз калимаҳои «идоракунӣ» ва «ҳокимияти давлатӣ,» мувофиқан калимаҳои «, инчунин мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» ва «мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот,» илова карда шуданд.

6. Ном ва ҷумлаи якуми моддаи 17 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«Моддаи 17. Баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз тарафи узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон

Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ баррасӣ менамоянд, барои дуруст ва сари вақт ҳаллу фасл шудани онҳо чораҳои зарурӣ меандешанд, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (ва намояндагони онҳо)-ро қабул мекунанд, барои бартараф намудани сабабҳои шикоят ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхонаю муассиса ва ташкилотҳо, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият, таклифҳо пешниҳод менамоянд.».

7. Ба қисми дуюми моддаи 18, қисми якуми моддаи 19 ва моддаи 20 баъд аз калимаҳои «Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», «мақомоти давлатӣ» ва «мақомоти ҳокимияти давлатӣ» калимаҳои «, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» ва «, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» илова карда шуданд.

8. Дар моддаи 21:

- ба қисми якум баъд аз калимаҳои «Мақомоти ҳокимияти давлатӣ,» калимаҳои «мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» илова карда шуданд;

- дар қисми чорум калимаҳои «ё бонкианд» ба калимаҳои «, бонкӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшавандаанд» иваз карда шаванд.

9. Дар моддаи 24 калимаҳои «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шуданд.

10. Дар қисми шашуми моддаи 35 калимаҳои «тафтишот, муфаттиш» ба калимаҳои «таҳқиқ, тафтишот» иваз карда шуданд.

**XI Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллиии ҳокимияти давлатӣ" аз 25 июни соли 2021, №1800 тағйироту иловаи зайл ворид гардиданд:**

1. Моддаи 6 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«Моддаи 6. Муносибатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба амалӣ гаштани вазифаҳои онҳо мусоидат менамоянд ва тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон кумаки ташкилӣ, молиявӣ ва иқтисодӣ мерасонанд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳия метавонанд тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи баъзе ваколатҳои худро ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вогузоранд.

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои ташкилу амалисозии фаъолияти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ шароитҳои зарурии ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва дигар шароитҳоро муҳайё ва ба аҳолӣ дар амалӣ намудани ҳуқуқҳои онҳо мусоидат менамоянд.».

2. Дар моддаи 10 калимаҳои «маҷлисҳои мақомоти онҳо» ва «ташкилиро» мувофиқан ба калимаҳои «ҷаласаҳои мақомоти онҳо» ва «марбут ба фаъолияти онҳоро» иваз карда шуданд.

3. Дар моддаи 14:

- дар қисмҳои нуҳум, ёздаҳум ва сездаҳум калимаҳои «Маҷлисҳои», «маҷлиси» ва «маҷлисҳои» мувофиқан ба калимаҳои «Ҷаласаҳои», «ҷаласаи» ва «ҷаласаҳои» иваз карда шуданд.

4. Ба қисми сеюми моддаи 31 сархати чорум бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«- даромад аз рекламаи беруна;».

**XII Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ" аз 25 июни соли 2021, № 1801 тағйироти зерин ворид гардид:**

1. Аз моддаҳои 3, 13, 22, 23, 25, 35 ва 37 калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шуд.

2. Дар моддаҳои 12, 17, 35 ва 39 калимаи «қаламрави» ба калимаи «ҳудуди» иваз карда шуд.

3. Дар қисми 5 моддаи 39 калимаҳои «аккредитатсия карда» ба калимаҳои «ба қайд гирифта» иваз карда шуданд.

**Шуъбаи қонунгузорӣ оид ба сохтори давлатӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ**

## НАВГОНИҲО ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ СОҲАИ МЕҲНАТ

Дар семоҳаи сеюми соли 2021 ба қонунгузории соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоӣ, бо назардошти ба вуҷуд омадани инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ин соҳа, як қатор навгониҳо ба амал омаданд, ки метавон онҳоро пешравиҳо дар соҳаи мазкур номид. Аз ҷониби Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 2 қонуни амалкунанда тағйироту иловаҳои зарурӣ ворид карда шуданд.

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён»

2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ»

**1.Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён» аз 17 майи соли 2004 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №5, мод. 343; с. 2011, №3, мод. 163) тағйироту иловаи зерин ворид гардид:**

1. Муқаддимаи Қонун дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии иттиҳодияҳои корфармоёнро танзим менамояд.».

2. Дар ном ва матни моддаи 1 калимаи «Предмети» ба калимаи «Мавзӯи» иваз карда шуд.

3. Моддаи 2 дар таҳрири зерин ифода гардид:

«Моддаи 2. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- корфармо – шахси ҳуқуқӣ, филиал ва намояндагиҳои он, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шахси воқеӣ, ки ҳуқуқи бо корманд бастан ва қатъ намудани шартномаи меҳнатиро дорад;

- иттиҳодияи корфармоён – ташкилоти ғайритиҷоратие, ки корфармоён ихтиёрона барои намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои аъзои худ дар доираи шарикии иҷтимоӣ таъсис медиҳанд;

- созишнома – санади ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои ичтимоӣ - меҳнатиро байни кормандон ва корфармоён ба танзим медарорад ва дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва соҳавӣ баста шудааст.».

4. Аз матни моддаи 3 калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шуд.

5. Дар қисми якуми моддаи 4, қисми сеюми моддаи 5, қисмҳои якум ва дуюми моддаи 6, сархатҳои дуюм, чорум ва шашуми қисми якуми моддаи 14 ва сархати чоруми моддаи 15 калимаҳои «мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ» ва «мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ» мувофиқан ба калимаҳои «мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» иваз гардид.

6. Дар қисмҳои дуюм ва сеюми моддаи 8 калимаҳои «ҳудуди беш аз нисфи қаламрави» ба калимаҳои «беш аз нисфи ҳудуди» иваз карда шуд.

7. Дар қисми дуюми моддаи 9 калимаҳои «ду корфармо ё ду» ба калимаҳои «се корфармо ё се» иваз карда шуд.

8. Моддаи 91 бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«Моддаи 91. Номи иттиҳодияи корфармоён

Номи иттиҳодияи корфармоён бояд ба намуди иттиҳодияи корфармоён, ки дар моддаи 8 Қонуни мазкур омадааст, мутобиқат намояд.».

9. Дар сархати ёздаҳуми қисми якуми моддаи 14 калимаҳои «ассотсиатсияҳои (иттифоқҳои)» ба калимаҳои «иттифоқҳои (ассотсиатсияҳои, шӯроҳои)» иваз гардид.

Моддаи 2. Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор гирифт.

**2. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» аз 1 августи соли 2003 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003, №8, мод. 467; с. 2005, №12, мод. 650; с. 2007, №7, мод. 687; с. 2008, №12, қ. 2, мод. 1006; с. 2011, №6, мод. 437; с. 2018, №5, мод. 277) тағйиру иловаҳои зерин ворид гардид:**

1. Дар моддаи 1:

- сархатҳои якум, ҳаштум ва дувоздаҳум дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«-бекорӣ – зуҳуроти иҷтимоию иқтисодие, ки ба набудани талабот ба қисми муайяни қувваи корӣ дар бозори меҳнат вобастагӣ дорад;»;

«- кори мувофиқ – коре, ки онро шахс иҷро карда метавонад, ба ҷинс, таҳсилот, ихтисос, тайёрии касбӣ, собиқаи меҳнатӣ ва таҷрибаи корӣ, шароитҳои ҷойи кори охирин (ба истиснои корҳои ҷамъиятии музднок), вазъи саломатии ӯ мувофиқ буда, аз маҳалли зисти шахс начандон дур (на зиёда аз як соат дар роҳ) ҷойгир шудааст ва музди меҳнат барои он дар сатҳи на камтар аз музди меҳнати ҳадди ақалли расман муқарраршуда кафолат дода мешавад;»;

«-мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ – мақомоти давлатии идора ва танзими шуғли аҳолии қобили меҳнатбуда, ки сиёсати мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва ба шаҳрвандон таъмин намудани кафолатҳои давлатиро дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ амалӣ менамояд;»;

- дар сархатҳои дуюм ва ёздаҳум калимаҳои «мақомоти давлатӣ ё мақомоти дигари шуғли аҳолӣ» ва «мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ» мувофиқан ба калимаҳои «мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ ё дигар ташкилотҳо» ва «мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ» иваз карда шуд;

- сархати нуҳум бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«- кори фосилавӣ – шакли махсуси амалӣ намудани раванди меҳнат берун аз маҳалли ҷойгиршавии корфармо бо истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди кор;».

2. Дар қисми чоруми моддаи 3:

- сархати сеюм бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«- ба кори фосилавӣ машғуланд ва хусусиятҳои танзими меҳнати ин гурӯҳи кормандонро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат муайян менамояд;»;

- дар сархати чорум калимаҳои «таҳсилоти умумӣ, таҳсилоти касбӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ» ва «мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ» мувофиқан ба калимаҳои «таълимии таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ва «мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ» иваз карда шуд.

3. Дар моддаи 4:

- дар қисми якум ва минбаъд дар тамоми матни Қонун калимаҳои «мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ», «Мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ»,

«мақомоти давлатии шуғли аҳолиро» ва «мақомоти давлатии шуғли аҳолидошта» мувофиқан ба калимаҳои «мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ», «Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ», «мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолиро» ва «мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ доштаро» иваз гардад;

- дар сархати сеюми қисми дуюм калимаи «амволи» ба калимаҳои «молу мулки» иваз гардад.

4. Дар қисми дуюми моддаи 5 калимаҳои «дар бораи» ба калимаҳои «оид ба» иваз карда шуд.

5. Ба сархати дуюми қисми якуми моддаи 12 пас аз калимаҳои «аҳолӣ ва» калимаҳои «оид ба» илова карда шуд.

6. Дар қисми якуми моддаи 19:

- дар сархати дуюм калимаҳои «дар бораи» ба калимаҳои «оид ба» иваз гардад;

- дар сархати ҳафтум калимаҳои «мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ва мақомоти худидораи маҳаллӣ» ба калимаҳои «мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» иваз карда шуд.

7. Дар моддаи 21:

- дар қисми сеюм калимаи «таълими» ба калимаҳои «таълимии таҳсилоти миёнаи» иваз карда шуд;

- дар қисми чорум калимаҳои «Мақомоти соҳаи маориф» ба калимаҳои «Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм» иваз гардид.

8. Дар моддаи 22:

- дар қисми якум калимаҳои «Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо» ба калимаҳои «Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» иваз карда шуд;

- дар қисми панҷум калимаҳои «дар бораи» ба калимаҳои «оид ба» иваз карда шуд.

9. Дар қисми дуюми моддаи 24 калимаҳои «дар бораи» ба калимаҳои «оид ба» иваз гардид.

10. Дар сархати якуми қисми сеюми моддаи 28 калимаҳои «бо сабаби истеъмоли машрубот, маводи нашъадор ва дигар моддаҳои мадҳушкунанда» ба калимаҳои «бар асари истеъмоли машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда» иваз карда шуд.

Моддаи 2. Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шуд.

**Шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоӣ**

## НАВГОНИҲО ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

Дар семоҳаи сеюми соли ҷорӣ дар қонунгузории соҳаи кишоварзӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист тағйироти нав ба амал омад. Аз ҷумла, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ» аз 20.06.2019, №1618 санаи 25.06.2021, №1791 тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шуданд:

Моддаи 1. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ» аз 20 июни соли 2019 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2019, №6, мод. 320) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар сархати сеюми моддаи 1, қисмҳои 1 ва 2 моддаи 5, сархати дуюми моддаи 8 ва дар номи моддаи 9 калимаҳои «мақоми» ва «Мақоми» мувофиқан ба калимаҳои «мақомоти» ва «Мақомоти» иваз карда шаванд.

2. Сархати дуюми моддаи 4 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- дастрасии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба чарогоҳ;».

3. Қисми 3 моддаи 7 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«3. Танзими давлатии истифодабарӣ ва ҳифзи чарогоҳро мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба истифодабарӣ ва ҳифзи чарогоҳ дар мувофиқа бо дигар мақомоти дахлдори давлатӣ амалӣ менамоянд.».

4. Матни моддаи 9 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба истифодабарии чарогоҳ ваколатҳои зеринро дорад:

- таҳия ва барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани стратегия ва барномаҳои давлатӣ оид ба истифодабарии чарогоҳ;

- таҳлили иҷрои нақшаҳои солона ва миёнамуҳлати истифодабарии чарогоҳ;

- гузаронидани чорабиниҳо оид ба беҳтаргардонии ҳолат ва рушди объектҳои инфрасохтории чарогоҳ;

- гузаронидани мониторинги давлатӣ вобаста ба истифодабарии чарогоҳ;

- таъмини ба роҳ мондани истифодабарии босамар ва маҷмӯии чарогоҳ, нигоҳдории объектҳои инфрасохтории он;

- муайян намудани тартиб, меъёрҳои ғунҷоиши чорво ва муҳлати истифодабарии чарогоҳ;

- амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи чарогоҳ ваколатҳои зеринро дорад:

- гузаронидани мониторинги давлатӣ вобаста ба ҳифзи чарогоҳ ва арзёбии натиҷаҳои он;

- назорати истифодабарии объектҳои инфрасохтории чарогоҳ ва тартиби истифодабарии чарогоҳ аз ҷониби истифодабарандагони чарогоҳ;

- ташкили таҳқиқоти геоботаникии чарогоҳ;

-.амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.».

5. Матни моддаи 12 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Мониторинги давлатии чарогоҳ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба истифодабарӣ ва ҳифзи чарогоҳ тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронда мешавад».

6. Дар моддаи 14:

- қисми 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Ҳуқуқи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба истифодабарии чарогоҳ ва бақайдгирии давлатии он бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.»;

- ба қисми 2 пас аз калимаи «чарогоҳ» дар қавсайн калимаи «(сервитут)» илова карда шавад.

7. Дар қисми 2 моддаи 20 калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатии танзимкунандаи муносибатҳои вобаста ба замин дар маҳал» ба калимаҳои «сохторҳои маҳаллии мақомоти ваколатдори давлатии танзимкунандаи муносибатҳои вобаста ба замин ва ҳифзи чарогоҳ» иваз карда шаванд.

8. Ба сархати сеюми қисми 1 моддаи 23 пас аз калимаи «гирифташударо» калимаҳои «бо розигии заминистифодабарандаи якумдараҷа» илова карда шаванд.

9. Дар моддаи 25:

- ба қисми 2 пас аз калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ» калимаҳои «оид ба ҳифзи чарогоҳ» илова карда шаванд;

- сархатҳои якум, дуюм ва шашуми қисми 3 хориҷ карда шаванд.

10.Ба қисми 2 моддаи 26 пас аз калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ» калимаҳои «оид ба истифодабарии чарогоҳ» илова карда шаванд.

Моддаи 2. Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Ҳамзамон, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ғалла ва маҳсулоти коркарди он» аз 21.02.2018, №1506 санаи 25.06.2021, №1790 тағйиротҳои зерин ворид карда шуд:

Моддаи 1. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ғалла ва маҳсулоти коркарди он» аз 21 феврали соли 2018 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2018, №2, мод.65) тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 1:

- дар сархати понздаҳум аломати нуқтавергул «;» ба аломати нуқта «.» иваз карда шавад;
- сархати шонздаҳум хориҷ карда шавад.

2. Дар қисми 2 моддаи 8, қисмҳои 1, 3 ва 4 моддаи 16 калимаҳои «мақомоти ваколатдори давлатӣ» ва «Мақомоти ваколатдори давлатӣ» мувофиқан ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ» ва «Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ» иваз карда шаванд.

3. Сархати ҳаштуми моддаи 18 хориҷ карда шавад.

4. Моддаи 19 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Моддаи 19. Ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ

1. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ оид ба истеҳсол ва муомилоти ғалла ваколатҳои зерин дорад:

- амалӣ намудани сиёсати давлатӣ оид ба истеҳсолу муомилоти ғалла, мусоидат ба ташкили бозори ғалла, ҳамоҳангсозии фаъолияти иштирокчиёни он;
- таҳия намудани барномаҳо ва дурнамоҳои давлатӣ вобаста ба истеҳсоли ғалла;
- гузаронидани мониторинги бозори ғалла;
- мусоидат ба рушди селексия, тухмипарварӣ, технологияи коркарди зироатҳои ғалладонагӣ, нигоҳ доштани ҳосилхезии хок ва ҳифзи растаниҳо;
- таҳия ва бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи омор мувофиқа намудани шаклҳои намунавии ҳисоботи субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи истеҳсол, нигоҳдорӣ, тозакунӣ, фурӯш ва истифодаи партовҳои ғалла;
-..додани тавсияҳо ҷиҳати риоя намудани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба истеҳсоли ғалла ва муомилоти он;
- амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи саноат ва технологияҳои нав оид ба истеҳсоли саноатии маҳсулоти коркарди ғалла ваколатҳои зерин дорад:

- амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи истеҳсоли саноатии маҳсулоти коркарди ғалла;
- таҳия намудани барномаҳо ва дурнамоҳои давлатии истеҳсоли маҳсулоти коркарди ғалла;
- амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ оид ба бехатарии озуқавории ғалла ва маҳсулоти коркарди ғалла ваколатҳои зерин дорад:

- амалӣ намудани сиёсати давлатӣ оид ба бехатарии озуқаворӣ дар соҳаи муомилоти ғалла ва маҳсулоти коркарди он;
- назорати давлатии бехатарии ғалла, маҳсулоти коркарди ғалла ва карантини растанӣ;
- амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

4. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо оид ба стандарт ва сифати ғалла ваколатҳои зерин дорад:

- стандартикунонии техникӣ ва баҳодиҳии мутобиқати ғалла;
- назорати давлатии риояи талаботи регламентҳои техникӣ ва стандартҳои давлатии истеҳсол ва муомилоти ғалла;
- назорати фаъолияти озмоишгоҳҳои санҷиши сифати ғалла оид ба риояи тартиби гузаронидани ташхиси сифати ғалла;
- амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

5. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи захираҳои моддии давлатӣ оид ба захираи давлатии ғалла ваколатҳои зерин дорад:

- назорати истифодаи захираи давлатии ғалла ва маҳсулоти коркарди он, пурра намудани захираи ғалла дар ҳаҷми муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.».

Моддаи 2. Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Лозим ба зикр аст, ки тағйиротҳову илова ба қонунҳои зикршуда аз як тараф ба мукаммалгардии онҳо равона шуда бошад, аз тарафи дигар барои танзими дуруст ва амиқи муносибатҳои ҷамъиятӣ мусоидат менамояд.

**Шуъбаи қонунгузории кишоварзӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист**

# НАВГОНИҲО ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ СОҲАИ МОЛИЯИ ДАВЛАТӢ

Вобаста ба талабот ва инкишофи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ дар нимсолаи аввали соли 2021 дар қонунгузории соҳаи молия як қатор навгониҳо ба амал омаданд. Ин дигаргуниҳо дар низоми қонунгузорӣ бо роҳи қабул ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои зерини амалкунанда сурат гирифтанд:

**1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад» аз 25 июни соли 2021, №1795;**

**2) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» аз 25 июни соли 2021, №1796;**

**3) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти АУДИТОРӢ» аз 25 июни соли 2021, №1797.**

**I.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад” 11 декабри соли 1999, №886 қабул гардида, аз 4 боб ва 21 модда иборат мебошад.

Қонуни мазкур муносибатҳоеро, ки дар рафти қарзгирии давлатӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарзгирии ғайридавлатиеро, ки аз ҷониби намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъмини кафолати давлатӣ ба вуқӯъ мепайванданд танзим намуда, инчунин чараёни идора намудани қарзи давлатӣ ва қарзи бо кафолати давлатӣ гирифташударо таъмин менамояд.

Бо тақозои ҷомеа ва рушди муносибатҳои нави ҷамъиятӣ бори аввал аст, ки ба Қонуни мазкур тағйироту илова ворид карда мешавад. Аз ҷумла:

Моддаи 1. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад» аз 11 декабри соли 1999 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №12, мод.326) тағйироту иловаи зерин ворид карда шуданд:

1. Аз матни моддаи 2 ва қисми якуми моддаи 5 калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шуд.

2. Дар қисми дуюми моддаи 5:

- банди 9) бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«9) қоидаҳои барориш ва гардиши коғазҳои қиматноки давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ менамояд;»;

- банди 9) банди 10) ҳисобида шуд.

3. Қисми ҳафтуми моддаи 10 хориҷ карда шуд.

Моддаи 2. Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**II.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» 28 июли соли 2006, №197 қабул гардида, аз 22 боб ва 84 модда иборат аст.

Қонуни мазкур намудҳои дигари пардохтҳои ҳатмиро ба буҷет, ки Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян накардааст, супорандагон, тартиби ҳисобкунӣ ва пардохти онҳоро муқаррар менамояд.

Дигар пардохтҳои ҳатмӣ - пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ, ки онҳо яке аз шартҳои нисбати супорандагон аз ҷониби мақомоти ваколатдор анҷом додани амалҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим, инчунин пешниҳоди ҳуқуқҳои муайян ё додани иҷозат барои истифодаи захираҳои табиӣ ё дигар захираҳои мавҷуда мебошад.

Қобили зикр аст, ки бо рушди муносбатҳои нави ҷамъиятӣ маротибаи нуҳум аст, ки ба Қонуни мазкур тағйиру иловаҳо ворид карда мешаванд. Мазмуни тағйиру иловаҳои навбатӣ аз инҳо иборат аст:

Моддаи 1. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» аз 28 июли соли 2006 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2006, №7, мод.345; с.2009, №5, мод.327; с.2010, №1, мод.3; с.2011, №12, мод.848; с.2013, №3, мод.191; с.2015, №11, мод.971; с.2016, №7, мод.629, №11, мод.884; с.2019, №4, мод.230; с.2019, №6, мод.324, мод.325) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шуданд:

1. Дар қисми 1 моддаи 5:

- баъд аз калимаҳои «апостил ва мақомоти ваколатдор оид ба соҳаи ҳифзи муҳити зист» аломат ва калимаҳои «, инчунин мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе оид ба додани иҷозат барои сохтмони бино ва иншоот дар пойтахт» илова карда шаванд;

- дар сархати чорум аломати нуқта ба аломати нуқтавергул «;» иваз карда шуд;

- сархати панҷум бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«- пардохтҳое, ки боби $21^2$ Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст.».

2. Аз моддаи $82^3$ калимаҳои «ва иншооти тиҷоратӣ» хориҷ карда шуданд.

3. Дар моддаи $82^4$:

- қисми 1 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми сохтмони бино ва иншооти маъмурӣ ва иҷтимоӣ, инфрасохтори муҳандисӣ ва нақлиётӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ, саноатӣ, савдо, хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маишӣ, иншооти сайёҳӣ, анборӣ, фарҳангию фароғатӣ, варзишию солимгардонӣ, таъиноти махсус ва ҳарбӣ аз супоридани пардохт озод карда мешаванд.»;

- ба қисми 2 баъд аз калимаи «сохтмони» калимаҳои «биноҳои истиқоматии бисёрҳуҷрадори давлатию хизматӣ, хобгоҳ ва» илова карда шаванд;

- қисми 3 бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«3. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дар моддаи $82^3$ Қонуни мазкур пешбинигардида, ки бо ташаббуси худ объектҳои барои рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, муҳандисӣ, нақлиётӣ ва ободонии пойтахт заруриро сохта, ба моликияти давлат месупоранд, агар арзиши ин объектҳо аз меъёри пардохт кам набошад, аз пардохт барои додани иҷозати сохтмони бино ва иншоот озод карда мешаванд. Дар сурати кам будани арзиши объектҳо аз меъёри пардохт, ҳисоббаробаркунии бақияи пардохт аз рӯи маблағи умумии пардохтҳои ҳатмӣ аз ҳисоби объектҳои сохташаванда анҷом дода мешавад.».

4. Дар моддаҳои $82^5$, $82^6$ ва қисми 1 моддаи $82^7$ калимаҳои «истиқоматӣ, масоҳати тиҷоратии дар биноҳои истиқоматӣ мавҷудбуда ва иншооти тиҷоратӣ» ба калимаҳои «истиқоматӣ ва масоҳати тиҷоратии дар биноҳои истиқоматӣ мавҷудбуда» иваз карда шаванд.

Моддаи 2. Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**III.** Тағйиру иловаҳои дигаре, ки ба қонунгузории соҳаи молия ба миён омад, ин ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» мебошад.

Қонуни мазкур 22 июли соли 2013, №993 қабул шуда, аз 4 боб ва 32 модда иборат буда, асосҳои ҳуқуқии фаъолияти аудиториро муайян намуда, муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки дар ҷараёни амалӣ намудани он ба миён меоянд, танзим менамояд.

Бо дарназардошти рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ маротибаи чорум аст, ки ба Қонуни мазкур тағйиру иловаҳо ворид карда мешаванд. Аз ҷумла:

Моддаи 1. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» аз 22 июли соли 2013 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2013, №7, мод.521; с.2014, №7, қ.2, мод.411; с.2018, №1, мод.33) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба моддаи 5 сархатҳои дувоздаҳум ва сездаҳум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«- санҷиши фаъолияти ташкилотҳои аудиторӣ ва аудиторони инфиродиро оид ба риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом бо назардошти усули ба хавф нигаронидашуда мегузаронад. Тартиби гузаронидани санҷиши фаъолияти ташкилотҳои аудиторӣ ва аудиторони инфиродӣ аз тарафи мақоми ваколатдори давлатии танзими фаъолияти аудиторӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом муайян карда мешавад;

- ҳангоми аз ҷониби ташкилотҳои аудиторӣ ва аудиторони инфиродӣ вайрон намудани талаботи Қонуни мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои дахлдор меандешад;».

2. Ба қисми 6 моддаи 9 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«Шахсоне, ки барои ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиркарда доғи судӣ доранд ва ё барои содир кардани ҷиноятҳои қасдона маҳкум шудаанд, ё дар асоси моддаи 32 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин озод гардидаанд, наметавонанд ба фаъолияти аудиторӣ машғул шаванд, роҳбар ва ё узви шӯрои директорон (шӯрои нозирон), мақоми иҷроия, муассис ва ё молик-бенефитсиари ташкилоти аудиторӣ бошанд.».

3. Дар сархати ҳафтуми қисми 2 моддаи 10, сархати чоруми қисми 2 моддаи 12 ва қисми 7 моддаи 25 калимаҳои «ва маблағгузории терроризм», «ва маблағгузории терроризмро» мувофиқан ба калимаҳои «маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом», «маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли омро» иваз карда шаванд.

4. Ба моддаи 24 қисми 8 бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«8. Хулосаи аудиторӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои марбут ба он ба муҳлати на камтар аз панҷ сол пас аз пешниҳод намудани он нигоҳ дошта мешаванд.».

Моддаи 2. Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Шуъбаи қонунгузорӣ оид ба молия, андозу гумрук ва фаъолияти бонкӣ**

## ТАЛАБОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

### 1. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН

– насаб, ном ва номи падари муаллиф / муаллифон (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);

– номи пурраи мақомот – вазифа, рутба, унвони илмӣ, агар хориҷӣ бошад – қайди давлат, шаҳр (бо се забон);

– почтаи электронии муаллиф / муаллифон (телефон барои тамоси муҳаррирон);

– акси муаллиф дар формати JPEG.

### 2. НОМИ МАҚОЛА

Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

### 3. КАЛИДВОЖАҲО

Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд. Калидвожаҳо ё ибораҳо аз якдигар бо аломати нуқтавергул (;) ҷудо карда мешаванд.

### 4. АННОТАТСИЯ

Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

### 5. БАХШҲОИ МАВЗӮӢ

Нишон додани рамзи «КУД» ё «КОА» (тибқи талаботи амалкунандаи тахассусии кормандони илмӣ).

### 6. ОРОИШИ МАТН

***Доираи саҳифа***: 3 см. аз чап, 1 см. аз рост, 2 см. аз боло ва 2 см. аз поён.

***Шрифт***: Times New Roman TJ 14 кгл; Times New Roman 14 кгл (барои матни русӣ).

***Фосила:*** 1,5.

***Сархат***: 1,25 см.

***Ориентатсия***: «книжная», бе гузоштани саҳифа, бе кӯчонидан аз сатр ба сатр, истиноди библиографӣ ба сарчашма дар дохили матн, бо ишораи рақамҳо дар дохили қавси кунҷӣ: «[1]». Агар саҳифа дошта бошад: «[1, с. 12]». Такрори истинод бо ишораи рақами истиноди қаблӣ ва рақами саҳифаи нав меояд.

***Барномаи таҳрирӣ***: бастаи Microsoft Office - Word 2003 ё Word 2007.

***Номи мақола***: дар маркази сатр, бе сархат, бо ҳарфҳои калон.

***Матн***: баробаркунӣ – «по ширине».

***Ҳаҷми саҳифа***: на камтар аз 7 саҳифа (барои мақолаи илмӣ).

## ТРЕБОВАНИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

### 1. СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ

– фамилия, имя, отчество автора / авторов (на таджикском, русском и английском языках);

– полное название организации – должность, звание, ученая степень, если иностранец / иностранцы – указать страну, город (на трех языках);

– электронная почта автора / авторов (телефон для связи редакторов);

– фотография в формате JPEG.

### 2. НАЗВАНИЕ СТАТЬИ

Приводится на таджикском, русском и английском языках.

### 3. КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА

Приводятся на таджикском, русском и английском языках. Ключевые слова или словосочетания отделяются друг от друга знаком точка с запятой (;).

### 4. АННОТАЦИЯ

Приводится на таджикском, русском и английском языках.

### 5. ТЕМАТИЧЕСКИЕ РУБРИКИ

Указывается код УДК или ВАК (согласно действующей номенклатуре специальностей научных работников).

### 6. ОФОРМЛЕНИЕ ТЕКСТА

***Поля***: 3 см. слева, 1 см. справа, 2 см. сверху и 2 см. снизу.

***Шрифт***: Times New Roman 14 кгл; Times New Roman TJ 14 кгл (для таджикского текста).

***Интервал***: 1,5.

***Абзацный отступ***: 1,25 см.

***Ориентация***: книжная, без простановки страниц, без переносов, библиографическая ссылка на источник внутри текста, обозначается цифрами внутри квадратных скобок: «[1]». Если имеется страница: «[1, с. 12]». Повтор ссылки с указанием номера прежней ссылки и новой цифрой страницы.

***Редактор формул***: пакет Microsoft Office - Word 2003 или Word 2007.

***Название статьи***: по центру, без отступа, прописными буквами.

***Текст***: выравнивание «по ширине».

***Объем страниц***: не менее 7 страниц (для научной статьи).

## ШАКЛИ НАМУНАВИИ БАРАСМИЯТДАРОРИИ РӮЙХАТҲОИ БИБЛИОГРАФӢ

**1. МАҚОЛА АЗ МАҶАЛЛАҲО ВА МАҶМӮАҲО:**

1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи заминсозӣ» аз 5 январи соли 2008, №356 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2008. – №1, қ. 2. – Мод. 21; 2016. – №1343; 2021. – №1760.

2) Одинаев Ш.Х. Танзими ҳуқуқӣ ва техникии заминсозӣ // Қонунгузорӣ. – 2020. – №2. – С. 50-55.

**2. МОНОГРАФИЯҲО:**

1) Саидзода И.Ҳ. Ҳуқуқи шаҳрванд ба муроҷиат ва амалишавии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. – Душанбе: Империал-Групп, 2016. – 200 с.

**3. АВТОРЕФЕРАТҲО:**

1) Соҳибов М.М. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: автореф. дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2018. – 33 с.

**4. ДИССЕРТАТСИЯҲО**

1) Фенухин В.И. Этнополитические конфликты в современной России: на примере Северо-Кавказского региона: дис. … канд. полит. наук. – М., 2002. – 213 с.

**5. ШАРҲҲОИ ТАҲЛИЛӢ**

1) Экономика и политика России и государств ближнего зарубежья: аналит. обзор, апр. 2007 / Рос. акад. наук, Ин-т мировой экономики и междунар. отношений. – М.: ИМЭМО, 2007. – 39 с.

**6. МАВОДҲОИ КОНФЕРЕНСИЯҲО**

1) Археология: история и перспективы: сб. ст. Первой межрегион. конф., Ярославль, 2003. – 350 с.

**7. ҲУҶҶАТҲО АЗ ИНТЕРНЕТ**

1) Смертина П. Исламский банкинг пришел в Россию [Манбаи электронӣ] // URL:http://www.banki.ru/news/bankpress/ (санаи муроҷиат: 12.09.2016).

2) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» аз 5 марти соли 2007 [Манбаи электронӣ] // URL:http://mmk.tj /ru/legislation/*legislation*-base/2007/ (санаи муроҷиат: 12.10.2016).

## ПРИМЕРНЫЙ ФОРМАТ ОФОРМЛЕНИЯ БИБЛИОГРАФИЧЕСКИХ СПИСКОВ

**1. СТАТЬИ ИЗ ЖУРНАЛОВ И СБОРНИКОВ:**

1) Закон Республики Таджикистан «О землеустройстве» от 5 января 2008, №356 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2008. – №1, қ. 2. – Ст. 21; 2016. – №1343; 2021. – №1760.

2) Одинаев Ш.Х. Правовое и техническое регулирование землеустройства // Законодательство. – 2020. – №2. – С. 50-5.

**2. МОНОГРАФИИ:**

1) Саидзода И.Х. Право граждан на обращение и его реализация в Республике Таджикистан: монография. – Душанбе: Империал-Групп, 2016. – 200 с.

**3. АВТОРЕФЕРАТЫ:**

1) Сохибов М.М. Проблемы гражданско-правового регулирования аренды земельных участков сельскохозяйственного назначения по законодательству Республики Таджикистан: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 33 с.

**4. ДИССЕРТАЦИИ**

1) Фенухин В.И. Этнополитические конфликты в современной России: на примере Северо-Кавказского региона: дис. … канд. полит. наук. – М., 2002. – 251 с.

**5. АНАЛИТИЧЕСКИЕ ОБЗОРЫ**

1) Экономика и политика России и государств ближнего зарубежья: аналит. обзор, апр. 2007 / Рос. акад. наук, Ин-т мировой экономики и междунар. отношений. – М.: ИМЭМО, 2007. – 39 с.

**6. МАТЕРИАЛЫ КОНФЕРЕНЦИЙ**

1) Археология: история и перспективы: сб. ст. Первой межрегион. конф., Ярославль, 2003. – 350 с.

**7. ИНТЕРНЕТ-ДОКУМЕНТЫ**

1) Смертина П. Исламский банкинг пришел в Россию [Электронный ресурс] // URL:http://www.banki.ru/news/bankpress/ (дата обращения: 12.09.2016).

2) Закон Республики Таджикистан «О физической культуре и спорте» от 5 марта 2007 года [Электронный ресурс] // URL:http://mmk.tj/ru/legislation/legislation-base/2007/ (дата обращения: 12.10.2016).

Маҷаллаи «Қонунгузорӣ» бо мақсади мусоидат ба инкишофи илми ҳуқуқ, низоми давлатии иттилооти ҳуқуқӣ, фаҳмондадиҳии муқаррароти асосии қонунгузорӣ, интишори тафсири илмию амалии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маводи ҳуқуқӣ ва иттилоотию таҳлилӣ дар як сол чор маротиба нашр мегардад.

Шумораи маҳдуди маҷалла ба фурӯш бароварда мешавад.

Роҳи дастрас намудани маҷалла обуна мебошад.

Обуна ба маҷаллаи «Қонунгузорӣ» тавассути шуъбаҳои Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

**Индекси обуна:** - 77710.

**Нархи солонаи обуна:** - 200 сомонӣ.

**Реквизитҳои бонкӣ:**

**Ташкилоти дастраскунанда:** Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Бонк:** Сарраёсати Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе.

**Суратҳисоб:** 20204972712010100002.

**С/муросилотӣ:** 22402972000002.

**БИК:** 350101800.

**РМА:** 010082702.

**Суроға:** шаҳри Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13.

**Телефон:** 227-45-00; 227-45-53; 227-08-07.

**Суроғаи электронӣ:** info@mmk.tj.

В целях содействия развитию юридической науки и государственной информационно-правовой системы, разъяснения основных положений действующего законодательства, публикации комментариев нормативных правовых актов, правовых и информационно-аналитических материалов Журнал «Законодательство» издается четыре раза в год.

В продажу журнал поступает в ограниченном количестве.

Оптимальным условием ознакомления с его содержанием является подписка на него.

Подписка на журнал «Законодательство» осуществляется в отделениях Службы связи при Правительстве Республики Таджикистан.

**Подписной индекс:** - 77710.

**Цена на годовую подписку:** - 200 сомони.

**Банковские реквизиты:**

**Получатель:** Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан.

**Банк:** Главное управление центрального казначейства Министерства финансов Республики Таджикистан, город Душанбе.

**Расчетный счет:** 20204972712010100002.

**К/счет:** 22402972000002.

**МФО:** 350101800.

**ИНН:** 010082702.

**Адрес:** город Душанбе, улица академика А. Адхамова, 13.

**Телефоны:** 227-45-00; 227-45-53; 227-08-07.

**Электронный адрес:** info@mmk.tj .

**МУРАТТИБ**
***Тоирзода Малика Тоир***

Маҷалла дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, дар матбааи ҶДММ «Меҳроҷ Граф» бо тарзи рақамӣ ба табъ расидааст.
Коғази офсетии № 1. Андозаи 60x84 1/8. Ҳуруфи Times New Roman. Ҷузъи чопии шартӣ 10,0.
Адади нашр 200 нусха.

**Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*734024. ш. Душанбе, кӯчаи академик А.Адҳамов, 13 телефон/факс 227-63-64*

---

**СОСТАВИТЕЛЬ**
***Тоирзода Малика Тоир***

Журнал подготовлен к печати в Национальном центре законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Напечатан цифровым способом в типографии ООО «Меҳроҷ Граф».
Бумага офсетная №1. Формат 60x84 1/8. Шрифт Times New Roman. Условный печатный лист 10,0.
Тираж 200 экз.

**Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан**

*734024. г. Душанбе, улица академика А.Адхамова, 13 телефон/факс 227-63-64*